ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 1 (29)**
**2023**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 1 (29)**
**2023**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
**Научно-практический журнал**

**№ 1 (29)**
**2023**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Сафарзода Н.Ф.**


**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмон О.Э.** | Мафҳуми «шахсият» ҳамчун заминаи методологии таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон | **7** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | Назарияи ҳуқуқи Ганс Келзен | **18** |
| **Азиззода У.А., Файзова М.Р.** | Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ | **35** |
| **Шодиён И.Р.** | Муассисаҳои квазӣ-судӣ ва ҳокимияти судии Тоҷикистон | **42** |
| **Шоев Ф.М.** | Таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он | **50** |
| **Собирзода А.Ҷ.** | Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ | **57** |
| **Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш.** | Ҳуқуқ ва озодиҳои занон-муҳоҷирони меҳнатӣ | **66** |
| **Ҳалимзода К.Ҳ.** | Ҳуқуқ ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист дар раванди ҷаҳонишавӣ | **72** |
| **Муминзода М.Н.** | Масъалҳои ҳуқуқии муайян намудани мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ | **81** |
| **Шоҳиён Д.А., Баротализода И.И.** | Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **93** |
| **Ризозода Ш.Ҳ.** | Пайдоиши мафҳуми «гуреза» ва давраҳои инкишофи он дар санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ | **99** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмон Д.С.** | Масъалаҳои муайян намудани мафҳуми санадҳои суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **106** |
| **Олимзода Д.А.** | Шаклҳо ва усулҳои таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират | **116** |
| **Зухурзода Ш.Д.** | Асосҳои ҳуқуқии конститутсионии бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **127** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

| | | |
|---|---|---|
| **Ғафурзода А.Д., Абдуғанизода Б.А.** | Ташаккул ва рушди муносибатҳои шартномаи ҳамлу нақли бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **136** |
| **Меликов У.А., Исмоилова М.И.** | Тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста | **145** |
| **Муминзода Н.И.** | Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ | **154** |
| **Шерзода Б.С.** | Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон бо қонунгузории Фаронса оид ба мафҳуми молу мулки ғайриманқул | **169** |
| **Шукуров Ф.М.** | Баъзе масалаҳои гражданӣ-хуқуқии созишномахои ҳакамӣ: назария ва амалия | **180** |
| **Давлатов Н.М.** | Баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол | **189** |


**ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)**


| | | |
|---|---|---|
| **Бобокалонова С.Ғ.** | Баъзе хусусиятҳои танзими ҳуқуқии танаффус барои ғизодиҳии кӯдак барои занон ва шахсони дорои уҳдадории оилавӣ | **199** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**


| | | |
|---|---|---|
| **Азиззода У.А., Огнерубов Н.А.** | Доктринальные подходы к уголовно-правовой охране отношений, связанных с использованием эмбрионов | **208** |
| **Муқимов С.Д.** | Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ | **217** |
| **Муқимов С.Д.** | Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ | **235** |


**ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)**


| | | |
|---|---|---|
| **Ахмедов Н.И., Абдуллозода П.С.** | Язык в сфере международного сотрудничества по уголовному делу в постсоветском пространстве | **249** |


**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**


| | | |
|---|---|---|
| **Ибодуллозода А.И., Назаров Д.Қ.** | Назаре ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии меҳнат | **258** |


**ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ**


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш.** | Рецензия на монографию профессора | **272** |

**Холикзода А.Г.**
**Зоир Дж.М.** Л.Р. Сюкияйнена «Исламское право и диалог культур в современном мире» (М., 2021. 684 с.).

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **279**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

# МАФҲУМИ «ШАХСИЯТ» ҲАМЧУН ЗАМИНАИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарриз:** Аззизода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**: Дар мақола зимни таҳқиқи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» таносуби он бо мафҳумҳои «шахс», «инсон», «шаҳрванд», «ҳуқуқи инсон», «ҳуқуқҳои шаҳрванд» муайян карда мешавад. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ, бо дарназардошти ҳолати ҳуқуқии воқеии шахс таҳлил карда мешавад. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» категорияи мустақили назарияи давлат ва ҳуқуқ, илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ маҳсуб мешавад. Айни замон мафҳуми зикршуда дар давраи пасошӯравӣ инкишоф ёфта, дар робита бо тамоюл ва қонуниятҳои нави рушди илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқ карда мешавад. Тағйири мазмун ва шаклҳои зуҳуроти падидаҳои анъанавии ҳуқуқӣ, ба мисли «муносибатҳои ҳуқуқӣ», «меъёрҳои ҳуқуқӣ», «танзими ҳуқуқӣ» ва дигар, ҳамчунин ташаккулу инкишофи падидаҳои нав ҳаёти ҳуқуқӣ, аз қабили «ҳуқуқҳои фитрии инсон», «ҳуқуқҳои шаҳрванд», «танзими шартномавӣ» ва дигар боиси инкишшофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» гардиданд. Айни замон вазъи ҳуқуқии шахс бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иштироки васеи шахс дар муносибатҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ тағйир меёбад. Ҳамаи ин барои таҳқиқоти нави вазъи ҳуқуқии шахс замина мегузорад. Инкишофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» барои таҳқиқи ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии занон заминаи кофии илмӣ мегузорад. Вазъи ҳуқуқии занон дар ҳаёти имрӯза якҷоя бо тағйири ҳолати иҷтимоии занон, такмили қонунгузорӣ, дар партави сиёсати нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар соҳаи занон инкшоф меёбад. Таҳаввулоти мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ба инкишофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» таъсир мерасонад. Айни замон дигаргуниҳои куллӣ дар ҳолати воқеии занон низ ба инкишофи вазъи ҳуқуқии занон таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо**: вазъи ҳуқуқии шахс, шахс, инсон, шаҳрванд, ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои шаҳрванд, ҳолати ҳуқуқии воқеии шахс, муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои фитрии инсон, танзими шартномавӣ, соҳибкорӣ, вазъи ҳуқуқии занон, ҳолати иҷтимоии занон, такмили қонунгузорӣ, сиёсати ҳуқуқӣ.

## ПОНЯТИЕ «ЛИЧНОСТЬ» КАК МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА ИССЛЕДОВАНИЯ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЖЕНЩИН

**Рахмон Озода Эмомали,**
кандидат юридических наук, докторант кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета

**Рецензент:** Аззизода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация**: В статье определяется понятие «правовой статус личности» в контексте анализа понятий «личность», «человек», «гражданин», «права человека», «права граждан». Понятие «правовой статус личности» анализируется с применением различных методов научного познания, с учётом действительного правового положения личности. Понятие «правовой статус личности» является самостоятельной категорией теории государства и права, отраслевых юридических наук. В то же время указанные понятия получили развитие в советское время, а сейчас анализируются в контексте тенденций и закономерностей развития юридической науки. Изменения содержания и форм проявления традиционных правовых явлений, таких, как «правовые отношения», «правовые нормы», «правовое регулирование» и другие, а также становление и развитие новых явлений правовой жизни, в частности, «естественные права человека», «права граждан», «договорное регулирование» и другие способствуют развитию понятия «правовой статус личности». В настоящее время правовой статус личности меняется с учётом коренных изменений в жизни общества, экономических, социальных и политических реформ, широкого участия личности в новых экономических отношениях, в том числе в предпринимательстве и других общественных отношениях. Все это служит основой для новых исследований правового статуса личности. Развитие понятия «правовой статус личности» служит основой всестороннего анализа правового статуса женщин. Правовой статус женщин в современной жизни развивается наравне с изменениями социального положения женщин, развитием законодательства, в рамках новой политики независимого Таджикистана в области женщин. Развитие понятия «правовой статус личности» влияет на развитие «правового статуса женщин». На сегодняшний день существенные

изменения в реальном положении женщин также влияет на развитие правового статуса женщин.

**Ключевые слова**: Правовой статус личности, личность, человек, гражданин, права человека, права граждан, реальное правовое положение личности, правоотношение, правовые нормы, правовое регулирование, естественные права человека, договорное регулирование, предпринимательство, правовой статус женщин, социальное положение женщин, совершенствование законодательства, правовая политика.

## THE CONCEPT OF "PERSON" AS A METHODOLOGICAL BASIS FOR THE STUDY OF THE LEGAL STATUS OF WOMEN

**Rahmon Ozoda Emomali,**
Candidate of legal science, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of the Tajik National University

**Reviewer:** Doctor of law science, Professor Azzizoda U.A.

**Annotation:** The article defines the concept of "legal status of the individual" in the context of the analysis of the concepts of "personality", "person", "citizen", "human rights", "citizens' rights". The concept of "legal status of the individual" is analysed using various methods of scientific cognition, taking into account the actual legal status of the individual. The concept of the "legal status of the individual" is an independent category in the theory of the State and the law and in sectoral legal sciences. At the same time, these concepts were developed during the Soviet era, and are now analyzed in the context of trends and patterns of development of legal science. Changes in the content and forms of manifestation of traditional legal phenomena, such as "legal relations", "legal norms", "legal regulation" and others, as well as the formation and development of new phenomena of legal life, in particular, "natural human rights", "rights of citizens", "contractual regulation" and others contribute to the development of the concept of "legal status of the individual". At present, the legal status of the individual is changing in view of radical changes in the life of society, economic, social and political reforms, wide participation of the individual in new economic relations, including entrepreneurship and other social relations. All this serves as the basis for new research into the legal status of the individual. The development of the concept of the "legal status of the individual" serves as the basis for a comprehensive analysis of the legal status of women. The legal status of women in contemporary life is developing at the same time as changes in the social situation of women and the development of legislation, within the framework of the new women's policy of independent Tajikistan. The development of the concept of the "legal status of the individual" affects the development of the "legal status of women". To date, significant

changes in the real situation of women have also influenced the development of women's legal status.

**Keywords:** Legal status of the person, person, human, citizen, human rights, citizens' rights, real legal status of the person, legal relations, norms of law, legal regulation, natural human rights, citizens' rights, contractual regulation, business, legal status of women, social status of women, improvement of legislation, legal policy.

Дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ва паҳлуҳои он ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» бисёрҷанба буда, оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи он андешаҳои мухталиф пешкаш мешаванд. Зимни таҳқиқи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» таносуби он бо мафҳумҳои «шахс», «инсон», «шаҳрванд», «ҳуқуқҳои инсон», «ҳуқуқҳои шаҳрванд» муайян карда мешавад. Маълум аст, ки мафҳумҳои зикршуда аз ҷумлаи мафҳумҳо ва категорияҳои мураккаби илмӣ буда, оид ба онҳо ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Барои ҳамин, мафҳумҳои зиёд ва гуногуни «вазъи ҳуқуқии шахс» пешкаш мешаванд.

Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар адабиёти илмии шӯравӣ ва пасошӯравӣ бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ, бо дарназардошти ҳолати ҳуқуқии воқеии шахс таҳлил карда мешавад. Оид ба мафҳуми зикршуда Н.Г. Александров, С.Н. Братус, И.Ҳ. Бобоҷонзода, А. Имомов, А.В. Митскевич, В.К. Бегичев, А.М. Диноршрев, В.Н. Витрук, Н.И. Матузов, А.В. Малко, М.А. Маҳмудзода, В.С. Нерсесянс, В.В. Лазарев, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода ва дигарон ибрози ақида намудаанд.

Мебояд хотирнишон намуд, ки мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар ҷараёни таҳқиқоти ҳаматарафаи илмӣ ташаккул ёфтааст. Дар давраҳои қаблӣ, асосан дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ, мафҳуми «вазъи ҳукуқии шахс» ҳамчун ҷузъи мафҳумҳои дигари илмӣ, аз ҷумла мафҳуми «қобилияти субъектӣ» ё «қобилияти ҳуқуқдорӣ» таҳқиқ карда мешавад. Солҳои 1940-1960-ум мафҳуми «қобилияти ҳуқуқдорӣ» бо мафҳумҳои «субъекти ҳуқуқ» ва «вазъи ҳуқуқии шахс» шабоҳат дода мешавад, қобилияти ҳукуқдорӣ ба маънои субъекти ҳуқуқу вазифаҳо тавсиф мегардад.

Сипас, мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар ҷараёни инкишофи мафҳуму категорияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳайси падидаи мустақили ҳуқуқӣ ва категорияи илмӣ таҳқиқ карда мешавад. Солҳои 1960-ум мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ» ва «субъекти ҳуқуқ», «қобилияти субъектӣ» («қобилияти ҳуқуқдорӣ») ва «вазъи ҳуқуқии шахс» ҷудо карда мешаванд. Дар натиҷа мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» мустақилияти хешро пайдо мекунад. Пас аз солҳои 1970-ум вазъи ҳуқуқии шахс ҳамчун категорияи мустақил таҳқиқ карда мешавад. Айни замон категорияи мазкур дар робита бо мафҳуми «қобилияти хуқуқдорӣ» таҳлил карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ чун заминаи вазъи ҳуқуқӣ пазируфта мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ, асосан баъди солҳои 1960-ум истифода мешавад. Оид ба таърихи ташаккули мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» як қатор олимон ибрози андеша намудаанд[1].

Ҳоло мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» категорияи мустақили назарияи давлат ва ҳуқуқ, илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ маҳсуб мешавад. Айни замон мафҳуми зикршуда дар давраи пасошӯравӣ инкишоф ёфта, дар робита бо тамоюл ва қонуниятҳои нави рушди илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқ карда мешавад. Тағйири мазмун ва шаклҳои зуҳуроти падидаҳои анъанавии ҳуқуқӣ, ба мисли «муносибатҳои ҳуқуқӣ», «меъёрҳои ҳуқуқӣ», «танзими ҳуқуқӣ» ва дигар, ҳамчунин ташаккулу инкишофи падидаҳои нав ҳаёти ҳуқуқӣ, аз қабили «ҳуқуқҳои фитрии инсон», «ҳуқуқҳои шаҳрванд», «танзими шартномавӣ» ва дигар боиси инкишшофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» гардиданд. Айни замон вазъи ҳуқуқии шахс бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иштироки васеи шахс дар муносибатҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ тағйир меёбад. Ҳамаи ин барои таҳқиқоти нави вазъи ҳуқуқии шахс замина мегузорад.

Инкишофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» барои таҳқиқи ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии занон заминаи кофии илмӣ мегузорад. Вазъи ҳуқуқии занон дар ҳаёти имрӯза якҷоя бо тағйири ҳолати иҷтимоии занон, такмили қонунгузорӣ, дар партави сиёсати нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар соҳаи занон инкшоф меёбад. Таҳаввулоти мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ба инкишофи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» таъсир мерасонад. Айни замон дигаргуниҳои куллӣ дар ҳолати воқеии занон низ ба инкишофи вазъи ҳуқуқии занон таъсир мерасонад. Аз ин хотир, мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» ба мисли мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» айни ҳол дар ҳолати инкишоф қарор дорад. Ҳамаи ин бори дигар собит менамояд, ки таҳқиқоти ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии шахс барои таҳлили илмии вазъи ҳуқуқии занон заминаи илмиву методологиро фароҳам меоварад.

Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар робита бо мафҳумҳои **«шахс», «шахсият», «инсон», «фард», «шаҳрванд»** муайян карда мешавад. Оид ба мафҳуми зикршуда андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Мафҳумҳои «шахс», «шахсият», «инсон», «шаҳрванд» бо ҳамдигар алоқаи зич дошта, айни змон аз ҳамдигар фарқ доранд. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (соли 1969) истилоҳи «шахс» ба маънои «ҷисм, тан, кас, нафар, одам, зот, вуҷуд» шарҳ дода мешавад[2]. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ, ки соли 2008 нашр шудааст, мафҳумҳои «шахс» ва «шахсият» ҷудо аз ҳамдигар тавсиф дода мешаванд. Истилоҳи «шахс» (арабии شخص) маънои «кас, одам, нафар»-ро дорад. Истилохи «шахсият» (شخصيت) чунин шарҳ дода мешавад: «1. хислати хоси фардии ҳар кас, ки ӯро аз дигарон

[1] Ниг.: Братусь С.Н Юридические лица в советском гражданском праве. – М.: Юриздат, 1947; Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М.. 1963;Матузов Н.И. Субъективные права граждан СССР. – Саратов, 1966.

[2] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ – М.: Нашриёти «Советсая энциклопедия», 1969. – С. 1525. 1904 с.

фарқ мекунонад. 2. Иззати нафс, ҳайсият»[3]. Истилоҳи «инсон» ба маънои «одам, одамӣ, башар» истифода мешавад[4].

Дар фалсафа мафҳумҳои «инсон» ва «шахсият» ҷудо карда мешаванд. Истилоҳи «инсон» ба маънои субъекти фаъолияти ҷамъиятии таърихӣ ва фарҳангӣ тавсиф дода мешавад. Инсон дорои сифатҳои фардӣ буда, айни замон моҳияти ӯ мансубияташро ба насли инсонӣ ифоа мекунад. Инсон ба ҳайси «шахсият» баромад мекунад. Шахсияти инсон дар ҷараёни худшиносӣ, дарки функсияҳои иҷтимоӣ ва мавқеи хеш ба ҳайси субъекти раванди таърихӣ ташаккул меёбад. Ташакули шахсияти инсон бо раванди тақсимоти ҷамъиятӣ, ҷудо шудани фард аз коллектив ба туфайли ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ вобастагӣ дорад[5].

Истилоҳи «шахсият» дар фалсафа ба маъноҳои зайл истифода мешавад: 1) субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошуурона (ба маънои умуман шахс); 2) низоми сифатҳои муҳими иҷтимоӣ, ки фардро ҳамчун аъзои ҷомеа ё иттиҳодҳои алоҳида тавсиф мекунад. Мафҳумҳои «шахс» чун шакли ифодаи умумии инсон (лот – persona) ва «шахсият» чун ифодаи сифатҳои иҷтимоӣ ва психологии инсон (лот. – personali) аз ҳамдигар фарқ доранд, вале дар як қатор ҳолатҳо ҳамчун синонимҳо истифода мешаванд. Бо истилоҳи «фард» (франсавии – individuum) инсони ҷудогона ифода карда мешавад. Ин мафҳум барои муайян намудани тафовути фард аз гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷомеа истифода мешавад. Айни замон дар заминаи он назарияи фардия, ки фардро мутлақ мегардонад, инкишоф ёфтааст[6].

Дар адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ мафҳуми «шахс» ба маънои маъмулӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешавад. Истилоҳи «шахс» ба маънои инсон, фард, мавҷудоти биологиву физиологӣ истифода мешавад. Айни замон истилоҳи «шахс» ба маънои «шахси воқеӣ» ва «шахси ҳуқуқӣ» мавриди истифода қарор дода мешавад. Мафҳуми ҳуқуқии «шахс» дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи Тоҷикистон, аз ҷумла бо дарназардошти предмети танзими ҳуқуқӣ ба якчанд маъно истифода мешавад. Дар ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми «шахс» ба маънои инсон истифода мешавад. Дар ҳуқуқи граждании мафҳуми «шахс» ба ду маъно истифода мешавад: «шахси воқеӣ» ва «шахси ҳуқуқӣ». «Шахси воқеӣ» субъекти муносибатҳои ҳуқуқии граждани буда, дорои сифатҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали ҳуқуқӣ мебошад. «Шахси ҳуқуқӣ» субъекти коллективии муносибатҳои ҳукуқии граждани (ташкилот) мебошад.

Мебояд зикр намуд, ки қонунгзории граждании шӯравӣ ба ҷои мафҳуми «шахси воқеӣ» мафҳуми «шаҳрванд» ва «шахс»-ро истифода намуда буд. Аз ҷумла дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Сотсиалистии Шӯравии Федеративии Россия аз соли 1922 мафҳуми «шаҳрванд», дар

---

[3] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди 2 / зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 630. 943 саҳ.

[4] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди1 / зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 549. 905 саҳ.

[5] Ниг.: Философский энциклопедический словарь / Главаня редакция Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Кавалев, В.Г. Панов. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – С. 770-771.

[6] Ниг.: Философский энциклопедический словарь / Главаня редакция Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Кавалев, В.Г. Панов. – С. 106, 314.

Асосҳои қонунгузории Граждании Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (аз соли 1961) мафҳумҳои «шаҳрвандон» ва «шахсони ҳуқуқӣ» истифода мешуданд[7].

Мафҳуми «шахсият» яке аз проблемаҳои мубрами фалсафа, ҷомеашиносӣ, антропология, равоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва соҳаҳои дигар илми махсуб мешавад. Дар илмҳои гуногун мафҳуми умумии инсон ва шахс истифода мешавад. Аз ҷумла, инсон одатан ба ҳайси вуҷуди физиологӣ, падидаи биологӣ, намояндаи насли инсонӣ дарк карда мешавад.

Шахс ба ҳайси падидаи иҷтимоӣ, намояндаи ҷомеаи инсонӣ, иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳқиқ карда мешавад. Шахсияти инсон дар раванди ҳаёти ҷамъиятӣ дар оила, мактаб, корхона, муассиса, иттиҳодияҳо ва шаклхои дигари зиндагонии коллективонаи одамон ташаккул меёбад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ҳуқуқи кӯдак ба шахсият ифода шудааст. Тибқи м. 12 Қонуни мазкур: «Кӯдак аз лаҳзаи таваллуд шуданаш ба насаб, ном ва номи падар, миллат ва шаҳрвандӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад»[8].

Тавре маълум мешавад, қонунгузор ташаккули шахсияти кӯдакро бо амалӣ гардидани ҳуқуқҳояш ба насаб, ном, номи падарӣ, миллат ва шаҳрвандӣ алоқаманд мекунад. Айни замон шахсияти кӯдак дар ҷомеа, дар робита бо низоми меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, оилавӣ, сиёсӣ, анъанавӣ ва дигар) ташаккул меёбад.

Инсон дар ҷараёни ташаккулу инкишофи шахсият сифатҳои шахсӣ касб мекунад, аз ҷумла худро ҳамчун инсон дарк мекунад, мавқеяшро дар ҷомеа муайян мекунад, масъулияти хешро дар назди одамон ва ҷомеа эҳсос менамояд. Инсоне, ки бинобар бемории рӯҳӣ ғайри қобили амал аст, чунин сифатҳои шахсӣ надорад. Инсон аз як тараф дорои сифатҳои шахсӣ буда, ба ҳайси фард баромад мекунад. Аз тарафи дигар шахсияти инсон, ки падидаи иҷтимоӣ мебошад, сифатҳои умумӣ дорад. Онҳо дар раванди зиндагии инсон дар ҷомеа ташаккул меёбанд. Инсон намояндаи гурӯҳҳо ё табақаҳои муайяни аҳолӣ буда, сифатҳои умумӣ, ки мутааллиқ ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд, дорад. Чунончи, нафақахӯрон, занон, донишҷӯён ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ сифатҳои умумӣ доранд.

Дар илми ҷомеашиносӣ якчанд назарияҳои шахсият истифода мешаванд. Чунончи, дар назарияи нақшавӣ (Р. Минтон, Р. Мертон, Т. Парсонс ва дигарон) вазъи иҷтимоии шахс омӯхта мешавад. Сифатҳои равонии шахсияти инсон дар назарияҳои гуногуни равонӣ (А. Адлер, А. Амосов, А. Леонтев, А. Маслоу, Г. Олпорт, К. Роҷерс, Л. Холл, З. Фрейд, К. Юнг ва дигарон) омӯхта мешаванд. Дар ин назарияҳо сифатҳои фардии инсон, ки дар одамони дигар зоҳир намешаванд, муайян карда мешаванд[9].

---

[7] Ниг.: Юридический энциклопедический словарь / Главный редактор А.Я. Сухарев. – М.: «Советская энциклопедия», 1984. – С. 160-161. 415 с.

[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 2Дар бораи ҳфизи ҳуқуқҳои кӯдакон» // Ахбори маҷлиси оЛии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. - № 3. – Мод. 218.

[9] Ниг.: Рыжковская Т.Л. Основы психологии и педагогики. – Минск: Изд-во МИУ, 2010.

Шаҳрванд падидаи ҳуқуқӣ буда, робитаи ҳуқуқии ӯро бо давлат муайян мекунад. Шаҳрванд дорои ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои муайян буда, дар зери ҳимояи давлат қарор дорад.

Ба ин нигоҳ накарда, дар илмҳои гуногун хусусиятҳои инсон ва шахс муайян карда мешаванд. Чунончи, дар фалсафа мафҳуми «шахсият» дар робита бо мафҳумҳои «инсон», «фард», ба маънои умумӣ, дар робита бо таносуби «универсум – шахсият» таҳқиқ карда мешавад[10]. Ба андешаи, масалан, Е.А. Романова, шахсият маҷмуи сифатҳои иҷтимоӣ-маънавии инсон мебошад, ки аз табиати инсон маншаъ гирифта, дар ҷараёни фаъолияти гуногун ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад[11].

И. Кант зимни таҳқиқи масъалаи таносуби давлат ва шахсият навишта буд, ки инсон «арзиши баланд доранд, шахсият, фард мебошад»[12], давлат бошад, вазифадор аст арзиши баланди инсонро таъмин намояд[13]. И.Г. Фихте таъкид намуда буд, ки давлат «барои зиндагии арзандаи моддии шаҳрвандонаш масъул аст»[14]. Гегель бошад, баръакс, арзиши баландтари давлатро нисбат ба арзиши шахсият таъкид мекунад[15]. Лоренс фон Штейн, ки поягузори назарияи «давлати иҷтимоӣ» мебошад, таносуби давлат ва шахсро чунин баён мекунад: «сатҳи инкишофи шахсиятҳои гуногун сатҳи инкишофи давлатро муайян мекунад; сатҳи пасти рушди одамон заминаи инкишофи пасти далват мебошад»[16].

Ба андешаи файласуфони тоҷик, ҳар як одам дорои шахсияти худ аст ва ин ду мафҳумро ба ҳамдигар муқобил гузоштан мумкин нест. Инсон намуди биологии иҷтимоишуда аст. Фард махсусият ва муайянии мушаххаси одами алоҳида, сифатҳои табиӣ ва дар зиндагӣ пайдокардаи онро ифода мекунад. Дар зери мафҳуми фардият ташаккулу зуҳуроти

---

[10] Ниг.: Алексеева Т.А. Личность и политика в переходный период: проблемы легитимности власти // Вопросы философии, 1998. – №7. – С.58-65; Абдеев Р.Ф. Философия информационной цивилизации. - М.: ВЛАДОС, 1994.-336 с.; Алексеева Т.А. Личность и политика в переходный период: проблемы легитимности власти // Вопросы философии, 1998. – №7. – С.58-65; Анисимов С.Ф. Духовные ценности, производство и потребление. – М.: Мысль, 1988. – 235 с.; Барлыбаев Х.А. Человек. Глобализация. Устойчивое развитие: Монография. – М.: РАГС, 2007. – 320 с.; Барулин В.С. Социально-философская антропология. Общие начала социально-философской антропологии. – М: Онега, 1994. – 256 с.; Бачинин В.А. Духовная культура личности: Философские очерки. – М.: Политиздат, 1986. – 111 с.; Бердяев Н. Философия творчества, культуры и искусства. В 2-х т. – М.: Искусство, 1994. – Т.1 – 541 с.; Т.2 – 508 с.; Буева Л.П. Человек: деятельность и общение. – М. : Мысль, 1978. -216 с.; Быстрицкий Е.К. Феномен личности: мировоззрение, культура, бытие. -Киев: Наукова думка, 1991. - 200 с.; Ильенков Э.В. Что такое личность? // Философия и культура. – М.: Политиздат, 1991. - С. 387-414; Кара-Мурза А.А., Панарин А.С., Пантин И.К. Духовный кризис в России: есть ли выход? // Вопросы философии. - 1996. – №5. – С.155-165; Кнабе Г.С. Изменчивое соотношение двух постоянных характеристик человека // Одиссей. Человек в истории. – М. : Наука, 1990. – 222 с.; Маслоу А. Мотивация и личность. - СПб.: Евразия, 1999. - 478 с.; Сорокин П. Человек, цивилизация, общество. – М.: Политиздат, 1992.-543 с.; Франкл В. Человек в поисках смысла. – М.: Прогресс, 1990. – 366 с.; Яницкий М.С. Ценностные ориентации личности как динамическая система. / М.С.Яницкий. – Кемерово: Кузбассвузиздат, 2000. – 204 с. ва диг.

[11] Ниг.: Романова Е.А. Целостность личности в современном обществе: дис. … канд. философ наук. – Уфа, 2011. – 147 с.

[12] Кант И. Сочинения в 6-ти томах / И. Кант. – М., 1964. – Т. 3. – С. 414.

[13] Ниг.: Кант И. Сочинения в 6-то томах. – М., 1964. – Т. 5. – С. 211, 304.

[14] Фихте И.Г. Основные черты современной эпохи / И.Г. Фихте. – М., 1988. – С. 57.

[15] Ниг.: Гегель Г.В.Ф.. Философия права / Г.В.Ф. Гегель. – М., 1990. – С. 264.

[16] Штейн Лоренц. История социального движения Франции с 1879 года / Л. Штейн. – С. 28

хислату хусусиятҳои фард фаҳмида мешавад, ки дар махсусияти худ ба дигарон монанд нест. Фардияти инсон ифодаи шахсяти он аст[17].

Дар фалсафа шахсияти инсон дар иртибот бо муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳлил карда мешавад. Шахсият сифатҳои ба инсони ҷудогона хоси физиологӣ, генетикӣ, психологӣ, инчунин шуур ва фарҳанги шахсии ӯро инъикос мекунад. Ин нуқтаи назари методологӣ барои дарки вазъи ҳуқуқии занон, аз ҷумла бо дарназардошти сифатҳои физиологӣ, биологӣ, психологии занон аҳамият дорад. Вазъи ҳуқуқии занҳо дар робита бо мансубияти онҳо ба гурӯҳи махсуси биофизиологии одамон, сифатҳои физиологии занон, шуур ва фарҳанги онҳо бояд муайян карда шавад. Аз ин хотир, таҳқиқи ҳам фалсафӣ ва ҳам ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии занон аҳамияти методологӣ дорад.

Мафҳуми «шахсият» дар иртибот бо мафҳумҳои антропологии «инсон», «фард» таҳқиқ карда мешавад. Тибқи ақидаи маъмулии файласуфон, инсон мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инсон аз як тараф дорои сифатҳои биологӣ (таббиӣ) буда, аз тарафи дигар сифатҳои умумии иҷтимоӣ, аз қабили нутқ, робита, фаъолият, зеҳн, фарҳанг дорад. Инсон сифатҳое дорад, ки менталитети ӯро муайян мекунанд. Ин сифатҳо арзишҳои маънавии халқро, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, ифода мекунанд. Ин нуктаҳои илмӣ зимни таҳқиқи хусусиятҳои вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «шахсият» дар алоқамандӣ бо вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, қобилияти субъектӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амали ҳуқуқӣ ва ғайра дарк карда мешавад. Ҳамзамон паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳои «инсон», «шахс», «шаҳрванд» таҳқиқ карда мешаванд. Чунончи, яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳукуқшиносӣ ин дарки инсон ба ҳайси субъекти ҳуқуқ ё субъективияти ҳуқуқӣ мебошад. Проблемаи мазкур паҳлуҳои гуногун дорад. Аз ҷумла, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳаққи инсон ба эътирофи субъективияти ҳуқуқии хеш, сарфи назар аз маҳалли сукунат, мустаҳкам карда мешавад (м. 6 Эъломияи умумии ҳуқуқҳои инсон аз 10 декабри соли 1948).

Олимони ҳуқуқшинос мафҳумҳои ба ҳам монанди шахсиятро дар робита бо сифатҳои иҷтимоӣ пешкаш мекунанд. Чунончи, шахсият ба маънои зайл тавсиф мегардад:

- тавсифи иҷтимоии инсон дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷомеа[18];
- шакли ифодаи моҳияти иҷтимоии инсон[19];
- инсони дорои сифатҳои иҷтимоӣ дар низоми робитаи иҷтимоӣ[20];
- маҷмуи сифатҳои иҷтимоии инсон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ[21].

---

[17] Ниг.: Фалсафа: Китоби дарсӣ / Н.С. Саидов, С.Н. Наврӯзов, Х.У. Идиев, А.Ҳ. Самиев ва диг. – Душанбе: «Собириён», 2011. – С. 106-153. 528 с.

[18] НИг.: Венгеров А.Б. Теория государства и права: Учебник / А.Б. Венгеров. – М., 2005. – С. 577.

[19] Ниг.: Назаренко Г.В. Общая теория права и государства: Учебный курс для вузов / Г.В. Назаренко. – М.. 2003. – С. 116.

[20] Ниг.: Кожевников С.Н. Личность, государство и право // Теория государства и права / Под ред. В.К. Бабаева. – М., 2005. – С. 162.

[21] Ниг.: Сырых В.М. Теория государства и права: Учебник / В.М. Сырых. – М.. 2004. – С. 466.

**Адабиёт:**


1. Братусь С.Н. Юридические лица в советском гражданском праве. – М.: Юриздат, 1947. – 364 с.
2. Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М. 1963. – 213 с.
3. Матузов Н.И. Субъективные права граждан СССР. – Саратов, 1966.-188с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ – М.: Нашриёти «Советсая энциклопедия», 1969. – 1904 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди 2 / зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 943 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Ҷилди1 / зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 905 с.
7. Философский энциклопедический словарь / Главаня редакция Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Кавалев, В.Г. Панов. – М.: «Советская энциклопедия», 1983. – 840 с.
8. Философский энциклопедический словарь / Главаня редакция Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Кавалев, В.Г. Панов. – 314 с.
9. Юридический энциклопедический словарь / Главный редактор А.Я. Сухарев. – М.: «Советская энциклопедия», 1984. – 415 с.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 2Дар бораи ҳфизи ҳуқуқҳои кӯдакон» // Ахбори маҷлиси оЛии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – № 3. – Мод. 218.
11. Рыжковская Т.Л. Основы психологии и педагогики – Минск: Изд-во МИУ, 2010.
12. Алексеева Т.А. Личность и политика в переходный период: проблемы легитимности власти // Вопросы философии, 1998. – №7. – С.58-65
13. Абдеев Р.Ф. Философия информационной цивилизации. – М.: ВЛАДОС, 1994 . – 336 с.
14. Алексеева Т.А. Личность и политика в переходный период: проблемы легитимности власти // Вопросы философии, 1998. – №7. – С.58-65.
15. Анисимов С.Ф. Духовные ценности, производство и потребление. - М.: Мысль, 1988. – 235 с.
16. Барлыбаев Х.А. Человек. Глобализация. Устойчивое развитие: Монография. – М.: РАГС, 2007. – 320 с.
17. Барулин В.С. Социально-философская антропология. Общие начала социально-философской антропологии. – М: Онега, 1994. – 256 с.
18. Бачинин В.А. Духовная культура личности: Философские очерки. – М.: Политиздат, 1986. – 111 с.;
19. Бердяев Н. Философия творчества, культуры и искусства. В 2-х т. – М.: Искусство, 1994. – Т.1 – 541 с.Т.2 – 508 с.
20. Буева Л.П. Человек: деятельность и общение. – М. : Мысль, 1978. – 216 с.

21. Быстрицкий Е.К. Феномен личности: мировоззрение, культура, бытие. – Киев: Наукова думка, 1991. – 200 с.
22. Ильенков Э.В. Что такое личность? // Философия и культура. - М.: Политиздат, 1991. – С. 387-414.
23. Кара-Мурза А.А., Панарин А.С., Пантин И.К. Духовный кризис в России: есть ли выход? // Вопросы философии. – 1996. – №5. – С.155-165.
24. Кнабе Г.С. Изменчивое соотношение двух постоянных характеристик человека // Одиссей. Человек в истории. – М. : Наука, 1990. – 222 с.
25. Маслоу А. Мотивация и личность. – СПб.: Евразия, 1999. - 478 с.
26. Сорокин П. Человек, цивилизация, общество. – М.: Политиздат, 1992. -543 с.
27. Франкл В. Человек в поисках смысла. – М.: Прогресс, 1990. – 366 с.;
28. Яницкий М.С. Ценностные ориентации личности как динамическая система. / М.С.Яницкий. - Кемерово: Кузбассвузиздат, 2000. – 204 с. ва диг.
29. Романова Е.А. Целостность личности в современном обществе: дис. … канд. философ наук. – Уфа, 2011. – 147 с.
30. Кант И. Сочинения в 6-ти томах / И. Кант. – М., 1964. – Т. 3. – 414 с.
31. Кант И. Сочинения в 6-то томах. – М., 1964. – Т. 5. – 304 с.
32. Фихте И.Г. Основные черты современной эпохи / И.Г. Фихте. – М., 1988.
33. Гегель Г.В.Ф.. Философия права / Г.В.Ф. Гегель. – М., 1990.
34. Штейн Лоренц. История социального движения Франции с 1879 года / Л. Штейн. – 305 с.
35. Фалсафа: Китоби дарсӣ / Н.С. Саидов, С.Н. Наврӯзов, Х.У. Идиев, А.Ҳ. Самиев ва диг. – Душанбе: «Собириён», 2011. – 528 с.
36. Венгеров А.Б. Теория государства и права: Учебник / А.Б. Венгеров. – М., 2005. – 609 с.
37. Назаренко Г.В. Общая теория права и государства: Учебный курс для вузов / Г.В. Назаренко. – М.. 2003. – 188 с.
38. Кожевников С.Н. Личность, государство и право // Теория государства и права / Под ред. В.К. Бабаева. – М., 2005. – 715 с.
39. Сырых В.М. Теория государства и права: Учебник / В.М. Сырых. – М.. 2004. – 704 с.

# НАЗАРИЯИ ҲУҚУҚИ ГАНС КЕЛЗЕН

**Шарофзода Рустам Шароф,**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола ақидаҳои олими ҳуқуқшиноси намоён Ганс Келзен оид ба предмети илми ҳуқуқшиносӣ, робитаи илми ҳуқуқшиносӣ бо илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ, вазифаҳои илми ҳуқуқшиносӣ, мафҳум ва вазифаҳои назарияи позитивии ҳуқуқ, мафҳуми ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, низоми мартаботии меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёри асосӣ, конститутсия, афзалияти конститутсия, соҳибихтиёрии давлат, таносуби ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, таносуби соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, назорати судии конститутсионӣ, таъмини волоияти конститутсия таҳқиқ карда мешаванд. Хусусиятҳои назарияи позитивии Г. Келзен, аз ҷумла доир ба таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ, илми ҳуқуқшиносӣ ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ, тартиботи меъёрӣ ва тартиботи ахлоқӣ, предмети илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи статикӣ ва динамикии ҳуқуқ, соҳибихтиёрӣ муайян ва таҳлил карда мешаванд. Таносуби назарияи позитивии Г. Келзен ва назарияи меъёрии шӯравӣ муайян карда мешавад. Тафовути назарияҳои позитивии ҳуқуқ ва назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад. Аҳаммияти ақидаҳои Г. Келзен дар ҳаёти имрӯза муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: Ҳуқуқ, ҳуқуқи позитивӣ, ҳуқуқи фитрӣ, меъёри ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ, тартиботи меъёрӣ, меъёри асосӣ, конститутсия, ҳуқуқи дохилидавлатӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ.

# ТЕОРИЯ ПРАВА ГАНСА КЕЛЬЗЕНА

**Шарофзода Рустам Шароф,**
профессор кафедры терии и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального униврситета, доктор юридических наук, профессор
**Тел.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Аннотация**: В статье анализируются взгляды видного ученого-правоведа Ганса Кельзена о предмете юриспруденции, соотношении юриспруденции с естественно-научными и общественными науками,

задачах юриспруденции, понятии и задачах позитивной теории права, понятии права, правовой нормы, иерархической системы норм права, основной норме, конституции, верховенстве конституции, суверенитете государства, соотношении внутригосударственного и международного права, соотношении суверенитета и международного права, судебного конституционного контроля, обеспечении верховенства конституции. Определяются и анализируются особенности позитивной теории Г. Кельзена, в частности, по поводу соотношения права и морали, юриспруденции и правовых ценностей, права и правовых норм, права и правопорядка, нормативного порядка и морального порядка, предмета юриспруденции, статической и динамической теории права, суверенитета. Определяется соотношение позитивной теории права Г. Кельзена и советской нормативной теории права. Акцентируется внимание на различии позитивных теорий права и естественно-правовых теорий. Определяется значение взглядов Г. Кельзена в современной жизни.

**Ключевые слова**: Право, позитивное право, естественное право, норма права, правовой порядок, нормативный прядок, основная норма, конституция, внутригосударственное право, международное право.

## THEORY OF THE RIGHT GANS KELIZEN

**Sharofzoda Rustam Sharof,**
professor of the department of theory and histore of the state and law of the law faculty of the Tajik National University, doctor of the legal sciences
**Phone.:** (+992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Annotation:** In article are analysed glances seen scientist-lawyer Gans Kelizen about subject of jurisprudence, correlation to jurisprudence with naturally-scientific and public science, problem to jurisprudence, notion and problem to positive theory of the right, notion of the right, legal rate, hierarchical system of the rates of the right, the main rate, constitutions, priority constitutions, sovereignty state, correlation national right and international right, correlation of the sovereignty and international right, judicial constitutional checking, provision priority constitutions. They Are Defined and analysed particularities to positive theory Kelizen, in particular, on cause of the correlation of the right and morals, jurisprudence and legal valuables, right and legal rates, right and law and order, normative order and moral order, subject to jurisprudence, steady-state and dynamic theory of the right, sovereignty. It Is Defined correlation to positive theory of the right Kelizen and soviet normative theory of the right. Attention is Accented on difference positive theory right and naturally-legal theory. Importance glance Kelizen is Defined in modern life.

**Keywords**: Right, positive right, natural right, rate of the right, legal order, normative strand, the main rate, constitution, national right, international right.

Ганс Келзен (11-уми октябри соли 1881 – 19-уми апрели соли 1973) ҳуқуқшиноси намоёни Австрия ва ИМА, мутахассиси соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, муаллифи беш аз 400 асар дар ин соҳа мебошад. Як қатор асарҳои Г. Келзен ба забони русӣ тарҷума шудаанд[22].

Ганс Келзен (Hans Kelsen) – муаллифи назарияи назорати судии конститутсионӣ буда, бо ташаббуси бевоситаи ӯ дар Аврупо аввалин Суди конститутсионии Австрия таъсис дода мешавад. Г. Келзен ба ҳайси судяи Суди конститутсионии Австрия фаъолият намудааст.

Нахустин асарҳои Г. Келзен ба масъалаҳои ҳуқуқи давлатӣ бахшида мешаванд. Аввалин китоби ӯ «Назарияи давлати Данте Алигери» соли 1905 нашр мешавад. Соли 1911 таҳқиқоти Келзен бо номи «Проблемаҳои асосии назарияи ҳуқуқи умумӣ» (700 саҳифа) нашр мешавад. Соли 1914 бо ташаббуси ӯ маҷаллаи илмии «Ҳуқуқи умумӣ» (дар ҳаҷми се ҷилд) нашр мешавад. Дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳон дар вазифаи мушовири ҳуқуқии Вазири мудофиа, мушовири идораи ҳарбӣ ва судӣ кор мекунад.

Соли 1918 ба вазифаи адъюнкт-профессори Донишгоҳи Вена таъйин мешавад. Соли 1919 ба вазифаи профессори ҳуқуқи умумӣ ва маъмурӣ интихоб мешавад. Дар муддати 10 сол дар Донишгоҳи Вена фаъолияти илмӣ-эҷодиро идома дода, мактаби венагии худро таъсис медиҳад.

Г. Келзен дар таҳияи қонунҳои конститутсионии Австрия иштирок мекунад. Соли 1919 дар таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Австрия (1920) ширкат варзида, дар он ақидаашро оид ба таъсиси Суди конститутсионии Австрия ифода мекунад. Г. Келзен то соли 1930-юм дар вазифаи судяи Суди конститутсионии Австрия фаъолият намуда, бо сабабҳои сиёсӣ фаъолияташро қатъ мекунад. Чунончи, мақомоти маъмурии Австрияи католикӣ никоҳи такрориро иҷозат медиҳанд. Аммо судҳои поёнӣ қарорҳои мақомоти маъмуриро зиддиҳуқуқӣ эътироф мекунанд. Суди конститутсионии Австрия бо роҳбарии Г. Келзен қарорҳои судҳои поёниро бекор мекунад. Вале дар натиҷаи ғалабаи ҳизби иҷтимоии христианӣ дар ҷараёни муҳокимаҳои судӣ ба Г. Келзен фишори сиёсӣ мерасонанд. Г. Келзен фаъолияташро дар Суди конститутсионии Австрия қатъ намуда, ба Кёлн (Олмон) муҳоҷират мекунад.

Г. Келзен солҳои 1930-1933 дар Донишгоҳи Кёлн фаъолият намуда, асарҳояшро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии позитивӣ ва назарияи соҳибихтиёрӣ нашр мекунад. Г. Келзен, ки дар оилаи яҳудӣ таваллуд шуда

---

[22] Ниг.: Кельзен Г. Общее учение о государстве. – Берлин: Изд. Шпрингера, 1925 // Революция права. – М.: Изд-во Ком. Акад., 1928, № 2. – С. 149-152; Чистое учение о праве Ганса Кельзена. К XIII конгрессу Международной ассоциации правовой и социальной философии. – Токио, 1987: Сборник переводов. Вып. 1 / Отв. ред.: Кудрявцев В.Н., Разумович Н.Н.; Пер.: Лезов С.В., Пивоваров Ю.С. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1987. – 195 с.; Чистое учение о праве Ганса Кельзена. Сборник переводов. Вып. 2 / Отв. ред.: Кудрявцев В.Н., Разумович Н.Н.; Пер.: Лезов С.В. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1988. – 213 с.; Кельзен Г. Судебная гарантия конституции (конституционная юстиция). Часть 1 // Право и политика. — М.: Nota Bene, 2006, № 8. – С. 5-14; Кельзен Г. Судебная гарантия Конституции. (Конституционная юстиция). Часть 2. (Окончание) // Право и политика. – М.: Nota Bene, 2006, № 9. – С. 5-18; Чистое учение о праве и аналитическая юриспруденция. Перев. с англ. А.А. Краевского // Российский ежегодник теории права. - № 2. – 2009. СПб., 2011. – С. 432-453.

буд, дар натиҷаи ба сари давлати Олмон омадани фашистон мавриди таъқиб қарор мегирад ва ба Швейсария муҳоҷират мекунад.

Г. Келзен пас аз нашри асари машҳураш «Назарияи софи ҳуқуқ» (соли 1934) ҳамчун олим ва мутахассиси намоёни соҳаи назарияи ҳуқуқ пазируфта мешавад. Ҳамчунин, асари ӯ доир ба техникаи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва мурофиаи ҳуқуқӣ ҳамон сол нашр мешавад. Дар шароити авҷ гирифтани ҳаракати зиддисемитӣ ба Прага муҳоҷират мекунад, аммо соли 1940 дар натиҷаи забт гардидани Чехословакия аз тарафи фашистон ба ИМА муҳоҷират намуда, то охири ҳаёташ фаъолияташро идома медиҳад. Ӯ солҳои 1940-1942 дар вазифаи ходими илмии факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи Гарвард, соли 1942 дар вазифаи профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи Калифорния (шаҳри Беркли), солҳои 1945-1952 дар вазифаи профессори ҳуқуқи байналмилалии ҳамин Донишгоҳ кор мекунад. Дар ин давра асарҳои ӯ «Сулҳ тавассути қонун» (соли 1944) ва «Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат» (соли 1945) нашр мешаванд.

Г. Келзен то соли 1952 дар донишгоҳҳои ИМА (асосан Донишгоҳи Калифорния) вазифаи профессорро иҷро намуда, ҳамчунин дар вазифаи мушовири ҳуқуқии Комиссияи СММ оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ кор мекунад. Дар омода намудани мурофиаи Нюренберг ширкат меварзад. Дар давраи фаъолият дар СММ бо қалами Г. Келзен таҳқиқоти Шӯрои Амнияти СММ бо номи «Қонуни СММ» дар ҳаҷми 900 саҳифа соли 1960 интишор шуда, борҳо мавриди омӯзиш қарор мегирад. Соли 1951 дар Сиэтл фанҳои таълимиро дар соҳаи ташкилотҳои байналмилалӣ дарс медиҳад. Асари Г. Келзен «Назарияи умумии меъёрҳо» соли 1975 пас аз вафоташ нашр мешавад.

Г. Келзен соли 1952 ба нафақа баромада, асарашро бо номи «Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» нашр мекунад. Дар Женева, Нюпорт, Гаага, Вена, Копенгаген, Стокголм, Эдинбург, Чикаго бо лексияҳо баромад мекунад. Г. Келзен дорандаи 11 дараҷаи фахрии доктори илм (дар Гарвард, Чикаго, Берлин, Ню-Йорк, Париж ва ғайра) ва мукофотҳои зиёди илмӣ мебошад. Г. Келзен 19 апрели соли 1973 дар ш. Беркли (штати Калифорния) дар синни 92-солагӣ вафот намудааст.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Г. Келзен асарҳои зиёд дар кишварҳои гуногун эҷод шудаанд. Эҷодиёти илмии Г. Келзен дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад[23].

Назарияи назорати судии конститутсионии Г. Келзен ба ташаккул ва инкишофи модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ замина мегузорад. Модели мазкур дар давлатҳои Аврупо, дар бештари кишварҳои Осиё, Африка, як қатор давлатҳои Амрикои Лотинӣ паҳн мешавад. Тибқи

---

[23] Ниг.: Антонов М.В. Ганс Кельзен (1881-1973): основные вехи интеллектуального пути // Право. Журнал Высшей школы экономики. – 2013. – № 1. – С. 3-15; Комарова Э.С., Кельзен Г. и философия права // Проблемы буржуазной теории права философия права. – М.: ИНИОН АН СССР, 1984. – Вып. 3. – С. 104-128; Краевский А.А. Чистое учение о праве и аналитическая юриспруденция // Российский ежегодник теории права. – 2011. – № 3. – С. 790-811; Сабо И. Ганс Кельзен и марксистская теория права // Против современной правовой идеологии империализма / Под ред. В. А. Туманова. – М.: Иностранная литература, 1962. – С. 297-341.

иттилои Г. Арутюнян, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар 110 давлати ҷаҳон, модели амрикоӣ бошад, дар 48 кишвар истифода мешавад[24].

Тавре маълум аст, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ таъсиси мақомоти махсуси назорати конститутсиониро пешбинӣ мекунад. Дар бештари кишварҳо бо ин мақсад Суди конститутсионӣ таъсис дода мешавад. Модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар кишварҳои пасосотсиалистӣ, аз ҷумла давлатҳои аъзои ИДМ истифода мешавад. Зимни таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аврупоӣ истифода шудааст[25].

Ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон, модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар заминаи назарияи ҳуқуқи Г. Келзен ташаккулу инкишоф ёфтааст. Г. Келзен назарияи назорати конститутсионии қонунҳоро пешниҳод намуда, ба таҷрибаи таъсису инкишофи судҳои конститутсионӣ дар Аврупо ва кишварҳои дигари ҷаҳон замина мегузорад[26].

Дар Австрия дар давраи монархияи конститутсионӣ (солҳои 1867-1919) то таъсиси Суди конститутсионии Австрия (с. 1920) Суди империя ва Суди давлатӣ фаъолият доштанд. Суди давлатӣ, ки таъсиси он барои пешниҳоди айбдорӣ ба вазирон пешбинӣ шуда буд, ба фаъолият шурӯъ намекунад. Соли 1919 бо баробари гузариш ба сохти ҷумҳурӣ Суди конститутсионии олмониву австриягӣ таъсис дода мешавад. Суди конститутсионии ҳоло амалкунанда дар Австрия дар асоси Қонуни конститутсионии федералӣ аз 1-уми октябри соли 1920 таъсис дода мешавад. Суди конститутсионии Австрия ваколати назорати конститутсионии қонунҳоро иҷро мекунад. Салоҳияти мазкурро Суди конститутсионии Австрия бори аввал дар минтақаи Аврупо амалӣ намуда, ба таҷрибаи назорати судии конститутсионӣ замина мегузорад[27].

Суди конститутсионии Австрия бори нахуст салоҳияти назорати конститутсионии қонунҳои парламентро ба зимма мегирад. Суди конститутсионии Австрия бо баробари амалӣ намудани салоҳияти

---

[24] Ниг: Арутюнян Г. Особенности функционирования конституционных судов в условиях общественной трансформации // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. – Выпуск 1 (51) – 2011. Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. – С. 43.

[25] Оид ба хусусиятҳои назорати судии конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал ниг.: Сотиволдиев Р.Ш., Мирзоев С.Б. Судебный конституционный контроль в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2015. – 236 с.

[26] Ниг.: Клишас А.А. Конституционный контроль и конституционное правосудие зарубежных стран. Сравнительно-правовое исследование; Под ред. Профессора В.В. Еремяна. – М.: Международные отношения, 2007. – С. 128, 137, 140; .Медушевский А. Кельзеновская модель конституционного правосудия и изменение конституций в странах Восточной Европы // Конституционное правосудие в постсоветских странах: сборник докладов. – М.: Центр конституционных исследований МОНФ, 1999. – С. 18; Пулбере Д. Соблюдение прав человека и контроль конституционности законов на примере Республик Молдова // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. – Выпуск 1 (51) – 2011. – Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. – С. 59; Сравнительное конституционное право / Отв. ред. В.Е. Чиркин. – М.: Международные отношения, 2002. – С. 90 – 91.

[27] Ниг.: Конституционный суд Австрии / Пер. на русск. яз. А. Штёкль: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ:www.verfassungsgerichtshof.at (санаи муроҷиат 1.10.2022).

назорати конститутсионии қонунҳо ба ягона дар таърихи конститутсионӣ мақоми судӣ табдил ёфта, фаъолияти он аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

Г. Келзен яке аз муаллифони Конститутсияи Австрия соли 1920 маҳсуб мешавад. Ӯ дар Конститутсияи мазкур модели австриягии (аврупоии) назорати конститутсионии қонунгузориро тавассути таъсиси Суди конститутсионии Австрия ифода мекунад. Модели мазкур дар таҷрибаи давлатҳои зиёд истифода мешавад[28].

Зимни ифодаи конститутсионии модели назорати судии конститутсионӣ назарияи ҳуқуқи Г. Келзен бевосита истифода мешавад. Г. Келзен асосгузори назарияи нави ҳуқуқ бо номи «назарияи софи ҳуқуқ» мебошад. Мавсуф хусусияти назарияи пешниҳодкардаашро дар он мебинад, ки ҳуқуқ сарфи назар аз алоқамандӣ бо илмҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, этика, назарияи сиёсӣ таҳқиқ карда мешавад.

Назарияи Г. Келзен ҷузъи ҷудонашавандаи равияи дар ҷаҳон паҳншудаи ҳуқуқшиносии позитивӣ мебошад. Дар назарияи позитивӣ вобастагии мутлақи ҳуқуқ ва ахлоқ зери шубҳа гирифта мешавад, ҳуқуқ ба маънои факти воқеӣ (ҳаётӣ), сарфи назар аз дарки метафизикии он омӯхта мешавад, мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ба таҳқиқи позитивизми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Чунончи, А.А. Краевский чор аломати асосии позитивизми ҳуқуқиро муайян мекунад: 1) аз лиҳози илмӣ ҷудо намудани ҳуқуқ ва ахлоқ; 2) дарки ҳуқуқ ҳамчун факти иҷтимоӣ; 3) танқиди объективизми этикӣ (ахлоқӣ); 4) заминаи амалии (эмпирикии) ҳуқуқ ҳамчун заминаи методологӣ[29].

Ақидаи Г. Келзен роҷеъ ба ҳуқуқ ҳамчун факти иҷтимоӣ (ҳаётӣ, воқеӣ) боиси он мегардад, ки дар позитивизми ҳуқуқӣ имконияти дарки ҳуқуқи фитрии барҳақ рад карда мешавад. Ин ақида дар назарияҳои позитивӣ бо дарназардошти робитаи ҳуқуқи фитрӣ ва ахлоқ васеъ паҳн мешавад. Тавре маълум аст, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ба арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ такя доранд. Ба ақидаи мухолифони назарияҳои позитивӣ, ки консепсияи ҳуқуқи фитриро ба асос мегиранд, ҳуқуқҳои фитрӣ бо арзишҳои ахлоқӣ робитаи устувор доранд. Бесабаб нест, ки назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқиро назарияҳои ахлоқӣ ё этикӣ меноманд.

Баҳси мазкур оид ба таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ, ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ идома ёфтааст. Солҳои 2000-ум дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар байни намояндагони назарияи либертарии ҳуқуқ (В.С. Нерсесянс) ва мухолифони назарияи либертарӣ (О.В. Мартишин, Г.В. Малтсев ва диг.) мубоҳисаи илмӣ оид ба таносуби ҳуқуқ ва арзишҳои ахлоқӣ, моҳияти

[28] Ниг.: Краевский А.А. Ганс Кельзен и теория судебного контроля законодательства // Правоведение. – 2012. – № 2. – С. 186–189.
[29] Ниг.: Краевский А.А. Чистое учение о праве Ганза Кельзена и современный юридический позитивизм: автореф…канд. юрид. наук. – М.. 2014. – С. 11.

арзишҳои ҳуқуқӣ-ахлоқӣ, таносуби арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, имконияти ифодаи арзишҳои ахлоқӣ дар ҳуқуқ авҷ мегирад.

Дар заминаи ақидаи меъёрҳо, ки унсури марказии назарияи ҳуқуқи Г. Келзен мебошад, мафҳуми зерини ҳуқуқ пешниҳод мешавад: «ҳуқуқ тартиботи меъёрии фаъолияти инсон, яъне маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти инсон мебошад»[30]. Маҷмуи меъёрҳо, ки муқаррар карда мешаванд, ҳуқуқи позитивиро ташкил медиҳанд. Мафҳуми «ҳуқуқи позиивӣ» ба маънои «ҳуқуқи муқаарраргардида» дарк карда мешавад.

Ақидаи «ҳуқуқи муқарраргардида» тафовути назарияҳои позитивӣ ва фитрӣ-ҳуқуқиро муайян мекунад. Тибқи назарияҳои позитивӣ ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи субъектони ваколатдор муқаррар карда мешаванд. Дар назарияҳои позитивии легистӣ бошад, давлат ҳамчун субъекти ягона ва мутлақи муқарраркунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ин ақида истифода намешавад, чунки ҳуқуқҳои фитрии инсон ва талаботи дигари фитрӣ-ҳуқуқӣ (адолат, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва диг.) аз табиати биологӣ ва иҷтимоии инсон ҷудонопазир мебошанд. Бесабаб нест, ки тибқи м. 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз мекунад[31].

Айни замон дар назарияи Г. Келзен меъёрҳоро танҳо мақомоти қонунгузор муқаррар намекунанд. Ба андешаи мутафаккир, меъёрҳо дар заминаи одатҳо низ ташаккул меёбанд. Меъёр падидаест, ки бо ин ё он роҳ муқаррар карда мешавад. Меъёрҳо бо санадҳои қонунгузорӣ ва одатҳо муқаррар карда мешаванд, агар одат ҳамчун факти ҳуқуқӣ истифода гардад. Ба андешаи Г. Келзен, меъёрҳое, ки бо одатҳо муқаррар карда мешаванд ва меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ якҷоя «меъёрҳои муқаррааршуда, яъне меъёрҳои позитивӣ мебошанд»[32].

Ақидаи Г. Келзен оид ба меъёрҳои одатӣ бо дарназардошти тағйироти куллӣ дар Австрия, иваз гардидани шакли идоракунии давлатӣ, истифодаи одатҳои сиёсии қаблӣ зимни таҳаввулоти таърихӣ истифода мешавад.

Дар назарияи Г. Келзен нишонаҳои дигари меъёр низ пешбинӣ мешаванд. Чунончи, ба андешаи Г. Келзен меъёре, ки «татбиқ намегардад ва риоя карда намешавад, … меъёри ҳуқуқии воқеӣ нест»[33]. Татбиқи меъёрҳо ҳамчун нишонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ пазируфта мешавад, чунки тибқи назарияи Г. Келзен дар назарияи меъёрҳо, ки сохти мартаботӣ доранд, зинаи алоҳидаро меъёрҳои мақомоти маъмурӣ ва судӣ ишғол мекунанд.

Назарияи позитивии Г. Келзен бо ин хусусияташ аз назарияи шӯравии меъёрӣ фарқ дорад. Г. Келзен имконияти ҳуқуқэҷодкунии

---

[30] Ниг.: Ганс Кельзен. Чистое учение о праве. – 2-е изд. / перевод с немецкого М.В. Антонова и С.В. Лезова. – СПб.: «Алеф-Пресс», 2015. – С. 14.

[31] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 ворид гардидаанд. – Душанбе, 2017.

[32] Ниг.: Ганс Кельзен. – Ас. иш. – С. 19-20.

[33] Ганс Кельзен. – Ас. иш. – С. 21.

маъмурӣ ва судиро пешбинӣ мекунад. Чунин ақида дар назарияи шӯравии ҳуқуқ истифода намешавад.

Амали меъёрҳо дар фазо, макон ва нисбат ба доираи одамон, ҳамчунин, қувваи бозгашти меъёр аз ҷумлаи нишонаҳои дигари меъёр мебошанд[34]. Нишонаҳои зикршудаи меъёри ҳуқуқӣ дар робита бо ақидаи Г. Келзен оид ба тафовути меъёри ҳақиқӣ ва меъёри амалкунанда (воқеӣ) пешниҳод карда мешаванд. Ақидаи мазкур бо назарияи назорати судии конститутсионии Г. Келзен робита дорад, чунки объекти назорати судии конститутсиониро меъёрҳои амалкунанда ташкил медиҳанд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар назарияи Г. Келзен мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо мафҳуми меъёр ҳамчун натиҷаи фаъолияти қонунгузорӣ ва татбиқи одатҳо муайян карда мешавад. Назарияи мазкур бо ин хусусияташ аз назарияи меъёрии шӯравӣ, ки мафҳуми ҳуқуқро бо меъёрҳои муқаррарнамудани давлат муайян мекунад, фарқ дорад.

Ҳуқуқ ба маънои «тартибот» (тартиботи ҳуқуқӣ ё тартиботи меъёрӣ) дарк гардида, истилоҳи «тартибот» ба маънои «низоми меъёрҳо» (низоми меъёрҳои кафолатдиҳандаи тартиботи ҳуқуқӣ) истифода мешавад. Заминаи низоми ягонаи меъёрҳоро «меъёри асосӣ» ташкил медиҳад. Меъёри асосӣ ҳаққонияти ҳамаи меъёрҳоро муайян мекунад. Меъёри асосӣ бо усулҳои мантиқӣ муайян карда мешавад.

Якчанд аломатҳои «тартибот» ҳамчун шакли ифодаи ҳуқуқ муайян карда мешаванд. Яке аз аломатҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё меъёриро имконияти истифодаи қувваи маҷбурӣ ташкил медиҳад. Айни замон таъкид мегардад, ки салоҳияти истифодаи чораҳои маҷбурсозӣ ҳамчун кафолати тартиботи меъёрӣ ба «ҷомеаи ҳуқукӣ» тааллуқ дорад. Чораҳои маҷбурӣ танҳо дар доираи қонун татбиқ гардида, дар ин замина намудҳои гуногуни тартиботи меъёрӣ, ки бо чораҳои мухталиф таъмин мешаванд, аз ҷумла тартиботи меъёрӣ дар давлати демократӣ, дар давлати тоталитарӣ ҷудо карда мешаванд[35].

Тавре мушоҳида мешавад, Г. Келзен ақидаи тағйирёбанда будани мафҳуми ҳуқукро исбот мекунад. Тартиботи ҳуқуқӣ ҳамчун намуди тартиботи иҷтимоӣ ва шакли ҳуқуқ дар давлатҳои гуногун моҳияти мухталиф дорад, чунки бо роҳҳои гуногун, бо истифода аз чораҳои гуногун, аз он ҷумла чораҳои маҷбурсозӣ таъмин мегардад. Дар натиҷа мафҳуми ҳуқуқ низ гуногун буда, имконияти пешниҳоди мафҳуми ягонаи ҳуқуқ имконнопазир аст.

Ин ақидаи Г. Келзен бори дигар собит менамояд, ки имконияти пешниҳод ва истифодаи ҳамаҷонибаи мафҳуми ягонаи ҳуқуқ, ки барои ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ мутобиқат дошта, аз ҷониби ҳама якдилона пазируфта мешавад, имконнопазир аст. Ин ақидаро мутафаккирони дигар низ борҳо собит намудаанд. Ақидаи тағйирёбанда будани мафҳуми ҳуқукро файласуфи намоён И. Кант бо далелҳо исбот намуда, ба хулоса меояд, ки илми ҳуқуқ мушкилтарин соҳаи илм мебошад,

---

[34] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 23-25.
[35] Ниг.: Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 41-50.

чунки то ба ҳол олимон оид ба мафҳуми ягонаи ҳуқуқ ба хулосаи умумӣ наомадаанд.

Ба ин нигоҳ накарда, як қатор муҳаққиқон мекӯшанд, ки мафҳуми ягонаи ҳуқуқро пешниҳод намоянд ва камбудии назарияи ҳуқуқро дар набудани чунин мафҳуми умумӣ мебинанд. Аммо чунин кӯшишҳо ягон натиҷаи хуб намедиҳанд, чунки бо дарназардошти тағйирёбанда будани ҳуқуқ ҳамчун падидаи мураккаби ҳаёти ҷомеа пешниҳод намудани мафҳуми аз ҷониби ҳама пазируфташавандаи ҳуқуқ имконнопазир аст. Илова бар ин, мафҳуми пешниҳодшавандаро ҳама эътироф намекунанд.

Дар назарияи Г. Келзен ҳуқуқ дар робита бо озодии инсон, ҳамчун шакли ифодаи меъёри озодӣ дарк карда мешавад. Ба андешаи мавсуф, тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуқуқ) озодии инсонро кафолат медиҳад. Озодии инсон дар он ифода меёбад, ки ба инсон намудҳои муайяни фаъолият иҷозат дода шуда, одамони дигар уҳдадор карда мешаванд, ки озодии мазкурро маҳдуд накунанд, ба фаъолияти озоди инсон дахолат накунанд. Тартиботи ҳуқуқӣ озодии инсонро пурра маҳдуд карда наметавонад. Ба инсон ҳадди муайяни озодӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқии иҷозатдиҳанда ва манъкунанда кафолат дода мешавад. Ҳамзамон бо ин, «озодии ҷудонопазир» (ҷудонопазир аз инсон) ҷой дорад, ки бо меъёрҳои манъкунанда маҳдуд карда намешавад. «Озодии ҷудонопазир» бо ҳуқуқи ҷудонопазири фитрии инсон ягон робита надорад. «Озодии ҷудонопазир» соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсонро дар назар дорад, ки дар онҳо зарурат ба амали меъёрҳои манъкунандаи ҳуқуқ ҷой надорад, ё, тавре Г. Келзен қайд мекунад, дар ин соҳаҳо «имконияти танзими ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари техникӣ маҳдуд аст»[36]. Дахолати давлат ба ин соҳаҳо (фаъолияти динӣ, изҳори андеша) манъ ё маҳдуд карда мешавад.

Дар назарияи Г. Келзен ҳуқуқ ҳамчун падидаи воқеӣ таҳқиқ карда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, робитаи байни ҳуқуқ ва ахлоқ ба инобат гирифта мешавад. Ба андешаи Г. Келзен, ҳуқуқ ҷузъи ахлоқ буда, адолат ифодаи ахлоқии ҳуқуқ аст. Айни замон ҳуқуқ ва ахлоқ фарқ доранд, чунки онҳо намудҳои гуногуни тартиботи иҷтимоӣ, аз ҷумла тартиботи ҳуқуқӣ ва тартиботи ахлоқиро таъмин мекунанд. Ин ё он намуди фаъолияти инсон, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ манъ карда мешавад, аз лиҳози ахлоқ низ ҷоиз нест. Аммо на ҳамаи амалҳои манъшавандаи ахлоқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешаванд[37].

Тавре маълум аст, дар назарияҳои позитивӣ ҳуқуқ ва ахлоқ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар фалсафаи ҳуқуқ, баръакс арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ омехта карда мешаванд.

Маҳакҳои гуногуни тафовути ҳуқуқ ва ахлоқ дар ҳуқуқшиносии позитивӣ истифода мешаванд. Чунончи, Г. Келзен тафовути ҳуқуқ ва ахлоқ, ҳуқуқ ва адолатро дар он мебинад, ки ахлоқи мутлақ ё адолати мутлақ вуҷуд надорад, тартиботи ҳуқуқӣ (натиҷаи амали меъёрҳои ҳуқуқӣ) аз ахлоқ ё адолати мутлақ вобастагӣ надорад. Айни замон намудҳои

[36] Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 60.
[37] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 83-85.

гуногуни «низоми ахлоқӣ» ҷой дошта, тартиботи ҳуқуқӣ, ки натиҷаи амали ҳуқуқ аст, бо ин ё он «низоми ахлоқӣ» робита дорад. Дар ин замина хулоса пешкаш мешавад, ки ҳуқуқ бо арзишҳои нисбии ахлоқӣ робита дорад[38].

Ақидаи мазкури Г. Келзен маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ва ахлоқ бо ҳамдигар робита доранд, ҳуқуқ наметавонад мухолифи ахлоқ ва адолат, ё зиддиахлоқӣ бошад. Аммо вобастагии мутлақи ҳуқуқ ва ахлоқ имконнопазир аст, чунки арзишҳои ахлоқӣ ва мафҳумҳои адолат гуногун буда, дар як ҳолат ҳуқуқ бо арзишҳои ахлоқӣ мутобиқат дошта, дар ҳолати дигар арзишҳои муайяни ахлоқӣ дар ҳуқуқ инъикоси худро намеёбанд. Ҳамин тариқ. Г. Келзен робитаи мутлақи ҳуқуқ ва ахлоқро зери шубҳа мегирад.

Ин ақида дар бештари назарияҳои позитивӣ истифода мешавад. Айни замон дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ робитаи байни ҳуқуқ ва арзишҳои ҳуқуқӣ дар ҳамаи ҳолатҳо пазируфта мешавад. Ҳуқуқ тибқи назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолати инъикоси пурраи арзишҳои ахлоқӣ мазмуни адолатона дошта метавонад. Мутобиқати ҳуқуқ, аз он ҷумла қонун ба ахлоқ, адолат ва талаботи дигари фитрӣ-ҳуқуқӣ асосан дар давраи васеъ паҳн гаштани назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ истифода шуда буд.

Дар назарияҳои позитивӣ ин ақида пазируфта намешавад. Чунончи, ба андешаи Г. Келзен, зарурати ҷудо намудани ҳуқуқ ва ахлоқ, илми ҳуқуқшиносӣ ва илми этика маънои онро дорад, ки исботи ҳаққонияти ҳуқуқи позитивӣ тавассути «тартиботи ахлоқӣ» асоси воқеӣ надорад, чунки «тартиботи ахлоқӣ» аз «тартиботи ҳуқуқӣ» фарқ дорад, илми ҳуқуқшиносӣ бошад, «предмети худро аз лиҳози ахлоқӣ маҳкум ё ҳимоя накарда, онро меомӯзад»[39].

Г. Келзен робитаи илми ҳуқуқшиносиро бо арзишҳои иҷтимоӣ рад мекунад. Тавре ӯ менависад, меъёрҳои ҳуқуқӣ «арзишҳоро инъикос мекунанд», вале вазифаи илми ҳуқуқшиносиро «на баҳодиҳӣ, балки омӯзиши предмети худ сарфи назар аз арзишҳо ташкил медиҳад»[40]. Бар замми ин, Г. Келзен таъкид мекунад, ки олими ҳуқуқшинос «худро бо ягон арзиши ҳуқуқӣ, аз он ҷумла арзишҳои таҳлилшаванда вобаста намекунад»[41].

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир, ки ба истифодаи назарияҳои гуногуни ҳуқуқ (неопозитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ, омехта ва дигар) такя дорад, арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ объект ва предмети таҳлили илмии онро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ (адолат, баробарҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои инсон, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва диг.) дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Г. Келзен предмети омӯзиши илми ҳуқуқшиносиро дар робита бо меъёрҳо муайян мекунад. Тавре мавсуф менависад, «предмети илми ҳуқукшиносиро меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд»[42]. Ба предмети илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчунин фаъолияти инсон, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим

---

[38] Ниг.: Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 88-89.
[39] Ниг.: Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 90.
[40] Ҳамон ҷо. – С. 90.
[41] Ганс Кельзен. Ас. иш.
[42] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 93.

мешавад, муносибатҳои ҳуқуқии дар натиҷаи танзими меъёрӣ пайдошаванда дохил мешаванд. Дар ин замина «назарияи статикӣ ва динамикии ҳуқуқ» ҷудо карда мешаванд. Дар назарияи статикии ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар назарияи динамикӣ бошад, амали ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ омӯхта мешаванд. Низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ предмети назарияи статикӣ, ҷараёни эҷод ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ предмети назарияи динамикии ҳуқуқро ташкил медиҳанд[43].

Дар назарияи Г. Келзен илми ҳуқуқшиносӣ, ки ҳуқуқро ҳамчун низоми меъёрҳо (тартиботи меъёрӣ) меомӯзад, аз илмҳои табиатшиносӣ фарқ карда мешавад. Айни замон илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун илми меъёрӣ аз илмҳои дигари ҷомеашиносӣ ҷудо карда мешавад. Тафовути илми ҳуқуқшиносӣ ва илмҳои табиатшиносиро Г. Келзен дар он мебинад, ки ҳуқуқ аз табиат фарқ дорад. Барои ҳамин, илми ҳуқуқшиносӣ, ки предмети онро тартиботи меъёрӣ ташкил медиҳад, аз илмҳои табиатшиносӣ ҷудо карда мешавад. Айни замон робитаи илми ҳуқуқшиносӣ бо илмҳои ҷомеашиносӣ эътироф карда мешавад, чунки илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун намуди илми ҷомеашиносӣ инкишоф мeёбад. Тафовути илми ҳуқуқшиносӣ аз илмҳои дигари ҷомеашиносӣ бо он муайян карда мешавад, ки падидаҳои ҳаёти ҷомеа дар илмҳои дигари ҷомеашиносӣ бо истифода аз категорияи сабаб ва натиҷа таҳқиқ карда мешаванд. Имконияти истифодаи чунин усули таҳлили илмиро дар илми ҳуқуқшиносӣ Г. Келзен зери шубҳа қарор медиҳад[44].

Яке аз сабабҳои асосии пешниҳоди хулосаи мазкур дар он аст, ки дар назарияи ҳуқуқи Г. Келзен имконияти таҳқиқи моҳияти ҳуқуқ бо таҳлили позитивии меъёрҳои ҳуқуқӣ тавассути категорияи шакл ва мазмун иваз карда мешавад.

Консепсияи меъёри ҳуқуқ ва таснифи меъёрҳо, ки унсури марказии назарияи ҳуқуқи Г. Келзен мебошад, ба инкишофи позитивизми ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ақидаҳои Г. Келзен роҷеъ ба сохти мартаботии меъёрҳо, мавқеи меъёрҳои конститутсия дар низоми ҳамаи меъёрҳо, зарурати назорати конститутсиониии қонунҳо дар таъсиси аввалин Суди конститутсионӣ дар минтақаи Аврупо – Суди конститутсионии Австрия нақши ҳалкунанда бозиданд. Хулосаи мазкурро таҳлили назарияи ҳуқуқи Г. Келзен собит менамояд.

Чунончи, Г. Келзен ақидаи конститутсияи воқеӣ, амалкунандаро тарғиб мекунад. Тавре ӯ таъкид мекунад, конститутсия дар ҳолате эътибор дорад, ки агар меъёрҳои он «татбиқ ва риоя карда шаванд»[45].

Г. Келзен самаранокии конститутсияро бо татбиқ ва риояи меъёрҳои он алоқаманд мекунад. Дар замони Г. Келзен сохти давлатии Австрия, Олмон ва кишварҳои дигари Аврупо якчанд маротиба тағйир мeёбад. Чунончи, Австрия аз сохти подшоҳӣ (монархия) ба шакли идоракунии ҷумҳурӣ мегузарад. Дар шароити тағйири сохти давлатдорӣ табиист, ки конститутсия тағйир мeёбад, конститутсияи қаблӣ қатъ мегардад,

[43] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 93-94.
[44] Ниг.: Ганс Кельзен. Ас. иш. – С. 101-102.
[45] Ганс Кельзен. – Ас. иш. - С. 262.

конститутсияи нав қабул мешавад. Аз ин хотир, Г. Келзен ба масъалаи самаранокӣ ва эътибори конститутсия эътибори ҷиддӣ медиҳад. Тавре ӯ таъкид мекунад, қонунҳое, ки дар асоси конститутсияи қаблӣ қабул шуданд, эътибор надоранд[46]. Эътибори ҳуқуқии қонунҳоро ӯ бо конститутсияи амалкунанда алоқаманд намуда, ҳамзамон бо ин, нуфузи конститутсияро дар ташаккули қонунгузории нав эътироф мекунад.

Ба андешаи Г. Келзен, ҳуқуқ аз низоми меъёрҳое иборат аст, ки сохти мартаботӣ доранд. Тартиботи ҳуқуқӣ аз меъёрҳои дорои эътибори гуногун иборат аст. Конститутсия дар тартиботи ҳуқуқии давлатӣ «сатҳи аз ҳама баланд дорад»[47].

Г. Келзен хусусиятҳои зерини конститутсияро муайян мекунад: 1) сатҳи олии конститутсия; 2) меъёрҳои конститутсия заминаи қабули меъёрҳои қонунгузорӣ мебошанд; 3) меъёрҳои конститутсия бо тартиби махсус тағйир дода мешаванд ё қатъ мегарданд; 5) меъёрҳои конститутсия мазмуни ҳамаи қонунҳоро муайян мекунанд; 6) конститутсия ҳуқуқу озодиҳоро ифода намуда, зарурати қабули қонунҳоро тибқи онҳо пешбинӣ мекунад; 7) қонунҳое, ки хилофи мазмуни конститутсия, аз ҷумла хилофи ҳуқуқу озодиҳо мебошанд, зиддиконститутсионӣ буда, имконияти бекор намудани чунин қонунҳо ҷой дорад[48].

Дар низоми меъёрҳо, ки Г. Келзен пешниҳод намудааст, пас аз конститутсия зинаи дуюмро меъёрҳои умумӣ, ки бо қонунҳо ё тибқи одат муқаррар карда мешаванд, ишғол мекунанд. Зинаи сеюмро меъёрҳои мақомоти судӣ ва маъмурӣ ишғол мекунанд. Мақомоти судӣ ва маъмурӣ, агар конститутсия онҳоро ваколатдор намуда бошад, салоҳияти қабули меъёрҳоро дар ҳолатҳои мушаххас амалӣ мекунанд[49]. Г. Келзен таклиф пешниҳод мекунад, ки судҳои инстансияи болоӣ салоҳияти муқаррар намудани меъёрҳои амсоли судиро бояд дошта бошанд[50].

Тавре Г. Келзен қайд мекунад, бо мақсади муайян ва бекор намудани қонунҳои зиддиконститутсионӣ («contradictio in adjecto») мақомоти махсуси судӣ бояд таъсис дода шавад[51]. Мақомоти махсуси судӣ, ки салоҳияти санҷиши конститутсионии қонунҳоро амалӣ мекунад, дар низоми судӣ мавқеи аз ҳама баланд дорад[52].

Нуфузи конститутсияро Г. Келзен зимни таҳқиқи таносуби конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунад. Зимни таҳлили ин масъала Г. Келзен якчанд ақидаҳои муҳимро, ки дар ҳаёти мо аҳаммияти худро гум накардаанд, баён мекунад.

Чунончи, Г. Келзен менависад, ки меъёри асосӣ «асоси воқеӣ будани ҳам конститутсияи давлатӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад»[53]. Айни замон ӯ шарти асосии эътирофи ҳуқуқи байналмилалиро бо соҳибихтиёрии давлат алоқаманд мекунад. Ба андешаи мутафаккир,

[46] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 262.
[47] Ҳамон ҷо. – С. 278.
[48] Ниг.: Ганс Кельзен. – Ас. иш.– С. 278-281.
[49] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 181-182.
[50] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 310.
[51] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 334.
[52] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 336.
[53] Ҳамон ҷо. – С. 270.

меъёри асосӣ ба шарте заминаи пазируфтани ҳуқуқи байналмилалӣ шуда метавонад, ки агар ҳуқуқи байналмилалӣ ҷузъи тартиботи ҳуқуқии давлатӣ бошад, соҳибихтиёрии давлатро маҳдуд накунад. Агар ҳуқуқи байналмилалӣ тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатиро ба худ тобеъ намояд, пас меъёри асосӣ ҳамчун кафолати «тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ» ё соҳибихтиёрии давлат вазифаи худро иҷро карда наметавонад. Дар ин ҳолат эътибори конститутсия нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ паст мешавад[54].

Эътирофи расмии ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъмини соҳибихтиёрии давлат, ба андешаи Г. Келзен, аз нуфузи ҳуқуқи байналмилалӣ ё конститутсия ҳамчун ҷузъи тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ вобастагӣ дорад. Тавре мутафаккиир таъкид мекунад,  агар ҳуқуқи байналмилалӣ афзалият дошта, нуфузи тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатӣ (яъне ҳуқуқи дохилидавлатӣ) пасттар бошад, пас соҳибихтиёрии тартиботи ҳуқуқӣ дар дохили давлат таъмин намешавад[55].

Г. Келзен қайд мекунад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ барои давлат дар ҳолате эътибор дошта метавонад, ки агар давлат «дар асоси конститутсияи худ ин ҳуқуқро эътироф намуда бошад»[56]. Эътирофи расмии ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун шарти асосии татбиқи он дар дохили давлат меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз он ҷумла санадҳои муқарраркунандаи ин меъёрҳоро дар назар дорад.

Тавре мушоҳида мешавад, Г. Келзен нуфузи конститутсияро боло мебардорад. Ба андешаи ӯ, пазируфтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути конститутсия яке аз роҳҳои асосӣ ва қонунии татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар давлат маҳсуб мешавад.

Ба ақидаи Г. Келзен, меъёри асосӣ, ки бо конститутсияи давлат робита дорад, асоси ягонаи воқеӣ будани ҳуқуқ аст, ҳаққоният, воқеияти ҳуқуқро собит менамояд. Айни замон, меъёри асосӣ, ки бо конститутсия робита дорад, асоси эътироф ва амали ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар мекунад.

Г. Келзен таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва конститутсия ё тартиботи ҳуқуқии дохилидавлатиро дар робита бо мафҳуми «соҳибихтиёрӣ» муайян мекунад. Зимни таҳқиқи ин масъалаи дорои аҳаммияти сиёсӣ Г. Келзен ақидаи зеринро пешкаш мекунад: «Ҳуқуқи байналмилалӣ – қисми таркибии тартиботи ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр мебошад»[57].

Ин ақидаи Г. Келзен, ки дар ибтидои асри гузашта пешниҳод шудааст, дар ҳаёти муосир аҳаммияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дорад.

Тавре маълум аст, ибтидои солҳои 1990-ум, дар давраи пош хӯрдани ИҶШС (Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ), дар ҷараёни ташаккули давлатҳои мустақили соҳибистиқлоли пасошӯравӣ, дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, авҷ гирифтани тазоди сиёсӣ, бесарусомонӣ, низоъҳои дохилидавлатӣ дар

[54] Ниг.: Ганс Кельзен. – Ас. иш. – С. 270.
[55] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[56] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[57] Ганс Кельзен. – Ас. иш. – С. 270.

давлатҳои пасошӯравӣ, бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва идеологӣ назарияҳои гуногуни сиёсӣ ва идеологии хориҷӣ васеъ паҳн мешаванд. Ин назарияҳо, ки мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ, равонӣ, маънавӣ доштанд, ба таъмини соҳибихтиёрии давлатҳои пасошӯравӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Дар ҳамин давра назарияҳои гуногуни неолибералӣ бо мақсади паст намудани нақш ва нуфузи давлат дар кишварҳои пасошӯравӣ паҳн мешаванд, баҳс оид ба таносуби конститутсия ва ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи дохилидавлатӣ (миллӣ) ва ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва конститутсияи миллӣ авҷ гирифта, якчанд сол давом мекунад. Дар ҳамон солҳо андешаи хориҷии нуфузи ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи миллӣ, аз он ҷумла нисбат ба Конститутсияи миллӣ паҳн мешавад.

Дертар, бо баробари ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ, алалхусус, пас аз қабули конститутсияҳо дар Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Беларус ва давлатҳои дигари пасошӯравӣ ҷараёни таҳкими воқеии соҳибихтиёрии давлатҳои пасошӯравӣ бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ оғоз мегардад. Дар давраҳои минбаъда аҳаммият ва нақши ҳалкунандаи соҳибихтиёрӣ ҳамчун заминаи рушди миллӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ якдилона пазируфта мешавад.

Дар шароити васеъ паҳн гардидани ҷаҳонишавӣ (ҷаҳонишавии сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва диг.), афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ (таъсиррасонии иттилоотии идеологӣ ва равонӣ, фишори молиявӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва сиёсӣ, ворид гардидани фарҳанги бегона, терроризми байналхалқӣ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ ва диг.) зарурати ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ба сатҳи нав мебарояд.

Тавре дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 21-уми декабри соли 2021 таъкид гардид: «Мову шумо хуб дар ёд дорем, ки даҳ соли аввали истиқлолият барои мардуми Тоҷикистон марҳилаи озмоиши бисёр сахту сангини таърихӣ буд...

Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд»[58].

Ҳамчунин, дар Паёми мазкури Пешвои миллат таъкид мешавад: «Дар оғози солҳои навадуми асри гузашта – замоне, ки давлати соҳибистиқлоли мо аввалин қадамҳои худро мегузошт, Тоҷикистон бо фитнаву дасисаи нерӯҳои ифротгарои дохилӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо ба гирдоби мухолифати шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги моддиву маънавӣ гардид…

[58] Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат 4.10.2022).

Дар натиҷа, аз даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодии кишвар оғоз гардида, мо барои расидан ба ҳадафи олии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидем»[59].

Солҳои охир вусъати таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ бори дигар зарурати ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистонро собит менамоянд. Дар ин бора дар Паёми мазкури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нуктаи зерин таъкид мешавад: «Дар баробари ин, таъкид месозам, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд…

Ҳамватанони азизи мо хуб мушоҳида мекунанд, ки бо гузашти солҳо вазъи ҷаҳон мураккабу печида ва таҳдиду хатарҳои муосир боз ҳам ошкору шадид гардида истодаанд»[60].

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 бори дигар таъкид гардид, ки «солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад»[61].

Ҳамин тариқ, бо баробари тағйири шароити ҳаёти ҷомеа, вусъати ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ зарурати ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон, ба мисли давлатҳои дигари соҳибистиқлол, бештар дарку эҳсос мешавад. Дар ҳимоя ва таҳкими соҳибихтиёрии давлат Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, дар м. 10-и Конститутсия эътибори олии ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амали мустақими меъёрҳои он эълон мешавад. Мутобиқи қ. 3 м. 10 Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба шарте қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил дода метавонанд, ки агар онҳоро Тоҷикистон эътироф намуда бошад. Илова бар ин, муайян намудани мувофиқати шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти Суди конститутсиониро ташкил медиҳад (м. 89 Конститутсия)[62].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии миллӣ (дохилидавлатӣ) шакли ифодаи расмии иродаи озоди халқи Тоҷикистон буда,

---

[59] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат 4.10.2022).

[60] Ҳамон ҷо.

[61] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми декабри соли 2022: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 31.01.2023).

[62] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 ворид гардидаанд. – Душанбе, 2017.

самтҳои стратегии рушди миллиро муайян мекунад. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол шакли ифода ва ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон (манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар), аз ҷумла манфиатҳои миллӣ, ки бо арзишҳои фарҳанги миллӣ робита доранд, маҳсуб мешавад. Афзалияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати таъмин ва ҳимояи соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда собит менамояд, ки Г. Келзен яке аз олимони намоёни соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, асосгузори модели аврупоии назорати судии конститутсионӣ дар заминаи афзалияти меъёрҳои конститутсионӣ нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Ақидаҳои Г. Келзен роҷеъ ба зарурати таҳкими соҳибихтиёрии давлат, эътирофи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун шарти татбиқи он дар дохили давлат, афзалияти меъёрҳои Конститутсия ҳамчун кафолати соҳибихтиёрӣ дар ҳаёти имрӯза мубрам буда, аҳаммияташонро нигоҳ медоранд.

**Адабиёт:**


1. Антонов М.В. Ганс Кельзен (1881-1973): основные вехи интеллектуального пути // Право. Журнал Высшей школы экономики. – 2013. – № 1. – С. 3-15.
2. Арутюнян Г. Особенности функционирования конституционных судов в условиях общественной трансформации // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. – Выпуск 1 (51) – 2011. – Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. – С. 37-44.
3. Ганс Кельзен. Чистое учение о праве. – 2-е изд. / перевод с немецкого М.В. Антонова и С.В. Лезова. – СПб.: «Алеф-Пресс», 2015. – 542 с.
4. Кельзен Г. Общее учение о государстве. – Берлин: Изд. Шпрингера, 1925 // Революция права. – М.: Изд-во Ком. Акад., 1928. – № 2. – С. 149-152.
5. Кельзен Г. Судебная гарантия конституции (конституционная юстиция). Часть 1 // Право и политика. – М.: Nota Bene, 2006. – № 8. – С. 5-14.
6. Кельзен Г. Судебная гарантия Конституции. (Конституционная юстиция). Часть 2. (Окончание) // Право и политика. – М.: Nota Bene, 2006. – № 9. – С. 5-18.
7. Клишас А.А. Конституционный контроль и конституционное правосудие зарубежных стран. Сравнительно-правовое исследование; Под ред. профессора В.В. Еремяна. – М.: Международные отношения, 2007.
8. Комарова Э.С., Кельзен Г. и философия права // Проблемы буржуазной теории права философия права. – М.: ИНИОН АН СССР, 1984. – Вып. 3. – С. 104-128.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 ворид гардидаанд. – Душанбе, 2017.
10. Конституционный суд Австрии / Пер. на русск. яз. А. Штёкль: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ:www.verfassungsgerichtshof.at (санаи муроҷиат 1.10.2022).

11. Краевский А.А. Ганс Кельзен и теория судебного контроля законодательства // Правоведение. – 2012. – № 2. – С. 186–189.

12. Краевский А.А. Чистое учение о праве Ганза Кельзена и современный юридический позитивизм: автореф…канд. юрид. наук. – М.. 2014. – 30 с.

13. Краевский А.А. Чистое учение о праве и аналитическая юриспруденция // Российский ежегодник теории права. – 2011. – № 3. – С. 790-811.

14. Медушевский А. Кельзеновская модель конституционного правосудия и изменение конституций в странах Восточной Европы // Конституционное правосудие в постсоветских странах: сборник докладов. – М.: Центр конституционных исследований МОНФ, 1999. – С. 11-24.

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми декабри соли 2022: [манбаи электронӣ]: речаи дастрасӣ: http://president.tj/node/29823 (санаи мурочиат 31.01.2023).

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021: [манбаи электронӣ]: речаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/27417 (санаи мурочиат 4.10.2022).

17. Пулбере Д. Соблюдение прав человека и контроль конституционности законов на примере Республик Молдова // Конституционное правосудие. Вестник Конференции органов конституционного контроля стран молодой демократии. – Выпуск 1 (51) – 2011. – Ереван: Изд-во Центра конституционного права Республики Армения, 2011. – С. 47-61.

18. Сабо И. Ганс Кельзен и марксистская теория права // Против современной правовой идеологии империализма / Под ред. В. А. Туманова. – М.: Иностранная литература, 1962. – С. 297-341.

19. Сотиволдиев Р.Ш., Мирзоев С.Б. Судебный конституционный контроль в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2015. – 236 с.

20. Сравнительное конституционное право / Отв. ред. В.Е. Чиркин. – М.: Международные отношения, 2002.

21. Чистое учение о праве Ганса Кельзена. К XIII конгрессу Международной ассоциации правовой и социальной философии. – Токио, 1987: Сборник переводов. Вып. 1 / Отв. ред.: Кудрявцев В.Н., Разумович Н.Н.; Пер.: Лезов С.В., Пивоваров Ю.С. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1987. – 195 с.

22. Чистое учение о праве Ганса Кельзена. Сборник переводов. Вып. 2 / Отв. ред.: Кудрявцев В.Н., Разумович Н.Н.; Пер.: Лезов С.В. – М.: Изд-во ИНИОН РАН, 1988. – 213 с.

23. Чистое учение о праве и аналитическая юриспруденция. Перев. с англ. А.А. Краевского // Российский ежегодник теории права. – № 2. – 2009. СПб., 2011. – С. 432-453.

# АНЪАНАҲОИ ТАЪРИХИИ ИҶТИМОӢ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР ҲУҚУҚИ ШӮРАВӢ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор
**Тел.:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Файзова Моҳинав Раҷабовна,**
унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 988259333
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи анъанаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимон ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳлил намуда, мавҷудияти анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро доир ба инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ таҳқиқ кардаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ муаллифон ба хулосае омадаанд, ки анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ сарчашмаи худро аз низоми меъёрҳои нави сотсиалистӣ ва фарҳангу тамаддуни низомҳои ҳуқуқи таърихӣ ва меъёрҳои одатию анъанавӣ мегирад. Арзишҳои фарҳангию ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ ва мусулмонӣ дар инкишофи институти никоҳи ҳуқуқи шуравӣ заминаи бузург гузоштаанд.

**Калидвожаҳо:** Анъанаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, институти никоҳ, ҳуқуқи шуравӣ, ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ.

# ИСТОРИЧЕСКИЕ СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВЫЕ ТРАДИЦИИ В РАЗВИТИИ ИНСТИТУТА БРАКА В СОВЕТСКОМ ПРАВЕ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н., профессор
**Тел.:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Файзова Моҳинав Раҷабовна,**
сосикатель кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 988259333
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматривается вопрос о исторических социально-правовых традициях развития института брака в советском праве. Авторы, исследуя данный вопрос, проанализировали мнения ученых и положения нормативных правовых актов и определили наличие исторических социально-правовых традиций в развитии института брака в советском праве. В результате своего исследования авторы пришли к выводу, что историко-социальные и правовые традиции развития института брака в советском праве берут свое начало в культуре и цивилизации зороастрийской и мусульманской историко-правовых систем. Культурно-правовые ценности зороастрийской и мусульманской цивилизаций заложили большую основу в развитии института брака советского права.

**Ключевые слова:** Исторические традиции, социально-правовые, институт брака, зороастрийское право, мусульманское право, советское право.

## HISTORICAL SOCIO-LEGAL TRADITIONS IN THE DEVELOPMENT OF THE INSTITUTE OF MARRIAGE IN SOVIET LAW

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo,**
head of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University, doctor of Law, Professor,
**Phone.:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Faizova Mohinav Rajabovna,**
applicant of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone.:** (+992) 988259333
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Annotation:** The article deals with the issue of historical socio-legal traditions of the development of the institution of marriage in Soviet law. The authors, exploring this issue, analyzed the opinions of scientists and the

provisions of normative legal acts and determined the presence of historical social and legal traditions in the development of the institution of marriage in Soviet law. As a result of their research, the authors came to the conclusion that the historical, social and legal traditions of the development of the institution of marriage in Soviet law originate in the culture and civilization of the Zoroastrian and Muslim historical and legal systems. The cultural and legal values of the Zoroastrian and Muslim civilizations laid a great foundation for the development of the institution of marriage in Soviet law.

**Key words:** Historical traditions, socio-legal, the institution of marriage, Zoroastrian law, Muslim law, Soviet law.

Институти никоҳ яке аз институтҳои ҳуқуқӣ ва таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар фарҳангу тамаддунҳои башарӣ бо махсусиятҳои хос ташаккул ёфта, то ба имрӯз омада расидааст. Ҳарчанд дар ҳуқуқи шуравӣ институти оила ва никоҳ дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақоми расмӣ пайдо намуда бошад ҳам, вале ин падидаи ҳуқуқӣ аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ маншаъ мегирад. Дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ институти оила ҳанӯз аз давраи амали низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ инкишоф ёфта, ба тариқи меросият ба низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон гузариш намудааст.

Фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик дар замонаи амали ҳуқуқи зардуштӣ никоҳро ҳамчун институти ҳуқуқӣ муқаррар менамуд ва махсусиятҳои он дар сарчашмаҳои ҳуқуқию одатӣ ва динии ҳуқуқи зардуштӣ пешбинӣ шуда буданд. Оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи институти никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода[63], А.Ғ. Холиқзода[64], Э.Б. Буризода[65], А.М. Диноршоҳ[66], Ҷ. Саъдизода[67], Ш.Ш. Шосаидзода[68] ва дигарон андешаронӣ кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки бисёре аз арзишҳо ва анъанаҳои халқи тоҷик аз фарҳангу тамаддуни зардуштӣ то ба ҳуқуқи шуравӣ омада расидаанд. Дар ин хусус У.А. Азиззода дуруст қайд намудааст, ки бисёре аз меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи зардуштӣ таърихан ва мувофиқ ба талаботи меросият аз як низоми давлатдорию ҳуқуқӣ ба дигараш гузашта, қисме аз онҳо то кунун дар ҳаёти воқеӣ ва одату анъанаҳои ҳаррӯзаи тоҷикон амал менамоянд. Ҳатто пас аз паҳнгардии дини ислом дар қаламрави Осиёи Миёна ва Тоҷикистон бештари меъёрҳо

[63] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 22.

[64] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 322–358; Халиков А.Г. Древнее уголовное право таджиков (Зороастрийская эпоха): учеб.пособие. – Душанбе: Джамаил, 2004. – 104 с.

[65] Ниг.: Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т.1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 30.

[66] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис.… д-ра юрид. наук. – Москва, 2015. – 535 с.

[67] Ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқукбунёд дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

[68] Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 235 с.

ва муқаррароти зардуштӣ, ки ба принсипҳои шариат ва меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мухолифат намекарданд, амали худро дар ҷомеа нигоҳ доштанд ва то имрӯз як қатор аломатҳои он дар ҳаёту рӯзгори халқи тоҷик дида мешаванд, ки институти никоҳ низ аз ҷумлаи онҳост[69].

Бояд тазаккур дод, ки на танҳо арзишҳои низоми ҳуқуқи зардуштӣ, балки арзишу меъёрҳо ва институтҳои низоми ҳуқуқи мусулмонӣ низ ба тариқи меросият дар замони амали ҳуқуқи шуравӣ низ амал мекарданд ва то замони имрӯза омада расидаанд. Ба андешаи Э.Б. Буризода, дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ паҳншавии ҳуқуқи мусулмонӣ хеле суст сурат гирифта, он дар асри IX-XX ба анҷом расид. Маълумотҳои таърихӣ собит менамоянд, ки ин ҷараён дар баъзе аз минтақаҳо пас аз асри XX низ идома ёфтааст[70]. Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд, ки таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зич алоқаманд буданд ва таълимоту фарҳанги исломӣ то солҳои 20-уми асри XX устувор амал менамуданд ва мардум дар шароити амали меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зиндагӣ мекарданд[71]. Масалан, синни никоҳии нисбатан паст, ки меъёри ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳисоб меравад, ҳанӯз дар ҳуқуқи шуравӣ ба назар мерасид. Маврид ба зикр аст, ки паҳлуҳои мухталифи масъалаи институти никоҳро дар ҳуқуқи мусулмонӣ олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода[72], Ф.Т. Тоҳиров[73], А.Ғ. Холиқзода[74], Э.Б. Буризода[75], Ҷ. Саъдизода, А.М. Диноршоҳ[76] ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Низоми ҳуқуқи шуравӣ бо махсусиятҳои худ институти никоҳро, ки дар заминаи фарҳангу тамаддуни гузаштаи халқи тоҷик ташаккул ёфтааст, тавассути инъикос намудан дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти расмӣ бахшид. Аммо то ибтидои асри XX марду зан дар муносибатҳои оилавӣ ҳатто баробарҳуқуқ дониста намешуд. Танҳо мард соҳибихтиёри корҳои оилавӣ ба ҳисоб мерафт. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ афкори ҷомеа доир ба масъалаҳои оилавӣ тағйир ёфта, аз нигоҳи илми ҳуқуқ никоҳ ҳамчун шартномаи шаҳрвандони баробарҳуқуқ баррасӣ гардид. Аз санаи 12-уми декабри соли 1926 қарор «Дар бораи ҳуқуқҳои занҳои меҳнаткаши ҶМШС Тоҷикистон ва зарурати мубориза бар зидди ғуломии онҳо» қабул карда мешавад, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқи занон равона гардида буд.

---

[69] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21.

[70] Ниг.: Буриев И.Б. Действие мусульманского права на территории дореволюционного Таджикистана (VIII – начало XXвв.). – Душанбе, 1999. – С. 34.

[71] Ниг.: Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права (суннитское направление). – Душанбе, 1998. – С.3.

[72] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с.

[73] Ниг.: Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе, 1999. – 256 с.

[74] Ниг.: Холиқов, А.Ғ. Ҳуқуқи мусулмонӣ [Матн] / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе, 2010. – 476 с.

[75] Ниг.: Буриев И.Б. Действие мусульманского права на территории дореволюционного Таджикистана (VIII – начало XXвв.). – Душанбе, 1999. – С. 34.

[76] Ниг.: Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон / А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода, З.Б. Имомов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.

Яке аз арзишу анъанаҳои халқи тоҷик оид ба институти никоҳ, ки дар ҳама низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт, ин бастани ақди никоҳ ҳангоми расидани ба синни никоҳӣ мебошад. Ба шавҳар додани духтари хурдсол, ки ҳанӯз ба синни никоҳӣ нарасидааст амали зиддиҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин хусус, санаи 12-уми декабри соли 1926 дар Резолютсияи Маҷлиси I Анҷумани Умумитоҷикистонии Шӯроҳо «Вобаста ба маърузаи ҳисоботии Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон» масъалаи ба шавҳар додани духтарони хурдсол низ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, чунин муқаррар шуда буд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қатъ намудани қалин, ба шавҳар додани хурдсолон ва манъи бисёрникоҳӣ мустаҳкам карда шавад[77]. Ҳамзамон, санаи 12-уми декабри соли 1926 Анҷумани Умумитоҷикистонии Шӯроҳо «Дар бораи ҳуқуқи занони коргари ҶМШС Тоҷикистон ва мубориза ба ғуломсозии онҳо» қарор қабул карда мешавад, ки баҳри ҳифзи шаъну шараф, шахсияти занон равона гардида буд. Ҳамаи шахсон, аз он ҷумла, хешовандони наздике, ки занро барои ба шавҳар баромадан маҷбур мекарданд, барои онҳо ҷазо пешбинӣ шуда буд. Хоҳиши зану мард ҷиҳати ҷудо шудан аз якдигар барои бекор кардани ақди никоҳ, асоси кофӣ ба ҳисоб мерафт. Барои ба шавҳар додани духтарони то 16-сола низ ҷазо пешбинӣ шуда буд. Дар қарори мазкур қалин (маҳр) як навъ хариду фурӯши зан ҳисобида шуда, барои додан ва гирифтани он низ ҷазо муқаррар шуда буд[78]. Тавре аз муқаррароти санади мазкур бармеояд, дар он паҳлуҳои мухталифи институти никоҳ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, синни никоҳӣ аз 16 солагӣ, бекор кардани никоҳ дар асоси розигии ҳамдигарӣ, манъи бастани никоҳи духтарони то 16 сола, манъи қалин (маҳр) ҳангоми бастани никоҳ.

Тибқи сарчашмаҳо дар ҳуқуқи шуравӣ синни никоҳӣ барои занон каме барвақттар, аз 16-солагӣ пешбинӣ гардида буд, ки ин аз таъсири меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқи мусулмонӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи шуравӣ як қатор масъалаҳо, ба монанди хариду фурӯши занон, ғуломии зан дар оила, ба шавҳар додани духтарони хурдсол ва ғайра мавриди танқиди шадид қарор гирифта буд[79]. Ин далели он аст, ки ҳуқуқи шуравӣ ба институти никоҳ ва дигар масъалаҳои оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқи шуравӣ як қатор муқарраротҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба масъалаи институти никоҳ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, баробарҳуқуқии занону мардон; озодона бастани ақди никоҳ; даромадан ба муносибатҳои шартномавӣ; ҷавобгарии қатъии падару модар ва шахсоне, ки занро барои бастани ақди никоҳ маҷбур месозанд; манъи бисёрзанӣ

[77] Ниг.: Одинаев Б.А., Бобохонов Ф.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда / Б.А. Одинаев, Ф.А. Бобохонов // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). – Ч.2. – С. 23.

[78] Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 99.

[79] Ниг.: Одинаев Б.А., Бобохонов Ф.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда / Б.А. Одинаев, Ф.А. Бобохонов // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). – Ч. 2. – С. 23.

(бисёрникоҳӣ); ҳуқуқи бо хоҳиши худ бекор кардани ақди никоҳ; таъмини модару кӯдак аз ҷониби падар (пардохти алимент), ҳуқуқ ба мерос ва ғ.[80]

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шӯравӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ сарчашмаи худро аз фарҳангу тамаддуни низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ мегирад. Арзишҳои фарҳангию ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ ва мусулмонӣ дар инкишофи институти никоҳи ҳуқуқи шуравӣ заминаи бузург гузоштаанд.

2. Дар ҳуқуқи шуравӣ паҳн гардидани анъанаи иҷтимоию ҳуқуқии гузаштаи халқи тоҷик ба таври мухолиф сурат гирифтааст. Масалан, синни никоҳии нисбатан паст, ризоияти никоҳшавандагон, манъи никоҳи шахси ба синни никоҳӣ нарасида ва дигар масъалаҳои монанд дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ ба ҳамдигар ҳамшабеҳ мебошанд. Вале масъалаҳои синни дақиқи никоҳӣ, манъи бисёрникоҳӣ, додани маҳр ва монанди инҳо дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зикршуда ба таври мухталиф пешбинӣ шудаанд. Чунин ҳолат гувоҳӣ он аст, институти оила аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва баъдан ба низоми ҳуқуқи шуравӣ ба тариқи меросият гузариш намуда, дар ин раванд марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, баъзе арзишҳо ва меъёрҳои навро ба худ касб намудааст.

**Адабиёт:**

1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 414 с.

3. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21-37.

4. Буриев И.Б. Действие мусульманского права на территории дореволюционного Таджикистана (VIII – начало XXвв.). – Душанбе, 1999. – 199 с.

5. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т.1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

[80] Одинаев Б.А., Бобохонов Ф.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда / Б.А. Одинаев, Ф.А. Бобохонов // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). – Ч.2. – С. 23.

6. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис.… д-ра юрид. наук. – Москва, 2015. – 535 с.

7. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон [Матн] / А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода, З.Б. Имомов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.

8. Одинаев Б.А., Бобохонов Ф.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда [Текст] / Б.А. Одинаев, Ф.А. Бобохонов // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). – Ч.2. – С. 21-25.

9. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

10. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе, 1999. – 256 с.

11. Халиков А.Г. Древнее уголовное право таджиков (Зороастрийская эпоха): учеб.пособие. – Душанбе: Джамаил, 2004. – 104 с.

12. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 322–358.

13. Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права (суннитское направление). – Душанбе, 1998. – 215 с.

14. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи мусулмонӣ [Матн] / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе, 2010. – 476 с.

15. Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 235 с.

# МУАССИСАҲОИ КВАЗӢ-СУДӢ ВА ҲОКИМИЯТИ СУДИИ ТОҶИКИСТОН

**Шодиён Исматулллo Раҳматуллозод,**
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел:** (+992) 888-88-83-12
**E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru

**Мушовири илмӣ:** Шарофзода Р.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Муассисаҳои квазӣ-судӣ дар Тоҷикистон таърихи тулонии инкишоф доранд. Накши фаъолияти чунин муасисаҳо дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои граждании шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Баҳсҳои гражданиро дар муҳлати кутоҳтарин ва ба тариқи фаврӣ баррасӣ менамояд, ки ин падида барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар замони муосир бениҳоят манфиатбахш аст. Гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҳаёти иҷтимоии кишвари азизамон тағйиротҳои куллиро ба вуҷуд овард. Барои танзими муваффақонаи ин муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти ҳуқуқии фарогири ҳамаи самтҳои ҳаётӣ гузаронида мешавад. Ба монанди, танзими муносибатҳое, ки иштирокчиёнашон шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқии давлатҳои гуногун мебошанд. Шакл ва тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи иштирокчиёни ин муносибатҳо дар фароҳам овардани шароит ва фазои мусоиди иқтисоди бозорӣ ва сармоягузорӣ аҳаммияти хоса дорад. Аз натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки мавҷудияти судҳои алтернативӣ сарбории ҳокимияти судиро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо сабук менамояд.

Инчунин дар ҷараёни таҳлили мавзуи мазкур муайян гардид, ки номгузорӣ ва салоҳияти муассисаҳои квазӣ-судӣ дар давраҳои муайяну мушаххаси таърихи давлатдории тоҷикон гуногун буданд. Дар замони муосир бошад, суди ҳакамӣ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ номгузорӣ гардида, барои баррасии баҳсҳои аз муносибатҳои гражданӣ ва иқтисодии дохилии бо унсури хориҷӣ бармеоянд, салоҳиятнок шудаанд. Дар Тоҷикистони шӯравӣ бошад, бо номи судҳои истеҳсолии рафиқона ва ғ. фаъолият намуда, дар баробари дигар баҳсҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои сабук ва ҷиноятҳои дуздии ҳаҷми зарари хурдро баррасӣ менамуданд. Дар давраи мазкур бо мақсади халалдор нагаштани ҷараёни муътадили истеҳсолот дар назди корхонаҳои истеҳсолӣ судҳои алтернативӣ таъсис дода шудаанд. Баҳсҳои иқтисодӣ аз ҷониби арбитражи

давлатӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд, ки ба низоми судии Тоҷикистони шӯравӣ дохил намешуданд.

**Калидвожаҳо:** Муассисаҳои квазӣ-судӣ судҳои махсус, судҳои ҷамоатӣ, арбитражи давлатӣ, судҳои ҷамъиятӣ, судҳои рафиқонаи истеҳсолӣ, суди ҳакамӣ, судҳои алтернативӣ, арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ, баҳсҳои иқтисодӣ, унсури хориҷӣ, баҳсҳои гражданӣ.

## КВАЗИ-СУДЕБНЫЕ УЧЕРЕЖДЕНИИ И СУДЕБНАЯ ВЛАСТЬ ТАДЖИКИСТАНА

**Шодиён Исматулло Рахматуллозод,**
доцент кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета Таджикского национального Университета, к.ю.н,
**Тел:** (+992) 888-88-83-12
**E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru

**Научный консультант:** Шарофзода Р.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Квази-судебные учреждения в Таджикистане имеют долгое историческое развитие. Роль деятельности подобных учреждений в защите прав человека и гражданина, в том числе гражданских прав наших и иностранных граждан считается важным.

Гражданские споры рассматриваются в кратчайшие сроки к оперативно и данное является очень плодотворным для развития бизнеса и экономики с иностранными элементами в современном мире. При переходе к экономическом рыночными отношениям создалось радикальные изменения в социальной сфере нашей Родины. С целью его успешного регулирования новые общественные отношения в Республике Таджикистан проводились правовые реформы охватывающие вся жизненные сферы. Следовательно, регулирование отношений участников (сторон) физических государств.

В результате исследования стало ясным, что существования альтернативных судов снимает нагрузку судебной власти в защите прав и свобод человека и гражданина.

**Ключевые слова:** Специальные суды, джамагатские (коллективные) суды, государственный арбитраж, товарищеские производственные суды, третейский суд, альтернативные суды, международный коммерческий арбитраж, экономические споры, иностранный элемент, гражданские споры

# QUASI-JUDICIAL INSTITUTIONS AND THE JUDICIARY IN TAJIKISTAN

**Shodiyon Ismattullo Rahmatullozod,**
docent of the department of theory and history of state and law, law faculty, Tajik National University, c.j.s.
**Phone:** (+992) 888888312
**E-mail:** shodiyon-ismatullo@maill.ru.

**Scientific supervisor:** Sharofzoda R.Sh., doctor of law, professor
**Reviser:** Azizzoda U.A., doctor of law, professor

**Annotation:** Alternative courts in Tajikistan has a long history of development. The role and activity of such establishments in protection off the rights of human and citizen including civil rights of republican and foreign citizens is considered to be very important. Civil disputes are considered juicily that this phenomenon very useful at present for development of entrepreneurship and economic activities with foreign elements. Transforming into market relations bring many changes in social life of our motherland. For successful regulation new social (public) relations in the Republic of Tajikistan there are some legal reforms in all directions. Regulation of relations of participants (parties) of physical persons, legal entity of different states. As a result of research it was defined that existence of alternative courts assist in to judicial power in protection off the rights and freedoms of human and citizen and other parties (participants) of legal relations during considering disputes and wrongs/ In the process of analysis of the given theme we found out that alternative courts had different names and powers in the concrete stages of development of Tajik history of statehood. At present they are called international trade arbitration and jury in soviet Tajikistan there were productive comrades courts.

**Key words:** Special courts, collective courts, state arbitration, friendly industrial courts, arbitration court, alternative courts, international commercial arbitration, economic disputes, foreign element, civil disputes

Дар давлати ҳуқуқбунёд имкониятҳои суд дар муқоиса бо дигар мақомоти давлатӣ ба дараҷае васеъ мешаванд, ки онҳо метавонанд қарорҳои мақомоти иҷроия ва қонунбарорро бекор кунанд. Ин ва дигар салоҳиятҳои суд нишон медиҳанд, ки фаъолияти суд аз доираи қонунҳои муқарраршудаи мурофиавӣ берун аст. Бо тавсеаи салоҳият ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти суд, яъне мавҷудияти он дар шакли як шахси ҳуқуқии ҷамъиятии мустақил, нақш ва аҳаммияти суд дар ҷомеа меафзояд ва дидгоҳ ба мафҳуми "суд" тағйир меёбад. Дар давраи шӯравӣ суд ба ҳайси як мақом ё системаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дар давраи пасошӯравӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокимият, ки дар ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони оддӣ иштирок мекунад, фаҳмида мешавад. Дар баробари низоми ягонаи судҳои миллӣ ва судҳои махсус, ки

ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшударо ба уҳда доранд, муассисаҳои алтернативӣ низ дар ин самт дар давлатҳои мутамаддин фаъолият доранд. Фаъолияти ин муассисаҳо аз асрҳои IX-X дар сарзамини таърихии тоҷикон маълум буданд[81]. Дар Тоҷикистони шӯравӣ низ дар шакли алтернативӣ судҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта буданд. Низомнома дар бораи судҳои рафиқона, ки солҳои 1931[82] ва 1977[83] қабул шудаанд, шаҳодат аз он медиҳад, ки салоҳияти онҳо хеле васеъ карда шудааст. Акнун онҳо илова бар парвандаҳои вайрон кардани интизоми меҳнат ва ҳолатҳои рафтори қабеҳ ва бадрафторӣ, дуздии майда дар корхонаҳо ва муассисаҳо, таҳқир, тӯҳмат, латукӯб, авбошӣ, бадрафторӣ дар хонавода, баҳси моликият ба маблағи кам ва монанди онро метавонистанд баррасӣ кунанд.

Инкишофи минбаъдаи судҳои рафиқона дар он ифода ёфт, ки онҳо аллакай ҳамчун мақомоти ташаббускори ҷамъиятӣ таъсис ёфта, мустақилона дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ бар зидди шумораи зиёди ҳуқуқвайронкуниҳои сабук мубориза мебурданд[84].

Ҳанӯз дар соли 1930 дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои кооперативӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ судҳои рафиқона таъсис дода шуданд.

Дар Фармони Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шӯрои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1931 гуфта шуда буд, ки бо мақсади ба таври ҳадди аксар ҷалб намудани оммаи васеи коргарон ва хидматчиён ба мубориза бар зидди халалдор сохтани интизоми меҳнат, бар номуташаккилии истеҳсолот дар корхонаҳо ва муассисаҳо, инчунин унсурҳои ҳаёти кӯҳна, ки интизоми меҳнатиро вайрон мекунанд (мастӣ ва ғ.), дар корхонаҳои истеҳсолӣ, дар муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва корхонаҳое, ки шумораи коргаронашон ҳадди ақалл 100 нафар аст, судхои истеҳсолии рафиқона ташкил гардиданд[85].

Дар назди судҳои истеҳсолии рафиқона вазифаҳои зерин меистод;

а) мубориза барои нигоҳ доштани интизоми устувори истеҳсолӣ ва аз ҷониби корхонаҳо ва муассисаҳо татбиқ шудани нақшаҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ тавассути татбиқи чораҳои пешгирикунанда ва интизомӣ нисбат ба ашхосе, ки интизоми меҳнат, қоидаҳои дохилиро вайрон мекунанд, инчунин нисбати шахсоне, ки нисбати моликияти корхонаҳо ё муассисаҳо бепарвоанд; б) мубориза бар зидди унсурҳои тарзи ҳаёти кӯҳна дар байни

[81] Ниг.: Сафаров И. Правовая система государства Саманидов (IX-X вв.). – Душанбе. 1999. – С. 168.
[82] Ниг.: Систематическое собрание действующих законов Таджикской Советской Социалистической Республики. – Сталинабад, 1932. – С. 794-803.
[83] Ниг.: Положение о товарищеских судах и Положение об общественных советах по работе товарищеских судов. – Душанбе, 1983.
[84] Кузнецова Н.Ф. Общественные организации, осуществляющие борьбу с правонарушениями // Организация суда и прокуратуры в СССР. – М., 1967. – С .230.
[85] Коммунист Таджикистана. 1932. 2 янв. № 292, Постановление ЦИК и СНК Таджикской ССР от 15/XII-1931 г. №87. Бо ин санаде, ки дар асоси Қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 1930 амал мекард, судҳои рафиқона ба судҳои истеҳсолии рафиқона ивази ном намудаанд.

коргарон ва хидматчиён, ки интизоми меҳнатро дар истеҳсолот вайрон мекунанд (мастӣ, бадахлоқӣ, таҳқир, авбошӣ)[86].

Судҳои истеҳсолии рафиқона бо ягон қоидаҳои расмии мурофиа вобастагӣ надоштанд. Аммо, ин онҳоро аз иҷрои тамоми чораҳо барои аниқтар ва ҳамаҷониба равшан кардани парванда озод намекард. Масалан, ҳамаи маводҳо аз ҷониби суди истеҳсолии рафиқона дар ҷаласаи кушод дар ҳайати раис ё муовини ӯ ва ду узви суд баррасӣ мешуданд. Суд вазифадор буд, ки шикояткунанда, судшаванда ё ҷинояткорро ба ҷаласаи худ даъват кунад, назари онҳоро бишнавад; дар ҳолати зарурӣ, шоҳидони парвандаро бозпурсӣ кунад ва дар ҷои ҳодиса санҷиш гузаронад. Агар тарафҳо ҳозир нашаванд, парванда метавонад барои даъвати дуюм ба таъхир гузошта шавад ё дар сурати набудани онҳо баррасӣ ё қатъ карда шавад.

Дар робита бо шахсоне, ки бадрафторӣ содир кардаанд, судҳои истеҳсолии рафиқона метавонистанд чораҳои зерини таъсиррасониро истифода баранд: огоҳӣ, танбеҳи оммавӣ бо нашр ё бидуни он дар рӯзномаи деворӣ ё матбуоти умумӣ, ҷарима на зиёдтар аз 10 рубл ба фоидаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, гузоштани уҳдадории ҷуброни зарари молумулкии расонидашуда (агар он аз 50 рубл зиёд набошад), дар назди маъмурият гузоштани масъалаи аз кор озод кардан, пешниҳоди дахлдор ба иттифоқи касаба дар робита ба хориҷ кардан аз иттифоқи касаба барои як давраи муайян.

Дар шароити муосир ба монанди дигар давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ суди ҳакамӣ ва арбитражи тиҷоратии байналмилалӣ ҳамчун мақомоти алтернативӣ оид ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ нафақат эҳё шуда истодааст, балки барои фаъолияти онҳо дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ заминаҳои ҳуқуқии лозима бавуҷуд омадааст. Яке аз чунин заминаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 27 декабри соли 1993 буд, ки ҳуқуқҳои субъектони муносибатҳои иқтисоди хориҷиро ба пуррагӣ дигар намуд. Тибқи санади меъёрии мазкур фаъолияти субъектони иқтисоди хориҷӣ такмил ёфтаанд, ки барои барқарор ва инкишофи ҳамкории мутақобилаи муфид бо субъектони давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ равона гардида буд. Ба фаъолияти субъектони иқтисоди хориҷӣ ҳуқуқи мустақилона муайян намудани шакл ва самти иштирок дар равобити иқтисоди хориҷӣ, мустақилона соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани натиҷаи ин фаъолият, инчунин иҷрои дигар амалҳои ба қонунгузории дохилӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, имконият фароҳам гардид. Заминаи дигари ҳуқуқӣ барои ташаккули судҳои ҳакамӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5 январи соли 2008 қабул шуда, мебошад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ

---

[86] Дар ин саҳифа ва саҳифаҳои оянда меъёрҳои асосии «Низомнома дар бораи судҳои истеҳсолии рафиқона» оварда шудаанд. – Душанбе, 1931.

тафовути мафҳуми суди ҳакамӣ ва судҳои давлатӣ пешбини шудааст. Агар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи моддаи 84 Конститутсия Суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳияҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии минтақаҳо ва шаҳри Душанбе[87] ташкил диҳанд ва салоҳияти судҳои иқтисодӣ баррасии баҳсҳое, ки дар ҷараёни амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омада, мебошад. Бинобар ин, қонунгузории умҳурии мо ду намуди судҳои ҳакамиро аз рӯи самти салоҳият фарқ мекунад: суди ҳакамӣ барои баррасии баҳсҳои аз муносибатҳои граждани ва иқтисодии дохили кишвар бармеоянд ва арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ, ки барои баррасии баҳсҳо бо унсури хориҷӣ махсус гардонида шудааст. Лекин «ҳар дуи ин намуди судҳо – суди ҳакамӣ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ қайд менамояд Ш. Менглиев, ки моҳияти ягонаро ифода мекунанд, яъне мақомоти алтернативии аз ҷониби тарафҳо интихоб шуда, барои баррасии баҳсҳои гражданӣ мебошад»[88].

Баъзе муаллифон ҳангоми асоснок кардани мафҳуми низоми судӣ аз шакли ташкилии он далел меоваранд. Ҳамин тавр, он ҳамчун "маҷмуи судҳое баррасӣ карда мешавад, ки дар қаламрави як давлати мушаххас амал мекунанд, мақомоти идоракунии низоми судӣ ва муассисаҳои квазӣ-судӣ, ки дар натиҷаи ҳамкории унсурҳои алоҳидаи низом бо ҳамдигар ва дигар низомҳо ё унсурҳои алоҳидаи онҳо, инчунин дар ҳамкорӣ бо мақомоти идоракунии низоми судӣ пайдо шудаанд"[89] ё ҳамчун "маҷмуи муассисаҳои судии байниҳамдигарии ҳама намудҳои адолати судӣ вуҷуд доранд"[90].

Тавре ки мебинед, он муассисаҳои судие, ки адолати судиро амалӣ мекунанд, ба низоми судӣ ворид карда мешаванд ва албатта, бо ин таъриф розӣ шудан мумкин аст. Э.Б. Абросимов, ба мундариҷаи консепсияи низоми давлатии судӣ (иерархия) мақомоти идоракунии низоми судӣ ва муассисаҳои квазӣ-судиро дохил мекунад. Ин таъриф ба назари мо баҳсбарангез менамояд.

Якум, мақомоти роҳбарикунандаи низоми судӣ ва муассисаҳои квазӣ-судӣ, ки ҳоло дар шакли судҳои ҳакамӣ фаъолият мекунанд, ба низоми судии Россия[91] ва низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон[92] дохил

---

87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 55.

88 Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Душанбе, 2009. – С. 8.

89 Абросимова Е.Б. Судебная власть в Российской Федерации: система и принципы. – М., 2002. – С. 19.

90 Безнасюк А.С, Рустамов Х.У. Судебная власть. – М., 2002, – С. 106.

91 Суханов Е.А. Третейские суды в системе Торгово-промышленных палат: состояние дел и перспективы развития // Хозяйство и право. 2003. №1. – С. 73-74; Третейское судопроизводство: состояние и перспективы развития / Правовая политика: федеральные и региональные проблемы / Материалы научной конференции / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов-Тольятти, 2001. С. 23; Проблемы в деятельности третейских судов и пути их преодоления // Третейский суд. 2000. № 3. – С. 45; Третейские суды (от Законов XII таблиц до наших дней) / Юридические аспекты конфликтологии / Сборник статей / Под ред. И.В. Петровой. – Ставрополь, 2000; – С.34; Отличия российского третейского суда от государственного (исторический аспект) / Развитие альтернативных форм разрешения правовых конфликтов / Сборник научных статей / Под ред. М.В. Немытиной. – Саратов, 2000. Ч. 2. – С. 54;

намешаванд; дар қонунгузорӣ дар бораи суд, чунин ҳолатро бо он далел шарҳ медиҳанд, ки онҳо судҳои давлатӣ нестанд.

Сониян, таркиби низоми судӣ дар қонунгузории ҳар як давлат сабт шудааст ва ин бебаҳс аст.

**Адабиёт:**


1. Абросимова Е.Б. Судебная власть в Российской Федерации: система и принципы. – М., 2002. – 240 с.
2. Андреева Т.К. Альтернативное рассмотрение споров — компонент судебной реформы // Третейский суд. 2009. № 4 (64). – С. 24-30.
3. Безнасюк А.С, Рустамов Х.У. Судебная власть. – М., 2002, – 250 с.
4. (В соавторстве с Зайцевым И.М.); Становление и развитие третейского суда в России // Вестник СГАП. 2000. № 1. – С. 56.
5. Исследование проблем третейских судов и третейского судопроизводства: Мнение экспертов. Отзыв на учебно-практическое пособие «Третейский суд в аграрной сфере: процесс создания и механизм работы» под ред. Л.С. Матросова // Ростов-на-Дону, 1999. № 2. – С. 43-46.
6. Кузнецова Н.Ф. Общественные организации, осуществляющие борьбу с правонарушениями // Организация суда и прокуратуры в СССР. – М., 1967. – С. 230.
7. Коммунист Таджикистана. 1932. 2 янв. № 292, Постановление ЦИК и СНК Таджикской ССР от 15/XII-1931 г. №87.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003. – С.55.
9. Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Душанбе, 2009. – 409 с.
10. Низомнома дар бораи судҳои истеҳсолии рафиқона» оварда шудаанд. –Душанбе, 1931. –10 с.
11. Негосударственные процедуры урегулирования споров: Учебно-методическое пособие / А.И. Зайцев, В.М. Мелихов, О.А. Коробов и др. Волгоград: Волгоградское научное издательство, 2005. – С. 315.
12. Отличия российского третейского суда от государственного (исторический аспект) / Развитие альтернативных форм разрешения правовых конфликтов / Сборник научных статей / Под ред. М.В. Немытиной. Саратов, 2000. Ч. 2. – С. 54-63.


---

Исследование проблем третейских судов и третейского судопроизводства: Мнение экспертов. Отзыв на учебно-практическое пособие «Третейский суд в аграрной сфере: процесс создания и механизм работы» под ред. Л.С. Матросова // Ростов-на-Дону, 1999. № 2. – С. 43; (В соавторстве с Зайцевым И.М.); Становление и развитие третейского суда в России // Вестник СГАП. 2000. № 1. – С. 56; Проблемы в создании третейских судов (по результатам обобщения). Осуществляют ли третейские суды правосудие в своей юрисдикционной деятельности? / Актуальные проблемы российского права / Материалы общероссийской научно-практической конференции (16 ноября 2006 г. Краснодар). Выпуск 1. – Краснодар, 2006. – С. 20; Негосударственные процедуры урегулирования споров: Учебно-методическое пособие / А.И. Зайцев, В.М. Мелихов, О.А. Коробов и др. Волгоград: Волгоградское научное издательство, 2005. – С. 315; Понятие третейского суда / Право и суд в современном мире. Вып. 3. – Казань, 2005. – С.24. Андреев Т.К. Альтернативное рассмотрение споров — компонент судебной реформы //Третейский суд. 2009. № 4 (64). – С. 24-30.

[92] Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. Душанбе, 2009. С. 10; Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан. – М., 2009. – С. 16.

13. Проблемы в деятельности третейских судов и пути их преодоления // Третейский суд. 2000. – № 3. – С. 45-53.

14. Положение о товарищеских судах и Положение об общественных советах по работе товарищеских судов. – Душанбе, 1983. – 12 с.

15. Проблемы в создании третейских судов (по результатам обобщения). Осуществляют ли третейские суды правосудие в своей юрисдикционной деятельности? / Актуальные проблемы российского права / Материалы общероссийской научно-практической конференции (16 ноября 2006 г. Краснодар). Выпуск 1. – Краснодар, 2006. – С. 20-33.

16. Понятие третейского суда / Право и суд в современном мире. Вып. 3. Казань, 2005. С. 24-30.

17. Суханов Е.А. Третейские суды в системе Торгово-промышленных палат: состояние дел и перспективы развития // Хозяйство и право. 2003. – №1. – С. 68-81.

18. Сафаров И. Правовая система государства Саманидов (IX-X вв.). – Душанбе. 1999. – 180 с.

19. Систематическое собрание действующих законов Таджикской Советской Социалистической Республики. – Сталинабад, 1932. – С. 794-803.

20. Третейское судопроизводство: состояние и перспективы развития / Правовая политика: федеральные и региональные проблемы / Материалы научной конференции / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов-Тольятти, 2001. – С. 223-231.

21. Третейские суды (от Законов XII таблиц до наших дней) / Юридические аспекты конфликтологии / Сборник статей / Под ред. И.В. Петровой. – Ставрополь, 2000. – С. 30-40.

22. Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан. –М., 2009. – 307 с.

# ТАЪЛИМОТИ БУРҲОНУДДИН МАРҒЕЛОНӢ ДАР БОРАИ ОБ ВА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН

**Шоев Фируз Маҳмадаминович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99

**Мушовири илмӣ:** Холиқзода А.Ғ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур мавзуи «Таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он» мавриди омӯзишу тадқиқот қарор гирифтааст. Мувофиқи таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки аз чоҳ, ҷӯйбор ё обанбор об бинӯшад ва инчунин чорворо об бинӯшонад. Агар касе ба ҷӯйбор, чоҳ ё обанбор ҳуқуқи моликиятӣ дошта бошад, пас ӯ наметавонад одамон ё чорворо аз нӯшидани об манъ кунад. Дар таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он қайд карда шудааст, ки об чор намуд дорад. Муаллиф дар мақолаи мазкур намудҳои об ва ҳуқуқи истифодабарии онҳоро дар таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ мавриди омӯзишу тадқиқ қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** Бурҳонуддин Марғелонӣ, мутафаккири барҷаста, мактаби ҳуқуқии ҳанафия, намояндаи шохаи мовароуннаҳрӣ, олими энсиклопедист, фақеҳ-ҳуқуқшинос, ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ, таълимоти ҳуқуқӣ вобаста ба об, ҳуқуқи истифодабарии об.

# УЧЕНИЕ БУРХАНУДДИНА МАРГИНАНИ О ВОДЕ И ПРАВО ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ

**Шоев Фируз Махмадаминович,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99

**Научный консультант:** Холикзода А.Г., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье изучается и исследуется тема «Учение Бурхануддина Маргинани о воде и право его использование». В соответствие с учением Бурхануддина Маргинани о воде и право его использование всякий имеет право пить из колодца, арыка или водохранилища, а также поить скот. Если кто-либо имеет право собственности на арык, колодец или водохранилище, то он не может запретить людям или скоту пить из них. В учение Бурхануддина Маргинани о воде и право его использование отмечается, что вода бывает четырех родов. Автор в данной статье изучает и исследует видов воды и право его использование в учение Бурхануддина Маргинани.

**Ключевые слова:** Бурхануддин Маргинани, выдающий мыслитель, ханафится правовая школа, представитель мавераннахрской ветви, учённый энциклопедист, факих-правовед, государственно-правовые взгляды, правовое учение о воде, право использование воды.

## THE TEACHING OF BURKHANUDDIN MARGINANI ABOUT WATER AND THE RIGHT TO USE IT

**Shoev Firuz Makhmadaminovich,**
Candidate of Juridical Sciences, Docent of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Phone:** (+992) 918-55-77-99

**Scientific consultant:** Kholikzoda A.G., Doctor of Juridical Sciences, Professor
**Reviewer:** Sadizoda J., Candidate of Juridical Sciences, Docent

**Annotation:** This article studies and researches the topic "The Teaching of Burkhanuddin Marginani about water and the right to use it." In accordance with the teachings of Burkhanuddin Marginani about water and the right to use it, everyone has the right to drink from a well, ditch or reservoir, as well as water cattle. If someone has the right to own a ditch, well or reservoir, then he cannot forbid people or livestock to drink from them. In the teachings of Burkhanuddin Marginani about water and the right to use it, it is noted that water can be of four kinds. The author in this article studies and explores the types of water and the right to use it in the teachings of Burkhanuddin Marginani.

**Key words:** Burkhanuddin Marginani, outstanding thinker, Hanafi legal school, representative of the Maverannakhr branch, scientist encyclopedist, faqih-jurist, state-legal views, legal doctrine about water, the right to use water.

Дар ҷумҳурӣ баъди ба даст даровардани Истиқлоли давлатӣ ба омӯзишу тадқиқоти осори ниёгонамон диққати ҷиддӣ дода, дар ин самт то имрӯз омӯзишу тадқиқотҳои зиёде, хусусан дар илми ҳуқуқшиносӣ ба

анҷом расида истодааст[93]. Омӯзишу тадқиқоти осори ниёгонамон, мутафаккирони тоҷику форс дар замони муосир барои рушди давлатдориамон ва ҳуқуқэҷодкуниамон аҳамияти хеле калон дорад.

Бурҳонуддин Марғелонӣ яке аз мутафаккирон ва ҳуқуқшиносони асриминагии шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқи ҳанафия буда, аз худ осори гаронбаҳое боқӣ мондааст[94]. Таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он[95] яке аз қисматҳои таълимоти давлатӣ ва ҳуқуқии ӯ мебошад.

Мувофиқи таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он ҳар кас ҳуқуқ дорад, ки аз чоҳ, ҷӯйбор ё обанбор об бинӯшад ва инчунин чорворо об бинӯшонад[96]. Дар он инчунин омадааст, ки агар касе ба ҷӯйбор, чоҳ ё обанбор ҳуқуқи моликиятӣ дошта бошад, пас ӯ наметавонад одамон ё чорворо аз нӯшидани об манъ кунад[97].

Дар таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он омадааст, ки обҳо чор хел мешаванд[98]. Мутафаккир дар таълимоти худ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он намудҳои об ва

---

93 Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр-граф, 2011. – 460 с.; Буриев И.Б. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 224 с.; Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2007. – 92 с.; Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право): монография. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.; Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 476 с.; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.; Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли: монография. – Душанбе, 2013. – 192 с.; История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.; Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.; Кенджаев, Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кенджаев Шухратджон Юсуфович. – Душанбе, 2003. – 210 с.; Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе, 2018. – 218 с.; Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе, 2021. – 204 с.; Давлатов М.Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис. … ном.илм.ҳуқ.: 12.00.01 / Давлатов Маъруфҷон Нарзиалиевич. – Душанбе, 2022. – 61 с. ва ғ.

94 Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 39; Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя Дар 2 ҷилд. Ҷилди I / Аз хати ниёгон ба кириллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; муқаддима, такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 25-28.

95 Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 454-456.

96 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 454.

97 Ниг.: Ҳамон ҷо.

98 Ниг.: Ҳамон ҷо.

ҳуқуқи истифодабарии онҳоро мавриди баррасии қарор додааст[99], ки он дар мақолаи мазкур минбаъд мавриди омӯзишу тадқиқот қарор мегирад.

Мувофиқи таълимоти Бурҳонуддин Марғелонӣ дар бораи об ва ҳуқуқи истифодабарии он намудҳои об ва ҳуқуқи истифодабарии онҳо чунин аст:

1. Оби баҳрҳо, ки аз он ҳар кас ҳуқуқ дорад бинӯшад ё барои обёрии замин бигирад. Агар касе ният дошта бошад, ки ҷӯйборро канда, обро аз баҳр ба замини худ интиқол диҳад, пас ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ба он монеъ шавад, зеро обҳои баҳрҳо дар истифодаи умумӣ мебошанд, ба монанди нури офтоб ё моҳ ё ҳаво[100].

2. Оби дарёҳои калон, ба монанди Оксу, Фурот ё Даҷла, ки аз онҳо ҳар яке бечунучаро ҳуқуқи нӯшидани об ва ҳуқуқи шартии истифодаи обро барои обёрии замин дорад, яъне агар касе майдони холиро кишт кунад, пас ӯ ҳуқуқ дорад, ки барои гузаронидани об аз дарё ҷӯйе кофта, ба он об диҳад, агар ин ба аҳолӣ зарар нарасонад; аммо агар ба назар чунин расад, ки ин зарар мерасонад (масалан, вақте ки дар натиҷаи кандани соҳилҳо об метавонад минтақаи ҳамсоя ва деҳаҳоро зери об гузорад), пас ӯ ҳуқуқ надорад, ки барои обёрии замини худ ҷӯй кобад, зеро пешгирии офати ҷамъиятӣ муҳимтар аст. Мисоли шабеҳ сохтмони осиёб дар соҳилҳои дарё мебошад, зеро вайроншавии соҳилҳо аз сохтмони осиёб ба обёрии замин баробар аст[101].

3. Обе, ки ҳуқуқи моликияти умумиро ташкил медиҳад ва ба ҳар кас иҷозат дода мешавад, ки ба таври баробар аз он об бинӯшад, зеро ривоятҳо мегӯянд, ки се чиз ба ҳама умумӣ аст: об, алаф ва оташ. Ғайр аз он, чоҳҳо ва монанди инҳо барои нигоҳ доштани об кофта намешаванд, аз ин рӯ об дар онҳо моликияти касе нест ва истифодаи он барои ҳама озод аст, то он даме ки он ҷудо ва муҳофизат карда шавад, чунон ки нисбат ба оҳу, ки танҳо дар замини касе хоб мекунад[102]. Ҳуқуқи истифодаи умумии обро муқаррар кардан лозим аст, зеро барои ҳар кас об гирифта гардонидан бо худ ғайриимкон аст; ва азбаски инсон метавонад барои худ ва аспи худ ба об ниёз дошта бошад, пас агар ба онҳо истифодаи бемаҳдуди об манъ карда шавад, одамон хеле маҳдуд хоҳанд буд[103]. Аммо, агар касе ният дошта бошад, ки обро барои обёрии замини кишткардааш аз дарё ё ҷӯйборе, ки ба дигарон тааллуқ дорад, гузаронад, соҳибони он метавонанд ба ин монеъ шаванд, зеро дар акси ҳол ҳуқуқи онҳо ба истифодабарии об комилан вайрон карда мешавад[104].

---

99 Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 454-455.
100 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 454.
101 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 454-455.
102 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 455.
103 Ниг.: Ҳамон ҷо.
104 Ниг.: Ҳамон ҷо.

4. Оби ҳифзшуда ё ба ибораи дигар, обе, ки дар зарфҳо нигоҳ дошта мешавад. Ин хел об моликияти хусусиро ташкил медиҳад ва ҳуқуқи шахсони дигар ба он паҳн намегардад, ба монанди шикори касе[105]. Бо вуҷуди ин, шубҳанок аст, ки оё чунин об низ бо сабаби ривояти дар боло овардашуда истифодаи умумӣ надорад. Пас, агар касе дар вақти эҳтиёҷот ба об, яъне ташнагӣ миқдори онро дуздида бошад, ки барои эътироф кардани дуздӣ кофӣ аст, пас он ампутасия (ампутасия-буридан, буридани даст барои дуздӣ) карда намешавад[106].

**Агар дар наздикии он оби дигар набошад.** Агар касе соҳиби чоҳ, чашма ё ҷӯй бошад, пас ӯ метавонад ҳар касро аз нӯшидани об манъ кунад, яъне касеро, ки моликияти ӯро вайрон кунад, агар дар наздикии он оби дигаре бошад, ки моликияти касеро ташкил надиҳад[107]. Аммо агар чунин об дар наздикии он набошад, соҳибаш бояд ё ба ӯ об барои нӯшидан биёрад ё ба ӯ иҷозат диҳад, ки худаш обро бигирад, то соҳилҳоро вайрон накунад[108]. Ҳамаи гуфтаҳои ин ҷо аз Таҳовӣ гирифта шудаанд[109]. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин ба ҳолате дахл дорад, ки соҳиби чоҳ худаш онро дар замини моликияти худ кофтааст; аммо агар ӯ чоҳро дар майдони холӣ кофта бошад, пас ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқ надорад, ки ба дигарон монеъ шавад, ки ба замини ҷудошуда ворид шаванд ва аз он об бинӯшанд, зеро майдони холӣ моликияти ҷамъиятӣ аст. Ва азбаски чоҳ барои манфиати ҷамъиятӣ кофта шуда буд, маҳз барои гирифтани даҳяк ва андоз, аз ин бармеояд, ки кофтани он ҳуқуқи истифодаи обро барои нӯшидан аз байн намебарад (нест намекунад)[110]. Аз ин рӯ, агар соҳибмулк ба касе иҷозати нӯшиданро рад кунад ва ин охирин аз ташнагӣ бимирад ё аз мурдани аспи худ метарсад, пас ӯ ҳуқуқ дорад, ки бар зидди соҳибмулк силоҳ истифода барад, зеро охирин ба марги ӯ кӯшиш мекард, ки ҳуқуқи ӯро ба об манъ кунад, зеро оби чоҳ ба ҳама тааллуқ дорад ва моликияти хусусиро ташкил намедиҳад[111]. Чизи дигар обест, ки дар зарфҳо нигоҳ дошта мешавад. Шахсе, ки ба он ниёз дорад, метавонад танҳо бо соҳиби он бе истифодаи силоҳ баҳс кунад. Ҳамин қоида ба шахси гурусна низ дахл дорад[112]. Бисёриҳо мегӯянд, ки дар сурати ташнагӣ истифодаи силоҳ алайҳи соҳиби чоҳ ғайриқонунӣ аст, аммо истифодаи чӯб иҷозат дода мешавад: соҳибе, ки додани обро рад мекунад, дар ҷиноят гунаҳкор аст ва нисбати ӯ зарбаҳои чӯб ҷазоиислоҳиро иваз мекунанд[113].

---

105 Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 455.
106 Ниг.: Ҳамон ҷо.
107 Ниг.: Ҳамон ҷо.
108 Ниг.: Ҳамон ҷо.
109 Ниг.: Ҳамон ҷо.
110 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 455-456.
111 Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 456.
112 Ниг.: Ҳамон ҷо.
113 Ниг.: Ҳамон ҷо.

**Обро барои оббозӣ низ гирифтан мумкин аст.** Гирифтани об аз ҷӯй барои оббозӣ ё шустани ҷомашӯӣ қонунӣ аст[114]. Инро ҳама тасдиқ мекунанд, зеро талаб кардани одамон барои тоза кардани худ ё шустани ҷомашӯии худ бо чунин об бидуни гирифтани он (тавре ки баъзеҳо мехоҳанд) ба мардум нороҳатии зиёд меорад[115].

**Ё барои обёрии дарахтон ё айвонҳо.** Агар касе мехоҳад, ки дарахтон ё майдончаи хурди назди хонаи худро обёрӣ кунад, пас ӯ ҳуқуқ дорад, ки барои ин мақсад аз ҷӯйчаи бегона об гирад, зеро қонун озодии бештари истифодаи обро иҷозат медиҳад ва рад кардани обро амали нангин мешуморад[116]. Аммо, гирифтани об аз ҷӯй, чоҳ ё ҷӯйбори бегона барои обёрии боғи мева ё саҳро бидуни иҷозати мусбат иҷозат дода намешавад; ва соҳибмулк метавонад онро манъ кунад[117]. Агар об объекти моликияти умумиро ташкил диҳад, пас ба ғайр аз соҳибон, ҳеҷ кас ҳуқуқи истифодаи онро надорад, зеро дар акси ҳол ҳуқуқи онҳо ба истифодабарии об поймол карда мешавад[118]. Соҳиби дарё метавонад, агар бихоҳад, аз он ба дигаре об диҳад ё қарз диҳад, зеро он моликияти ӯро ташкил медиҳад ва додани он дар урфият (одат) аст[119].

### Адабиёт:


1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
2. Буриев И.Б. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 224 с.
3. Давлатов М.Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис. … ном.илм.ҳуқ.: 12.00.01 / Давлатов Маъруфҷон Нарзиалиевич. – Душанбе, 2022. – 61 с.
4. Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли: монография. – Душанбе, 2013. – 192 с.
5. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.
6. Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя Дар 2 ҷилд. Ҷилди I / Аз хати ниёгон ба криллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; муқаддима, такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 624 с.


[114] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 456.
[115] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[116] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[117] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[118] Ниг.: Ҳамон ҷо.
[119] Ниг.: Ҳамон ҷо.

7. История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.

8. Кенджаев, Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кенджаев Шухратджон Юсуфович. – Душанбе, 2003. – 210 с.

9. Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе, 2021. – 204 с.

10. Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – 808 с.

11. Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 2. Т. III-IV / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – 656 с.

12. Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.

13. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.

14. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.

15. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр-граф, 2011. – 460 с.

16. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право): монография. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.

17. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2007. – 92 с.

18. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 476 с.

19. Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе, 2018. – 218 с.

# МАФҲУМИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Собирзода Аловуддин Ҷабор,**
муовини сардори факултети оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва унвонҷӯи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия
**Тел.:** (+992) 985301171
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Фишурда:** Ҳифзи иҷтимоии шахс дар замони ҳозира масъалаи актуалӣ мебошад. Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар илми муосир мавзуи баҳсталаб буда, бахусус дар шароити кунунии ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд омӯзишу таҳлил ва таҳкими ҷиддиро талаб менамояд.

Дар мақолаи мазкур мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ дар умум ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақомоти корҳои дохилӣ ҷузъи таркибии низоми ҳифзи ҳуқуқи давлат ба шумор рафта, вазифаи асосии он мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мебошад. Дар байни субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия) ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Дар шароити ҳозира ҷиҳати самаранок амалӣ намудани вазифа ва уҳдадориҳои ба мақомоти корҳои дохилӣ вогузор гардида, таъмин ва такмили ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони ин мақомот нақши калон мебозад. Дар ин бобат давлат тадбирҳои махсуси ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия)-ро муайян кардааст. Ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия бештар ба обрӯи хидмат, инчунин иҷрои самараноки вазифаҳои дар назди кормандон гузошташуда вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат, ҳифзи меҳнат, саломатии одамон, андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат, дастгирии давлатии оила, маъюбон, мунтазам инкишоф додани низоми хадамоти иҷтимоӣ, муқаррар намудани нафақаи давлатӣ, кӯмакпулиҳо, дигар кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ғамхории моддӣ, маъюбӣ, расонидани ёрӣ, имтиёз ба кӯдакон ва модарон, пиронсолӣ, таъминоти иҷтимоӣ, шаклҳои ҳифзи иҷтимоӣ, корманди МКД, ҳифзи ҳуқуқӣ, ҳифзи иҷтимоӣ.

# ПОНЯТИЕ ПРАВОВОЙ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

**Собирзода Аловуддин Джабор,**
заместитель начальника оперативно-розыскного и соискатель кафедры государственно-правовых предметов факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции
**Тел.:** (+992) 985301171
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Аннотация:** Социальная защита личности в настоящее время является актуальной проблемой. Социальная защита сотрудников органов внутренних дел в современной науке считается спорной темой и в особенности при строительстве демократического, правового общества требует серьезного изучения и анализа.

В настоящей статье рассматривается такие понятия как правовая и социальная защита государственных служащих в целом и сотрудников внутренних дел в отдельности. Основной задачей органов внутренних дел, как составной части правоохранительной системы, является борьба с преступностью, обеспечение общественной безопасности и охрана общественного порядка. Среди субъектов социальной защиты сотрудники органов внутренних дел (милиции) занимают особое место.

В современных условиях для эффективной реализации задач и обязанностей, возложенных на органы внутренних дел, важное значение имеет обеспечение и совершенствование социально-правовой защиты сотрудников этого органа. В связи с этим государство установила специальные меры для социальной защиты и поддержки сотрудников органов внутренних дел. Социальная защита сотрудников милиции направлена на повышение их авторитета, а также эффективного исполнения обязанностей, возложенных на них.

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, государство, охрана труда, здоровья граждан, минимальный объём заработной платы, государственная поддержка семьи, инвалидов, систематическое развитие системы социальной службы, установление государственной пенсии, пособий, других гарантий социальной защиты, материальная забота инвалидов, оказание помощи, льготы детям и матерям, людям преклонного возраста, социальное обеспечение, виды социальной защиты, сотрудник ОВД, правовая защита, социальная защита.

# THE CONCEPT OF LEGAL AND SOCIAL PROTECTION OF EMPLOYEES OF THE INTERNAL AFFAIRS BODIES

**Sobirzoda Alovuddin Jabor.**
deputy head of the operational-investigative department and applicant for the department of state and legal subjects of faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel
**Phone:** (+992) 985301171
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Annotation:** Social protection of the individual is currently an urgent issue. Social protection of employees of internal affairs bodies in modern science is considered a controversial topic and, in particular, in the construction of a democratic, legal society requires serious study and analysis.

This article addresses such concepts as the legal and social protection of civil servants in general and internal affairs officers separately. The main task of the internal affairs bodies, as part of the law enforcement system, is to combat crime, ensure public safety and protect public order. Among the subjects of social protection, employees of the internal affairs bodies (police) occupy a special place.

In modern conditions, ensuring and improving the social and legal protection of employees of this body is important for the effective implementation of the tasks and responsibilities assigned to the internal affairs bodies. In this regard, the state has established special measures for social protection and support of employees of the internal affairs bodies. The social protection of police officers is aimed at increasing their authority, as well as the effective performance of the duties assigned to them.

**Keywords:** Constitution of the Republic of Tajikistan, state, labor protection, health of citizens, minimum wage, state support for family, disabled people, systematic development of the social service system, establishment of state pension, benefits, other guarantees of social protection, material care of disabled people, provision of assistance, benefits to children and mothers, elderly people, social security, types of social protection, employee of the Department of Internal Affairs, legal protection, social protection.

Барои барпо кардани давлати демократӣ ва иҷтимоӣ зарурати таъмини пурраи асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷомеа зарур мебошад. Низоми давлатии таъминоти иҷтимоӣ, ғамхории моддӣ нисбати одамоне, ки бо сабаби маъюбӣ ё пиронсолӣ қобилияти меҳнатиро гум кардаанд, расонидани ёрӣ ва имтиёз ба касоне, ки муваққатан корношоям гаштаанд, додани имтиёз ба кӯдакон, имтиёз ба модаронро дар бар мегирад. Қисми таркибии таъминоти иҷтимоӣ фонди иҷтимоӣ мебошад, ки он бо роҳи ҷудо

кардани маблағ аз сарчашмаҳои гуногун ба вуҷуд меояд ва барои амалӣ кардани сиёсати иҷтимоии давлат харҷ карда мешавад[120].

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ густариш ёфта, заминаҳои ҳуқуқӣ барои фароҳам овардан ба фаъолияти самарабахши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд ва барои беҳтар намудани шароити муътадили кормандон аз ҷониби давлат тадриҷан чораҳо андешида мешаванд.

Қисми сеюми моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти иҷтимоии давлатро муқаррар кардааст.

Аз талаботи қисми сеюми ин модда чунин уҳдадориҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ бармеояд: ҳифзи меҳнат ва саломатии одамон; муқаррар кардани андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат; дастгирии давлатии оила, маъюбон ва шахсони пиронсол; мунтазам инкишоф додани низоми хадамотии иҷтимоӣ; муқаррар намудани нафақаи давлатӣ, кӯмакпулиҳо ва дигар кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ[121].

Мутобиқи моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гумкардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Дар китоби дарсии «Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъминоти иҷтимоӣ ба таври зайл маънидод карда шудааст: «таъминоти иҷтимоӣ – шакли ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки баҳри таъминоти моддии гуруҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои марказонидашудаи хусусияти иҷтимоидошта, ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои аз тарафи давлат муқарраршуда, бо мақсади баробар намудани вазъи иҷтимоии ин шаҳрвандон бо вазъи иҷтимоии дигар аъзоёни ҷамъият нигаронида шудааст»[122].

Бояд гуфт, ки асоси иҷтимоии давлатро гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, нафақахӯрон ва дигар гурӯҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.Вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои иҷтимоиро қонунҳои амаликунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд. Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, таҳти № 41 – мафҳуми милитсия, самтҳои асосии фаъолияти он, салоҳият, принсипҳои фаъолият, мавқеи милитсия дар системаи мақомоти давлатӣ, вазифаю ҳуқуқҳо, тартиби ба хизмати милитсия қабул намудан, масъулият, кафолати давлатии таъминоти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин тартиби таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ ва назорати фаъолияти милитсияро муайян менамояд.

---

[120]Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 519.

[121] Ниг.: Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 32.

[122] Ниг.: Сангинов Д.Ш., Шонасриддинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – С. 11.

Дар шароити ҳозира ҷиҳати самаранок амалӣ намудани вазифа ва уҳдадориҳои ба мақомоти корҳои дохилӣ вогузор гардида, таъмин ва такмили ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони ин мақомот нақши калон мебозад.

Мақомоти корҳои дохилӣ ҷузъи таркибии системаи ҳифзи ҳуқуқӣ давлат ба шумор рафта, вазифаи асосии он мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мебошад.

Дар шароити муосир афзалият пайдо кардани идоракунии иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба маҳдуд гардонидани доираи фаъолияти тарзи идоракунии ҳукмронӣ ё маҷбурии иҷтимоӣ оварда мерасонад. Хусусияти ба худ хоси фаъолияти кормандони милитсия дар он зоҳир мешавад, ки онҳо доираи васеи ваколатҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз ҷинояткориҳо ва дигар таҳдидҳои қонуншиканӣ ба зима гирифта, бисёр вақт худ бемуҳофиза мемонанд. Мисоли равшан он аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тибқи муқаррароти қонун «машғул шудан ба ҳама гуна намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамзамон ду вазифаро иҷро намудан дар корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ба истисноии фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ манъ аст».

Мафҳуми «ҳифзии иҷтимоӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Федератсияи Россия мафҳуми дақиқнадорад ва ин боиси тафсирҳои гуногун гардида, ба татбиқи якхелаи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор мусоидат намекунад.

Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар илми муосир мавзӯи баҳсталаб буда, бахусус дар шароити кунунии ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд омӯзишу таҳлил ва таҳкими ҷиддиро талаб менамояд.

Агарчанде дар ин мавзӯъ як қатор олимони ватанию хориҷӣ, амсоли В.М. Артёмов, В.В. Варчук, Н.Л. Грант, Б.А. Дегтя, С.В. Егоришев, В.В. Кожевнико, Ю.Ю. Комлев, А.Г. Кузнетсов, В.Д. Роик, Н. Назаров, М.В. Романовский, Д.Ш. Сангинов, Н. Шонасриддинов, Е.Н. Шутяк ва дигарон фикру мулоҳизоти судманд пешниҳод намудаанд, ҳанӯз ҷанбаъҳои мухталифи он пурра кушода нашудаанд ва бисёр масъалаҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии милитсия ҳалли худро наёфтаанд.

Е.М. Кузнетсова ва В.А. Филатов, чунин шаклҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро муайян намудаанд: умумӣ, ки ба тамоми аҳолӣ нигаронида шудааст; махсус ё дараҷавӣ – дараҷаҳои алоҳидаи шаҳрвандонро фаро мегирад; истисноӣ – дар ҳолатҳои махсус, дар асоси санадҳои махсуси меъёрӣ барои дастгирии шахсони аз офатҳои табиӣ зарардида, садамаҳои дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ пешниҳод карда мешавад[123]. Ба қавли М. Кузнетсова ва В.А. Филатов низоми ҳифзи иҷтимоӣ якчанд вазифаҳои муҳимтаринро ба ҷо меоварад: пешгирикунанда (огоҳонидани ҳолатҳои хатари иҷтимоӣ) аз қабили тадбирҳо оид батаъминоти шуғли

---

[123] Ниг.: Кузнецова М., Филатов В.А. Особенности социальной защиты населения в Омском регионе. – Омск: Изд-во Ом ГТУ, 2010. – С. 54.

аҳолӣ, ҳифзи пасандозҳои шаҳрвандон, рафъи ҳолатҳои мухталифи фавқулодда; таъминкунанда, дар ҳолатҳое, ки пешгирии сар задани оқибатҳои ногувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ муяссар нагардад, давлат тамоми уҳдадориҳоро оид ба дастгирии моддии шаҳрвандон – таъминоти нафақаю кумакпулиҳо, намудҳои гуногуни хизматрасонии иҷтимоӣ ба зимма мегирад. Иҷрои ин вазифа тавассути воситаҳои низоми таъминоти иҷтимоӣ таъмин мегардад; товондиҳӣ, дар мавридҳое, ки бо сабаби амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ба шаҳрванд зиёни моддӣ ё маънавӣ расонида мешавад, зарурати товони зиёни расонидашуда ба миён меояд[124].

Ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ проблемаи хеле муҳим аст. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вазифаҳои ҳаррӯзаи худро дар шароитҳои шадид, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок мебошанд, иҷро мекунанд ва бояд ба кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин карда шаванд.

Тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд мураккабӣ ва пурзӯртаршавии хидмат дар мақомоти корҳои дохилиро ҷуброн намуда, фаъолияти кормандонро ҳавасманд гардонанд ва имкон диҳанд, ки ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар фаъолияти онҳо то ҳадди имкон кам карда шавад. Дар ин бобат С.П. Матвеев дуруст таъкид мекунад, ки модернизатсияи муосири хадамоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ бидуни пурзӯр намудани кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ғайриимкон аст[125].

Ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ақидаи Ю.П. Соловей – ин мавҷудияти имкониятҳои ҳуқуқӣ барои дилпурона ва ташаббускор, сарфи назар аз монеаҳои баамаломада ва хавфу хатарҳо, иҷрои вазифаҳои хизматии дар наздаш гузошташуда мебошад»[126].

Ба ақидаи муаллифони китоби «Ҳуқуқи инсон ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ», ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин ҳимояи муассир ва оперативӣ аз суиқасдҳои ғайриқонунӣ мебошад, ки меъёрҳои қонунҳоро кафолат додааст, бо қонун таъмин намудани ҳуқуқ ба мудофиа ва худмуҳофизати аз таъсири ғайриконунӣ ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо аз тарафи муассисаю ташкилотҳои гуногуни давлатӣ, ҷамъиятӣ, инчунин шаҳрвандон мебошад[127].

Р.У. Контселидзе мафҳуми ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро чунин шарҳ додааст: «ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин воситаҳои фаъолияти мақомоти ваколатдор дар асоси қонун оид ба муқаррар намудан ва татбиқ намудани кафолатҳои ташкилию ҳуқуқӣ, татбиқи қонунӣ ва ҳифзи вазъи ҳуқуқии кормандони

---

[124] Ниг.: Кузнецова М., Филатов В.А. Особенности социальной защиты населения в Омском регионе. – Омск: Изд-во Ом ГТУ, 2010. – С. 54.

[125] Ниг.: Матвеев С.П. Социальная защита государственных служащих: теоретические основы построения системы, практика осуществления и проблемы административно-правового регулирования: автореф. дис. … докт. юрид. наук. – Воронеж, 2012. – С. 18.

[126] Ниг.: Соловей Ю.П. Правовое регулирование деятельности милиции в Российской Федерации: дис. докт. юрид. наук. – Омск, 1993. – С. 309.

[127] Ниг.: Права человека и деятельность органов внутренних дел / А.С. Мордовец, А.А. Магомедов, Л.В. Силантьева, А.А. Чинчиков. – Саратов: СВШ МВД РФ, 1994. – С. 116.

мақомоти корҳои дохилӣ бо мақсади таъмини ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ, ки қонун муайян кардааст, пешбинӣ менамояд»[128].

Р.У. Контселидзе қайд мекунад, ки мазмуни ҳифзи ҳуқуқӣ шакли ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор, инчунин натиҷаҳои баъди ин фаъолият ба вучуд омадаро дарбар мегирад.

В. М. Шамаров менависад: «Маълум аст, ки ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ду ҷиҳатро дарбар мегирад: якум, ин ҳифзи ҳуқуқии ҳайати шахсӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи оперативӣ ва хизматӣ бо риояи қатъии қонунгузории дахлдорӣ Федератсияи Россия аз ҷониби ҳар як корманд. Дуюм, ин таъмин намудани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо ҳамаи намудҳои кафолатҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ, пулӣ ва ё дигар навъҳои ҷуброн барои шароити хизмат, истиқомат дар маҳалҳои алоҳида барои онҳо ва оилаи онҳо ва ғайра мебошад, ки аз ҳисоби давлат бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд[129].

Ба андешаи С.Ф. Зибин ва А.В. Стремоухов ҳифзи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори низоми ВКД Федератсияи Россия доираи васеи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро шартан ба ду гурӯҳи мустақил муттаҳид кардан мумкин аст: 1) ҳимояи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хамчун намояндагони қонун ва давлат; 2) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсияти корманд ҳангоми адои хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ[130].

А.В. Коровников пешниҳод менамояд, ки аз истифодаи истилоҳи «ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ» даст кашида, тарафдори ҷудо кардани ин мафҳумҳо мебошад. Ба ақидаи А.В. Коровников, ҳимояи иҷтимоӣ – ин фаъолияти мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани шароитҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ, озодӣ ва уҳдадориҳо, ҳамчунин салоҳиятҳо ва имтиёзҳои ба ин соҳаи хизмати давлатӣ хос буда, фаҳмида мешавад[131]. Ҳимояи ҳуқуқиро А.В. Коровников ҳамчун фаъолияти мақомоти зикргардида, бо мақсади ба вуҷуд овардан ва амалӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадориҳо, инчунин салоҳиятҳо ва имтиёзҳои вобаста бо хусусиятҳои хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад[132].

Л.П. Храпилина таъкид менамояд, ки ҳимояи иҷтимоӣ – «сиёсат ва амалӣ ҳадафманд, ҳамчунин воситаи кӯмакрасонии давлат ва ҷомеа мебошад, ки ба шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ ва умуман аҳолӣ барои ҳали ҳамаҷониба ва васеи мушкилотҳои гуногун, ки хатарҳои иҷтимоии онҳоро

---

[128] Ниг.: Концелидзе Р.У. Правовая и социальная защита сотрудников милиции: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1993. – С. 20.

[129] Ниг.: Шамаров В.М. Организация работы с личным составом органов внутренних дел: учеб. практ. пособие. – М.: Академия МВД России, 1997. – С. 78.

[130] Ниг.: Научные основы организационно-правовой работы с кадрами органов внутренних дел: монография / С.Ф. Зыбин, А.В. Стремоухов. – Санкт-Петербург: СПб, юрид. ин-т, 1994. – С. 59.

[131] Ниг.: Коровников А.В. Социальная защита военнослужащих в зарубежных государствах: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 13–16.

[132] Ниг.: Коровников А.В. Социальная защита военнослужащих в зарубежных государствах: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 431.

ба вуҷуд оварда метавонанд ва аз байн бурдани имкониятҳои амалӣ намудани ҳуқуқ, озодӣ ва мафиатҳои қонунӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоиро барқарор ва ё ба даст овардани онҳо мебошад»[133].

С.Д. Порошук мафҳуми ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони МКД-ро истифода бурда, пешниҳод менамояд, ки «ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони МКД – ин кафолати давлат ва дигар сохторҳои ҷомеа дар мавриди истифодаи муассири воситаҳои ҳуқуқӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои фаъолияти касбӣ ва ба даст овардани мақоми ҳуқуқӣ, имтиёзҳои зарурӣ ва истифодаи воқеии онҳо барои таъмини талабот ва манфиатҳои шахсӣ мебошад»[134].

Ба андешаи муаллифони китоби дарсии «Таъмини ҳуқуқи инсон дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ» – ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун фаъолияти ташкилотчигии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор мебошад, ки ба муҳайё намудани шароит, мусоидат намудан ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар ҳуқуқҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ равона карда шудааст[135].

Ҳамин тариқ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат кафолат дода, амалӣ карда мешавад ва барои таъмини зиндагии шоистаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар назар дошта мешавад.

Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро тадқиқ намуда, ба хулоса меоем, ки ҷузъҳои таркибии он – ин чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи кӯмакҳои иҷтимоӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки ба амалӣ намудани шароити зиндагӣ барои гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ – кормандони мақомоти корҳои дохилӣ равона гардидаанд.

**Адабиёт:**


1. Концелидзе Р.У. Правовая и социальная защита сотрудников милиции: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1993. – 46 с.
2. Коровников А.В. Социальная защита военнослужащих в зарубежных государствах: правовое регулирование. – М., 1997. – 500 с.
3. Кузнецова М., Филатов В.А. Особенности социальной защиты населения в Омском регионе. – Омск: Изд-во Ом ГТУ, 2010. – 250 с.
4. Матвеев С.П. Социальная защита государственных служащих: теоретические основы построения системы, практика осуществления и проблемы административно-правового регулирования: автореф. дис. … докт. юрид. наук. – Воронеж, 2012. – 47 с.


[133] Ниг.: Храпылина Л.П. Социальная политика: учебник / Под общ. ред. Н.А. Волгина. – М., 2002. – С.480.

[134] Прощук С.Д. Общетеоретическое аспекты социально-правовой защиты сотрудников милиции: автреф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1994. – С. 15.

[135] Обеспечение прав человека в деятельности органов внутренних дел: учебник / Под общ. ред. Ю.В. Анохина, В.Я. Кикотя. – М.: ЦОКР МВД России, 2010. – С. 683.

5. Научные основы организационно-правовой работы с кадрами органов внутренних дел: монография / С.Ф. Зыбин, А.В. Стремоухов. – Санкт-Петербург: СПб, юрид. ин-т, 1994. – 97 с.

6. Обеспечение прав человека в деятельности органов внутренних дел: учебник / Под общ. ред. Ю.В. Анохина, В.Я. Кикотя. – М.: ЦОКР МВД России, 2010. – 712 с.

7. Права человека и деятельность органов внутренних дел / А.С. Мордовец, А.А. Магомедов, Л.В. Силантьева, А.А. Чинчиков. – Саратов: СВШ МВД РФ, 1994. – 133 с.

8. Прощук С.Д. Общетеоретическое аспекты социально-правовой защиты сотрудников милиции: автреф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1994. – 22 с.

9. Сангинов Д.Ш., Шонасриддинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 244 с.

10. Соловей Ю.П. Правовое регулирование деятельности милиции в Российской Федерации: дис. докт. юрид. наук. – Омск, 1993. – 501 с.

11. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 350 с.

12. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – 600 с.

13. Храпылина Л.П. Социальная политика: Учебник / Под общ. ред. Н.А. Волгина. – М., 2002. – 568 с.

14. Шамаров В.М. Организация работы с личным составом органов внутренних дел: учеб. практ. пособие. – М.: Академия МВД России, 1997. – 95с.

# ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ЗАНОН-МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

**Сафарзода Некруз Файзӣ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шераҳмадхонович**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Фишурда:** Бо зиёд гардидани занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар охири асри 20 масъалаи таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мубрамияти бештарро ба худ касб намуд ва мутахассисони соҳаро водор намуд то дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, паҳлуҳои мухталифи онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Муаллифон бар он ақидаанд, ки масъалаи таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таври зарурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ва ниёз ба таҳқиқоти алоҳида дорад. Дар марҳилаи кунунӣ, ки инсониятро хатарҳои гуногун таҳдид менамояд, ин қишри ҷомеа, яъне занон-муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти ба таври зарурӣ истифода намудан аз ҳуқуқу озодиҳои худро аз даст додаанд. Бо дарназардошти ин, дар ин мақола масъалаи мазкурро аз лиҳози санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Калидвожаҳо:** Муҳоҷират, муҳоҷир, муҳоҷири меҳнатӣ, занон-муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳуқуқ, манфиат, вазъи ҳуқуқӣ, вазъияти вижа, раванди муҳоҷиршавӣ, қонунгузорӣ, ҷаҳонишавӣ.

# ПРАВА И СВОБОДЫ ЖЕНЩИН-ТРУДЯЩИХСЯ МИГРАНТОВ

**Сафарзода Некруз Файзи,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Азимов Сунатулло Шерахмадхонович**,
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета, Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Аннотация:** С увеличением числа трудящихся женщин-мигрантов в конце XX века вопрос обеспечения их прав и интересов стал более актуальным и побудил специалистов в этой области уделять ему больше внимания на международном и национальном уровнях и изучать различные его аспекты.

Авторы считают, что вопрос обеспечения прав и интересов трудящихся женщин-мигрантов недостаточно изучен в юридической науке и нуждается в отдельном исследовании. На современном этапе, когда человечеству угрожают различные опасности, этот сегмент общества, то есть трудящиеся женщины-мигранты, лишился возможности должным образом пользоваться своими правами и свободами. Принимая это во внимание, в данной статье мы рассматриваем данный вопрос с точки зрения национальных и международных правовых документов.

**Ключевые слова:** Миграция, мигрант, трудящиеся-мигранты, женщины-мигранты, права, интересы, правовой статус, особое положение, миграционный процесс, законодательство, глобализация.

## RIGHTS AND FREEDOMS OF WOMEN MIGRANT WORKERS

**Safarzoda Nekruz Fayzi,**
assistant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University, c.l.s.
**Phone:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Azimov Sunatullo Sherahmadkhonovich,**
assistant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University
**Phone.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Annotation:** With the increase of the number of women migrant workers at the end of the twentieth century, the issue of ensuring their rights and interests has become more relevant and has prompted professionals in the field to pay more attention to it at the international and national levels and to study its various aspects.

The authors believe that the issue of ensuring the rights and interests of women migrant workers has not been sufficiently studied in legal science and needs a separate study. At the present stage, when humanity is threatened by various dangers, this segment of society, i.e. women migrant workers, is deprived of the proper enjoyment of their rights and freedoms. Taking this into account, in this article we consider this issue from the perspective of national and international legal documents.

**Keywords:** Migration, migrant, migrant workers, women migrant workers, rights, interests, legal status, special situation, migration process, legislation, globalization.

Бо зиёд гардидани занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар охири асри 20 масъалаи таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мубрамияти бештарро ба худ касб намуд ва мутахассисони соҳаро водор намуд то дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, паҳлуҳои мухталифи онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд[136]. Бо ҳамин назардошт, соли 1990 дар назди Шуъбаи аҳолии СММ гурӯҳи махсус ҷиҳати баррасӣ намудани сиёсати байналмилалии муҳоҷират ва мавқеи занон-муҳоҷирон таъсис дода шуд, ки мақсад аз он коркард намудани сиёсати ягона ва баробар эътироф намудани марду зан дар интихоб ва ҳалли масъалаҳо оид ба муҳоҷират, маҳсуб меёфт. Бояд қайд намуд, ки ибтидои таҳқиқотҳо оид ба масъалаи гендерии муҳоҷират ба солҳои 80-уми асри гузашта рост меоянд, ки аслан он дар ду самт фаъолият менамуд:

а) омӯхтани занон ва ҳаракатҳои феминистӣ;

б) таҳқиқот оид ба муҳоҷират дар доираи ҳуқуқи инсон;

Дар натиҷаи чунин таҳқиқотҳо зан ҳамчун субъекти алоҳидаи муҳоҷират шинохта шуда, имконияти ширкат намудан дар равандҳои гуногуни муҳоҷират, алалхусус масъалаҳои гендерии муҳоҷиратро ба даст овард ва дар илм истилоҳи нав – «муҳоҷирони мустақим» рӯи кор омад. Истилоҳи мазкур маънои онро ифода менамояд, ки зан новобаста аз иродаи шавҳар ва оилааш имконияти муҳоҷир шуданро доро мебошад[137].

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таври зарурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ва ниёз ба таҳқиқоти алоҳида дорад. Мубрамияти баррасӣ намудани ин масъаларо метавон аз ду лиҳоз матраҳ намуд:

1. Муҳоҷирати меҳнатии занон дорои вижагиҳои фарққунанда мебошад:

а) ҳангоми ворид гардидан ба давлати дигар занон нисбат ба мардон ба ғамхории махсус эҳтиёҷи бештар пайдо мекунанд ва аксар маврид ба объекти хариду фурӯши одамон мубаддал мегарданд;

---

[136] Муфассал ниг.: Саъдизода Ҷ., Азимов С.Ш. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2020. – № 1 (17). – С. 16-26.

[137] Ниг.: Герасименко А.В., Позняк А.В. Гендерные аспекты трудовых миграций населения Украины / А.В. Герасименко, А.В. Позняк // Демографія та соціальна економіка. – 2006. – № 1. – С. 46-54.

б) музди меҳнати занон нисбат ба мардон одатан камтар мебошад, зеро ин бо фаъолияти онҳо вобастагии зич дорад. Яъне, барои корҳои вазнин, ки аслан мардон ҷалб карда мешаванд, музди меҳнати бештар дода мешавад ва занон, ки бештар ба корҳои сабук ҷалб мегарданд, музди меҳнати камтар дода мешавад[138];

в) барои занон, муҳоҷирати меҳнатӣ на ҳамчун манбаи таъмин намудани зиндагии шоиста, балки ҳамчун манбаи зистан баромад менамояд.

2. Ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ҳуқуқ ва уҳдадории зан-муҳоҷири меҳнатӣ на ҳамавақт ба таври амиқ дар шартномаи меҳнатӣ (агар чунин шартнома баста шуда бошад) дарҷ карда мешавад[139]. Чунин амал аксар маврид боис бар он мегардад, ки ҳуқуқу манфиатҳои занони муҳоҷир поймол карда шавад.

С.А. Ушакин қайд менамояд, ки занон-муҳоҷирони меҳнатӣ бештар ба корҳое ҷалб карда мешаванд, ки хусусияти дискриминатсионӣ доранд ва аксарияти онҳо дар санадҳои расмии ҳуқуқӣ ба таври амиқ танзим карда нашудаанд. Яъне, бештари ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии занон-муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври зарурӣ дар шакди де-факто мавриди танзим қарор нагирифтаанд[140].

Яке аз нахустин ташаббусҳое, ки барои танзими вазъи ҳуқуқии занон-муҳоҷирони меҳнатӣ рӯи даст гирифта шуд, ин дар Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳолати занон мебошад, ки соли 1995 дар шаҳри Пекини Хитой доир гардида буд. Дар он се самти вазъи ҳуқуқии занон-муҳоҷирони меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд:

1. Ҳуқуқи занон ба муҳоҷират дар асоси қонун: фароҳам овардани шароит барои занон ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ва таъмин намудани бехатарии онҳо, инчунин ҳимояи занон-муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳар гуна амалҳои хусусияти зӯроваридошта;

2. Ҳуқуқҳое, ки дар раванди муҳоҷират амалӣ карда мешаванд: таъмин намудани амнияти занон-муҳоҷирони меҳнатӣ, қадрдонӣ намудани онҳо, назорат барои пардохт намудани музди меҳнати занон-муҳоҷирони меҳнатӣ, таъмин намудани шароити мусоид барои машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ, ҳуқуқ ба ҳаёти оилавӣ, ҳуқуқ ба хизматрасонии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот ва ғ.;

3. Ҳуқуқҳое, ки тавассути муҳоҷират амалӣ карда мешаванд: мусоидат ба натиҷаҳои мусбати муҳоҷирати занон, масалан тавассути афзоиши мустақилият ва имкониятҳо барои гуфтушунид дар бораи шароити кор дар кишвари қабулкунанда, афзоиш додани имкониятҳо ҷиҳати назорат намудани даромад ва қабул кардани қарорҳо ва ғ.

---

[138] Муфассал ниг.: Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Раванди муҳоҷиршавӣ ва вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар вазъиятҳои вижа // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2022. – № 2 (26). – С. 51-66.

[139] Ниг.: Петухова И.Ю. Специфика женской трудовой миграции в России / И.Ю. Петухова // Terra Economicus. – 2007. – Т. 5. – №4-2. – С. 204-206.

[140] Ниг.: Ушакин С.А. «GENDER» (напрокат): полезная категория для научной карьеры / С.А. Ушакин // Гендерная история: pro et contra: Межвуз. сб. дискус. материалов и программ / Рос. гос. пед. ун-т им. А.И. Герцена. Каф. всеобщ. истории; [Отв. и науч. ред. – М.Г. Муравьева]. – СПб.: Нестор, 2000. – С. 38. (– С. 34-39).

Дар ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ категорияҳои гуногуни муҳоҷирони меҳнатӣ ҷудо карда мешаванд, ки доир ба паҳлуҳои алоҳидаи онҳо олимони ватанӣ ва хориҷӣ ақидаҳои худро иброз намудаанд[141]. Яқин аст, ки зан-муҳоҷири меҳнатӣ дар бештари маврид ба сифати аъзои оилаи муҳоҷири меҳнатӣ шинохта мешавад, аммо ӯ ҳақ дорад, ки ба категорияҳои дигар, масалан категорияи муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ ва ё доимӣ дохил шавад. Барои ворид шудан ба ин категория танҳо ризоият ва хоҳиши ӯ лозим аст.

Зан-муҳоҷири меҳнатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ дар баробари мардон имконияти фаъолият намудан дар тамоми бахшҳоро доро мебошад. Аммо, дар баъзе маврид санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба машғул шудани занон ба фаъолияти меҳнатӣ маҳдудият муайян намудаанд, ки он ҳам бошад, бо мақсади эмин нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии зан-муҳоҷири меҳнатӣ роҳандозӣ карда шудааст. Масалан, ба фаъолияти меҳнатии вазнин ва ё дар корҳои зеризаминӣ машғул шудани занонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат намедиҳад, ки чунин навъи маҳдудият дар қонунгузории дигар давлатҳо низ ба назар мерасад.

Зан-муҳоҷири меҳнатӣ ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ дар кишвари қабулкунанда ҳақ дорад, ки бо шаҳрванди давлати будубош оила барпо намуда, шаҳрвандии давлати мазкурро соҳиб шавад, танҳо ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории давлати будубош нисбат ба ҳуқуқи барпо намудани оила ба шаҳрвандони кишвари хориҷа маҳдудият пешбинӣ нанамуда бошад.

Занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар бештари кишварҳо ба корҳои сабук ҷалб карда мешаванд. Масалан, дар Федератсияи Россия аксарияти занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаи савдо, хизматрасонӣ ва корҳои хонагӣ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, аз ҳисоби занон-муҳоҷирони меҳнатии Украина – 21 %, Ӯзбекистон – 16 %, Молдова – 15 % ва Тоҷикистон 10 % дар соҳаи савдо, хизматрасонӣ ва корҳои хонагӣ машғули кор мебошанд[142]. Аммо, мушкилӣ дар он аст, ки занон-муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар хона ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд, нисбатан музди меҳнати камтар мегиранд, ки аз нигоҳи баъзе муҳаққиқон ин боиси поймол шудани ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар мегардад. Ҷиҳати аз байн бурдани чунин омил дар Канада, Италия, Олмон, Британияи Кабир ва дигар давлатҳо механизмҳои махсус таъсис дода шудаанд. Ҳатто дар баъзе аз давлатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар корҳои хонагӣ фаъолият менамоянд, алалхусус занон иҷозат дода шудааст то тобеи қонунгузории давлати будубош набошанд. Масалан, дар Урдун шартномаи махсус мураттаб гардидааст, ки он вазъи ҳуқуқии занон-муҳоҷирони меҳнатиро, ки дар корҳои хонагӣ меҳнат мекунанд ба танзим даровarда, корфармоpo вазифадор менамояд то тамоми шароити зарурирo барои коргар фароҳам оварад.

Мушкилоти дигар дар фаъолияти меҳнатии занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъзан онҳоро барои машғул шудан ба фаъолиятҳои

[141] Муфассал ниг.: Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (воситаи таълимӣ) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 195 саҳ.

[142] Карачурина Л.Б. Домашние работники в России и Казахстане: оценка положения домашних работников на рынках труда России и Казахстана / Л.Б. Карачурина, Д.В. Полетаев, Ю.Ф. Флоринская и др. – Алматы: Ex Libris, 2014. – С. 30.

ғайриқонунӣ ва бадахлоқона ҷалб менамоянд, ки ҳатто боис ба хариду фурӯши онҳо мегардад. Чунин амал дар давлатҳои нисбатан тараққикарда бештар ба назар мерасад ва он низ аз ҳисоби заноне сурат мегирад, ки барои пеш бурдани зиндагии худ аз давлатҳои дигар омадаанд. Аксарияти онҳо гирифтори фиреби корфармоён қарор мегиранд. Бо мақсади пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ ташаббусҳои зарурӣ рӯи даст гирифта шудаанд, ки онҳо баҳри таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои занон равона гардидаанд.

Метавон иброз намуд, ки занон-муҳоҷирони меҳнатӣ имрӯз дар баробари дигар субъетони фаъолияти меҳнатӣ ба таври озод имконияти машғул шудан ба фаъолияти меҳнатии тавассути қонунгузорӣ муқарраршударо доро мебошанд. Онҳо соҳиби ҳамон ҳуқуқу уҳдадориҳое мебошанд, ки дигар субъектони фаъолияти меҳнатӣ дороянд.

**Адабиёт:**

1. Герасименко А.В., Позняк А.В. Гендерные аспекты трудовых миграций населения Украины / А.В. Герасименко, А.В. Позняк // Демографія та соціальна економіка. – 2006. – № 1. – С. 46-54.

2. Карачурина Л.Б. Домашние работники в России и Казахстане: оценка положения домашних работников на рынках труда России и Казахстана / Л.Б. Карачурина, Д.В. Полетаев, Ю.Ф. Флоринская и др. – Алматы: Ex Libris, 2014. – С. 30.

3. Петухова И.Ю. Специфика женской трудовой миграции в России / И.Ю. Петухова // Terra Economicus. – 2007. – Т. 5. – №4-2. – С. 204-206.

4. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (воситаи таълимӣ) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 195 саҳ.

5. Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Раванди муҳоҷиршавӣ ва вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар вазъиятҳои вижа // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2022. – № 2 (26). – С. 51-66.

6. Саъдизода Ҷ., Азимов С.Ш. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе, 2020. – № 1 (17). – С. 16-26.

7. Ушакин С.А. «GENDER» (напрокат): полезная категория для научной карьеры / С.А. Ушакин // Гендерная история: pro et contra: Межвуз. сб. дискус. материалов и программ / Рос. гос. пед. ун-т им. А.И. Герцена. Каф. всеобщ. истории; [Отв. и науч. ред. – М.Г. Муравьева]. – СПб.: Нестор, 2000. – С. 38. (– С. 34-39).

# ҲУҚУҚ БА МУСОФИРАТ ВА ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛИ ЗИСТ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Ҳалимзода Карим Ҳалим,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҷаҳонишавӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, албатта, ба тамоюлҳои ҷараёни муҳоҷират таъсир мерасонад. Ба андешаи як зумра олимон, муҳоҷират характери умумиҷаҳонӣ пайдо карда, бештари кишварҳоро ҳам ҳамчун кишвари қабулкунанда ва ҳамчун кишвари ирсолкунанда фаро мегирад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳаракати муҳоҷирати аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Ин пеш аз ҳама тағйири сохтори ҷараёни муҳоҷират, миқдор ва сифати онҳо мебошад. Ғайр аз ин, ба амал омадан ва тавсияи фазои маҷозӣ мундариҷаи муҳоҷиратро низ тағйир медиҳад. Вазъияте, ки бархе аз афрод ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар муҳити дигари маҷозии этникӣ зиндагӣ мекунанд танҳо бо намояндагони кишварҳои дигар маҷозӣ таҳсил, кор ва муошират мекунанд, яъне ба таври виртуалӣ муҳоҷират мекунанд, низ метавонад дарояндаи наздик ба воқеият табдил ёбад. Ҳамин тавр, дар шароити ҷаҳонишавӣ хусусияти равандҳои муҳоҷират тағйир ёфта, баъзе тамоюлҳои ин равандҳои шоёни таҳқиқи ҷиддӣ мушоҳида мешаванд.

Дар мақолаи мазкур таъсири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба танзими ҳуқуқии озодии мусофират баррасӣ шудааст. Муаллиф таваҷҷуҳи худро ба вобастагии афзояндаи қобилияти мусофирати озод ва интихоби ҷои зист аз маҳдудиятҳои қонунии ҷорӣ ҷалб кардааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷаҳонишавӣ, вазъи ҳуқуқӣ, ҳамгироӣ, ҳуқуқи мусофират, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, интихоби озоди маҳалли зист, муҳоҷират, давлат, созишномаҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, қонунгезорӣ.

# ПРАВО НА СВОБОДНОЕ ПЕРЕДВИЖЕНИЕ И ВЫБОР МЕСТА ЖИТЕЛЬСТВА В ПРОЦЕССЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**Халимзода Карим Халим,**
**с**оискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета

**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Научный руководитель:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Анатация:** Глобализация затрагивает все сферы общественной жизни, в том числе, конечно же, и миграционные тенденции. По мнению ряда ученых, миграция приобрела глобальный характер и охватывает большинство стран как в качестве принимающей, так и в качестве отправляющей страны.

Процесс глобализации оказывает существенное влияние на движение миграции населения. Прежде всего, это изменение структуры миграции, ее количества и качества. Кроме того, появление и рекомендации виртуального пространства также меняют содержание миграции. Ситуация, когда некоторые люди или социальные группы, проживающие в другой виртуальной этнической среде, только виртуально учатся, работают и общаются с представителями других стран, т.е. виртуально мигрируют, также может стать реальностью в ближайшем будущем. Таким образом, в условиях глобализации изменился характер миграционных процессов, и можно наблюдать некоторые тенденции этих процессов, достойные серьезного исследования.

В данной статье рассматривается влияние глобализации и интеграции на правовое регулирование свободы передвижение. Автор обратил внимание на растущую зависимость возможности свободно передвигаться и выбирать место жительства от действующих правовых ограничений.

**Ключевые слова:** Глобализация, правовой статус, интеграция, права передвижение, правовые ограничения, свободный выбор места жительства, миграция, государство, соглашения, международные организации, законодательство.

## THE RIGHT TO FREE MOVEMENT AND CHOICE OF RESIDENCE IN THE PROCESS OF GLOBALIZATION

**Halimzoda Karim Halim**
applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Research supervisor**: Dinorshoh A.M., Doctor of Law, Professor
**Reviever:** Sadizoda J.,Candidate of law, dosent

**Anotation:** Globalization affects all spheres of social life, including, of course, the trends in migration. According to a number of scientists, migration has acquired a global character and covers most of the countries, both as a receiving country and as a sending country.

The process of globalization has a significant impact on the movement of population migration. First of all, this is a change in the structure of migration, its quantity and quality. In addition, the occurrence and recommendation of virtual space also changes the content of migration. The situation where some individuals or social groups living in another virtual ethnic environment only study, work and communicate with representatives of other countries virtually, i.e. migrate virtually, may also become a reality in the near future. Thus, in the conditions of globalization, the nature of migration processes has changed, and some trends of these processes worthy of serious research can be observed.

This article discusses the impact of globalization and integration on the legal regulation of passenger freedom. The author drew attention to the increasing dependence of the ability to travel freely and choose a place of residence from the current legal restrictions.

**Keywords:** Globalization, legal status, integration, passenger rights, legal restrictions, free choice of residence, migration, state, agreements, international organizations, legislation.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони муосир зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои муносиби ҳамоҳангсоз дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳоро тақозо мекунад. Яке аз онҳо, муносибатҳои соҳаи муҳоҷират мебошад, ки ба ҳуқуқи мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист асос ёфтааст. Озодии мусофират унсури муҳими озодии шахсӣ, шарти рушду нумуъи касбӣ ва маънавии инсон мебошад. Муттаҳидсозии он дар санадҳои байналмилалӣ натиҷаи на танҳо мубориза тӯлонӣ бахри озодӣ, балкӣ пирӯзии демократия бар тоталитаризм аст.

Ҷараёни муҳоҷирати ҷаҳонӣ ҳаракатҳоеро дар бар мегирад, ки чун қоида, дар байни қитъаҳо ба амал омада, якчанд давлатро фаро мегиранд ва ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии кишварҳо таъсири назаррас мерасонанд. Нақши муҳоҷират дар ташаккули аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт торафт меафзояд. Бо назардошти ин, асри XXI-ро метавон «асри муҳоҷирати ҷаҳонӣ» номид.

Дар замони муосир вазъияти байналмилалӣ мураккаб ва пурпечутоб гардида, коста шудани мустақилияти низомҳои ҳуқуқи миллӣ, мавқеи соҳибихтиёрии давлатҳо, афзудани муҳоҷират, таъсири давлатҳои абарқудрат ба давлатҳои хурд ва вобаста, низои фарҳангҳо, тағйирёбандагии ҷараёни меҳнат ва сармоя, ки оқибатҳои бухрони минтақавии иқтисодӣ дорад, мушоҳида карда мешавад. Ҷаҳонишавӣ ба радифи равандҳое, ки барои тамоми инсоният оқибатҳои ҷиддӣ ва хавфнок доранд дохил шуда, хислати ҷараёни онро сифатнок пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст[143].

---

[143] Ниг.: Сафарализода Д.С. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2020. – С. 3.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ зарурати ба муносиб намудани раванди танзими ҳуқуқии мусофират ва ба ин васила афзоиш додани имкониятҳо барои ҳар як инсон, новобаста аз маҳалли истиқомат ё ҷои будубош, дарки арзиши умумиҷаҳонии ҳуқуқӣ ба як мушкилоти асосии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Аз як тараф, хоҳиши фароҳам овардани фазои бештар барои амалисозии бидуни раводиди шаҳрвандон (масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 463 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми бераводиди яктарафа нисбат ба баъзе давлатҳои хориҷӣ»[144]), аз ҷониби дигар таҳдидҳои нав ба нав пайдошаванда ба тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ, амалиётҳои низомӣ, ки боиси ҷараёни муҳоҷират мешаванд, инчунин ҳамчун вобастагии татбиқи ҳуқуқи мусофират аз муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ин ҳама омилҳое мебошанд, ки ба ташаккули танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи мусофират таъсир мерасонанд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ аксарияти мамлакатҳои дунё эътироф мекунанд, ки ғояҳо ва арзишҳои ташаккулёфта бояд ҳифз ва ҳимоя карда шаванд, аммо мушкилот ва таҳдидҳои муосир давлатҳоро водор менамояд, ки барои пешгирии онҳо моделҳои танзими ҳуқуқии худро эҷод намуда, ки дар он ба амал баровардани ҳуқуқи мусофират маҳдуд карда мешавад.

Дар баробари ин, бо мақсади нигоҳ доштани имконияти самараноки истифодаи озодонаи мусофират, бисёри давлатҳо дар иттиҳодияҳои муайяне муттаҳид шудаанд, масалан, Иттиҳоди Аврупо (аз ҷониби ҳамаи иштирокчияёни минтақаи Шенген, ки пурра ба сохтори институтсионалӣ ва ҳуқуқии Иттиҳоди Аврупо ворид шудааст. Минтақаи Шенген аз 26 давлат иборат аст, ки озодона мусофират намудани шаҳрвандони худ ва шаҳрвандони хориҷиро иҷозат додаанд. Минтақаи Шенген муҳимтарин давлатҳои Аврупоро дар бар мегирад, ба ҷуз Британияи Кабир. Инчунин давлатҳои ҳастанд, ки аъзои Иттиҳоди Аврупо набуда, аммо ба минтақаи Шенген дохил мебошанд, ки сиёсати озодона мусофират намуданро ба ҷо меоранд, ба монанди Норвегия, Исландия, Швейтсария ва Лихтенштейн)[145], Иттиҳоди давлатҳои Мустақил (Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 1995 Конвенсияи минтақавӣ – ба истилоҳ санади намунавии «Муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ дар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»-ро қабул намуд, ки дар он принсипҳои мувофиқашудаи қонунгузорӣ дар соҳаи муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дарҷ ёфтаанд)[146], созишномаҳои дуҷониба (Созишнома миёни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии

[144] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 463 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми бераводиди яктарафа нисбат ба баъзе давлатҳои хориҷӣ» // Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. – 2021. № 10 қисми 6. – С. 57.

[145] Ниг.: Шенгеская зона. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ %D0%A8%D0%B5%D0%BD%D0%B3%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%BA%D0%B0%D1%8F_%D0%B7%D0%BE%D0%BD%D0%B0 (санаи муроҷиат: 23.12.2022).

[146] Ниг.: Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (васоити таълимӣ) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. –Душанбе: Нӯшбод, 2021. – С. 38.

Федератсияи Русия аз 27 феврали соли 2017 дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар ш.Душанбе ба имзо расид, ки дар асоси он аз 25 март то 24 апрели соли 2017 муҳоҷирони кории тоҷик имкон доранд дар ҳудуди Федератсияи Русия барои қонунӣ гардондани будубош, тамдид ва сабти расмӣ дар мақомоти марбутаи ин кишвар ҳозир шаванд. Дар ин муддат шаҳрвандони Тоҷикистон барои қоидавайронкунии будубош ва фаъолияти меҳнатӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешаванд. Инчунин, шахсоне, ки дар ин кишвар муҳлати будубошашон гузаштааст, метавонанд дар муддати як моҳ ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд. Ба онҳо барои қонунӣ гардондани будубош корти муҳоҷиратии нав, бо нишон додани мақсади вуруд, дода мешавад)[147].

Дар ин ҳолат, бояд ҷанбаи воқеии марбут ба муайян намудани созишнома ва қонунҳоро қайд кард. Чунин ба назар мерасад, ки масъалаи мазкур актуалӣ буда, пажуҳиши илмиро талаб мекунад, хусусан дар замони бархӯрдӣ танзимнамоии ҳуқуқҳо.

Тамоюлҳое, ки ба таъмини имкониятҳои бештар дар самти татбиқи ҳуқуқи мусофират равона шудаанд, амалияи ҷорӣ кардани маҳдудиятҳоро ба ҳуқуқи номбурда истисно намекунад. Дар байни маҳдудиятҳои ҳуқуқии умумиҷаҳонӣ оид ба озодии мусофират маҳдудиятҳо бо мақсади мубориза бо хавфи эпидемия, офатҳои табиӣ ё садамаҳои махсусан вазнин.

Дар давраи муосир, объектҳои асосии танзим дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи мусофират шароити вуруд ба ҳудуди давлатҳо, бозори муҳоҷирати меҳнатӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва ғайра мебошанд. Аммо дар робита ба интеграцияи иктисодию сиёсӣ зарурати ҷустуҷӯи ҳалли созандаи мушкилот дар соҳаи муҳоҷиратро тақозо мекунад.

Дар шароити муосир, вақте ки шумораи умумии одамони сафаркунанда дар ҳоли афзоиш мебошад, давлатҳое, ки муҳоҷирони зиёдеро қабул менамоянд, дар баъзан ҳолатҳо маҷбуранд сахт ва ба дигарон – либералӣ амал намоянд. Сахтгирӣ дар ҷилвагирӣ аз муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва либералӣ дар фароҳам овардани имкониятҳо барои шахсони дорои заминаи муайяни молиявӣ ифода меёбанд. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки афзоиши фаъолият дар татбиқи озодии мусофират метавонад ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ–маънавии давлат таъсир расонад[148].

Бо дарназардошти масъалаҳои мубрами соҳаи татбиқи ҳуқуқи мусофират, қайд кардан зарур аст, ки озодии мусофират дар вазъи ҳуқуқии шахс ҷойгоҳи фавқулода муҳимро ишғол менамояд, зеро тавассути татбиқи он бисёри дигар ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва шахсӣ аз ҷониби шаҳрвандон амали карда мешавад. Масалан, ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, ҳуқуқи интихобот ва ғайра. Ғайр аз ин, истифодаи ҳуқуқи мусофират метавонад ҳамчун як навъ кафолати ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон дар ҳолатҳои фавқулода бошад,

[147] Ниг.: Муҳоҷират. Чанд имтиёзи Русия ба шаҳрвандони Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28714 (санаи муроҷиат: 26.12.2022).

[148] Ниг.: Толкачева С.В. Развитие конституционного права на въезд и выезд из Российской Федерации в период становления демократического государства: Дис. … канд. юрид. наук. – Москва. 2001. – С. 3.

гарчанде маълум аст, ки ҳаракати шаҳрвандон дар ин ҳолат бо ҳама мушкилиҳои иҷтимоӣ, маҷбурӣ аст.

Афзоиши муҳоҷирати беназорат ва ҷараёни гурезагон дар робита бо рафтор ва амалиётҳои ҳарбӣ дар ҳудудҳои як қатор давлатҳо, ба монанди Ироқ, Сурия, Либия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Украина боиси ташвиш ва дар натиҷа эҷоди равишҳои нав дар соҳаи танзими ҳуқуқии озодии мусофират барои шаҳрвандони хориҷӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ мушкилоти актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ҷангҳо дар Африқо ва Шарқи Назадик, ки дар онҳо кишварҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ширкат доштанд, аз соли 2015 ҷаҳонро мавҷи гурезаҳо ва дигар муҳоҷирони африқоӣ, Шарқи Назадик ва Осиёи Ҷанубӣ фаро гирифтааст. Агар соли 2014 ба Иттиҳодияи Аврупо 280 ҳазор муҳоҷир ворид шуда бошад, соли 2015 теъдоди онҳо то 2 миллион нафарро ташкил дод.

Сурия ба манбаи асосии гурезаҳо табдил ёфт. Аксарияти муҳоҷирон аз Олмон дархости паноҳандагӣ кардаанд: тақрибан 500 000 дар соли 2015. Венгрия ва Шветсия ҳам мамлакатҳои «маъмул» гардиданд. Гурезагон ба кишварҳои таъиноти худ умдатан бо қаиқҳои пурбор ва ноустувор ва чӯбин, ки на як бор ба садама дучор шуда буданд, сафар мекарданд[149].

Тавре ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саннаи 20 январи соли 2016 иброз намуданд: “Боиси таассуф аст, ки баъзе созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби як қатор доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблағгузорӣ гардидани созмонҳои террористиву ифротгаро, поймолшавии ҳуқуқи инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд”[150].

Маврид ба зикр аст, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ ин воридшавӣ, будубош ва ё фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар қаламрави як давлат бо вайрон кардани қонунгузории он ба ҳисоб меравад[151].

Дар Швейтсария бисёриҳо аз сиёсатӣ “муҳоҷирати номаҳдад”- и кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, ки аз ҷумла барои таъмини истифодаи самарабахши ҳуқуқи мусофират ба вуҷуд омадаанд, нигарон ҳастанд. Масалан, Роҷер Кепел қайд мекунад, ки “Швейтсария Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нест. Мо ҷои кофӣ надорем, аммо ниятҳои одамоне, ки ба давлати мо меоянд, аз муҳоҷироне, ки ба ИМА ворид мешаванд, комилан фарқ мекунанд. Ҳар касе, ки ба Амрико муҳоҷират мекунанд, мехоҳанд худро дубора ихтироъ карда  амрикоӣ шаванд. Онҳое, ки ба Швейтсария меоянд, дар ҷустуҷӯи муҳити мӯътадил ва баланд бардоштани музди меҳнат

---

149 Ниг.: Италия  подпишет соглашение с Алжиром по сдерживанию потока мигрантов. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://regnum.ru/news/polit/2317746.html  (санаи муроҷиат: 28.12.2022)

150 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 20 январи  соли 2016. – Душанбе, 2016. – С. 31. Захираи электронӣ: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 28.12.2022).

151 Ниг.: Саидзода И.И.  Азимов С.Ш. Асосҳои ҳуқуқии пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи  байналмилалии  илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 64.

мебошанд... Швейтсария бояд қобилияти худро баръакси кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо барқарор намуда, созишномаҳои дуҷониба дар самти озодии мусофират баррасӣ карда шаванд”[152].

Ҷорӣ намудани модели нави маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи мусофират набояд рух диҳад. Ҳарчанд ин гуна амалия вуҷуд дорад. Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани ин гуна вазъият мусоидат намудан ба тафаккури арзишҳои гуногуни демократӣ аст. Демократия, ки барои ташаккул ва рушди бисёр давлатҳои ҷаҳон асос ёфтааст ва бо он эҳтироми ҳуқуқи инсон ва волоияти адолат, ки ҳамчун рукнҳои конститутсионии ҷаҳонӣ баромад мекунад, дар замони муосир батаври созанда амалӣ намешаванд.

Вазири корҳои дохилии Австралия Ҷейсон Клэр хабар дод, барои маълумот дар бораи боздошти афроде, ки дар қочоқи муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз сарҳад даст доранд, 180 000 доллар ҷоиза пешниҳод кардааст. Изҳороти ӯ дар пасманзари ташдиди сиёсати муҳоҷирати давлати Австралия ба далели афзоиши воруди муҳоҷирон ба ин кишвар садо додааст. Сарвазири Австралия Кевин Радд эълон кард, ки муҳоҷирони ғайриқонунӣ, ки ба ин кишвар меоянд, дар Папуа Гвинеяи Нав ҷойгир карда мешаванд. Ба гуфтаи ӯ, аз ин ба баъд ҳеҷ нафаре, ки ба таври ғайриқонунӣ тавассути баҳр вориди Австралия мешавад, наметавонад мақоми паноҳанда бигирад[153].

Сиёсати давлатҳои муосир ҳимояи манфиатҳои миллии худ мебошад. Аз ҷумла, ба гуфтаи вазири корҳои дохилии Олмон, ҳар як давлат бояд уҳдадориҳои худро дар назди шарикони аврупоии худ ба ёд оранд, аммо дар айни замон, ҳар як давлат вазифадор аст, ки амнияти шаҳрвандонашро таъмин кунад. “Ҳадафи мо нигоҳ доштани озодии мусофират барои аврупоиён аст, аммо дар айни замон итминон ҳосил намоед, ки шаҳрвандони кишварҳои мо донанд, ки дар шароити душвор, амнияти онҳо новобаста аз озодии мусофират, сарфи назар аз марзҳои кушода таъмин карда мешаванд”[154].

Дар баробари маҳдудиятҳои муқарраршудаи ҳуқуқи мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист, тамоюли муқобил ҷалби сарватмандони хориҷӣ ба миён омад. Ҳамин тариқ, сенаторҳои амрикоӣ пешниҳод мекунанд, ки ба хориҷиёне, ки дар ИМА ба маблағи на камтар аз ним миллион доллар амволи ғайриманқул харидаанд, иҷозати будубош дода шавад[155].

Дар баробари гуфтаҳои боло Лимонова Н.А. дуруст қайд мекунад, ки дар бораи озодии воқеии мусофират ва интихоби ҷои истиқомат барои як шаҳрванди оддӣ ҳарф задан душвор аст, зеро амалисозии ин озодӣ ба некӯаҳволии моддии ӯ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат вобаста аст.

---

[152] Keppel R. Zuwanderung // Die Weltwoche/ November? 2016 / http:// www.weltwoche.ch/die_weltwoche/.

[153] Ниг.: Австралия ужесточила миграционную политику. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rus.ozodi.org/a/25052441.html (санаи мурочиат: 28.12.2022).

[154] Алешкова И.А. Актуальные проблемы в сфере правового регулирования права на свободное передвижение в условиях глобализации. Образование и право №10. 2016. – С. 68.

[155] Ниг.: В США предлагают давать вид на жительство богатым покупателям жилья. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://russianwashington.com/index.php? option=com_content&view =article&id=568:green-card-real-estate&catid=44:newsecon&Itemid=50 (санаи мурочиат: 28.12.2022).

Дар давраи муосир ҳуқуқи мусофират ва интихоби озоди ҷои истиқомат танҳо барои одамони сарватманд пурра таъмин карда шудааст: онҳо пул доранд барои сафар ё харидори намудани хона ва ҳар ҷое ки мехоҳанд, ҷойгир шаванд. Одамони камбизоат ва одамони дорои даромади миёна наметавонанд ҷои зисти барояшон писандро интихоб кунанд, балки дар он ҷое истиқомат кунанд, ки ба онҳо иҷозат дода шудааст ва ё нархи манзил пасттар аст[156].

Рушди танзими муосири ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои муҳоҷират, бешубҳа ба таҳкурсии дар давраи баъд аз ҷанг асос ёфтааст, аммо дар ҷараёни тағйиротҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ (аз ҷумла, дар заминаи тафсирҳои гуногуни принсипҳо ва меёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ), бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ таҳияи усулҳои ягонаи конструктивиро дар асоси принсипҳои баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, дар раванди ҷаҳонишавӣ ба амал омадани афзоиши миқёси муҳоҷирати ҷаҳонӣ ва шаклҳои нави равандҳои муҳоҷират пайдо гардидаанд. Ва ҳарчанд омилҳои иқтисодӣ ҷараёни муҳоҷиратро пешакӣ муайян мекунанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти омилҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷират меафзояд. Муҳоҷирати ҷаҳонӣ омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии давлатҳои ҷаҳони муосир гардидааст.

**Адабиёт:**


1. Сафарализода Д.С. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе. 2020. – С. 3.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 463 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми бераводиди яктарафа нисбат ба баъзе давлатҳои хориҷӣ» // Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. – 2021. № 10 қисми 6. – С. 57.
3. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (васоити таълимӣ) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Нӯшбод, 2021. – С. 38.
4. Муҳоҷират. Чанд имтиёзи Русия ба шаҳрвандони Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28714 (санаи муроҷиат: 26.12.2022)
5. Толкачева С.В. Развитие конституционного права на въезд и выезд из Российской Федерации в период становления демократического государства: Дис. … канд. юрид. наук. – Москва. 2001. – С. 3.
6. Италия подпишет соглашение с Алжиром по сдерживанию потока мигрантов. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://regnum.ru/news/polit/2317746.html (санаи муроҷиат: 28.12.2022)
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 20 январи


[156] Ниг.: Лимонова Н.А. Влияние глобализации и интеграции на реализацию личностью свободы передвижения. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://center-bereg.ru/n522.html (санаи муроҷиат: (28.12.2022) .

соли 2016. – Душанбе, 2016. – С. 31. [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 28.12.2022).

8. Саидзода И.И. Азимов С.Ш. Асосҳои ҳуқуқии пешгирии муҳоҷирати ғайриқонуни дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 64.

9. Keppel R. Zuwanderung // Die Weltwoche/ November? 2016 / http:// www.weltwoche.ch/die_weltwoche/.

10. Австралия ужесточила миграционную политику. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rus.ozodi.org/a/25052441.html (санаи муроҷиат: 28.12.2022) .

11. Алешкова И.А. Актуальные проблемы в сфере правового регулирования права на свободное передвижение в условиях глобализации. Образование и право №10. 2016. – С. 68.

12. В США предлагают давать вид на жительство богатым покупателям жилья. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://russianwashington.com/index.php? option=com_content&view =article&id=568:green-card-real-estate&catid=44:newsecon&Itemid=50 (санаи муроҷиат: 28.12.2022).

13. Лимонова Н.А. Влияние глобализации и интеграции на реализацию личностью свободы передвижения. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://center-bereg.ru/n522.html (санаи муроҷиат: (28.12.2022).

14. Шенгеская зона. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ %D0%A8%D0%B5%D0%BD%D0%B3%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%BA%D0%B0%D1%8F_%D0%B7%D0%BE%D0%BD%D0%B0 (санаи муроҷиат: 23.12.2022).

# МАСЪАЛҲОИ ҲУҚУҚИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ УҲДАДОРИИ ҲАРБӢ

**Муминзода Маҳмадшариф Нозим,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 931193333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинзода Э.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф ду роҳи омӯзиши уҳдадории ҳарбиро пешниҳод мекунад. Яке омӯзиши уҳдадории ҳарбӣ дар Конститутсия ва қонунҳо ва дигар мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ. Ҳарчанд мафҳуми уҳдадорӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд бошад ҳам, ба ақидаи муаллиф қонеъкунанда нест, ҳарчанд дар қонунгузории Федерацияи Русия мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ умуман вуҷуд надорад. Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муаллифро ҷалб намуд, ин дар чи мазмун дарҷ шудани ин масъала дар Конститутсия ба ҳисоб меравад. Вақте ки уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун вазифаи муқаддас эълон мешавад, ҳол он, ки мувофиқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ ба ҳисоб меравад.

Воқеан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат мактаби бузурги ҷасорату мардонагӣ ва далериву шуҷоат аст, ки ин вазифаи муқаддас ва пурифтихори на танҳо хизматчиёни ҳарбӣ, балки ҳар як фарди солимфикр ва бонангу номуси кишвар, махсусан насли ҷавон, мебошад. Барои ҷавонон яке аз муҳимтарин мактаби обутоби ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҳар як ҷавон мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт – дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегирад. Хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ бояд қарзи виҷдон ва ҳаққи фарзандии ҳар як ҷавони далер бошад. Иштироки шахс дар ҳаёти ҷамъияту давлатӣ маънои онро дорад, ки ӯ ҳуқуку уҳдадориҳое дорад, ки ҳамзистӣ бо одамони дигарро имкон медиҳад. Дар ин бобат масъалаи ягонагии ҳуқуку вазифаҳои инсон аҳамияти калон дорад.

Уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба аломат ва хусусиятҳои махсуси худ объекти пажуҳиши илмии олимони зиёде гашта бошад ҳам, то имрӯз ҳалли худро наёфтааст. Ҳамчунин, вобаста ба тағйиротҳои охир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»,

аниқтараш қабули қонун дар таҳрири нав масъалаҳои зиёдеро ба вуҷуд овард ва мубрамияти пажуҳишро дар ин соҳа нишон дод. Дар раванди омӯзиш муаллиф ба хулосае омадааст, ки то имрӯз вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, назарияви ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аз ҷониби олимони ватанӣ тадқиқоти ҷиддии бунёдие сурат нагирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Уҳдадории ҳарбӣ, мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ, ҳифзи Ватан, даъвати ҳарбӣ, қувваҳои мусаллаҳ, уҳдадорӣ, вазифа, уҳдадории конститутсионӣ, ҳуқуқи ҳарбӣ, соҳаи ҳуқуқ

## ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОНЯТИЯ ВОИНСКОЙ ОБЯЗАННОСТИ

**Муминзода Махмадшариф Нозим,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 93119 3333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Научный руководитель**: Насриддинзода Э.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Рахмон Д.С., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье анализируется понятие воинской обязанности. Автор предлагает два пути изучения воинской обязанности. Один – изучение понятия воинской обязанности в Конституции и законах, а другой – понятие воинской обязанности в юриспруденции. Хотя понятие воинской обязанности присутствует в законодательстве Республики Таджикистан, оно не является удовлетворительным, по мнению автора, хотя понятие воинской обязанности вовсе отсутствует в законодательстве Российской Федерации. Еще одним вопросом, привлекшим внимание автора, является содержание включения этого вопроса в Конституцию. Когда эта обязанность считается священным, в то время как согласно самой же Конституцией наше государство является светской. Ведь защита Родины, защита интересов государства – это великая школа мужества, мужества и отваги, являющаяся священным и гордым долгом не только военнослужащих, но и каждого здравомыслящего и порядочного человека страны, особенно молодое поколение. Одним из важнейших жизненных уроков для молодежи является служба в Вооруженных Силах страны. Именно здесь каждый юноша учится мужественности и познает самую сокровенную ценность жизни – любить и верно защищать чистую землю родной Родины. Служба в рядах Национальной Армии должна стать долгом совести и сыновним правом каждого храброго молодого человека. Участие человека в жизни общества и государства означает наличие у него прав и обязанностей, обеспечивающих сосуществование с другими людьми.

В связи с этим большое значение имеет вопрос о единстве прав и обязанностей человека.

Хотя воинская обязанность и стала объектом научных исследований многих ученых в силу ее свойств и особенностей, она до сих пор не решена. Также в связи с недавними изменениями в Закон Республики Таджикистан «О воинской обязанности и военной службе», точнее принятие закона в новой редакции создало много вопросов и показало важность исследований в данной сфере. В процессе исследования автор пришел к выводу, что до настоящего времени отечественными учеными не проводилось серьезных фундаментальных исследований, связанных с правовыми и теоретическими вопросами воинской службы.

**Ключевые слова:** Военная обязанность, понятие воинской обязанности, военная служба, защита Родины, воинская повинность, вооруженные силы, обязанность, задача, конституционная обязанность, военное право, отрасл права.

## LEGAL ISSUES OF DEFINITION OF THE CONCEPT OF MILITARY DUTY

**Muminzoda Mahmadsharif Nozim,**
assistant department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone.:** (+992) 93119 3333
**E-mail:** sharifjonmuminov@gmail.com

**Research supervisor:** Nasriddinzoda E.S., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Rahmon D.S., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article analyzes the concept of military service. The author suggests two ways of studying military duty. One – is the study of the concept of conscription in the Constitution and laws, and the other – is the concept of conscription in jurisprudence. Although the concept of military duty is present in the legislation of the Republic of Tajikistan, it is not satisfactory, according to the author, although the concept of military duty is completely absent in the legislation of the Russian Federation. Another issue that attracted the attention of the author is the content of the inclusion of this issue in the Constitution. When this duty is considered sacred, while according to the very same Constitution, our state is secular.

After all, the defense of the Motherland, the protection of the interests of the state is a great school of courage, courage and courage, which is a sacred and proud duty not only of military personnel, but of every sane and decent person in the country, especially the younger generation. One of the most important life lessons for young people is service in the Armed Forces of the country. It is here that every young man learns masculinity and learns the most intimate value of life – to love and faithfully defend the pure land of his native Motherland.

Service in the ranks of the National Army should be the duty of conscience and the filial right of every brave young man. The participation of a person in the life of society and the state means that he has rights and obligations that ensure coexistence with other people. In this regard, the question of the unity of human rights and duties is of great importance.

Although military duty has become the object of scientific research by many scientists due to its features and characteristics, it has not yet been resolved. Also, in connection with recent changes to the Law of the Republic of Tajikistan “On military duty and military service”, or rather, the adoption of a new version of the law created many questions and showed the importance of research in this area. In the course of the study, the author came to the conclusion that so far, domestic scientists have not conducted serious fundamental research related to the legal and theoretical issues of military service.

**Keywords:** Military duty, the concept of military duty, military service, military law, defense of the Motherland, military service, armed forces, duty, task, constitutional duty, branch of law

Вобаста ба вазъи мушкили геополитикии ҷаҳон, махсусан Тоҷикистон, ки ҷузъи комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва чи тавре ки сиёсатшиноси машҳури ИМА З. Бзежинский дар китоби худ «Тахтаи бузурги шоҳмот» қайд мекунад, Тоҷикистон дар дили ҷаҳон, яъне Авруосиё қарор дорад[157]. Ақидаи ба ин монандро С. Ҳантингтон чунин иброз доштааст, ки Тоҷикистон дар майдони рақобати давлатҳои абарқудрат қарор дорад[158]. Аз ин рӯ, ҳимоя намудан аз манфиатҳои худ дар минтақа ва ҷаҳон яке аз омилҳои асосии рушд ва аз ҳама муҳим бехатарии давлат мебошад.

Амнияти давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини Истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи боэътимоди марзу буми кишвар ва осоиштагии мардум яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ мебошад. Сулҳу оромии мамлакат, тамоми пешрафти ҷомеа ва таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии давлат ба сатҳи таъмини амнияту тартибот вобаста аст.

Воқеан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат мактаби бузурги ҷасорату мардонагӣ ва далериву шуҷоат аст, ки ин вазифаи муқаддас ва пурифтихори на танҳо хизматчиёни ҳарбӣ, балки ҳар як фарди солимфикр ва бонангу номуси кишвар, махсусан насли ҷавон, мебошад. Барои ҷавонон яке аз муҳимтарин мактаби обутоби ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҳар як ҷавон мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт – дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегирад. Хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ бояд қарзи виҷдон ва ҳаққи фарзандии ҳар як ҷавони далер бошад.

---

[157] Ниг.: Бжезинский З. Великая Шахматная доска. – М: АСТ, 2018. – С. 5.
[158] Ниг.: Хантингтон С. Столкновения цивилизаций. – М: АСТ, 2017. – С. 260.

Иштироки шахс дар ҳаёти ҷамъияту давлатӣ маънои онро дорад, ки ӯ ҳуқуқу уҳдадориҳое дорад, ки ҳамзистӣ бо одамони дигарро имкон медиҳад. Дар ин бобат масъалаи ягонагии ҳуқуқу вазифаҳои инсон аҳамияти калон дорад.

Уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба аломат ва хусусиятҳои махсуси худ объекти пажуҳиши илмии олимони зиёде гашта бошад ҳам, то имрӯз ҳалли худро наёфтааст. Ҳамчунин, вобаста ба тағйиротҳои охир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», аниқтараш қабули қонун дар таҳрири нав масъалаҳои зиёдеро ба вуҷуд овард ва мубрамияти пажуҳиш дар ин соҳаро нишон дод. Дар раванди омӯзиш муаллиф ба хулосае омадааст, ки то имрӯз вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, назарияви ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аз ҷониби олимони ватанӣ тадқиқоти ҷиддии бунёдие сурат нагирифтааст.

Барои равшани андохтан ба ин масъала сараввал муайян намудани мафҳум ва аломатҳои уҳдадориро зарур мешуморем.

Маълум аст, ки муносибат ба масъалаи уҳдадории ҳарбӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба таври гуногун будааст. Омӯзиши ин падида дар Юнони қадим дар осори Афлотуну Арасту ба назар мерасад. Ҳанӯз дар асрҳои V-III пеш аз милод уҳдадории ҳарбӣ дар Афина ва Спарта дар як чорчубаи муайян даромада буд. Маҳз ҳамин дастовардҳо дар ин масъала боис гашт то 300 спартагӣ ғолибияти лашкари Юнонро бар Эрон таъмин намояд.

Мафҳуми имрӯзаи уҳдадории ҳарбӣ бо Инқилоби бузурги Фаронса алоқаманд аст, ки дар баробари эълон доштани ҳуқуқҳо уҳдадории ҳарбӣ соли 1798 эълон гашт ва ин қонун аввалин санади муосир дар ин соҳа ба шумор меравад[159].

Ягонагии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахс аз зарурати рафтори мутавозини шахс дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ӯ, эҳтироми муттафиқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баробарии ҳуқуқии шахсон ба вуҷуд меояд. Яъне, уҳдадории шахсон дар баробари ҳуқуқҳои онҳо ҷузъи муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва онҳо дар маҷмуъ якдигарро пурра ва мувозинатро дар ҷомеа нигоҳ медоранд.

Аз дидгоҳи С.Н. Романюк, «яке аз принсипҳои афзалиятноки ташаккули шахсият принсипи масъулиятшиносӣ мебошад»[160]. Махсусан масъулиятшинос будан, шахсро барои иҷроиши дуруст ва саривақтии ҳама гуна уҳдадориҳо, аз ҷумла уҳдадории ҳарбӣ водор месозад.

Ба андешаи О.П. Биков, «амалӣ гардондани ҳуқуқу озодиҳои шахс аз иҷрои уҳдадориҳои ӯ ҷудонашаванда аст»[161], ки ҳуқуқ ба таҳсил яке аз чунин ҳуқуқҳо ба ҳисоб меравад.

---

[159] Ниг.: Смирнов А.И. Россия на пути к профессиональной армии: Опыт, проблемы, перспективы. — Институт социологии РАН, Центр общечеловеческих ценностей, 1998. – С. 212.

[160] Романюк С.Н., Дёмкина Е.В. Генезис и сущность понятий «формирование», «ответственность», «ответственное выполнение обязанностей» // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 3: Педагогика и психология. – 2017. – № 4 (208). – С. 97.

[161] Быков О.П. Единство прав и обязанностей личности как условие ее гармоничного развития в обществе // Вестн. Том. гос. ун-та. – 2009. – № 328. – С. 93.

Вобаста ба ин масъала О.П. Быков қайд мекунад, ки матни Конститутсияи Федератсияи Русия мутобиқати бевоситаи ҳуқуқҳоро ба уҳдадориҳои шахс ошкор намекунад. Ба истиснои ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо: баробарҳуқуқии падару модар оид ба нигоҳубини кӯдакон ва тарбияи онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадории гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ чунине, ки Н.И. Муминзода дар боло иброз дошта буд, ҳуқуқи дастрасӣ ба ёдгориҳои фарҳангӣ ва уҳдадории ҳифзи онҳо ва уҳдадории ҳифзи табиат ва муҳити зист. Яъне вобаста ба ин дидгоҳ дар Конститутсия дар бисёр ҳолат муносибати мутақобилаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо муайян шудааст.

Муқаррароте, ки муносибати байни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсро муайян мекунанд, дар мазмуни ҳуҷҷатҳои бонуфузи байналмилалӣ ба андозаи муайян инъикос ёфтаанд. Дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 гуфта шудааст: «Ҳамаи одамон озод ва аз ҷиҳати шаъну шараф ва ҳуқуқ баробар таваллуд мешаванд. Онҳо ақлу виҷдон доранд ва бояд бо ҳамдигар дар руҳияи бародарӣ рафтор кунанд. Ҳамчунин дар моддаи 29 Эъломияи мазкур муқаррар карда шудааст: «Ҳар шахс дар назди ҷомеа уҳдадориҳое дорад, ки бо иҷрои он инкишофи озодона ва пурраи шахсияти ӯ имконпазир аст»[162]. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966[163], инчунин Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966[164], оварда шудааст, ки ҳар фард дар назди афроди дигар ва гурӯҳе, ки ба он мансуб аст, масъулият дорад. Ҳатто санадҳои байналмилалӣ мавҷудияти уҳдадориҳоро инкор намекунанд. Балки баръакс мавҷудияти онҳоро ҷузъи ҷомеаи демократӣ меҳисобанд.

Ҳануз аз даврони ҷомеаи ибтидоӣ инсон дар қабила уҳдадориҳои худро дошт ва мебоист дар инкишофу равнақи ҷомеа саҳми худро гузорад ва дар баробари дигарон манфиати қабиларо ҳифз намояд.

Уҳдадориҳои конститутсионии ҳифзи Ватан ва хизмати ҳарбӣ дар конститутсияҳои Озарбойҷон, Белоруссия, Қазоқистон, Қиргизистон, Русия, Туркманистон, Узбекистон ва Украина оварда шудааст. Барои ҳифзи Ватан таваҷҷуҳ ба шаҳрвандон дар конститутсияҳои ин давлатҳо бисёр нозук аст. Танҳо Конститутсияи Қирғизистон категорияи васеътар – «ҳама» ҳамчун субъекти ин уҳдадорӣ истифода мешавад[165]. Аммо дар мисоли Тоҷикистон истифодаи калимаи «ҳама» як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад, зеро уҳдадории ҳатмии ҳарбӣ ба ҳама хос нест ва тибқи қонун гуруҳи муайян аз иҷроиши он озоданд:

1) онҳое, ки бинобар вазъи саломатӣ ғайриқобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд;

---

[162] Всеобщая декларация прав человека. Принята Генеральной Ассамблеей ООН от 10.12.1948 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. – Т. 1. – С. 460.

[163] Международный пакт о гражданских и политических правах от 16.12.1966 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. Т. 1. – С. 470.

[164] Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16.12.1966 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. – Т. 1. – С. 464.

[165] Анциферов Н.В. Конституционное закрепление обязанностей личности в странах постсоветского пространства: сравнительно-правовой анализ // Юридические исследования. – 2017. – № 8. – С. 6-7.

2) онҳое, ки хизмати ҳарбӣ ё хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо намуда истодаанд ё адо кардаанд;

3) онҳое, ки хизмати ҳарбӣ ё намуди дигари хизмати ба хизмати ҳарбӣ баробаркардашударо дар давлати дигар адо мекунанд ё адо кардаанд;

4) онҳое, ки барои содир кардани ҷиноят бо ҳукми суд ба ҷазои аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд.

2. Шаҳрвандони зерин ҳуқуқ доранд аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда шаванд:

1) онҳое, ки падар (модар) ё бародар (хоҳар)-ашон ҳангоми адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок ё ба таври ихтиёрӣ дар вазифаҳои сарбозон, сержантҳо, прапоршикҳо ва афсарон ва ё дар давраи гузаштани ҷамъомадҳои ҳарбӣ ҳалок шудаанд ё вафот кардаанд, ё ин ки маъюби гурӯҳҳои I ва II гардидаанд;

2) онҳое, ки дар оила писар (писархонд)-и ягона мебошанд;

3) онҳое, ки унвони илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ё доктори ҳабилитатро доранд[166].

Дар асоси муқаррароти умумии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ давлатҳо дар қонунгузории худ номгӯи мушаххастари уҳдадориҳоро нисбат ба шартҳои муайян ва манфиатҳои миллӣ муқаррар мекунанд. Дар баробари ин, дар санадҳои ҳуқуқии конститутсионии аксари давлатҳои муосир номгӯи васеи уҳдадориҳои конститутсионии шахс мавҷуд нест. Ҷумҳурии Тоҷикистон номи боби 2 Конститутсияро чунин муайян намудааст: Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд. Аз ҳама муҳим дар ин ном дар сатҳи конститутсионӣ муайян намудани уҳдадориҳо, аз ҷумла дар моддаи 43 муайян намудани уҳдадории ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Қисми 2 ҳамин модда танзими уҳдадории ҳарбиро ба қонун вогузор мекунад, ки дар Тоҷикистон аввалин бор Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 10.11.2000 таҳти № 30 ва дар асоси талаботи қисми 1 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи 2017, № 1414 «Агар тағйиру иловаҳои ба санади меъёрии ҳуқуқӣ воридшаванда аз нисфи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) зиёд бошанд ва ё онро душворфаҳм гардонанд, санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) дар таҳрири нав баён карда мешавад»[167]. Ҳамчунин вобаста ба талаботи замон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 02.01.2021 дар таҳрири нав қабул шуд, ки он модели нави уҳдадории ҳарбиро ба вуҷуд овард, ки то кунун дар кишвари мо набуд. Ҷиҳати мусбии ин модел дар он аст, ки бавоситаи он

---

[166] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 2 январи 2021, № 1753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хукуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2022).

[167] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи 2017, № 1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-хукуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2022).

шарту шароити хизматчиёни ҳарбиро беҳтар карда, дар оянда дар назар аст ҳисси ватандӯстии ҷавонон ва ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани онҳо осон гардад.

Н.У. Тоиров қайд мекунад, ки «солҳои охир вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ шумораи чунин кирдорҳои ҷиноӣ, ки ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ алоқаманданд, хеле зиёд шуда, яке аз намудҳои маъмултарин ва хатарноки ҷиноятҳои ҳарбӣ маҳсуб меёбад, ки тамоюли афзоишро дорад»[168]. То имрӯз гарчанде, ки санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа қабул шуда бошанд, ҳам маҳз рафъи ҳамин мушкилотҳо ва муайян намудани арзиши ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ҳалли масъала буда наметавонад

Ба андешаи Д.А. Керимов «Қимати мафҳумҳои ҳуқуқиро аз назар соқит кардан имкон надорад. Онҳо на танҳо нишондиҳандаи маданияти тафаккур, балки воситаи ворид шудан ба моҳияти объектҳои ҳуқуқии омӯхташаванда мебошад»[169]. Дар асоси гуфтаҳои муаллиф омӯзиши мафҳуми «уҳдадории ҳарбӣ»-ро муҳим мешуморем.

Мутобиқи моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст»[170].

Азбаски тибқи Конститутсия таҳкими амнияти давлат вазифаи ҳар шаҳрванд аст, Қонуни Ҷумрурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» шаҳрвандонро дар қатори давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилоту идораҳо ба ҳайси субъектҳои таъмини амният эътироф мекунад[171]. Шаҳрвандон якҷоя бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, мақомоти амният, идораҳои дигари давлатӣ, иттиҳодияҳо низоми аминиятро ташкил медиҳанд. Шаҳрвандон мисли дигар субъектон дар таъмини амният иштирок намуда, дорои ҳуқуқу вазифаҳоянд. Давлат ин ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандонро таъмин менамояд. Шаҳрвандон ҳақ доранд оид ба маҳдуд гаштани ҳуқуқу озодиҳояшон аз мақомоти таъмини амният тавзеҳот гиранд[172]. Бояд иброз дошт, ки дар асоси қисми 3 моддаи 14 Конститутсия ҳуқуқҳои инсон бо 4 асос маҳдуд карда мешаванд:

- Бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодихои дигар шахсон;
- Бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

---

168 Тоиров Н.У. Уголовная ответственность за уклонение от военной службы по законодательству Республики Таджикистан. Автореф. дис. кан. юр. наук. 12.00.08 / Тоиров Навруз Урбатович – М., 2013. – С. 3.

169 Керимов Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права. – М., 2008. – С. 159.

170 Конститутсияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2022).

171 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28.06.2011, № 721 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.11.2022).

172 Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 238.

- Бо мақсади ҳимояи сохти конститутсионӣ;
- Бо мақсади ҳимояи тамомияти арзии ҷумҳурӣ.

Мақсади ҷорӣ намудани уҳдадории ҳарбӣ низ вазифаҳои болозикрро дар бар мегирад.

Тамоми мафҳумҳои «уҳдадории ҳарбӣ»-ро метавон шартан ба ду гуруҳ ҷудо намуд: васеъ ва маҳдуд.

Мафҳуми васеи «уҳдадории ҳарбӣ» тамоми унсурҳову аломатҳои уҳдадории ҳарбиро дар бар мегирад. Аммо гуруҳи олимони дигар мафҳуми маҳдуд ё мухтасари мафҳуми уҳдадории ҳарбиро пешниҳод мекунанд, ки дар поён ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ дар қисми 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ҳамчун уҳдадории конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он фаҳмида мешавад[173]. Ин мафҳум бештар функсияҳои уҳдадории ҳарбиро нишон дода, нишонаҳо ва моҳияти ҳарбиро ба назар нагирифтааст.

Дар қонунгузории Федератсияи Россия, ки низоми ҳуқуқиаш ба мо шабоҳат дорад, мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ дода нашудааст, аз ин рӯ дар байни олимони рус низ ягонагӣ вуҷуд надорад[174].

Н.А. Маслов зиёда аз 8 намуди мафҳумҳои уҳдадории ҳарбиро дар давраҳои гуногуни таърихӣ муяйян мекунад ва тибқи асосҳои дар боло овардашуда, онҳо якдигаро пурра намуда, хусусиятҳои гуногуни уҳдадории ҳарбиро муайян мекунанд:

1) уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадории шаҳрванди Федератсияи Русия оид ба ҳимояи Ватан - Федератсияи Русия мебошад;

2) уҳдадории ҳарбӣ – дар Федератсияи Русия вазифаи қонунан муайяншудаи шаҳрванд оид ба ҳимояи Ватан аст;

3) уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадории шаҳрвандони Русия барои гузаштан аз хизмати ҳарбӣ дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Русия фаҳмидан мумкин аст;

4) уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадории шаҳрвандони Русия барои гузаштан аз хизмати ҳарбӣ дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ва ҳифзи Ватан ба ҳисоб меравад;

5) уҳдадории ҳарбӣ – меъёри дар Конститутсияи Федератсияи Русия муайяншудае мебошад, ки гузаштани тайёрии ҳарбӣ дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ва ҳифзи Ватан ба ҳисоб меравад;

6) уҳдадории ҳарбӣ – дар Конститутсияи Федератсияи Русия муқаррар карда шуда, бо меъёрҳои қонуни ҳарбӣ танзим карда мешавад,

---

[173] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 2 январи 2021, №1753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2022).

[174] Ниг.: Федеральный закон от 28.03.1998 N 53-ФЗ (ред. от 11.06.2022) «О воинской обязанности и военной службе» / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_18260 (санаи муроҷиат: 26.07.2022).

уҳдадории шаҳрвандони Федератсияи Русия барои адои хизмати ҳарбӣ дар қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Русия ва дигар қӯшунҳо ва ҳифзи Ватан мебошад;

7) уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадориҳои конститутсионӣ ва қарзи шаҳрвандии Федератсияи Русия, ки бақайдгирии ҳарбӣ, омодагии ҳатмӣ ба хизмати ҳарбӣ, адои хизмати ҳарбӣ, даъват ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ ва дар эҳтиёт буданро дар бар мегирад. Ин мафҳуми додашуда, низоми уҳдадории ҳарбӣ, ки моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» муайян кардааст[175], инъикос мекунад.

8) уҳдадории ҳарбӣ – чораи конститутсионии рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба тайёрии ҳарбии онҳо дар сафҳои қувваҳои мусаллаҳ ва ҳифзи Ватан мебошад.

Н.А. Маслов ҳамчунин қайд мекунад, ки аввалин бор дар илм мафҳуми уҳдадории ҳарбиро соли 1912 А.М. Добороволский пешниҳод намудааст ва он аз мазмуни имрӯзаи уҳдадории ҳарбӣ дур нест[176]

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон мафҳуми мухтасар ва ба ақидаи муаллиф комили уҳдадории ҳарбӣ чунин омадааст: «уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадории конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳифзи Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад»[177].

Он унсуре, ки аз мадди назари муаллиф дур намонд, ин унсури динӣ доштани калимаи «муқаддас» дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро мутобиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад ва мафҳуми муқаддас дар ин маврид маънои динӣ дорад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ибораи «муқаддас» аз моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта шуда дар мазмуни зар оварда шавад:

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи шаҳрванди Тоҷикистон аст.

Ҳарчанд вобаста ба уҳдадории ҳарбӣ андешаҳои гуногун ҳам ҷой дошта бошад, мо дар сатҳи байналмилалӣ ва дар қонунгузорӣ аз Конститутсия сар карда дида баромадем, ки ин институт ягон хусусияти ғайриқонунӣ ё моҳияти маҳдудсозиро надорад.

**Адабиёт:**

1. Анциферов Н.В. Конституционное закрепление обязанностей личности в странах постсоветского пространства: сравнительно-правовой анализ // Юридические исследования. – 2017. – № 8. – С. 1-14.

[175] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 2 январи 2021, № 1753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.11.2022).

[176] Ниг.: Маслов Н.А. Определения понятия «Воинская обязанность» в отечественной юриспруденции // Сибирский юридический вестник. – 2010. – № 3. – С. 21.

[177] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи хизмати ҳарбӣ ва мақоми хизматчиёни ҳарбӣ» аз 16 феврали соли 2012, № 561-IV ҚҶҚ / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z120000056 (санаи муроҷиат: 26.07.2022).

2. Баглай М.В., Туманов В.А. Малая энциклопедия конституционного права. – М.: БЕК, 1998. – 516 с.
3. Бжезинский З. Великая Шахматная доска. – М: АСТ, 2018. – 256 с.
4. Быков О.П. Единство прав и обязанностей личности как условие ее гармоничного развития в обществе // Вестник Томского государственного университета. – 2009. – № 328. – С. 93-95.
5. Всеобщая декларация прав человека. Принята Генеральной Ассамблеей ООН 10.12.1948 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. – Т. 1. – С. 460-464.
6. Керимов Д.А. Методология права: Предмет, функции, проблемы философии права. – М., 2008. – 521 с.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 2 январи 2021, № 1753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2023).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28.06.2011, №721 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2023).
10. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи хизмати ҳарбӣ ва мақоми хизматчиёни ҳарбӣ» аз 16 феврали соли 2012, № 561-IV ҚҶҚ / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z120000056 (санаи муроҷиат: 16.01.2023).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ« аз 30 майи 2017, №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2023).
12. Маслов Н.А. Определения понятия «Воинская обязанность» в отечественной юриспруденции // Сибирский юридический вестник. – 2010. - № 3. – С. 21-26.
13. Международный пакт о гражданских и политических правах от 16.12.1966 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. – Т. 1. – С 470-482.
14. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16.12.1966 // Международное публичное право: Сб. док. – М., 1996. – Т. 1. – С. 464-470.
15. Романюк С.Н. Генезис и сущность понятий «формирование», «ответственность», «ответственное выполнение обязанностей» // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 3: Педагогика и психология. – 2017. – № 4 (208). – С. 96-102.

16. Смирнов А.И. Россия на пути к профессиональной армии: Опыт, проблемы, перспективы. Институт социологии РАН, Центр общечеловеческих ценностей. – М.: 1998. – 212 с.

17. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод. 2009. – 238 с.

18. Тоиров Н.У. Уголовная ответственность за уклонение от военной службы по законодательству Республики Таджикистан. Автореф. дис. кан. юр. наук. 12.00.08 / Тоиров Навруз Урбатович. – М., 2013. – С. 3.

19. Федеральный закон от 28.03.1998 № 53-ФЗ (ред. от 11.06.2022) «О воинской обязанности и военной службе» / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_18260 (санаи муроҷиат: 16.01.2023).

20. Хантингтон С. Столкновения цивилизаций. – М.: АСТ, 2017. – 576 с.

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шоҳиён Давлатали Амир,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
**Тел.:** 918 44 19 90
**E-mail:** shohiyon @gmail.com

**Баротализода Исматулло Ибодулло,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлати Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
**Тел.:** 900 38 38 63
**E-mail:** ismatullo3838 @gmail.com

**Муқарриз:** Аминҷонов А.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҳуқуқи инсон баҳри беканор буда, ҳама мутобиқи имконияти худ ва шароитҳои мавҷуда аз онҳо истифода менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқҳои инсонро, аз ҷумла, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, доир ба мақоми гурезаҳо, Паймонҳо доир ба ҳуқуқҳои соҳавӣ ва монанди инҳоро эътироф кардааст. Тавре Конститутсия муқаррар менамояд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд. Яке аз мушкилоти асосии қонунгузории миллӣ вобаста ба ҳуқуқи кӯдак дар он аст, ки қариб меъёр ва ё ягон санади ҳуқуқи онҳоро ба таври мушаххас муқараркунанда мавҷуд нест. Шояд сабаб дар он бошад, ки аз миёни шахсони хориҷӣ ва бешаҳрвандии ба Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ, муваққатӣ ва ё гурезашуда омада, шумораи кӯдакон нисбатан кам ба чашм расад.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи кӯдак, кӯдакони гуреза, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, санадҳои байналхалқӣ, созмонҳои байналхалқӣ, давлатҳои аъзо.

# ЗАЩИТА ПРАВ ДЕТЕЙ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Шоҳиён Давлатали Амир,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение факультета политики и государственного управления Бахтарского государственного университета имени Насир Хусрава
**Тел.:** 918 44 19 90
**E-mail:** shohiyon @gmail.com

**Баротализода Исматулло Ибодулло,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение факультета политики и государственного управления Бахтарского государственного университета имени Насир Хусрава
**Тел.:** 900 38 38 63
**E-mail:** ismatullo3838 @gmail.com

**Рецензент:** Аминжонов А.Х., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Права человека – безбрежный океан, и каждый использует их в меру своих возможностей и существующих условий. Республика Таджикистан признала международные документы, касающиеся прав человека, в том числе Конвенцию о правах ребенка, Конвенцию о статусе беженцев, Пакт о личных и политических правах и подобные. В соответствии с Конституцией иностранные граждане и лица без гражданства пользуются установленными правами и свободами. Одной из основных проблем национального законодательства, связанной с правами этих детей, является то, что практически отсутствует норма или документ, конкретно устанавливающий их права. Возможно, причина в том, что среди иностранцев и лиц без гражданства, прибывающих в Таджикистан на постоянное, временное или беженское жительство, относительно мало детей.

**Ключевые слова:** Права детей, дети-беженцы, иностранные граждане, лица без гражданства, международные документы, международные организации, государства-члены.

# PROTECTION OF THE RIGHTS OF CHILDREN IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Shohiyon Davlatali Amir,**
assistant of the department of human rights and comaparative law of the faculty of politics and public administration Bakhtar State University in the name of Nasir Khusrav
**Phone.:** 918 44 19 90
**E-mail:** shohiyon @gmail.com

**Barotalizoda Ismatullo Ibodullo,**
assistant of the department of human rights and comparative law of the faculty of politics and public administration Bakhtar State University in the name of Nasir Khusrav
**Phone.:** 900 38 38 63
**E-mail:** ismatullo3838 @gmail.com

**Reviewer:** Aminjonov A.K., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** Human rights are a boundless ocean, and everyone uses them to the best of their ability and existing conditions. The Republic of Tajikistan has recognized international documents relating to human rights, including the Convention on the Rights of the Child, the Convention on the Status of Refugees, the Conventions on Regional Rights and the like. In accordance with the Constitution, foreign citizens and stateless persons enjoy established rights and freedoms. One of the main problems of national legislation related to the rights of these children is that there is practically no rule or document that specifically establishes their rights. Perhaps the reason is that among foreigners and stateless persons arriving in Tajikistan for permanent, temporary or refugee residence, there are relatively few children.

**Key words:** Children's rights, refugee children, foreign citizens, stateless persons, international documents, international organizations, member states

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак инҳо дохил мешаванд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948; Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989; Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966;

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 ноябри соли 1966; Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо аз соли 1951 ва дигар санадҳои байналмилалӣ. Ба ҳайси қонунгузории миллӣ бошад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гурезаҳо” аз 10 майи соли 2002, “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” аз 18 марти соли 2015, “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2018, ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ баромад мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқҳои инсонро, аз ҷумла, Конвенсия доир ба ҳуқуқи кӯдак, доир ба мақоми гурезаҳо, паймонҳо доир ба ҳуқуқҳои соҳавӣ ва монанди инҳоро эътироф кардааст, бояд қонунгузории худро ба онҳо мутобиқ намуда, меъёрҳои онҳоро дар қонунгузории худ мустаҳкам намояд ва чунин ҳам карда истодааст. Аммо новобаста аз ин баъзе аз мушкилот, яъне норасоӣ ва камчинии меъёрҳо дар қонунгузории миллӣ, нисбат ба кӯдакон – хусусан шахсони шаҳрвандӣ надошта ва кӯдакони гуреза ба чашм мерасанд. Дар ҳоле ки дар моддаи 25 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст: “Модарону кӯдакон ба васоят ва кӯмаки махсус ҳақ доранд. Ҳамаи кӯдаконе, ки дар ақди никоҳ ва берун аз он таваллуд шудаанд, бояд аз ҳимояи иҷтимоии баробар истифода намоянд”[178].

Яке аз мушкилоти асосии қонунгузории миллӣ вобаста ба ҳуқуқи кӯдакони мазкур дар он аст, ки қариб меъёр ва ё ягон санади ҳуқуқи онҳоро ба таври мушаххас муқараркунанда мавҷуд нест. Шояд сабаб дар он бошад, ки аз миёни шахсони хориҷӣ ва бешаҳрвандии ба Тоҷикистон барои истиқомати доимӣ, муваққатӣ ва ё гурезашуда омада, шумораи кӯдакон нисбатан кам ба чашм расанд. Мувофиқи моддаи 6 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак давлатҳои аъзо эътироф менамоянд, ки ҳар як кӯдак ба зиндагӣ ҳуқуқи ҷудонопазир дорад[179].

Тавре Конститутсия муқаррар менамояд, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст[180]. Дар ин меъёре, ки ҳам дар Конститутсия ва ҳам дар баъзе аз қонунҳои дигар муқаррар карда шудааст, ба ҷуз аз ҳолатҳои истисноӣ, ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд бо шаҳрвандони Тоҷикистон баробар дониста шудааст. Ҳарчанд, ки гурезагон мақоми махсусро соҳиб бошанд ҳам, вале нисбат ба вазъи ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия чизе ишора нашудааст. Ба ҷузъ аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», танҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

[178] Ниг.: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948.
[179] Ниг.: Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак аз соли 1989.
[180] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.

«Дар бораи хифзи ҳуқуқҳои кӯдак» муқаррар менамояд, ки давлат тавассути мақомоти давлатии дахлдор ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони гуреза чораҳои заруриро дар қаламрави Ҷумхурии Тоҷикистон меандешад[181].

Кӯдакони хориҷӣ, бешаҳрвандӣ ва гуреза, дар аксари соҳаҳои алоҳида иштироки муайянро доро мебошанд, вале ин иштироки онҳоро қонунгузории соҳавии кишвар ба таври бояду шояд муайян накардааст. Аз ҷумла дар муносибатҳои зерин: муносибатҳои граждани (иштирок дар муносибатхои молумулкӣ, уҳдадорӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, аҳдҳои хурди маишӣ ва дигар муносибатҳои граждани-ҳуқуқӣ), оилавӣ (ҳуқуқҳо дар назди падару модар, ҳуқуқи гирифтани алимент, ҳуқуқи шароити хуби оилавӣ ва таълиму тарбия ва дигар муносибатҳои оилавӣ), меҳнатӣ (ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити корӣ, музди кор, интихоби касб ва дигар муносибатҳои меҳнатӣ), (ҳуқуқҳо ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ҳангоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар муносибатҳо вобаста ба ҷинояту ҷазо), (молиявӣ, ҳуқуқи доштани маблағ, суратҳисоб, истифода аз асъори миллӣ ва хориҷӣ ва дигар муносибатҳои молиявӣ) ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, боз зарурат пеш меояд, ки меъёрҳои конунгузории миллиро аз рӯи қиёс истифода намоем. Яъне ҳуқуқҳое, ки бо мафҳумҳои умумӣ муқаррар шудаанд, нисбати кӯдакони хориҷӣ, бешаҳрвандӣ ва гуреза низ онҳоро татбиқ намоем. Чуноне, ки дар моддаи 11 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" омадааст: «Ҳар як кӯдак ба зиндагӣ ва шароите ҳуқуқ дорад, ки барои инкишофи мукаммали ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавию ахлоқии ӯ заруранд. Кӯдак ба озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну эътибор ва ҳаёти шахсӣ ҳуқуқ дорад»[182].

Бояд қайд намуд, ки дар муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ ва меҳнатие, ки кӯдакони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ иштирок мекунанд, метавонад «колизия» (бархурд) низ бавуҷуд омада, зарурати татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ ба миён ояд. Бинобар ин, баъзе аз ҳуқуқҳои кӯдакон метавонад, мутобиқи меъёрҳои колизионӣ муайян карда шаванд. Ба монанди, бастани шартномаҳои гражданӣ, меҳнатӣ, будани фарзанди волидоне, ки онҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, фарзандхонӣ ва монанди инҳо. Аммо вобаста ба ин ҳам меъёри мушаххас, дар қонунгузории миллӣ ба чашм намерасад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки кӯдакони бешаҳрвандӣ ва гуреза ҳамчун субъекти дорандаи ҳуқуқу озодиҳо донистa шуда, ба таври мушаххас ҳам набошад, ба таври умумӣ санадҳои байналмилалии дахлдор ҳуқуқу озодиҳои онҳоро муқаррар намудаанд. Танҳо аз зери мафҳумҳои умумӣ, ба монанди «шаҳрванди хориҷӣ» – кӯдакони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ; «гуреза» – кӯдакони гуреза; «шахс», «кас» – кудакони бешахрвандӣ ва гуреза, ҳуқуқи онҳоро муайян намудем, вале ин метавонад

[181] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015.
[182] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 таҳти № 1196.

дар қонунгузорӣ духурагиро ба вучуд оварад. Аз ин рӯ, ба манфиат мебуд агар ҳуқуқҳои онҳо ба таври мушаххас муқаррар карда мешуданд, то дар амалия истифодаи онҳо мушкилиҳо сар назанад ва онҳо низ аз ҳуқуқҳои худ ба пуррагӣ бо хабар шаванд. Яъне ҳуқуқҳои кӯдакони гуреза дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», ҳуқуқҳои кӯдакони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба таври мушаххас муқаррар карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.
2. Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" аз 18 марти соли 2015 таҳти № 1196.
3. Эломияи умумии хуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948.
4. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак аз соли 1989.
5. Конвенсияи соли 1951 "Дар бораи мақоми гурезаҳо".
6. Протоколи соли 1967 марбут ба мақоми гурезаҳо.
7. Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон.

# ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ «ГУРЕЗА» ВА ДАВРАҲОИ ИНКИШОФИ ОН ДАР САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ризозода Шодибек Ҳаким,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
**Тел.:** (+992)900-16-16-04
**E-mail:** shodibek.rizozoda@bk.ru

**Муқарриз:** Аминҷонов А.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур пайдоиши мафҳуми «гуреза» ва давраҳои инкишофи он дар санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ мавриди таҳлилд қарор мегирад. Дар масири таърих барои пайдо шудани мафҳуми гуреза бештар ҷанг, шуришҳо ва зидиятҳои дохили сар мезад то ин, ки мардуми таҳҷои макони истиқоматии худро тарк намоянд. Дар баробари ҷангу шуришҳо ва зидиятҳои дохили сабабҳои зиёде барои тарк намудани макони зист низ мавҷуд аст, барои мисол шуда метавонад: буҳронҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва офатҳои таббии. Аммо солҳои 20-ум ва миёнаҳои асри 20 аз як тараф ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон аз тарафи дигар муноқишаҳои арабу Фаластин ва низоҳои дохили дар Аврупо ва ҳамчунин зиёд гаштани мафҳумҳое чун: ҷанг, таъқиб, нажодгароӣ, буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, мазҳабию динӣ ва задухурдҳои ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ инсониятро водор намуд, ки ба гуреза табдил ёбад, зеро ки инсон ба монанди дигар мавҷудоти зинда ба бехатари майл дорад. Ва барои ҳимояи вазъи ҳуқуқии ин табақаи ҷомеа ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қабули як силсила ҳуҷҷатҳо, ба монанди «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», «Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ», «Конвенсияи соли 1951 доир ба ҳуқуқҳои гурезаҳо», «Протоколи соли 1967 доир ба мақоми гурезаҳо», «Оинномаи РКОГ СММ», «Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон» оғоз бахшид, ки норасоие дар бахши дипломатии давлатҳои ҷаҳон ҷой дошт, рӯз аз рӯз ранги дигар мегирифт ва ашхосе, ки бинобар сабабҳои гуногун ҷойи истиқомати доимии худро тарк намуда буданд ва ба гуреза табдил ёфта буданд ва аз ҳуқуқҳое, ки дар ҳамин созишномаҳои байналхалқӣ дар бахши гурезаҳо мустаҳакам гардидааст, зиндагонии ҳамин табақаи иҷтимоиро (гурезаҳоро) тавонист дигар намояд. То имрӯз ин санадҳо ҳамчун тавсияи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ чун: СММ дар мамлакатҳои ҷаҳон махсусан ба бахши ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, аз он ҷумла гурезаҳо равона карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Гуреза, муҳоҷир, нажод, дин, мазҳаб, шаҳрвандӣ, хавф, ҷанг, шахсият, санадҳои байналхалқӣ, созмонҳои байналхалқӣ, давлатҳои аъзо, табақаи иҷтимоӣ, ақидаи сиёсӣ, офатҳои таббии, шуриш.

## ПРОИСХОЖДЕНИЕ ПОНЯТИЯ «БЕЖЕНЦ» И ПЕРИОДЫ ЕГО РАЗВИТИЯ В МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ ДОКУМЕНТАХ

**Ризозода Шодибек Хаким,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение факультета политики и государственного управления Бахтарского государственного университета имени Носира Хусрава
**Тел:** (+992)900-16-16-04
**E-mail:** shodibek.rizozoda@bk.ru

**Рецензент:** Аминжонов А.Х., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье исследуется происхождения понятия «беженц» и периоды его развития в международно-правовых документах. История появления понятия беженцы связано больше с войн, бунтов или внутренними конфликтами, чтобы ушли коренные жители места проживания. Наряду с войнами другой причиной является экономические политические кризисы и природные катастрофы. Однако в начале и середине XX-го века, с одной стороны, первая и вторая мировая война, с другой стороны, арабо-палестинские конфликты и внутренние конфликты в Европе, а также усиление таких понятий, как: война, преследования, расизм, экономические, политические, религиозные и кризисы и конфликты. Первая и вторая мировые войны заставили человечество стать беженцем, потому что человек, как и другие живые существа, хочет быть в безопасности. И в целях защиты правового статуса этого слоя общества международное сообщество приняло ряд документов, таких как «Всеобщая декларация прав человека», «Международный пакт о личных и политических правах», «Конвенция о правах беженцов», «Протокол о статусе беженцев», «Конвенция о правах ребенка», «Соглашение Союза Независимых Государств об основных правах и свободах человека» стали свидетельствовать о наличии недостатка в дипломатическом секторе стран мира, меняющемся день ото дня, и лиц, по разным причинам покинувших свое постоянное место жительства и ставших беженцами, и права, установленные в этих международных договорах в области беженцы смогли изменить жизнь этого социального класса (беженцев). До сегодняшнего дня эти документы используются в качестве рекомендации влиятельных международных организаций, таких как: ООН уделяющих особое внимание защите прав человека, в том числе беженцов.

**Ключевые слова:** Беженц, иммигрант, раса, религия, гражданство, опасность, война, идентичность, международные документы, международные организации, государства-члены, социальный класс, политическое мнение, природные катастрофы, бунт.

## THE ORIGIN OF THE CONCEPT OF «REFUGEE» AND ITS DEVELOPMENT PERIODS IN INTERNATIONAL LEGAL DOCUMENTS

**Rizozoda Shodibek Hakim,**
assistant of the department of human rights and comparative jurisprudence faculty of politics and public administration Bokhtar State University in the name of Nosiri Khusrav
**Phone:** (+992)900-16-16-04
**E-mail:** shodibek.rizozoda@bk.ru

**Reviewer:** Aminjonov A.K., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** The origin of the concept of «refugee» and the periods of its development in international legal documents. In the course of history, for the emergence of the concept of refugees, there were more wars, riots and internal conflicts, so that the native people of the place of residence left. Along with wars and internal conflicts, there are many reasons for leaving the habitat, for example economic, political crises and medical disasters. However, in the 20th and mid-20th century, on the one hand, the first and second world wars, on the other hand, the Arab-Palestinian conflicts and internal conflicts in Europe, as well as the increase of concepts such as: war, persecution, racism, economic, political, religious and religious crises and conflicts of wars. The first and second world wars made mankind to become a refugee because man, like other living creatures, wants to be safe. And in order to protect the legal status of this class of society, the international community adopted a series of documents such as the "Universal Declaration of Human Rights", "International Covenant on Natural and Political Rights", "1951 Convention on the Rights of Refugees", "1967 Protocol on the status of refugees", "the UN Convention on the Rights of the Child", "the Agreement of the Union of Independent States on Fundamental Human Rights and Freedoms" began to show that there was a deficiency in the diplomatic sector of the countries of the world, which was changing day by day, and people who, due to various reasons, had left their permanent place of residence and became refugees, and the rights established in these international agreements in the field of refugees were able to change the life of this social class (refugees). Until today, these documents are used as a recommendation of influential international organizations such as: UN in the countries of the world are especially focused on the protection of human rights, including refugees.

**Keywords:** Refugee, immigrant, race, religion, religion, citizenship, danger, war, identity, international documents, international organizations, member states, social class, political opinion, natural disasters, rebellion.

Дар олами муосири пур аз таззод сабабҳои бешумор барои муноқиша, рақобат, душманӣ ва муҳорибаҳо мавҷуд аст. Ҳамчунин таърих аз ҳодисаҳои забткориҳои заминҳои бегона, вайронкунӣ ва несту нобуд кардани аҳолии таҳҷоӣ аз ҷойҳои истиқомати доимӣ низ бой аст. Ҳама мавҷудоти зинда кӯшиши аз хатар дурӣ ҷустанро менамояд. Инсон низ дар қатори тамоми мавҷудоти зинда истисно нест. Инсон ба бехатарӣ майл дорад. Сабабҳои зиёди инсонро ба тарки ҷойи истиқомати доимӣ ва оворагардӣ водоркунанда арзи ҳастӣ менамояд: ҷанг, инқилоб, нажодпарастӣ, бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ, офатҳои табиӣ ва ғайра. Ашхосе, ки маҷбурӣ ҷои истиқоматашонро тарк мекунанд ва дар мусофират қарор мегиранд, ба гуреза табдил меёбанд. Ин ҳолат барои инсон ва оилаи ӯ фоҷиаи калон, зарари моддию маънавии назаррас аст. Инсоният таърихан чандин саҳифаи фоҷибори вобаста ба гурезагонро аз сар гузаронидааст. Ҳанӯз соли 695 то солшумории мелодӣ 50 ҳазор нафар аҳолии Миср барои наҷот ёфтан аз шоҳи ошурӣ Сеннахериба, ки бо лашкари худ ба Яҳудо ҳуҷум мекунад, рӯ ба гурез овардаанд[183]. Дар аввали солшумории мелодӣ тахминан 300 ҳазор готҳо аз ҳуҷуми кӯчманчиҳо – гуннҳо ба заминҳои Рим фирор намудаанд. Дар таърихи инсоният чунин мисолҳо беҳисобанд. Аз ҳама ҳодисаи фоҷиабор ва бемисл, барои ҷомtаи ҷаҳонӣ ибтидои асри XX мебошад, ки дар натиҷаи ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон халқиятҳоb зиёд маҷбур буданд, паноҳгоҳ ҷӯянд. Маҳз баъди ин ҳодисаҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти масъалаи гурезагонро дарк намуда, ба коркарди низоми байналхалқии ҳимояи гурезагон оғоз бахшид. Муайян намудани мақоми ҳуқуқии гурезагон барои давлатҳои қабулкунандаи онҳо ба як муаммое мубаддал гардид. Инро ба инобат гирифта ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи ҳуқуқии ҳалли ин масъаларо пайдо намуда санадҳои байналхалқиро оид ба ҳимояи ҳуқуқии гурезагон таҳия ва қабул сохт. Тавассути ин санадҳои ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият (шиносномаҳои Нансеновӣ) омода гардиданд ва бо ин восита норасоие, ки дар бахши ҳимояи дипломатии гурезагон мавҷуд буд, бартараф карда шуд. Нахуст аз тарафи Лигаи Милатҳо 30-юми сентябри соли 1930 ташкилоти байналхалқӣ оид ба корҳои гурезагон таъсис ёфт. Тартиби амалиёти байналхалқӣ барои ҳимояи гурезагон аз ҷониби Лигаи Миллатҳо муқаррар гардида буд ва он ба қабули як силсила созишномаҳои байналхалқӣ, ки номгӯи онҳо дар банди 1 фасли А моддаи 1 Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гурезагон пешбинӣ шудааст, мусоидат намуд. Зери мафҳуми шартнома ва созишномаҳое, ки дар таҳти Лигаи Милатҳо қарор доштанд шахсонеро дар назар дорад, ки берун аз кишвари мансубияти шаҳрвандиаш қарор дорад ва аз ҳимояи ҳукумати ин кишвар истифода бурда наметавонад. Масалан, зери мафҳуми «гурезагони рус» дар соли 1926. «Ҳамаи ашхоси баромади

[183] Ниг: Т.Н. Зиёзода. Таърихи дунёи қадим. Нашри сеюм. – Душанбе. 2017. – С. 237.

русӣ дошта (русҳо), ки аз ҳимояи ҳукумати ИҶШС истифода намебаранд ва шаҳрвандии навро ба даст наовардаанд, фаҳмида мешавад». Зеро мақсади ин созишномаҳо пешкаш намудани шаҳодатномае буд, ки барои кучиш мусоидат мекард. Нигоҳ накарда ба ҳамаи ин ташаббусҳо, аксарият давлатҳо бар он назаранд, ки Лигаи Миллатҳо мақсад ва вазифаҳои эълондоштаи худро дар бахши кӯмак ба гурезагон иҷро карда натавонист. Ҳуҷҷатҳое, ки ин созмон қабул намуда буд, ҳамчунин аз нуқсонҳо холӣ набуданд. Дар онҳо мафҳуми гуреза нишон дода нашуда буд, танҳо нисбати гурезагон маҳаки гурӯҳӣ истифода бурда мешуд, онҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд ва аз ҷониби танҳо якчанд кишвар ба тасвиб расонида шуда буданду халос[184]. Бо анҷом ёфтани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва афзоиш ёфтани мардуми зиёде, ки ҷойи истиқомати худро тарк намудаанд, ҷомеаи ҷаҳонӣ водор гардид, ки мафҳумҳои нав дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои гурезагон қабул намояд. Масалан: «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», «Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ», «Конвенсияи соли 1951 доир ба ҳуқуқҳои гурезаҳо», «Протоколи соли 1967 доир ба мақоми гурезаҳо», Оиномаи РКОГ СММ, Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва ғайраҳо қабул гардид.

Бо назардошти ин, ки эътирофи қадру қимат ба ҳамаи аҳли башар хос буда, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири онҳо асоси озодӣ, адолат ва сулҳи умум аст, ки ҳусни тафоҳуми умумӣ дар мавриди ин ҳуқуқу озодиҳо дар иҷрои пурраи ин уҳдадорӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар моддаи якум ва дуюми Эломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: «Тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар ба дунё меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд»[185].

Ҳар як инсон бояд бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсият, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 1 «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ»:

1. Ҳамаи халқҳо ба таъини сарнавишти худ ҳақ доранд. Дар асоси ҳамин ҳақ онҳо мақоми сиёсии худро озодона муқаррар мекунанд ва рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро озодона таъмин менамоянд.

2. Ҳамаи халқҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ метавонанд сарват ва захираҳои табиии худро бидуни расонидани зарар ба ягон навъ уҳдадориҳое, ки аз ҳамкории байналмилалии иқтисодии бар пояи фоидаи тарафайн асосёфта ва ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, ихтиёрдорӣ

---

[184] Ниг.: Оинномаи Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Маттаҳид оид ба гурезаҳо Бо қатъномаи Ассамблеяи Генералӣ 428 (к) 14 декабри соли 1950 қабул гардидааст. Боби 2.

[185] Ниг.: "Эломияи умумии хуқуқи башар" 12-декабри солӣ 1948 маддаи 1,2. "Паймони байналмилалӣ доир ба хуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ", ки аз тарафи Ассамблеяи Генерали 16 декабри соли 1966 Муқароротӣ моддаи-1. Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон. (Қисмати алоҳида) ва ғайраҳо қабул гардид.

намоянд. Ҳеҷ як халқро ба ҳеҷ ваҷҳ аз воситаҳои зисте, ки ба вай тааллуқ доранд, маҳрум кардан мумкин нест.

3. Ҳамаи давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон, аз ҷумла онҳое, ки барои идораи қаламравҳои ғайрихудидора ва таҳти васоят масъулият доранд, бояд мутобиқи муқаррароти Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид амалӣ гардидани ҳуқуқро барои таъини сарнавшити худ ташвиқ кунанд ва ин ҳуқуқро эҳтиром намоянд[186].

Дар мафҳуми пешниҳод намудаи «Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо», ки дар моддаи якуми он омадааст: Дар натиҷаи ҳодисаҳои то 1 январи соли 1951 рӯйдода ва бинобар хавфи комилан асосноки ҷабр дидан аз таъқиб аз рӯи нишонаи нажод, дину мазҳаб, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ берун аз кишвари мансубияти шаҳрвандии худ қарор дорад ва наметавонад аз ҳимояи ин кишвар истифода барад ё намехоҳад бинобар чунин хавф аз чунин ҳимоя истифода намояд; ё шаҳрвандии муайян надошта ва дар натиҷаи чунин ҳодисаҳо берун аз кишвари макони пештараи истиқомати муқарарии худ қарор дошта, наметавонад ё намехоҳад бинобар чунин хавф ба он баргардад.

Ҳамкории мақомоти миллӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мувофиқи моддаи 2 б.2 «Протоколи соли 1967 марбут ба мақоми гурезаҳо» пешниҳод мегардад: Барои ба Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид ё ҳама гуна дигар муассисаи Созмони Милали Муттаҳид, ки иҷрои функсияҳои он метавонад ба зиммаи онҳо гузарад, имконият дода шавад, ки маърӯзаҳоро ба мақомоти салоҳиятдори Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кунанд, давлатҳои аъзои ин Протокол уҳдадор мешаванд иттилоот ва маълумоти омории дархостшавандаи марбут ба инҳоро ба онҳо пешниҳод кунанд: a) вазъи гурезаҳо; b) иҷрои ин Протокол: c) қонунҳо, қарорҳо ва декретҳои марбут ба гурезаҳо, ки дар эътибор буда, дар оянда эътибор пайдо кунанд. Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил “Дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон” чунин қайд намудааст; Тарафҳои Аҳдкунанда ба ҳар инсоне, ки таҳти ҳуқуқи он қарор гирифтааст, ҳуқуқ ва озодиҳоеро таъмин месозанд, ки дар Созишномаи мазкур нишон дода шудаанд (таъқиб, нажод, миллат, дин, мавқеи сиёсӣ).

Албатта баяд гуфт, ки санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ барои шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун макони худро тарк намуданд заминае буд то он, ки инсоният орзуи озодона зиндагӣ, кор ва дар ҷамъият шахсияте буданро дорад.

**Адабиёт:**


1. «Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо».
2. «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ», ки аз тарафи Ассамблеяи Генерали 16 декабри соли 1966 қабул гардидааст.
3. «Протоколи соли 1967 марбут ба мақоми гурезаҳо».
4. «Эломияи умумии хуқуқи башар» аз 10 декабри соли 1948.


[186] Ниг: «Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо».

5. Оинномаи Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Маттаҳид оид ба гурезаҳо Бо қатъномаи Ассамблеяи Генералӣ 428 (к) аз 14 декабри соли 1950 қабул гардидааст.

6. Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон.

7. Т.Н. Зиёзода Таърихи дунёи қадим. Нашри сеюм. – Душанбе. 2017. – С. 237.

8. Эъломия дар бораи паноҳгоҳи ҳудудӣ, ки аз 14 декабри соли 1967 қабул гардидааст.

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

## МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳмон Далер Сафарбек,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 918678565
**E-mail:** daler.safarbekovich@gmail.com

**Муқарриз:** Диноршоҳ А.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Яке аз масъалаҳои асосии илми ҳуқуқи конститутсионӣ муайян кардани мазмун ва моҳияти санадҳои суди конститутсионӣ маҳсуб меёбад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ андешаҳо оид ба масъалаи мазкур гуногун баён мегардад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Зеро, дар илми ватании ҳуқуқи конститутсионӣ ду истилоҳ: «санадҳои Суди конститутсионӣ» ва «қарорҳои Суди конститутсионӣ» истифода шудааст, ки боиси пайдо шудани саволи зерин гардиданд: оё ин истилоҳҳо якхелаанд ё тафовутҳои хоссе доранд? Дар илмии ватанӣ истифодаи ин ду мафҳум (санадҳои Суди конститутсионӣ ва Қарорҳои Суди конститутсионӣ) ба сабабҳои гуногун марбутанд. Аввалан, дар таҷрибаи конститутсионӣ – ҳуқуқӣ далели ба мақомоти судӣ марбут будани Суди конститутсионӣ, ки назорати махсусро амалӣ менамояд, ба таври умум пазируфта шудааст. Дар ҷараёни татбиқи фаъолияти худ (аз ҷумла, ҳангоми баррасии парвандаҳои расида), мақомоти судӣ ҳуҷҷатҳои гуногун (дорои хосиятҳои ҳуқуқӣ ва инфиродӣ)-ро ки дар бештари ҳолатҳо ба унвони «қарорҳо» ном бурда мешаванд, қабул мекунанд. Дуюм, аксари мутахассисони ватании соҳаи мазкур (яъне дар риштаи истеҳсолоти судии конститутсионӣ) ҳангоми амалӣ сохтани тадқиқоти илмиашон ба маводҳое, ки дар асарҳои олимони кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, Россия, Белорус ва Қазоқистон мавҷуданд, такя мекунанд. Дар бештари ин кишварҳо санадҳои Суди конститутсионӣ қарор номида мешаванд. Бинобар ин ҳам, дар таҷрибаи илмии ватанӣ истифодаи ин ду мафҳум ҳамчун муродиф васеъ паҳн шудааст.

Вабаста ба масъалаи мазкур ва дигар ҷанбаҳои санадҳои суди конститутсионӣ дар мақолаи мазкур андешаҳои муаллиф иброз гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Санад, суд, Конститутсия, қарор, ҳуқуқ, далел, мурофиа, ҳуқуқ, қарор, хулоса, ҳокимият, ҷавобагарӣ, назорат.

## ПРОБЛЕМЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОНЯТИЯ АКТОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Раҳмон Далер Сафарбек,**
доцент кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ, кандидат юридических наук
Тел.: (+992) 918678565
E-mail: daler.safarbekovich@gmail.com

**Рецензент:** Диноршох А.М. – доктор юридических наук, профессор

**Аннотация**: Одним из основных вопросов науки конституционного права является определение содержания и сущности актов конституционного суда. В науке конституционного права мнения по этому вопросу высказываются по-разному. Это показывает, что среди ученых существуют разные мнения. В связи с тем, что в отечественной науке конституционного права используются два термина: «акты Конституционного Суда» и «решения Конституционного Суда», что привело к возникновению следующего вопроса: тождественны ли эти термины или имеют специфику? различия? В отечественной науке употребление этих двух понятий (актов Конституционного Суда и Решений Конституционного Суда) связано с разными причинами. Во-первых, в конституционно-правовой практике общепризнан тот факт, что Конституционный Суд, осуществляющий особый контроль, относится к органам судебной власти. В ходе осуществления своей деятельности (в частности, при рассмотрении поступивших дел) судебные органы принимают различные документы (с правовыми и индивидуальными характеристиками), которые в большинстве случаев именуются «решениями». Во-вторых, большинство отечественных специалистов в этой области (т.е. в области конституционно-судебного производства) при проведении своих научных исследований опираются на материалы, содержащиеся в трудах ученых постсоветских стран, в том числе России, Белоруссии и Казахстана. В большинстве этих стран акты Конституционного суда называются решениями. Поэтому в отечественной научной практике широко распространено использование этих двух терминов как синонимов.

Относительно этого вопроса и других аспектов актов конституционного суда авторские взгляды представлены в данной статье.

**Ключевые слова**: Акт, суд, Конституция, решение, право, доказательство, судебное разбирательство, право, заключение, полномочия, ответственность, контроль.

## PROBLEMS OF DEFINING THE CONCEPT OF ACTS OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahmon Daler Safarbek,**
docent of the department of constitutional law, Faculty of law, Tajiki National University, candidate of lega sciences
**Phone.:** (+992) 918678565
**E-mail:** daler.safarbekovich@gmail.com

**Reviewer:** Dinorshoh A.M. – Doctor of Law, Professor

**Annotation:** One of the main issues in the science of constitutional law is to determine the content and essence of constitutional court acts. There are different opinions on this issue in the science of constitutional law. This shows that there are different opinions among scholars. Due to the fact that in the domestic science of constitutional law two terms are used: "acts of the Constitutional Court" and "decisions of the Constitutional Court", which led to the following question: are these terms identical or do they have specific differences? The use of these two notions (acts of the Constitutional Court and decisions of the Constitutional Court) in the domestic science is due to different reasons. First, it is generally recognized in constitutional legal practice that the Constitutional Court, which exercises a special control, belongs to the judiciary. In the course of its activities (in particular, when examining the cases it receives), the judiciary adopts various documents (with legal and individual characteristics), which in most cases are referred to as "decisions". Secondly, most domestic experts in this field (i.e. constitutional and judicial proceedings) rely in their academic research on the writings of scholars from post-Soviet countries, including Russia, Belarus and Kazakhstan. In most of these countries, the acts of the Constitutional Court are referred to as decisions. Therefore, the use of these two terms as synonyms is widespread in domestic scientific practice.

Regarding this issue and other aspects of constitutional court acts, the author's views are presented in this article.

**Keywords:** Act, court, constitution, decision, right, evidence, trial, right, opinion, power, responsibility, control.

Боиси зикр аст, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми санадҳо ва қарорҳои Суди конститутсионӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ вобаста ба мафҳуми истилоҳҳои мазкур як қатор нуқтаи назарҳо ба миён омадаанд. Ҳамин тавр, Н.В. Витрук, зери мафҳуми қарорҳои Суди конститутсионӣ санадҳои ҳуқуқиеро мефаҳмад, ки мақомоти мазкур дар раванди ба амал баровардани ваколатҳои худ оид ба

баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо қабул кардаанд[187]. Бо чунин нуқтаи назар В.И. Червонюк ва Б.С. Эбзеев низ ҳамақида буда, нишон медиҳанд, ки қарори Суди конститутсионӣ – «инҳо санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар ҷараёни баррасии парвандаҳо қабул шудаанд ва дорои аҳамияти конститутсионӣ буда, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба Суди конститутсионӣ нисбат ба санадҳои меъёрии он ҷавобгӯ мебошанд»[188].

Мафҳуми қарорҳои Суди конститутсиониро В.А. Кряжков ва Л.В. Лазарев тафсири нисбатан васеъ додаанд. Муаллифони мазкур қарорҳои Суди конститутсиониро ҳамчун: – «навъи санадҳои ҳокимияти судӣ муайян намудаанд, ки аз ҷониби Суд ва палатаҳои он ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои конститутсионӣ бароварда мешаванд, ба илова, дар чунин санадҳо, хулосаҳои Суд оид ба ҳамаи масъалаҳои молӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни мурофиа ба миён омадаанд, ба расмият дароварда мешаванд»[189].

Дар асоси мафҳумҳои овардашуда метавон муҳтавои асосӣ, ки дар таъйиноти «қарори Суди конститутсионӣ» ҷой дода мешавад, муайян гардад. Якум, онҳо санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли расман муқарраргардидаи Суди конститутсионӣ ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ қабул шудаанд. Дуюм, дар қарорҳои Суди конститутсионӣ далелҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мувофиқро баён мекунанд ва дорои қоидаҳои ҳатмӣ мебошанд.

Дар навбати худ олимони ватанӣ санадҳои Суди конститутсионии ҶТ-ро чунин шарҳ медиҳанд. Ҳамин тавр, К.Н. Холиқов санадҳои Суди конститутсиониро ҳамчун «…ҳама гуна ҳуҷҷатҳо (санадҳо)-и дар шакли хаттӣ дода шуда, дар ҷаласаҳои Суди конститутсионӣ дар доираи салоҳиятҳои муқарраркардаи Конститутсия ва қонун «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабулшуда»[190] мешуморад.

А.М. Диноршоев ва С.М. Салоҳиддинова санадҳои Суди конститутсиониро ҳамчун қарори Суди конститутсионӣ оид ба масъалаҳои гуногуни ба салоҳиятҳои Суди конститутсионӣ тааллуқдошта ва барои фаҳмидани мазмуни меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва рушди муносибатҳои дахлдори иҷтимоӣ дорои аҳамияти усулӣ муайян намудаанд[191].

Аз нуқтаи назарҳои зикргардидаи олимони ватанӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки санадҳои Суди конститутсионии ҶТ аз қарорҳое, ки онро суд ҳангоми ба амал баровардани ваколатҳои дар

---

[187] Витрук Н.В. Конституционное правосудие: Судебно-конституционное право и процесс. – М., 2005. –С. 113.

[188] Эбзеев Б.С. Конституция. Правовое государство. Конституционный суд: учебник пособие для вузов. – М., 1997. – С. 162; Иванец Г.И., Калинский И.В., Червонюк В.И. Конституционное право России: энцикл. слов. – М., 2002. – С.313.

[189] Кряжков В.А., Лазарев Л.В. Конституционная юстиция Российской Федерации. – М., – 1998. – С. 227

[190] Холиқов К.Н. Суди конститутсионӣ ва истеҳсолоти судӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. 164.

[191] Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 26.

Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ пешбинишуда қабул мекунад, иборат аст. Инчунин, бояд қайд кард, ки олимони ватанӣ бо вуҷуди ҳамбастагӣ доштан дар масъалаҳое, ки тавассути санадҳои Суди конститутсионӣ салоҳият ва ваколатҳои он амалӣ карда мешавад, вале ҳамзамон дар мавриди ҳаҷм ва мундариҷа миёни онҳо ихтилоф вуҷуд дорад. Аз ҷумла, мувофиқи назари К.Н. Холиқов муқаррароте таъкид шудааст, ки ба ҳайси санадҳои Суди конститутсионӣ танҳо санадҳое эътироф карда мешаванд, ки дар ҷаласаи Суди конститутсионӣ ба таври хаттӣ қабул шудаанд, яъне қарор, таъйинот ва хулоса. Дар навбати худ А.М. Диноршоев ва С.М. Салоҳиддинова бо таъкид бар он, ки санадҳои Суди конститутсионӣ бояд аҳамияти бунёдии меъёрҳои конститутсионӣ – ҳуқуқиро доро бошанд, ба назари мо, танҳо ба қарорҳои Суди конститутсионӣ маҳдуд мешаванд. Мо мутмаинем, ки ақидаҳои изҳорнамудаи мутахассисони ватаниро зарур аст дар як кулли воҳид муттаҳид кард, зеро дар маҷмӯъ онҳо дар бораи мазмун ва мундариҷаи санадҳои Суди конститутсионӣ маълумоти пурра медиҳанд. Дар робита ба ин, мо чунин таъриф додани санадҳои Суди конститутсионии ҶТ-ро имконпазир меҳисобем - ин санадҳои дар доираи салоҳияти Суди конститутсионӣ ва ҷаласаҳои он бо тартиб ва шакли дар қонун пешбинишуда қабулгаштае мебошанд, ки далел ва ҳолатҳои муайянро муқаррар намуда, хусусияти ҳатмӣ доранд ва масъалаҳои ба Суди конститутсионӣ воридшударо ба таври қатъӣ ҳаллу фасл менамоянд.

Ҳамзамон пешниҳод мекунем таърифи мазкур ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» ворид карда шавад. Далели он, ки мафҳуми санадҳои Суди конститутсионӣ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ инъикос ёбад, таҷрибаи як қатор давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Белорус ва Ҷумҳурии Озарбойҷон гувоҳӣ медиҳанд[192]. Дар давлатҳои зикргардида дар қонунгузорие, ки фаъолияти Суди конститутсиониро ба танзим медарорад, бо меъёрҳои алоҳида санадҳои Суди конститутсионӣ муайян кардаанд[193].

Мафҳуми «санадҳои Суди конститутсионӣ»-ро муайян намуда, дар асоси муқаррароти Конститутсия ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ», табиати ҳуқуқиро низ меомӯзем.

Якум, дар қ.4-и моддаи 56 Қонуни конститутсионии мазкур муқаррароте шомил шудааст, ки мувофиқи он Суди конститутсионӣ бо аксарияти овозҳои судяҳои дар ҷаласа ҳузурдошта қарор қабул мекунад. Мутобиқи моддаи 7 қонуни мазкур Суд аз 7 судя иборат буда, дар сурати интихоб шудани 2/3 ҳиссаи ҳайати он ҳуқуқ дорад ба фаъолияти худ оғоз менамояд. Гузашта аз ин, набудани кворум, тибқи моддаи 51-и қонуни мазкур барои мавқуф гузоштани баррасии парванда асос мегардад. Аз муқаррароти зикргардидаи қонун ба хулосае омадан мумкин аст, ки қарори Суди конститутсионӣ ба таври коллегиалӣ қабул гардида, дар

---

192 Конституционные правосудие в странах СНГ и Балтии. – М., 1998. – С. 244.

193 Ҳамон ҷо. – С.183-184.

кворуми ҳадди ақал овози на камтар аз 3 судя ва дар кворуми ҳадди аксар овози на камтар аз 4 судя лозим аст. Дар сурати баробар будани овозҳо, қарор ба манфиати конститутсионӣ будани муқаррароти парвандаи баррасишаванда қабул карда мешавад. Ҳамин тариқ, субъектҳои санадҳои (қарорҳо) қабулшудаи Суди конститутсионӣ ба таври истисно Суди конститутсионӣ ба шумор меравад.

Дуюм, тавре ки мо чандин маротиба қайд кардем, мутобиқи моддаи 60 қонуни конститутсионии мазкур, иҷрои санадҳои Суди конститутсионӣ аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли моликият ва шаҳрвандон, ки санадҳои судӣ ба онҳо дахл дорад, ҳатмӣ мебошад[194]. Баъдан, дар моддаи 62-и қонуни мазкур[195] муқаррароти зерин ҷой дода шудааст: «Иҷро накардан, ба таври дахлдор иҷро накардан ва ё мамониат намудан ба иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегардад». Ҳамин тариқ, ба ҳама санадҳои Суди конститутсионӣ, хоҳ қарор, хоҳ таъйинот ва ё хулоса, талабот барои иҷрои ҳатмии санадҳо тааллуқ дорад.

Дар ин замина, мавқеи А.А. Петров ҷолиб аст, аз ҷумла ӯ нишон додааст, ки «вогузории хосиятҳои ҳатмии умумӣ ба қарори суд, аз ҷумла ӯҳдадории иҷрои онҳо, бешубҳа маънои онро дорад, ки ҳар як чунин қарор бояд ба муҳити беруна маълумоти муайяни ҳуқуқӣ дошта бошад. Моҳияти қарори суд бояд таъсири бартаридошта бошад. Маҳз ҷой доштани он ба қарорҳои Суди конститутсионӣ на танҳо хосияти ҳатмии умумӣ медиҳанд, балки хосиятҳои дигари юридикӣ мебахшад»[196]. Баъдан, ӯ қайд мекунад, ки «маълумоти дар қарори Суди конститутсионӣ хулосагардида, ҳамеша иродаи Суди конститутсиониро инъикос намуда, ва наметавонад танҳо ба баёни ҳолатҳои муайян хулоса шавад. Чунин имконият ба маънои аслии умумии калимаи «қарор», ки интихоби якчанд алтернативаи имконпазирро дар бар мегирад, мувофиқ нест»[197].

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки зери мафҳуми иҷрои санадҳои Суди конститутсионӣ бояд амалисозии қарорҳои Суди конститутсионӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъият новобаста аз шакли моликият ва шаҳрвандон тавассути татбиқи ин меъёрҳо дар фаҳмиши ҳуқуқӣ-

[194] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. //Адлия: Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ. Версияи 6.0/ Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2017. – 1 электр. опт. диск (CD-ROM).

[195] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. //Адлия: Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ. Версияи 6.0/ Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2017. – 1 электр. опт. диск (CD-ROM).

[196] Петров А. А. Структура решений Конституционного суда Российской Федерации // Академический юридический юридический журнал. – 2017. – № 1 (67). – С. 4-18.

[197] Ҳамон ҷо. – С. 4-18.

конститутсионии онҳо, ки Суди конститутсионии ҶТ бозгӯӣ намудааст, инчунин татбиқ накардани меъёрҳои аз ҷониби Суди конститутсионии ҶТ ба Конститутсия мувофиқат надошта, ҳамчунин, тавассути аз нав дида баромадани қарорҳои қаблан қабулнамудани мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар асоси қарори Суди конститутсионӣ фаҳмида шаванд.

Дар ин замина мумкин аст ду қарори Суди конститутсионии ҶТ-ро мисол овард. Аз ҷумла, аз рӯи парвандаи «Оид ба таъйиноти мутобиқи моддаи 17 Кодекси оилаи ҶТ қ.2, моддаи 17 ва қ.2, моддаи 33 Конститутсияи ҶТ» дар робита бо пешниҳоди судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Шодиев Ш. Р., Суди конститутсионии ҶТ қарор кардааст, ки моддаи 17 Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998[198], ки мутобиқи он «Шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оид ба бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд», ба қ.2, моддаи 17 ва қ.2, моддаи 33 Конститутсияи ҶТ мувофиқат мекунад[199].

М.А. Маҳмудзода низ оид ба мавҷудияти мушкилот дар масъалаи танзими ҳуқуқии таъмини иҷрои қарорҳои Суди конститутсионӣ дахл намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд кардааст, ки «Дар Тоҷикистон масъалаи таъмини иҷрои қарорҳои Суди конститутсионӣ ҳанӯз ҳам аз аҳамият холӣ нест. Худи мақомоти назорати конститутсионӣ барои таъмини иҷрои қарорҳо механизми алоҳидаеро надорад, он метавонад ба ин раванд асосан тавассути иқтидор ва возеҳияти далелҳо ва хулосаҳои ҳуқуқие, ки дар қарорҳо асоснок карда шудаанд, таъсир расонад. Дар робита бо ин, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ, инчунин ҷиҳати иҷрои нисбатан пурмаҳсули қарорҳо лозим аст дар мавриди иҷро накардани қарорҳои мақомот тадбирҳои ҷиддитар дида шавад. Мақомоти назорати судии конститутсионӣ ҳангоми тартиб додани қисми оперативии қарорҳои худ бояд мавқеи нисбатан фаъол дошта бошад. Бояд механизми иҷрои қарори Суди конститутсиониро ташкил карда, дар он тартиби иҷрои қарорҳо ва равиши назорати иҷрои қарорҳоро аз ҷониби Суди конститутсионии ҶТ муқаррар намуд»200.

Мавқеи изҳоршудаи М.А. Маҳмудзода сазовори диққат аст. Дар воқеъ, норавшании қонунгузории кишвар дар таъмини иҷроиши қарорҳои Суди конститутсионӣ метавонад дар амалия ба бархурдҳои гуногун боис шуда, бо ин самаранокии фаъолият ва нуфузи Суди конститутсиониро коста гардонад. Бинобар ин ҳам, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ барои иҷро накардани қарорҳо қоидаи масъулиятро муқаррар намуда, дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии

---

[198] Ниг.: Маҷмуи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери назари М.А. Маҳмудзода. – Душанбе, 2015. – 516 с.

[199] Ҳамон ҷо. – 516 с.

[200] Маҳмудзода М.А. Назорати конститутсионӣ усули муҳими таъмини волоияти Конститутсия / Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (Маҷмӯи мақола ва маърӯзаҳо). (ба з. тоҷикӣ)- Душанбе, 2017 – С. 90.

ҶТ» бошад, механизми назорат таъйин карда шавад, ки ба Суди конститутсионӣ ваколати назорати иҷрои қарорҳои худ дода шавад.

Суди конститутсионӣ ба системаи мақомоти судии ҳокимияти давлатӣ дохил шуда, дар доираи принсипи таҷзияи ҳокимият амал мекунад. Бинобар ин, салоҳияти Суди конститутсионӣ қабули танҳо он қарорҳоеро дар бар мегирад, ки аз ваколатҳои ӯ бармеоянд ва дар меъёрҳои Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ сабт шудаанд, яъне доираи фаъолияти Суди конститутсионӣ бо қарорҳои худ маҳдуд карда мешавад.

Ҳудудҳои фаъолияти Суди конститутсионӣ дар навбати худ бо ҳадафҳои фаъолият ва тобеияташ маҳдуд мебошанд. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионӣ»201 Суди конститутсионии ҶТ «…бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсия» таъсис дода шудааст. Аз мазмуни меъёри мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки амалӣ сохтани фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ бо ҳадафҳои дар қонун муқарраргардида марбут буда, татбиқи ваколатҳои он наметавонад аз доираи муайян берун бароядд. Бо ақидаи мазкур А.А. Петров ҳамфикр буда, далелҳои зеринро овардааст: «Ҳатто агар иҷозати ин ё он масъалаи мушаххас ба салоҳияти Суди конститутсионӣ дохил шавад ҳам, вале барои ба даст овардани ҳадафи фаъолияти он равона нест ва Суди конституcтсионӣ ҳақ надорад, ки ин масъаларо ҳал намояд»[202].

Маҳдудиятҳои дигари ҳудуди фаъолияти Суди конститутсионӣ – ин тобеиятнокии он мебошад. Ин маънии онро дорад, ки дар рафти баррасии парвандаҳои қабулшуда, муайян ва тафтиш намудани ҳолатҳои воқеии парванда, ки ба салоҳияти судҳои дигар ё мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ дохиланд, аз ҷониби Суди конститутсионӣ иҷро карда намешавад. Суди конститутсионии ҶТ, ҳангоми қабули қарорҳояш рад кардани оғози мурофиаи судии конститутсиониро борҳо ба ин талаботи қонун ишора кардааст.

Дар боби 11 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» муқаррароти оид ба тартиби қабул ва эълони қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ қайд шудааст, аз ҷумла, моддаи 56 қабули санадҳои Суди конституттсиониро тавассути овоздиҳии кушода танзим мекунад. Баъдан нишон дода шудааст, ки судяҳо ҳақ надоранд дар овоздиҳӣ худдорӣ кунанд ва ё иштирок накунанд, раискунанда бошанд, дар ҳама ҳолат дар охир овоз медиҳанд.

Қобили қайд аст, ки Суди конститутсионӣ дар раванди қабули қарорҳо талаботҳои мурофиавиро назорат мекунад, ки ин яке аз асосҳои калидии қонуният ба шумор меравад. Аз ҳад зиёд арзёбӣ кардани дараҷаи

---

[201] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. //Адлия: Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ. Версияи 6.0/ Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2017. – 1 электр. опт. диск (CD-ROM).

[202] Петров А. А. Структура решений Конституционнного суда Российской Федерации // Академический юридический журнал. – 2017. – №1 (67). – С. 12.

масъулияти ба Суди конститутсионӣ вогузоршуда душвор аст, зеро қарорҳои он қатъӣ буда, аз нав баррасӣ карда намешаванд.

Олимони ватанӣ чунин мешуморанд, ки қонунгузории амалкунанда оид ба Суди конститутсионии ҶТ ба санадҳои Суди конститутсионӣ шаш талаботро муқаррар намудааст. К.Н. Холиқов талаботҳои зеринро ҷудо кардааст: «талаботи марбут ба шаклҳои санадҳои Суди конститутсионӣ; марбут ба тартиби қабули қарорҳои Суди конститутсионӣ; марбут ба қонуният ва асосноккунии санади Суди конститутсионӣ; марбут ба муҳтавои қарорҳои Суди конститутсионӣ; талаботи марбут ба интишор (расонидан) ва эълони фаврии қарорҳои Суди конститутсионӣ; марбут ба ниҳоӣ будани санадҳои Суди конститутсионӣ»[203].

Бар асоси мавқеъҳои изҳоршуда, чунин мешуморем, ки талаботҳои ба санадҳои Суди конститутсионӣ мансубро мебояд ба ду гурӯҳ тақсим кард: талаботҳои дорои хусусияти муайянкунандагӣ, ки зери ин мафҳум талаботи сохторӣ ва мазмунӣ фаҳмида мешавад; талаботи расмиётӣ-мурофиавӣ, ки ба қабул ва эълони қарорҳои Суди конститутсионӣ вобаста аст.

**Адабиёт**

1. Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2017. – 481 с.
2. Витрук Н.В. Конституционное правосудие: Судебно-конституционное право и процесс. – М., 2005. – 527 с.
3. Иванец Г.И., Калинский И.В., Червонюк В. И. Конституционное право России: энцикл. слов. – М., 2002. – 421 с.
4. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 400 с.
5. Конституционные правосудие в странах СНГ и Балтии. – М., 1998. – 784 с.
6. Кряжков В.А., Лазарев Л.В. Конституционная юстиция Российской Федерации. – М., 1998, – 462 с.
7. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. //Адлия: Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ. Версияи 6.0/ Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2017. – 1 электр. опт. диск (CD-ROM).
8. Маҳмудзода М.А. Назорати конститутсионӣ усули муҳими таъмини волоияти Конститутсия / Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (Маҷмӯи мақола ва маърӯзаҳо). (ба забони тоҷикӣ). - Душанбе, 2017 – С. 90-95.
9. Маҷмӯи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери назари М.А. Маҳмудзода. – Душанбе, 2015. – 516 с.

[203] Холиқов К. Н. Суди конститутсионӣ ва истеҳсолоти судӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. 180-181

10. Петров А.А. Структура решений Конститутсионнного суда Российской Федерации // Академический юридический журнал. - 2017. - №1 (67). – С. 12-15.

11. Холиқов К.Н. Суди конститутсионӣ ва истеҳсолоти судӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2010. – 420 с.

12. Эбзеев Б.С. Конституция. Правовое государство. Конституционный суд: учебник пособие для вузов. – М., 1997.

# ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНД БА МУСОФИРАТ

**Олимзода Давлатмурод Абдулхайр,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел:** (992) 939377772
**E-mail:** davlat.olimov.1993@bk.ru

**Мушовири илмӣ:** Гадоев Б.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Мирзоев П.И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои шаклҳо ва усулҳои таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират таҳлил гардидааст. Чи тавре, ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш усулҳои таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофиратро, кафолат медиҳад. Усулҳои давлатии таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират – асосҳо ва ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки мувофиқ ба табиати худ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, дар асоси онҳо таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират ва мақомоти ташкилнамудаи он ба роҳ монда мешавад. Дар амалӣ гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон нақши судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва суди конститутсионии ҷумҳурӣ калон аст. Конститутсия ҳокимияти судиро ваколатдор менамояд, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолатро ҳифз намояд. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз аввалин вазифаҳои судро дар ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд мешуморад. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионӣ ба мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис ёфтааст. Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумхурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои

мақомоти прокуратура муқаррар карда шудааст. Инчунин шахс метавонад барои ҳифзи ҳуқуқу озодии худ ба мақомоти ғайрисудӣ, ба шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва матбуот муроҷиат намояд.

**Калидвожаҳо:** Шаклҳо, усулҳо, ҳуқуқ, Конститутсия, давлат, мусофират, шаҳрвандон, зист, масъала, озодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷомеаи ҷаҳонӣ, замони муосир, интихоби озод, маҳалли зист, кафолат, ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон, нақш, судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ, суди конститутсионӣ, ҳокимияти судӣ, ваколатдор, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолат, қонуни конститутсионӣ, вазифаҳои суд, таъмини волоият, қаламрави ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, мақомоти прокуратура, мақомоти ғайрисудӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муроҷиат.

## ФОРМЫ И СПОСОБЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВА ГРАЖДАНИНА НА ПЕРЕДВИЖЕНИЕ

**Олимзода Давлатмурод Абдулхайр,**
дотсент кафедры право и сравнительное правоведение Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридичиских наук
**Тел:** (992) 939377772
**E-mail:** davlat.olimov.1993@bk.ru

**Научный консультант**: Гадоев Б.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Мирзоев П.И., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье анализируются вопросы форм и способов обеспечения права гражданина на выезд. Как известно, общественные отношения и практика правоприменения постоянно развиваются, и каждый период развития предъявляет свои требования и дополняется новыми конкретными ситуациями. Поэтому право, в свою очередь, должно улавливать пульс общественной жизни, выражать ее объективные запросы и служить этим задачам. Республика Таджикистан, как часть международного сообщества, как в недавнем прошлом, так и в современности, в ходе своего развития гарантирует способы обеспечения прав граждан на передвижение. Методы государственного обеспечения права гражданина на выезд являются руководящими принципами и идеями, которые по своему характеру закреплены в нормативных правовых актах Таджикистана, и на их основе обеспечение права гражданина на проезд и организуемые ими органы учреждаются. Важна роль общих судов, хозяйственных судов и Конституционного суда республики в осуществлении защиты прав и свобод человека. Конституция уполномочивает судебную власть защищать права и свободы человека и гражданина, интересы государства, организаций и учреждений, законность

и справедливость. Конституционный закон «О судах Республики Таджикистан» одной из первых задач суда в республике считает защиту прав, свобод человека и гражданина. Согласно статье 1 Конституционного закона «О Конституционном суде Республики Таджикистан» Конституционный суд создан в целях обеспечения верховенства норм Конституции и ее непосредственной реализации на территории Республики, защиты Конституция, права и свободы человека и гражданина. Защита социально-экономических, политических и иных прав и свобод человека и гражданина является одной из задач прокуратуры согласно Конституционному закону «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан». Также лицо может обращаться в несудебные органы, к должностным лицам, общественным объединениям и средствам массовой информации для защиты своих прав и свобод.

**Ключевые слова:** Формы, методы, право, Конституция, государство, путешествие, граждани, жизнь, вопрос, свобода, Республика Таджикистан, международное сообщество, современность, свободный выбор, место жительства, гарантия, защита прав и свобод человека, роль, общие суды, хозяйственные суды, конституционный суд, судебная власть, полномочия, интересы государства, организации и учреждения, законность и справедливость, конституционный закон, обязанности суда, обеспечение верховенства, территория республики, защита социально-экономических и политическаих прав, органы прокуратуры, несудебные органы, должностные лица, общественные объединения, обращение.

## FORMS AND METHODS OF PROVIDING THE CITIZEN'S RIGHT TO TRAVEL

**Olimzoda Davlatmurod Abdulkhair,**
associate Professor of the Department of Law and Comparative Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of Legal Sciences,
**Phone.:** (992) 9393 77772
**E-mail:** davlat.olimov.1993@bk.ru

**Scientific advisor:** Gadoev B.S., doktor of legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Morzoev P.I., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** This article analyzes the issues of forms and methods of ensuring the right of a citizen to travel. As it is known, public relations and practice of law enforcement are constantly developing, and each period of development presents its own requirements and complements it with new specific situations. Therefore, the law, in turn, should capture the pulse of public life, express its objective requests and serve these tasks. The Republic of Tajikistan, as a part of the international community, both in the recent past and in modern

times, during its development, guarantees the methods of ensuring the rights of citizens to travel. The methods of the state to ensure the citizen's right to travel are the guiding principles and ideas, which, according to their nature, are strengthened in the normative legal acts of Tajikistan, and based on them, the provision of the citizen's right to travel and the bodies organized by them are established. The role of general courts, economic courts and the constitutional court of the republic is important in the implementation of the protection of human rights and freedoms. The Constitution authorizes the judiciary to protect the rights and freedoms of people and citizens, the interests of the state, organizations and institutions, legality and justice. The constitutional law "On the Courts of the Republic of Tajikistan" considers one of the first tasks of the court in the republic to be protection of rights, freedom of man and citizen. According to Article 1 of the Constitutional Law "On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan", the Constitutional Court was established in order to ensure the supremacy of the norms of the Constitution and its direct implementation in the territory of the Republic, protection of the Constitution, rights and freedoms of man and citizen. Protection of socio-economic, political and other rights and freedoms of a person and a citizen is one of the tasks of the prosecutor's office according to the Constitutional Law "On the bodies of the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan". Also, a person can apply to non-judicial bodies, officials, public associations and the press to protect his rights and freedom.

**Keywords:** Forms, methods, law, constitution, state, travel, citizens, life, issue, freedom, Republic of Tajikistan, international community, modern times, free choice, local life, guarantee, protection of human rights and freedom, role, general courts, economic courts, constitutional court, judicial power, authority, interest of the state, organizations and institutions, legality and justice, constitutional law, duties of the court, ensuring supremacy, territory of the republic, protection of social and economic rights, political, prosecutor's office, non-judicial bodies, officials, public associations, appeal.

Бо ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократиро интихоб намуда, арзишҳои асосии ин давлатро ҳам дар Конститутсияи кишвар ва ҳам дар қонунгузории соҳавии он инъикос намуд. Махсусан дар ин замина ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон – ҳамчун яке аз принсипҳои муайянкунандаи волоияти қонун ҷой дорад[204].

Усулҳои ҳуқуқ гуфта, ақидаҳо ва асосҳои роҳбарикунандаи ҳуқуқро меноманд, ки аз унсурҳои баробарӣ, озодиву адолат бармеоянд ва моҳияти ҳуқуқро ифода мекунанд. Баробарӣ, озодӣ ва адолат усулҳои бунёдии ҳуқуқ буда, дар муҳимтарин санадҳои ҳуқуқӣ таҷасум меёбанд. Чун ақидаҳои марказии ҳуқуқи фитрӣ онҳо, пеш аз ҳама, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (Эъломияи ҳуқуқи башар ва ғ.) дарҷ ёфта, сипас дар қонунҳои давлатҳои ҷудогона мушаххас мегарданд. Чунончи,

[204] Ниг: Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.). [Текст: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12 00 01 – теория и история права и государства; история политических и правовых учений / Озода Эмомалиевна Рахмонова. – Душанбе, 2012. – 26 с.

Конститутсияи Тоҷикистон меъёрҳои асосии баробарӣ, адолату озодии инсонро сабт кардааст, ки дар қонунҳои ҷорӣ мушаххас шудаанд[205].

Дар шакли идоракунии демократӣ ташкил ва амалӣ шудани ҳокимияти давлатӣ бо усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ асос меёбад, ки дар он нақши халқ дар амалигардонидани ҳуқуқҳои худ назаррас гардида, яке аз шаклҳои таҷассуми он ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират арзёбӣ мегардад. Шаклҳо ва усулҳои давлати таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират барои таъмини манфиати аҳолӣ бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ тақвият мебахшад.

Ҳамин тариқ, баробарӣ, озодӣ ва адолат усулҳои асосии ҳуқуқ буда, дар усулҳои дигари ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар амали намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират инъикос ва идома меёбанд.

Усулҳои давлатии таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират асосҳо ва ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки мувофиқ ба табиати худ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, дар асоси онҳо таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират ва мақомоти ташкилнамудаи онҳо ба роҳ монда мешавад.

Дар ҳамин замина назарияи умумӣ ва таърихи давлат ва ҳуқуқ давраи инқилобҳои буржуазӣ (асрҳои XVII-XVIII)[206] давраи эълони ҳуқуқи озодии ҳаракат ва замони эътирофи ҳуқуқи мазкур (муқаррар намудани) давраи инқилобҳои буржуазӣ ба ҳисоб меравад[207].

Онҳо ба истиснои мавқеъҳои манъгардида дар доираи талаботи қонун озодии ҳаракатро доранд, вале дар ҳолатҳои ҷудогона гузаштан аз расмиётҳои иловагӣ шарт ва зарур аст. Аз ин хотир, ҳуқуқи озодии мусофират, интихоби маҳаллӣ зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ба пуррагӣ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ тааллуқ дошта, ба гурӯҳи ҳуқуқҳои мутлақ шомил нестанд.

Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш интихоби озоди маҳали зистро, кафолат медиҳад.

Раванди амалинамоии мусофират, интихоби озоди маҳали зист, мураккабу пурҷараён аст ва масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба мусофират, интихоби озоди маҳаллӣ зист ҳамчун воситаи муфиди ҳалли масъалаҳои муҳим умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст. Ҳолати зайл аҳамияти омӯзиши мусофират, интихоби озоди маҳаллӣ зистро дар шароити имрӯза, навъу шаклҳои зоҳиршавии онро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра мегардонад. Аз ин хотир,

---

[205] Ниг: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2002. – С. 129.
[206] Ниг: Гогин А.А., Липинский Д.А., Малько А.В. и др. Теория государства и права: учебник (под ред. А.В. Малько, Д.А. Липинского). – М.: Проспект, 2016. – С. 27.
[207] Ниг: Гобозов И.А. Свобода: иллюзии и действительность // «Философия и общество». 2014. № 3 (75). – С. 5-20.

дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусияти мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, ва амалишавии он аҳамияти воқеӣ пайдо намудааст.

Ҳамин тавр, озодии ҳаракат ҳуқуқи табиии инсон аст, ки имконияти зиндагии озод ва ҷойивазкунии шахсиро ба шаҳрванд пешниҳод намуда, барои таъмини ҳаёти шахсии озод замина мегузорад. Бидуни озодии ҳаракати шаҳрванд доир ба озодии ҳаёти шахсӣ ва озодии шахсӣ ҳарф задан душвор аст. Ин ҳуқуқ дар ҳама санадҳои байналмилалии умумии эътирофгардида ба сифати ҳуқуқҳои асосии шахсӣ муаян гардидааст. Дар ҳамин росто дар қисми 1 моддаи 13 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар оварда шудааст, ки "Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад"[208], инчунин моддаи 12 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ[209] ҳуқуқ ба озодии ҳаракатро муқаррар кардаанд.

Дар баробари санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқ ба озодии ҳаракат бо унсурҳои таркибии он ва дар конститутсияҳои давлатҳои хориҷӣ эълон шудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 11 Қонуни асосии Олмон аз соли 1949 «Ҳамаи олмониҳо аз озодии ҳаракат дар саросари қаламрави федералӣ бархурдоранд»[210]. Моддаи 16-уми Конститутсияи Италия аз соли 1947 «ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро барои озодона ҳаракат кардан ва иқомат кардан дар ҳар як қисми қаламрави миллӣ ва тарк кардан ва баргаштан ба қаламрави Ҷумҳурии Италия эълон мекунад». Дар моддаи 22 Қонуни асосии Япония «Ҳар кас аз озодии интихоб ва тағйир додани ҷои истиқомат бархурдор аст» ва озодии сафар ба хориҷа низ ба ҳама эълон карда шудааст. Дар ин росто дар моддаи 19 Конститутсияи соли 1978 Испания ҳуқуқи испаниҳоро ба озодии интихоби ҷои истиқомат, ҳаракат дар дохили қаламрави мамлакат, инчунин даромадан ва аз Испания баромадан эълон мекунад.

Инчунин моддаи 24-ум Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад[211].

Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигоҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст.

---

[208] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с

[209] Ниг.: Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. 16 декабри соли 1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с

[210] Основной закон Федеративной Республики Германия от 23 мая 1949 года // Сборник "Конституции зарубежных государств". Учебное пособие. / Сост. Проф. В.В. Маклаков. 4-е изд., перераб. И доп. М: Волтерс-Клувер. 2003 г. – 60 с.

[211]Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.

Ҳамзамон озодӣ дар таърих аз риояи иҷборӣ ба маҳдудиятҳои фарҳангие[212] мебошад, ки дар фалсафа мафҳуми «озодӣ» ҳамчун мафҳуми иҷтимоие, ки аз фаъолияти муштараки бошууронаи одамон дар доираи меъёру қонунҳои ҳуқуқию ахлоқӣ бармеояд, ошкор шудааст[213].

Вобаста ба ин самаранокии татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба мусофират аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки шаҳрвандон чӣ гуна ҳуқуқҳои хешро дуруст дарк мекунанд, истифода мебаранд. Аз ин рӯ, на танҳо ниҳодҳои мақомоти давлатӣ, балки созмонҳои сиёсиву ҷамъиятӣ низ бояд дар рушди мустақилияти шаҳрвандон саҳмгузор бошанд.

Чи тавре, ки муҳаққиқи рус Ибрагимова Л.Р. қайд намудааст фаъолияти механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии озодии ҳаракат, интихоби ҷои истиқомат, баромадан ва дохил шудан ба давлат низоми ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи фаъолияти қонунии давлат мебошад[214].

Ба ҳамин монанд, И.В. Шапиро ду ҳуқуқи ба ҳам алоқамандро ҷудо мекунад:

- ҳуқуқ ба озодии ҳаракат;
- ҳуқуқи интихоби ҷои зист[215].

Ба андешаи Герасимов П.Ю. мафҳуми ҷои будубош дар амалияи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии озодии ҳаракат ва интихоби ҷои истиқомат ба таври умум қабул карда нашудааст. Дар қонунгузории Русия ин мафҳум ва низоми бақайдгирии марбут ба он дар ибтидои солҳои 90-ум бо сабаби зарурати аз байн бурдани институти маҳалли зист, ки дар ИҶШС вуҷуд дошт, муқаррар карда шуда буд[216].

Ҳамин аст, ки ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират бо усулҳои зерин асос меёбад:

- таъмини ҳуқуқии инсон барои интихоби озодии маҳалли зист, интихоби озоди навъи фаъолият ва касб, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он;

- манъи ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқ аз руи миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, маълумот, вазъи ҳуқуқии иҷтимоӣ ва молу мулк;

- иштироки мақомоти давлатӣ дар ташкил ва танзим намудани равандҳои мусофират;

---

[212] Ниг: Флиер А.Ф. История культуры: от инстинкта к обычаю, от обычая - к свободе // «История и современность». – 2013. – No 2 (18). – С. 36-51.

[213]Ниг: Гобозов И.А. Свобода: иллюзии и действительность // «Философия и общество». 2014. № 3 (75). – С. 5-20.

[214] Ниг: Ибрагимова Л.Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема дис.. и авт.. 12.00.02, кан.. юриди.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна 2020 г. – 28 с.

[215] Ниг: Шапиро И.В. Пробелы реализации прав на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства граждан Российской Федерации // Конституционное и муниципальное право. 2009. – № 17.

[216] Ниг: Герасимов, П. Ю. Право каждого на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема дисс… и автор…, кандидат юридических наук Герасимов, Павел Юрьевич. 2011г. – 28 с.

- иштироки мусофирон дар ҷобаҷокунӣ дар маҳалли нави зист бо дастгирии давлатии худфаъолиятии ҳар як шаҳрванд, дар навбати аввал онҳое, ки аз минтақаҳои офати экологӣ ва табиӣ кучонида шудаанд;

- манъи ҳамагуна маҷбуркуниҳо, аз ҷумла маҷбуран равона намудани мусофирон ба кишваре, ки онҳо аз он ҷо бар гаштаанд.

Ба андешаи А.М. Диноршоҳ, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои истиқомат табиӣ ва ҷудонашаванда аст, ки ба ҳама аз рӯзи таваллуд тааллуқ дорад. Он ба арзёбии умумии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири инсон, ки новобаста аз вазъи ҷомеа, шаъну шараф ва озодии инсон, принсипҳои олии маънавӣ ва ахлоқии ӯ ва дар ин робита, пеш аз ҳама ӯро ҳамчун як мавҷудияти баландарзиши маънавӣ аз худсарии қувваи тавонои ҷомеа – қудрат, хоҳиши ҳукмронӣ ба фард ҳифз намояд[217].

Дар баробари ин М. Иванова, қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба озодии интихоби ҷои зистро ба ду категорияи мустақил тақсим кардан зарур аст:

- бақайдгирӣ дар ҷои зисти доимӣ;
- бақайдгирӣ дар ҷои зисти мувақатӣ[218].

Бояд қайд намуд, ки мақоми давлатӣ нашри ҳисоботи оморӣ ва маводҳои ахборотӣ дар бораи вазъи ҳуқуқии мусофиронро таъмин менамояд.

Ҳамин аст, ки шахсе, ки мусофир эътироф шудааст ва иҷозат барои маҳаллӣ зист дар давлати будубош гирифтааст, аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраркардаи қонунгузории давлат истифода мебарад, инчунин барои уҳдадориҳои пешбиникардаи қонунҳо ё шартномаҳои байналмилалӣ вазифадор аст.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр қайд намудан зарур аст, ки асосҳои рад кардани мусофират аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин муйаян шудааст:

а) аз маълумоти дорои сирри давлатӣ ё дигар навъи сирри тибқи қонун ҳифзшаванда огоҳ, бошад;

б) дар содир кардани ҷиноят ҳамчун гумонбар дастгир ё ба сифати айбдоршаванда ҷалб шуда бошад – то қабул намудани қарор вобаста ба парванда ё эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд;

в) барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда бошад - то адои муҳлати ҷазо;

г) дар хизмати ҳарбии ҳатмӣ бошад - то анҷоми муҳлати адои ин хизмат;

д) аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ба зиммаи ӯ гузоштааст саркашӣ кунад – то иҷрои уҳдадориҳо;

е) нисбат ба ӯ ба суд даъвои шаҳрвандӣ пешниҳод шуда бошад - то анҷоми истеҳсолоти парванда ва ғ.

---

[217] Ниг: Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – С. 75.

[218] Ниг: Иванова М.А. Проблемы реализации прав граждан на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства // Марийский юридический вестник. – 2015. – № 1 (12). – С. 161 (с. 159-161)

Дар илми ҳуқуқшиносӣ истилоҳи «ҳаракат» бештар ба маънои муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ истифода мешавад[219]. Ҳамин аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳаракат дар доираи маҳдуд ё маҳрум кардани озодии ҳаракат дар қаламрави давлат ва берун аз он, дар мурофиаи ҷиноятӣ дар доираи боздошти гумонбаршуда ё айбдоршаванда[220] баррасӣ карда мешавад. Дар ҳуқуқи маданӣ – ҳамчун яке аз усулҳои озодии шаҳрвандон; дар ҳуқуқи байналмилалӣ – дар омӯзиши ҳаракати байналмилалии молҳо[221] ё дар заминаи муҳоҷирати байналхалқӣ категорияҳои муайяни шахсон (шаҳрвандон, гурезаҳо, коргарон ва ғ.);[222] дар ҳуқуқи маъмурӣ – дар омӯзиши воситаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини низоми махсуси ҳуқуқии будубош дар давлат; дар ҳуқуқи конститусионӣ – ҳамчун ҳуқуқи ҳар шахс ба мусофират интихоби озодии маҳаллӣ зист.

Ҳамин тавр, истилои ҳаракат синоними ҷой иваз карданро дорад, ки амалан дар тамоми соҳаҳои фаъолият истифода мешавад. Дар робита ба ин, метавон хулоса кард, ки ҳаракат мафҳуми байнисоҳавӣ аст, дар ҳоле ки ҳаракат аз ҷониби илмҳои ҳуқуқӣ, асосан дар бахшҳои давлатӣ ва пеш аз ҳама, дар ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ истифода мешавад.

Мазмуни меъёрии ҷузъҳои алоҳидаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Унсурҳои иловагие, ки сохтори меъёрӣ ва мазмуни ҳуқуқи субъективии шахс ва шаҳрвандро барои интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ташкил медиҳанд, инҳоянд: ҳуқуқ-имтиёз, ки ҳуқуқи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи сабти ном накардан дар маҳал ифода мекунад, агар манзиле, ки ӯ дар ҷойи истиқомат ба қайд гирифта шудааст, дар як ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир бошад, инчунин тахминҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла фарзияи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷои маҳаллӣ зисти худ ба қайд гирифта шудааст.

Хулоса, шаклҳо ва усулҳои таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират асосҳо ва ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки мувофиқ ба табиати худ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, дар асоси онҳо таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират ва мақомоти ташкилнамудаи онҳо ба роҳ монда мешавад.

---

[219] Ниг: Жадяева Т.А. Реализация права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства: Автореф. дис. ...канд.юрид.наук. – Саранск, 2006 г. – 26 с.

[220] Ниг: Бусыгин А.Ю. Действие принципа состязательности на досудебном производстве в Российской Федерации.:Автореф. дис.... канд.юрид. наук. – Иркутск, 2009 г. – 26с.; Попков Н.В. Задержание подозреваемого и обвиняемого как вид государственного принуждения.: Автореф. дис . ... канд. юрид. наук. Нижний Новогород, 2007 г. – 26 с.

[221] Ниг: Наку А.А. Основы таможенного права Европейского Союза.: Автореф . дис.... канд.юрид.наук. – Москва, 2002 г. – 28 с.

[222] Ниг: Ибрагимова Л.Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема дис.. и авт.. 12.00.02, кан.. юриди.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна, 2020 г. – 8 с.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с.
3. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. 16 декабри соли 1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 6 с.
4. Основной закон Федеративной Республики Германия от 23 мая 1949 года // Сборник "Конституции зарубежных государств". Учебное пособие. / Сост. Проф. В.В. Маклаков. 4-е изд., перераб. И доп. - М: Волтерс-Клувер. 2003 г. - 60 с.
5. Бусыгин А.Ю. Действие принципа состязательности на досудебном производстве в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд.юрид. наук. Иркутск, 2009 г. - 26 с.
6. Попков Н.В. Задержание подозреваемого и обвиняемого как вид государственного принуждения.: автореф. дис . ... канд. юрид. наук. - Нижний Новогород, 2007 г. - 26 с.
7. Гогин А.А., Липинский Д.А., Малько А.В. и др. Теория государства и права: учебник (под ред. А.В. Малько, Д.А. Липинского). – М.: Проспект, 2016. - 328 с.
8. Герасимов П.Ю. Право каждого на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема дисс… и авто…., кандидат юридических наук Герасимов, Павел Юрьевич. - 2011 г. - 28 с.
9. Гобозов И.А. Свобода: иллюзии и действительность // «Философия и общество». 2014. - № 3 (75). - С. 5-20.
10. Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 143 с.
11. Жадяева Т.А. Реализация права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства: Автореф. дис. ...канд.юрид.наук. - Саранск, 2006 г. - 26 с.
12. Иванова М.А. Проблемы реализации прав граждан на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства // Марийский юридический вестник. - 2015. - № 1 (12). - С. 161 (с. 159-161)
13. Ибрагимова Л.Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема дис.. и авт.. 12.00.02, кан.. юриди.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна, 2020 г. - 28 с.
14. Могильный В. История возникновения и развития права на свободу передвижения // «Право и жизнь». Сентябрь 2009. - № 9 и Алешкова И.А. Право на свободу передвижения: историко-правовая ретроспектива // «Конституционное и муниципальное право». - 2006. - № 4. - С. 24-26.

15. Наку А.А. Основы таможенного права Европейского Союза.: Автореф . дис . ... канд.юрид.наук. – Москва, 2002 г. – 28 с.

16. Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.). [Текст: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12 00 01 – теория и история права и государства; история политических и правовых учений / Озода Эмомалиевна Рахмонова. – Душанбе, 2012. – 26 с.

17. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китобӣ дарсӣ. [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2002. – 543 с.

18. Флиер А.Ф. История культуры: от инстинкта к обычаю, от обычая - к свободе // «История и современность». – 2013. – No2 (18). – С. 36-51.

19. Шапиро И.В. Пробелы реализации прав на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства граждан Российской Федерации // Конституционное и муниципальное право. –2009. – № 17. – С. 22-25.

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ КОНСТИТУТСИОНИИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод,** унвонҷуи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Тел.:** (+992) 918969689
**E-mail:** zuhurzoda.shahlo95@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷ.М. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Олимзода Д.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба асосҳои хуқуқи конститутсионии рушди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола намудҳои давлати дунявӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, он ба се намуд гурӯҳбандӣ карда шудааст. Инчунин дар мақола меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давлати дунявӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии ҳуқуқии пойдории давлати дунявӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, дар меъёрҳои худ ғояҳои пешқадами ҷамъиятию сиёсӣ ва принсипҳои асосии бунёди давлати дунявиро таҷассум намуда, ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҳуқуқу озодиҳои худро оид ба эътиқоди динӣ ва озодии виҷдон кафолат додааст. Бояд таъкид намуд, ки бештари мутафаккирон якҷоя бо пешкаши назарияи мустақили хеш, ҳамчунин афкори пештараи сиёсӣ ва ҳуқуқиро таҳлил намуда, дар хусуси асарҳо, ақидаҳо ва назарияҳои мухталиф иттилоъ медиҳанд. Назарияхои сиёсӣ ва хуқуқӣ дар заминаи назарияҳои пештара, мафкура, ҷаҳонбинӣ ва шаклхои шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, давлати дунявӣ, озодии виҷдон, озодии эътиқоди динӣ, давлати демократӣ, секуляризм, ҳуқуқу озодӣ, дин ва ҷомеа, дин ва давлат.

## КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПОСТРОЕНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Зухурзода Шахло Давлатмурод,** соискатель Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 918969689
**E-mail:**zuhurzoda.shahlo95@mail.ru

**Научный руководитель:** Зоир ДЖ.М., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Олимзода Д.А., кандидат юридических наук, дотцент

**Аннотация:** Настоящая статья посвящена конституционно-правовым основам развития светского государства в Республике Таджикистан. В статье анализируются разновидности светского государства и группируются на три группы. Также в статье анализируются нормы Конституции Республики Таджикистан посвященные светскому государству. Отмечается, что Конституция Республики Таджикистан выступает главным правовым источником укрепления основ светского государства в стране, которые отражает в своих нормах передовые общественно-политические идеи и основные принципы построения светского государства и гарантирует. Следует подчеркнуть, что большинство мыслителей наряду с изложением своей самостоятельной теории также анализируют прежнее политико-правовое мнение и сообщают о различных работах, мнениях и теориях. Политико-прововые теории формируется на основе предшествующих теорий, идеалогии, мировоззреноия и форм общественного сознания.

**Ключевые слова:** Конституция, светское государство, свобода совести, свобода вероисповедания, демократическое государство, секуляризм, права и свободы, религия и общество, религия и государство.

## CONSTITUTIONAL AND LEGAL BASIS FOR BUILDING A SECULAR STATE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Zuhurzoda Shahlo Davlatmurod,** candidate for a degree of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
**Тел.:** (+992) 918969689
**E-mail:** zuhurzoda.shahlo95@mail.ru

**Scientific supervisor:** Zoir J.M., doctor of legal sciences, professor
**Reviewer:** Olimzoda D.A., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** This article is devoted to the constitutional and legal basis of the development of a secular state in the Republic of Tajikistan. The article analyzes the varieties of the secular state and divides them into three groups. The article also analyzes the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan dedicated to the secular state. It is noted that the Constitution of the Republic of Tajikistan is the main legal source of strengthening the basis of a secular state in the country, which reflects in its norms advanced socio-political ideas and the basic principles of building a secular state and guarantees every citizen of the Republic of Tajikistan to freely exercise their freedom of religion and conscience. It should be emphasized that most of the thinkers toghether with presenting their independent theory also analyze the previous political and legal opinion and inform about different works, opinions and theories. Political and legal theories

are formed on the basis of previous theories, ideology, worldview and forms of social consciousness.

**Keywords:** Constitution, secular state, freedom of conscience, freedom of religion, democratic state, secularism, rights and freedoms, religion and society, religion and state.

Бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар истилоҳҳои сохти конститутсионӣ, ба монанди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, истилоҳи «давлати дунявӣ» дохил карда шуд, ки дар алоқаманди бо давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ будан моҳиятан муҳимтарин нишонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Бинобар аҳамиятнок будани мазмуни истилоҳи «давлати дунявӣ» ва муайян намудани алоқамандии категорияи мазкур бо дигар категорияҳои дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, зарур аст дар доираи мақолаи илмӣ асосҳои конститутсионии бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида бароем.

Дар тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «давлати дунявӣ чунин давлатест, ки дар он ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон дин ба ҳайси дини давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст, ҳама дину мазҳабҳо дар доираи муқаррароти мазҳабҳо ҳуқуқи баробари мавҷудият доранд»[223].

Воқеан дар ҷаҳони муосир назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ оҳанги бештар пайдо намуда, дар конститутсияи тамоми кишварҳои ҷаҳон сабт гардидааст, ки барои навсозии ҳаёти давлатию ҳуқуқии аксари мардуми сайёра мусоидат кардааст.

Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ чун як соҳаи донишҳои илмӣ барои таҳлили илмии таърихи тӯлонии ташаккул, инкишоф ва вазъи кунунии афкори сиёсӣ ва ҳуқуқи башар аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва методологӣ дорад. Дар соҳаи таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мутафаккирону файласуфони зиёд асарҳои илмӣ эҷод намудаанд. Ҳамзамон муҳаққиқони зиёд, гарчанде назарияи сиёсиву ҳуқуқии хешро пешкаш накардаанд, вале дар омӯзиши давлати дунявӣ дар таърихи афкори ҳуқуқӣ саҳми арзанда гузоштанд ва ин тахлили илмӣ то ҳол идома дорад.

Бояд таъкид намуд, ки бештари мутафаккирон якчоя бо пешкаши назарияи мустақили хеш, ҳамчунин афкори пештараи сиёсӣ ва ҳуқуқиро таҳлил намуда, дар хусуси асарҳо, ақидаҳо ва назарияҳои мухталиф иттилоъ медиҳанд. Назарияҳои сиёсӣ ва хуқуқӣ дар заминаи назарияҳои пештара, мафкура, ҷаҳонбинӣ ва шаклхои шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Мутафаккирон ба таҳлили таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷӯх зоҳир менамуданд[224].

[223] Ниг: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳукуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: Империал – Групп. 2005. – С.46-47.
[224] Ниг: Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан 20-лет. – Душанбе-2014. Изд. ООО-«Эр-граф». – 151 с.

Мутафаккирон, ба монанди Марсилии Падуанӣ (такр. 1275-такр. 1343), Ҷон Уиклиф (1328-1384), Мартин Лютер (1483-1546), Томас Мюнсер (1490-1525), Жан Калвин (1509-1564), Этен Ла Боэси (1530-1563), Владимир Мономах (1053-1125), Нил Сорский (1433-1508) ва дигарон ҳамчун асосгузорони ақидаи секуляристӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар асри XX бошад яке аз тарафдорони ақидаи давлати дунявӣ маъруфтарин пешвои ҳаракати миллию озодихоҳӣ ва бузургони дини ҳиндуия Маҳатма Ганди мебошад, ки дар арафаи бадастории истиқлолияти Ҳиндустон гуфта буд: «Ман қасами вафодорӣ ба дини худ хӯрдаам. Ман ба марг аз барои вай ҳозирам. Аммо ин кори шахсии манаст. Давлат ба ин ҳеҷ муносибате надорад. Давлат дар бораи некуаҳволии дунявии шумо, саломатии шумо, роҳу тароватии шумо, муносибатҳои хориҷӣ, асъор ва ғайра ғамхорӣ мекунад, на дар мавриди дини ману шумо. Ин – ташвиши шахсии ҳар шахс аст»[225].

Секуляризм – ин консепсияест, ки мувофиқи он ҳукумат ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аз ҳар навъи дин ва эътиқоду таълимотҳои динӣ ҷудо мебошад[226]. Ё ба дигар маънӣ секуляризм – ин дунявӣ кардан, аз дунё истифода кардан ва баҳра бурдан аз дунёст. Яъне, ин раванд ва марҳилаи гузариши моликият ва ҳокимият ба дасти ҳокими ғайридинӣ ва ё дунявӣ мебошад. Бештар ду навъи секуляризм: секуляризми сиёсӣ ва секуляризми фалсафӣ мавриди таваҷҷуҳ ва тадқиқ қарор дорад[227]. Секуляризми сиёсӣ ба маънии он аст, ки дар давлатдорӣ ягон дин мақоми давлатӣ надорад, дин аз ҳокимият ҷудо аст, ҳукумат ба ягон дине тобеъ нест ва давлат бидуни пуштибонӣ аз дине кори худро пеш мебарад ва афзалият ба ягон дине дода намешавад ва эътиқод доштан ё надоштан ба дине кори шахсии ҳар фард маҳсуб меёбад. Ин бо маънии плюрализм бисёр наздик аст, ки дар ҷомеа як навъ гуногун ақидагӣ эътироф карда мешавад. Секуляризм ҳамчун як консепсия ва назарияи фалсафию сиёсӣ ба таври табиӣ дар Аврупо пайдо мешавад. Табиӣ ба он маънӣ аст, ки ба вуҷуд омадани секуляризм аз хостаи ягон мутафаккире вобаста набуда, он раванд баробари ивазшавии тафаккури мардум ва тағйир ёфтани сохти сиёсиву фарҳангии ҷомеа ба миён омад. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чаро секуляризм дар замони Эҳё дар Аврупо ба миён омад? Асосан ду далел ё худ ду ҳодиса боис гардид, ки секуляризм дар Аврупо ба вуҷуд ояд:

- якум, баъди ҳазорсолаи ҳукумати дини масеҳӣ дар Аврупо дар асрҳои XV-XVI илм ба яке аз марҳилаҳои рушду такомули хеш расид ва мутафаккирони зиёд андешаву назарияҳои навро нисбати табиату коинот ва инсону ҷомеа офариданд.

---

[225] Ниг: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Минбари халқ аз 27 январи соли 2021, – №4 (1298). – С.654-656.

[226] Ниг: Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. Бо тағйири иловаҳо. – Душанбе: 2004. – 430 с.

[227] Ниг: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: Империал – Групп. 2005. – С.41-47.

- дуввум, ҳамчунин як ҳодисаи дигаре, ки дар ин давра рух дод, ин ба шохаҳо тақсим гардидани масеҳият ва ба вуҷуд омадани низову муноқиша дар дохили ин дин мебошад. Дар масъалаи ақидаҳои илмӣ дар хусуси давлати дунявӣ ҳам дар адабиёти Ғарб ва ҳам дар адабиёти ватаниву русӣ ақидае мавҷуд аст, ки гӯё асосгузори давлати дунявӣ (секулор) танҳо Ғарб, яъне давлатҳои Аврупо бошад. Ақидаҳои давлати дунявиро мо низ дар эҷодиёти мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла мутафаккирони тоҷику-форс дида метавонем, аз ҷумла дар асари А. Ҷомӣ, У. Хайём, Ҳофиз ва дигарҳо. Давлатҳои дунявӣ ҳадди ақал се намуд ҳастанд: Намуди якум, кишварҳое мебошанд, ки бо вуҷуди расман ҷудо набудани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат, қонунҳо ва қонунияти дунявӣ дар он кишварҳо амал мекунад. Ба ин намуди кишварҳо Британия Кабир, Италия, Испания, Полша ва ғайра дохил мешаванд[228].

Намуди дуввум, он кишварҳое мебошанд, ки дар онҳо бо вуҷуди аз давлат ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ байни дину давлат ҳамкориву ҳамоҳангӣ, алахусус дар умури тарбияи маънавию ахлоқӣ ва барангехтани рӯҳияи миллӣ-ватанхоҳӣ, ватандӯстӣ ҳукмрон аст. Ин намуди дунявият дар Фаронса, Олмон, ИМА, Федератсияи Россия, Туркия, Ҳиндустон, Тоҷикистон амал мекунад. Дунявият дар ин кишварҳо ба маънии бе динӣ ё атеистӣ будан нест. Дар ин давлатҳо озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ кафолат дода шуда, аҳолии ин кишварҳо диндории худ ва эҳтироми худро ба дини кишварашон пинҳон намекунанд. Намуди севуми давлатҳои дунявӣ атеистӣ мебошад, ки дар он дин воқеан ҳамчун муҳити муносибатҳои шахсию хусусӣ аз ҳама соҳаҳои низоми давлатӣ ҷудо мебошад.

Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр буда, мустақилона, бе дахолат ё фишори беруна сиёсати дохилӣ ва хориҷиашро амалӣ месозад. Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, дар асоси принсипи ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ва бакорҳои давлатӣ мудохила накардан фаъолият мебарад. Низоми дунявият мутлақ будани як идеологияро дар сатҳи давлатӣ аз байн бурда, барои ташаккул ва инкишофи илму дониш имкон фароҳам меоварад[229]. Конститутсияи ҳар як давлат барои афроди он қонунномаи зиндагӣ ва барои аҳли башар шиносномаи он давлат ва мардумаш аст.

Зеро дар ин санади муҳим марому мақсади ҷомеа, роҳи сиёсии интихобкардаи он, меъёрҳо ва принсипҳои сохти давлатдории вай дарҷ мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бунёди ҷомеаи адолатпарвар (дебочаи Конститутсия) як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии стратегӣ, ба монанди баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии

---

[228]Ниг: Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ гардидааст. – www. mmk.tj. (санаи мурочиат 12 марти соли 2021). – С. 83.

[229]Ниг: Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ гардидааст. – www. mmk.tj. (санаи мурочиат 12 марти соли 2021). – С. 28-42.

босуръат, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, вусъати прогресси илмӣ-техникӣ, ҳамкории сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, таҳкими сулҳ ва амнияти ҷаҳон, мудофиаи давлат, таъмини соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ дар пеш гузоштааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 чун бисёр конститутсияҳои кишварҳои дигар дар меъёрҳои ҳуқуқии худ ғояҳои пешқадами ҷамъиятию сиёсӣ ва принсипҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро таҷассум намуда, халқи Точикистонро ба дастовардҳои таърихии тамаддуни муосир ҳамроҳ менамояд[230].

Яке аз хусусиятҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин аст, ки тибқи муқаррароти моддаи якуми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ эълон, эътироф ва мустаҳкам карда шудааст. Маҳз Конститутсия сарчашмаи асосии сиёсиву ҳуқуқии бунёд ва пойдории давлати дунявӣ дар кишвар мебошад. Танҳо дар Конститутсияи Тоҷикистон самтҳои асосии идеологӣ барои ҳифз ва таҳкими минбаъдаи моҳияти дунявии давлат роҳандозӣ шудааст. Маҳз Конститутсия пояи меъёриву ҳуқуқӣ ва заминаи идеологиро дар рушди институтҳо ва арзишҳои давлати дунявӣ таҳия ва устувор карда метавонад.

Роҳи демократӣ ва дунявиро пеш гирифтани Тоҷикистон тасодуфӣ нест, зеро ҳодисаҳои нангине, ки дар кишвар солҳои 90-уми асри гузашта ба вуқӯъ омада буд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дунявӣ будан ба Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун омили ҳимояи соҳибихтиёрии давлат ва таҳкурсии бунёди давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад ва ҳамчунин тақозои замон ҳам ҳаст. Вобаста ба ин С. Шарипов менависад: «Сохтори давлатии дунявӣ омили асосии мавҷудияти халқ ва давлати тоҷик мебошад»[231].

Дар замони муосир дунявӣ будан хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта, ин тамоил тамоми ҷомеаи Тоҷикистони соҳибихтиёрро фаро гирифтааст ва ҳамеша ғояву арзишҳои онро метавонад ҳифз кунад. Дар ин масъала сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш қайд намудаанд: «Бо қабули Конститутсия майлу иродаи халқи Тоҷикистон оид ба эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки дар бобати интихоби сарнавишти минбаъдаи кишвар имтиҳони ҷиддие буд, муайян гардид... Роҳи интихобкардаи халки Тоҷикистон сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳукуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Мо ин роҳро бебозгашт интихоб кардем»[232].

---

[230] Ниг: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳукуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: Империал – Групп. 2005. – С. 46-48.

[231] Ниг: Шарипов С.И. Таджикистану нельзя быть теократическим государством // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане. – Душанбе, 2011. – Т.2. – С. 116-124.

[232] Ниг: Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан 20-лет. – Душанбе-2014. – Изд. ООО-«Эр-граф». – 151 с.

Ҳамин тавр, омили бузургтарини рушди Тоҷикистон чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, махсусан дунявӣ – ин дастгирии чунин сиёсати давлат аз ҷониби халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Халқи тоҷик пурра ҷонибдори низоми дунявияти давлатдории муосир мебошад.

Бояд зикр намуд, ки бунёди давлати дунявӣ ба ташаккул ва таҳкими демократӣ иртиботи қавӣ дошта, таъмини волоияти қонунро бе иродаи халқ ва ҳокимияти таъсисдодаи он дар ҷомеа амалӣ гардонидан номумкин аст. Дунявӣ эълон гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаклгирии давлатдории миллӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон аҳамият ва шукӯҳи хосаеро доро мебошад.

Моҳияти дунявии кишвар аз моддаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад. Тибқи моддаи 1 Конститутсия, Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон гардидааст. Ин хислати давлат бо хусусияти ҷамъият, ки дар он таъсири дин хеле зиёд аст, вобаста мебошад. Мазмуни асосии хусусияти дунявӣ доштани давлат дар моддаи 8 Конститутсия кишвар инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар қисми дуюми он гуфта мешавад, ки ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

Меъёри мазкур давоми мантиқии қисми якуми моддаи 8 буда, дар он тибқи равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ сурат гирифтани ҳаёти ҷамъиятӣ муқаррар шудааст. Дар қисми чоруми моддаи 8 гуфта мешавад, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Чунин хусусияти давлат бо моҳияти демократии он алоқаманд буда, ба манфиати тамоми мардум амал кардани онро мефаҳмонад. Аммо эълони ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат, мазмуни инкори ҳамкории онҳоро надорад. Шакли дунявии давлат яке аз шаклҳои эътирофшудаи ҳамкории давлат ва дин мебошад, ки дар он ҳам манфиатҳои давлат ва ҳам манфиатҳои дин дар ҳаёти ҷомеа таъмин карда мешавад. Давлат ва дин бояд дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳони муосир, ҳимояи айниятҳои миллию маънавӣ ва фарҳанги дунё бо ҳам шарик бошанд.

Ҳамчунин шакли дунявии давлат имкон медиҳад байни на танҳо давлат ва дин, балки байни фирқаҳои гуногуни дар як давлат дӯстона зиндагикунанда, ҳатто миёни ҷараёнҳои гуногуни як дин, мувофиқа нигоҳ дошта шавад. Барои онҳо имконияти зиндагӣ ва фаъолияти баробар фароҳам оварда, давлат чун ташкилоти сиёсӣ нисбат ба ҳама фирқаҳо ва ҷараёнҳо бидуни бартарият додан ба яке аз онҳо мавқеи муносибати якхеларо интихоб мекунад. Ин аст моҳияти давлати дунявӣ. Муносибати якхелаи давлат нисбат ба тамоми динҳо, аз ҷумла динҳои афзалият дошта дар ҷомеа яке аз вижагиҳои калидии ҳар давлати дунявист. Бинобар ин, дар моддаи 26 Конститутсияи ҷумҳурӣ омадааст, ки ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё

якҷоя бо дигар динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд[233].

Аз ин рӯ, ба ҳайси давлати дунявӣ чунин давлат баромад менамояд, ки дар он ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Шаҳрвандони Тоҷикистон, сарфи назар аз он, ки ба кадом дин пайравӣ мекунанд, комилан баробарҳуқуқ мебошанд ва дар ягон ҳуҷҷати давлатӣ диндор будан ё набудани шахс сабт карда намешавад. Давлат барои пойдории таҳаммулу эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бе дин, байни ташкилотҳои динии мазҳабҳои гуногун, инчунин пайравони онҳо мусоидат намуда, ба таассуб ва ифротгароӣ роҳ намедиҳад.

Давлат дар роҳи бунёд ва таҳкими моҳияти дунявии худ бояд, қабл аз ҳама, кафолат ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, хусусан озодии виҷдон ва эътиқоди диниро таъмин намоянд. Танҳо дар шароити давлати дунявии ҳуқуқбунёд ҳар як шаҳрванд метавонад озодона ҷаҳонбинии маънавию динии худро ифода кунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро барои эътиқоди динӣ ва озодии виҷдон кафолат медиҳад. Озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ маънои озодона қабул кардан ва ё накардани дин, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба пайравӣ кардан ё пайравӣ накардан, ба таври инфиродӣ ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ба ягон динро дорад.

Дар кишвари мо низ дунявият ба ҳамин маънию моҳият аст. Дар Тоҷикистон, боз як бори дигар таъкид мекунем, ки дин аз давлат не, балки иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудоянд ва ин худ як қадами тозаест, дар рушди маънии дунявият вобаста ба шароити миллӣ ва давру замон. Ин худ гарави поймол накардани адолат, роҳ надодан бар зулм аст. Пас давлати дунявӣ бо ҷудо кардани ташкилотҳои динӣ аз давлат дар баробари роҳ надодан ба дини расмии давлатӣ, ки ногузир ба вайрон шудани адолати иҷтимоӣ меорад, зимнан худи динро низ аз суъистифодаҳои сиёсӣ, аз табдил шудан ба хизматгори сиёсат замонат додааст. Аммо бо эъломи дунявият, давлат динро аз муҳити иҷтимоӣ берун наандохтааст, балки онро ба муҳити фарохи фарҳангию иҷтимоии кишвар ворид кардааст.

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии ҳуқуқии бунёд ва пойдории давлати дунявӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, дар меъёрҳои худ ғояҳои пешқадами ҷамъиятию сиёсӣ ва принсипҳои асосии бунёди давлати дунявиро таҷассум намуда, ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҳуқуқу озодиҳои худро оид ба эътиқоди динӣ ва озодии виҷдон кафолат додааст.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи

[233] Ниг: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.

соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.

2.Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ гардидааст. – www. mmk.tj. (санаи муроҷиат 12 марти соли 2021).

3.Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. Бо тағйири иловаҳо. - Душанбе: 2004. – 430 с.

4.Конт-Спонвиль Андре. Философский словарь / перевод.с фран. яз. Е.В. Головина. - М.: Изд.-во «Этерна», 2012. – 1120 с.

5. Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан 20-лет. - Душанбе, 2014. - Изд. ООО-«Эр-граф». - 151 с.

6. Останина А.В. Генезис идей светской модели государства // Вестник Омского университета. Серия «Право». - №2 (3). 2010. – С. 27-35.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Минбари халқ аз 27 январи соли 2021, №4 (1298).

8. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳукуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). - Душанбе: Империал – Групп. 2005. - 720 с.

9. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири д.и.ҳ. М. А. Маҳмудов. – Душанбе: 2009. – 780 с.

10. Теплова Д.О. Светское государство в контексте религиозного ренессанса // Образование и право. - №3. 2020. – С. 41-47.

11. Шарипов С.И. Таджикистану нельзя быть теократическим государством // Традиции и процессы демократизации в Таджикистане. – Душанбе, 2011. – Т.2. – С. 124

## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** (+992) 907-72-55-90
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Абудғанизода Бахтиёр Абдуғани,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 902-90-90-68
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Муқарриз:** Қурбонов Қ.Б., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мавқеъ ва нақши воситаи нақлиёт, махсусан нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ дар рушди иқтисоди кишвар муҳим арзёбӣ гардида, механизмҳои танзимӣ-ҳуқуқии он низ мустаҳкам карда шуда, ташаккул ёфтааст.

Нақлиёт таҳкурсии иқтисодиёти ҳар як давлат буда, комплекси ягонаест, ки тамоми намудҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот ва мубодиларо дар бар мегирад. Айни ҳол дар кишвар инкишоф ва такмил додани қонунгузории нақлиёт ба таври ба худ хос сурат мегирад.

Ташкил ва ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ дар самти ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ унсури муҳими ҳуқуқи гражданӣ, яъне молумулкиро соҳиб буда, ба таҳкими фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок дар низоми қонунгузории гражданӣ ва нақлиётӣ низ ин танзими ҳуқуқии шарномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ба шумор меравад.

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рушди муносибатҳои шартномаи ҳамлу нақли бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар доираи низоми қонунгузорӣ ва назарияҳои илмӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, инчунин аз ҷониби муаллиф дар бораи ташаккул ва рушди муносибатҳои шартномаи ҳамлу нақли бор асосҳо пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Нақлиёти автомобилӣ, муносибат, рушд, ҳуқуқ, ташаккул, қонунгузорӣ, хизматрасонӣ, соҳа, таърих, шартнома, ҳамлу нақл, интиқол, фаъолият.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ДОГОВОРНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ГРУЗОВЫХ ПЕРЕВОЗКАХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Гафурзода Абдухалил Давлатали,** ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Тел.:** (+992) 907-72-55-90
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Абудганизода Бахтиёр Абдугани,** ассистент кафедры права и сравнительного правоведения факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 902-90-90-68
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Рецензент:** Курбонов К.Б., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** После приобретения государственной независимости и перехода к новым экономическим отношениям место и роль транспортных средств, особенно автомобильного транспорта и транспортных услуг, в развитии экономики страны оценивались как важные, а его нормативно-правовые механизмы также укрепляется и формируется.

Транспорт является основой экономики любой страны и представляет собой единый комплекс, включающий в себя все виды общественного производства, распределения и обмена. В настоящее время развитие и совершенствование транспортного законодательства в стране происходит по-своему.

Организация и осуществление договорных отношений по направлению перевозки грузов автомобильным транспортом имеет важный элемент гражданских прав, т. е. собственность, и способствует

усилению экономической и социальной активности граждан. В качестве приоритетного вопроса в системе гражданского и транспортного законодательства также рассматривается данное правовое регулирование договора перевозки грузов автомобильным транспортом.

В данной статье рассматривается и поэтапно анализируется становление и развитие договорных отношений по перевозке грузов в Республике Таджикистан в разные исторические периоды в рамках законодательной системы и научных теорий, а также автор рассматривает становление и развитие Договорные отношения по перевозке грузов Представлены основы.

**Ключевые слова:** Автомобильный транспорт, отношение, разработка, право, формирование, законодательство, сервисы, промышленность, история, договор, транспорт, доставка, активность.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF CONTRACTUAL RELATIONS IN CARGO TRANSPORTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Gafurzoda Abdukhalil Davlatali,**
Rector of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Doctor of Law, Professor
**Тел.:** (+992) 907-72-55-90
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Abudghanizoda Bakhtiyor Abdughani,**
assistant of the Department of Law and Comparative Law of the Faculty of Diplomacy and Politics of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone.:** (+992) 902-90-90-68
**E-mail:** bakt0820@mail.ru

**Reviewer:** Kurbonov K.B., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** After gaining state independence and transition to new economic relations, the place and role of vehicles, especially road transport and transport services, in the development of the country's economy was assessed as important, and its legal and regulatory mechanisms were also strengthened and formed.

Transport is the basis of the economy of any country and is a single complex that includes all types of social production, distribution and exchange. Currently, the development and improvement of transport legislation in the country is taking place in its own way.

The organization and implementation of contractual relations in the direction of transportation of goods by road has an important element of civil rights, i.e. property, and contributes to the strengthening of the economic and social activity of citizens. This legal regulation of the contract for the carriage of goods by road is also considered as a priority issue in the system of civil and transport legislation.

This article examines and analyzes in stages the formation and development of contractual relations for the carriage of goods in the Republic of Tajikistan in different historical periods within the framework of the legislative system and scientific theories, and the author considers the formation and development of contractual relations for the carriage of goods. The basics are presented.

**Keywords:** Automobile transport, attitude, development, right, formation, legislation, Services, industry, history, contract, transport, delivery, activity.

Ташкил ва ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавӣ дар самти ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ унсури муҳими ҳуқуқи гражданӣ, яъне молумулкиро соҳиб буда, ба таҳкими фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок дар низоми қонунгузории гражданӣ ва нақлиётӣ низ ин танзими ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ба шумор меравад.

Дар низоми заминаҳои бастани шартномаҳои боркашонӣ ҳангоми зарурати анҷом додани ҳамлу нақли мунтазам нақши шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл калон мебошад.

Шакли ҳуқуқии ҳамлу нақли муттамарказ шартномаи байни ҳамлу нақлкунанда ва борфиристанда буд, ки дар он уҳдадориҳои ҳар яке аз тарафҳо аниқ нишон дода шуда, воридот ва содироти мол тибқи ҷадвалҳои мувофиқашуда сурат мегирифт. Интиқоли марказонидашуда барои самаранок истифода бурдани таркибҳои ҳаракаткунанда имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Паҳн шудани шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамлу нақли бор ба азнавсозии сохтори мақомотҳои нақлиёти автомобилӣ таъсир расонд. Дар соли 1953 Вазорати иттифоқӣ-республикавии нақлиёти автомобилии ИҶШС ташкил карда шуд[234].

Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳо, ки дар солҳои 50-ум қабул гардида буданд «Маълумотномаи тарифҳои ягонаи ҳамлу нақли автомобилии борҳо» соли 1955 нашр шуда буд ва «Қоидаҳои татбиқи тарифҳо», ки дар сатҳи умумииттифоқӣ татбиқ мегардиданд, ба шумор мераванд[235].

Заминаҳои асосии низоми марказонидашудаи боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар Фармони Шурои Вазирони ИҶШС аз 25 декабри соли 1954 «Дар бораи минбаъд ҳам вусъат додани боркашонии мутамарказ бо нақлиёти автомобилӣ» пешбинӣ гардида буд[236].

Дар қарорҳои мазкур низомнома дар бораи масъулияти мутақобилаи ташкилотҳои нақлиёти автомобилӣ ва мизоҷон барои иҷрои нақшаи боркашонӣ ва бехатарии борҳои кашондашуда ва шартҳои асосии кашондани борҳои яклухт дар шакли марказонидашуда пешбинӣ гардида буд[237].

---

[234] Ниг.: Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

[235] Сборник законодательства по автомобильному транспорту. – М., 1964.

[236] Сборник законодательства по автомобильному транспорту. – М., 1964.

[237] Ниг.: Фаст О.Ф. Асари ишорагардида. – С.

Мувофиқи ин қарор баъдан Вазорати наклиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС дар мувофиқа бо Вазорати молияи ИҶШС ва Вазорати адлияи ИҶШС 4 май соли 1955 Низомномаи масъулияти тарафайнро тасдиқ кард[238].

Низомномаи мазкур дар танзими ҳуқуқии ҳамлу нақли бор дар нақлиёти автомобилӣ аҳамияти хоса дошта, барои ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ якхела ва ҳатмӣ буд, зеро он масъулияти мутақобилаи на танҳо ташкилотҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва муштариёни онҳоро, балки инчунин паркҳои идоравиро низ муайян ва танзим менамуд[239].

Шартҳои асосии бо нақлиёти автомобилии истифодаи умум кашондани масолеҳи бинокорӣ, ангишт, маҳсулоти нафтӣ ва як қатор дигар борҳои саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ бевосита дар заминаи Фармони Шурои Вазирони ИҶШС аз 25 декабри соли 1954 доир ба Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС якҷоя бо вазоратҳо ва идораҳо – молфиристонандагон коркард, яъне таҳия гардида, қувваи амал пайдо намудааст[240].

Бори аввал дар фаъолияти нақлиёти автомобилӣ дар як ҳуҷҷати меъёрӣ шартҳои асосии боркашонии муттамарказ муайян карда шуданд, ки сохтори муносибатҳои шартномавиро муқаррар намуда, доираи масъалаҳоеро, ки ҳангоми бастани шартномаи боркашонӣ ҳал карда мешаванд дар бар мегиранд, ҳамчунин асосҳои умумии масъулият ва тартиби пардохти пули боркашонӣ муқаррар карда шуданд, баъзе уҳдадориҳои боркашон, борфиристанда ва боргиранда оид ба тартиби анҷом додани боркашонӣ, иҷрои амалиёти борфарорӣ, экспедитсия, дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳои даромадгоҳ танзим карда шуданд ва ғ.[241].

Дар вусъати боркашонии марказонидашуда «Дастур оид ба ташкили марказонидашудаи боркашонӣ бо нақлиёти автомобилии истифодаи умум», ки онро Вазорати наклиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС 18 марти соли 1955 тасдиқ карда буд ва баъдтар аз тарафи худи ҳамин вазорат 10 декабри соли 1955 пурра ва аз нав тасдиқ карда шуд, нақши муҳим ва афзалиятнок гузошт[242].

Аммо дар баробари ин, агар дар дастур тадбирҳои тайёрӣ оид ба ташкили боркашонии муттамарказ ба таври муфассал дида баромада шуда бошад, пас истилоҳоти ҳуқуқии истифодашударо бомуваффақият хисоб кардан мумкин нест. Масалан, ба интиқолдиҳанда на молфиристанда, балки молрасон мухолифат мекунад; дар бисьёр мавридҳо ба ҷои боргиранда истеъмолкунанда зикр ёфтааст ва монанди инҳо[243].

Дар сурати нокифоя будани мукаммалии танзими ҳуқуқии фаъолияти нақлиёти автомобилӣ шартномаҳои намунавӣ аҳамияти калон доранд, ки мувофиқи онҳо шартномаҳои боркашонии муттамарказ баста мешаванд. Ба ин

---

[238] Положение о взаимной материальной ответственности автотранспортных организаций и клиентуры за выполнение плана перевозок и сохранность перевозимых грузов // СП СССР. – 1956. – № 1. – С. 122.

[239] Ниг.: Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

[240] Министерство автомобильного транспорта и шоссейных дорог СССР упразднено Указом Президиума Верховного совета СССР от 31 мая 1956 г. // Ведомости Совета СССР. – 1956. – №12. – С. 248.

[241] Ниг.: Фаст О.Ф. Асари ишорагардида. – С.

[242] Ниг.: Руководство по организации централизованных перевозок грузов автомобильным транспортом общего пользования. – М., 1955; 1956.

[243] Ниг.: Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

гуна шартномаҳои намунавии нақлиёти автомобилии истифодаи умум, масалан шартномаи намунавии боркашонии муттамаркази борҳои гуногун, ки онро Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС 30 январи соли 1956 тасдиқ кардааст[244], шартномаи намунавии молҳои боркашонии хурд, ки онро Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС 27 декабри соли 1955 тасдиқ кардааст[245], шартномаи намунавии кашондани бор ба мавҷи тақсимкунӣ ва муассисаҳои хуроки умумӣ, ки онро Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ИҶШС 14 январи соли 1959 дар мувофиқаи Вазорати савдои РСФСР тасдиқ кардааст[246], дохил кардан мумкин аст.

Мувофиқи Фармони Шурои Вазирони РСФСР аз 10 июли соли 1958 боркашонии мунтазами мутамаркази байналхалқиро автовокзалҳо ва дигар ташкилотҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ба ҷо меоварданд[247].

Аз 1 марти соли 1959 Низомномаи муваққати дар бораи тартиби ба воситаи нақлиёти автомобилии истифодаи умум кашондани мунтазами байнишаҳрии мутамаркази бор, ки онро Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои РСФСР 31 декабри соли 1958 тасдиқ кардааст, дар амал ҷорӣ карда шуд[248]. Дар ин санади меъёрӣ масъалаҳо, аз қабили тартиби анҷом додани ҳамлу нақли байнишаҳрӣ, тартиби ҳисоббаробаркунӣ байни автовокзалҳои боркаш ва паркҳое, ки барои ҳамлу нақл ба онҳо воҳидҳои ҳаракаткунанда ҷудо мекунанд, инчунин масъулияти мутақобилаи автовокзалҳои боркаш ва гардиши ҳуҷҷатҳо барои нақлиёти марказонидашудаи байнишаҳрӣ мавриди танзим қарор гирифта буданд.

Қабули Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва республикаҳои иттифоқӣ, ки Шурои Олии РСС Тоҷикистон аз 8 декабри соли 1961 тасдиқ намудааст, марҳилаи нави танзими ҳамлу нақли бор, пассажир ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ гардид[249]. Танзими боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ мувофиқи моддаи 3-юми Асосҳо ба зиммаи республикаҳои иттифоқӣ гузошта шуда буд. Асосҳо як қатор меъёрҳои умумии ҳуқуқиро дар бораи шартномаи боркашонӣ, нақшаи боркашонӣ, масъулияти боркашон, ки ба ҳама гуна намуди нақлиёт, аз ҷумла ба нақлиёти автомобилӣ дахл доранд, дар бар мегирифтанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур О.Ф. Фаст қайд менамояд, ки «дар чунин шароит мебоист барои танзими муносибатҳои асосии байни ташкилотҳои нақлиёти автомобилӣ ва борфиристонандагон, инчунин хамкорӣ ва ҳамгироӣ бо дигар намудҳои нақлиёт як санади қонунгузории алоҳида қабул карда мешуд, чунки қонуни граждании вобаста ба асосҳои мазкур танҳо муқаррароти умумиро танзим мекард»[250].

---

244 Ниг.: Сборник основных условий и типовых договоров на перевозку грузов автотранспортными организациями Министерства автомобильного транспорта и шоссейных дорог СССР. – М., 1956.

245 Ниг.: Ҳамон ҷо. – М., 1955.

246 Ниг.: Сборник правил перевозок и тарифов Минавтотранспорта и шоссейных дорог РСФСР. – М., 1959. – №2.

247 Ниг.: Сборник правил перевозок и тарифов Минавтотранспорта и шоссейных дорог РСФСР. – М., – 1959. – № 6.

248 Ниг.: Сборник правил перевозок и тарифов Минавтотранспорта и шоссейных дорог РСФСР. – М., – 1959. – № 1.

249 Ниг.: Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 50. – С. 525.

250 Ниг.: Фаст О.Ф. История развития правового регулирования законодательства // Известия Саратовского университета. – 2007. – Т.7. Сер. Экономика. Управление. Право, вып. – 1. – С.

Баъдан 8 январи соли 1969 Шурои Вазирони РСФСР Оинномаи нақлиёти автомобилии РСФСР-ро тасдиқ кард[251]. Ҳамчунин, 30 июли соли 1971 Қоидаҳои умумии кашондани бор бо нақлиёти автомобилӣ аз тарафи Вазорати нақлиёти автомобилии РСФСР таҳия ва тасдиқ карда шуд[252].

Қобили зикр аст, ки санадҳои болозикр бевосита дар танзими муносибатҳои шартномавӣ ҷиҳати амалӣ намудани раванди ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ заминаи ҳуқуқиро муайян намудаанд, ки сарчашмаи асосӣ-ҳуқуқии соҳаи мазкур маҳсуб мегарданд.

Асосҳои рушди танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ нисбатан хос ташаккул ёфтааст, зеро то соли 1969 санади махсуси кодифкатсионӣ, ки ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятиро пурра ба танзим дарорад қабул нагардида буд. Танҳо дар соли 1969 Оинномаи нақлиёти автомобилии РСФСР қабул карда шуд, ки он ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба фаъолияти нақлиёти автомобилӣ равона гардид. Дар аввал муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар фаъолияти нақлиёти автомобилӣ инкишоф меёфтанд, танҳо бо санадҳои меъёрии махсус – оинномаҳо, кодексҳо танзим мешуданд. Баъдтар дар соли 1961 дар баробари кабул шудани Асосҳои қонунгузории гражданӣ онҳо дар як вақт бо Кодекси гражданӣ танзим мегардиданд, ки асосҳои шартномавии ҳамлу нақлро тавассути нақлиёти автомобилӣ фаро мегирифтанд. Дар марҳилаи ҳозира муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар фаъолияти нақлиётӣ инкишоф меёбанд, мураккаб буда, бо шартномаҳои байналмилалӣ, урфу одатҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд[253].

Дар баробари ин, 24 декабри соли 1987 бо фармони Вазорати нақлиёти автомобилии РСФСР, № 176 Қоидаҳои кашондани пассажирҳо ва борҳо бо нақлиёти автомобилӣ дар РСФСР тасдиқ карда шуд.

Соли 1970 ҳаҷми боркашонӣ назар ба соли 1940 31 маротиба ва гардиши бор 34 маротиба афзуд. Дар республика борро асосан мошинҳои парки автомобилии Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳи РСС Тоҷикистон мекашониданд. Ба ноҳияҳои шимолии республика Тресті автомобилии Ленинобод, ба ноҳияҳои ҷануб Трести автомобилии Душанбе ва ба ВМКБ Трести автомобилии Помир хизмат мерасониданд.

Соли 1955 боркашонӣ марказонида шуд. Соли 1968 хоҷагиҳои автомобилӣ пурра ба усули нави баплангирӣ ва ҳавасмандонии иқтисодӣ гузаштанд. Тамоми марказҳои ноҳияҳо ва маҳалҳои калони аҳолинишин байни худ алоқаи автомобилӣ доштанд (ғайр аз баъзе ноҳияҳои кӯҳӣ, ки дар зимистон роҳи ағбаҳо маҳкам мешуданд). Пассажиронро асосан автомобилҳои автопарки истифодаи умум мекашониданд. Ҳозир аҳолии Тоҷикистон аз автобус бештар истифода мебарад.

Гардиши бори нақлиёти автомобилӣ дар ИҶШС соли 1970 назар ба 1913 89 маротиба афзуд. Барои тараққии босуръати автомобилҳои мукаммалу пуриқтидор ва тезгард нархи арзони боркашонӣ ва сохтмони роҳҳо имконият

[251] Ниг.: Устав автомобильного транспорта РСФСР (утв. Постановлением СМ РСФСР от 8 января 1969 г. № 12) // СП РСФСР. – 1969. – №2-3. – С. 8.
[252] Ниг.: Общие правила перевозок грузов автомобильным транспортом // Транспорт. – М., 1984.
[253] Ниг.: Транспортное право. Общая часть : учебник / отв. ред. Н.А. Духно, А.И. Землин. – М.: Юридический институт МИИТа, 2017. – С. 20-21. (259 с)

доданд. Соли 1980 дар республика тавассути автобусҳои истифодаи умумӣ 197,7 миллион нафар пассажир кашондаанд[254].

Ҳамзамон, ташаккул ва рушди танзими масъалаҳои вобаста ба нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ ба даврони муосир рост меояд. Аз ҷумла, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 1997, № 23 «Дар хусуси масъалаҳои ассотсиатсияи боркашонҳои байналхалқии автомобили Тоҷикистон (АВВАТ)» бо мақсади иҷрои Конвенсияи гумрукӣ оид ба боркашонии байналмилалӣ бо истифодаи дафтарчаи МДП (Конвенсияи МДП) аз 14 ноябри соли 1975 Иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалии АВВАТ чун Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилӣ оид ба таъмини фаъолияти системаи МДП дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст.

Дар баробари ин, Конвенсия дар бораи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофир ва бағоҷ аз 9 октябри соли 1997 дар доираи ИДМ қабул шудааст, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2000 тасдиқ шудааст. Ҳамчунин Созишнома оид ба суғуртаи ҳатмии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ аз 13 январи соли 1999 дар доираи ИДМ баста шудааст, ки асосҳои ҳуқуқии танзими масъалаҳои нақлиёти автомобилиро муқаррар менамоянд.

Имрӯз нақлиёт на танҳо ҳамчун як соҳаи пуриқтидор доир ба сифатнок ва аз лиҳози бехатарӣ афзалиятнок барои интиқоли бор ва мусофирон зарур аст, балки ҳамчун як соҳаи асосӣ, ки ба рушди мутаносиби давлат ва ҷомеа, ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва инкишофи ҳудудии мамлакат мусоидаткунанда маҳсуб мегардад.

Дар шароити кунунӣ вобаста ба аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоии соҳаи мазкур зарурати такмили низоми меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои мухталифро вобаста ба фаъолияти нақлиёти автомобилӣ бо дарназардошти баланд бардоштани бехатарӣ ва самаранокии он барои шаҳрвандон ва фаъолияти тиҷоратӣ танзим ва муқаррар намоянд, зарур шуморида мешавад.

**Адабиёт:**


1. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1939. – №19.
2. Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 50. – С. 525.
3. Ведомости ВС СССР. – 1961. – № 50. – С. 525.
4. Ведомости Совета СССР. – 1956. – №12. – С. 248.
5. Ведомости Совета СССР. – 1956. – №12. – С. 248.
6. Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: васоити таълимӣ. – Душанбе, 2012. – С. 179.
7. Духно Н.А. Транспорт и транспортное право: исторические взаимосвязи и перспективы // Мир транспорта, том 17, – (2019). – №3, – С. 61.
8. Климов И.П. Правовые аспекты национализации транспорта в период формирования советской государственности: октябрь 1917 – середина 1918 г. (на материалах Урала) // Черные дыры в российском законодательстве. 2006. – № 1. – С. 437.


[254] Ниг.: Орлов Б.П., Развитие транспорта в СССР. – Москва, 1963; Прокофьев И.И., Анисимов А.П. Экономика автомобильного транспорта. – Москва, 1965.

9. Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1689 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

10. Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" аз 30 майи соли 2017, №1417 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

11. Қонуни ҶТ "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" аз 3 марти соли 2006, №168 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

12. Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2009, №696 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2022).

13. Руководство по организации централизованных перевозок грузов автомобильным транспортом общего пользования. – М., 1955; 1956.

14. Сборник основных условий и типовых договоров на перевозку грузов автотранспортными организациями Министерства автомобильного транспорта и шоссейных дорог СССР. – М., 1956.

15. Транспортное право. Общая часть: учебник / отв. ред. Н.А. Духно, А.И. Землин. – М.: Юридический институт МИИТа, 2017. – (259 с).

16. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – 612 с.

17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. А-Н. (нашри дувум) // Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 999 с.

## ТАРЗҲОИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА

**Меликов Умрилло Асадуллоевич,** профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 555-55-14-94
**E-mail:** umrillo@mail.ru

**Исмоилова Мадина Исмоиловна,** **с**ардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 915-41-22-22
**E-mail:** madina-jona@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масоили тарзҳои гражданӣ -ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Объектҳои ҳуқуқи вобаста дар замони муосир гуногунҷабҳа буда, мавриди таваҷҷуҳи хос қарор доранд. Муаллифон масъалаи ҳимояи ҳуқуқии онҳоро баррасӣ карда, тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузории дахлдор манзур намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста, қонунгузорӣ, моликияти зеҳнӣ, фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ, манбаи маълумот, ноширон, субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста.

## ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВЫЕ СПОСОБЫ ЗАЩИТЫ СМЕЖНЫХ ПРАВ

**Меликов Умрилло Асадуллоевич,** профессор кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 555-55-14-94
**E-mail:** umrillo@mail.ru

**Исмоилова Мадина Исмоиловна,** начальник отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального

центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 915-41-22-22
**E-mail:** madina-jona@mail.ru

**Аннотация:** В статье авторы рассматривают и анализируют гражданско-правовых способов защиты смежных прав. Объекты смежных прав в современном преиоде являются предметом пристального внимания ученых. Авторы дают характеристику этих способов защиты смежных прав и предлагают рекомендации для их совершенсвовании.

**Ключевые слова:** Авторское право, смежное право, законодательство, интеллектуальная собственность, фонограмма, организации кабельного и эфирного вещания, база данных, издатель, субъекты смежных прав.

## CIVIL WAYS PROTECTION OF RELATED RIGHTS

**Melikov Umrillo Asadulloevich,**
doctor of law, professor of department of commerce and anticorruption law Tajik state university of commerce
**Phone.:** (+992) 555-55-14-94
**E-mail:** umrillo@mail.ru

**Ismoilova Madina Ismoilovna,**
head of department of civil, busnes and family legislation of National center of legislation ander the Prezident of Repablic of Tajikistan
**Phone.:** (+992) 915-41-22-22
**E-mail:** madina-jona@mail.ru

**Anotation:** Athors analazed civil ways of protection of related rights. Objects of related rights are very acute guestion in science. Authors analazed each of ways of protection of related rights and made recomedation for improvement of legislation.

**Keywords:** Author rights, related rights, legislation, intellectual property, phonogramma, basa date, mass media, publisher, owner of related rights.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқҳои вобаста доираи васеи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои онҳоро пешниҳод менамояд. Зери тарзҳои ҳимоя одатан воситаҳои ҳуқуқии аз тарафи қонунгузор пешбинишудае фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо пешгирӣ, аз миён бардоштан, бартараф кардани ҳуқуқвайронкунӣ, барқароркунӣ ва ҷуброни зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ расонидашуда амалӣ карда мешавад. Одатан тарзҳои

мазкурро ба граждани̅-ҳуқуқи̅, маъмури̅-ҳуқуқи̅ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ тақсим кардаанд .

Қонунгузории гражданӣ тарзҳои умумӣ (моддаи 12 КГ ҶТ) ва тарзҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳниро муқаррар менамояд. Тарзҳои махсус дар моддаҳои 1137-1137[1] КГ ҶТ ва моддаҳои 47-48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" муқаррар шудааст.

Тибқи моддаи 1137 КГ ҶТ "ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо тарзҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур бо назардошти моҳияти ҳуқуқи вайроншуда ва оқибатҳои вайронкунии ин ҳуқуқ ҳифз карда мешавад". Дар ин ҷо пеш аз ҳама ҳолати вайроншавии ҳуқуқ ба инобат гирифта мешавад. Масалан, дар моддаи 1137[1] зикр шудааст, ки «Дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳифзи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани вазъе, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайронкунии он таҳдид менамоянд, ҷуброни зарари маънавӣ ва нашри қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда амалӣ карда мешавад.

Ҳимояи шаъну шараф, эътибори кории муаллиф, мутобиқи қоидаҳои моддаи 174 КГ ҶТ ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма" ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳамин асно як масъала мавриди таваҷҷуҳ аст, ки мавҷудияти гуноҳ дар ин ҷараён шарти ҳатмии ба ҷавобгарӣ кашидан ҳисоб намешавад. Яъне сухан дар бораи ҷавобгарӣ бидуни гуноҳ меравад, ки ин дар ҳуқуқи гражданӣ як ҳолати истисноӣ ба шумор меравад. Гуноҳ надоштани вайронкунанда ӯро аз ӯҳдадории қатъ намудани вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ озод намекунад ва нисбати ӯ чораҳое, ки барои ҳифзи чунин ҳуқуқҳо равона шудаанд, татбиқ мегарданд. Интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд, низ новобаста аз гуноҳи вайронкунанда ва аз ҳисоби ӯ амалӣ карда мешавад. Масалан, агар шахсе сурудеро бе иҷозати сарояндааш дар интернет гузорад, ин шахс бо талаби сароянда аз ҳисоби худаш маҷбур аст, онро аз серверҳо пок намояд. Пок намудани ягон мавод аз сереверҳо баъзан кори сангин ва қиммат мебошад. Зеро, серверҳо дар минтақаҳои гуногуни олам қарор доранд.

Дар моддаи 1137 (1) КГ ҶТ қонунгузор на танҳо тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкиро низ муқаррар кардааст. Як масъала қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ин модда қонунгузор ба ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф бевосита ишора кардааст. Аммо зикр кардан бомаврид аст, ки талаботҳои моддаҳои 1137 ва 1137 (1) КГ ҶТ то ҳадди имкон ба ҳуқуқҳои вобаста низ татбиқ намуда мешавад.

Тибқи моддаи 1137 (1) КГ ҶТ ҳуқуқҳои молумулкиро метавон бо роҳҳои зерин ҳифз кард: эътирофи ҳуқуқ; пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайрон кардани он таҳдид менамоянд; рӯёнидани товони зарар; мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо вайронкунӣ содир гардидааст ва объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ҳамин вайронкунӣ ба даст омадаанд; интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда; тарзҳои дигаре, ки қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд.

Моддаи дар боло зикргардида ҳамчунин пешбинӣ намудааст, ки дар ҳолатҳои аз тарафи қонунгузорӣ пешбинишуда, дорандаи ҳуқуқ метавонад ба ивази барқароркунии зарарҳои расонидашуда, пардохти ҷубронро барои вайронкунии ҳуқуқҳои нишондодашуда талаб намояд. Андозаи ҷуброн аз тарафи суд вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад. Мутаассифона на дар КГ ҶТ ва на дар қонунҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори пардохти ҷубронпулӣ мушаххас нашудааст ва дар таҷриба ҳам татбиқи он ба назар намерасад. Ҳамин масъала дар қонунгузории Россия ва Қазоқистон ҳалли дурусти худро ёфтааст. Яъне дар қонунгузории ин давлатҳо мушаххасан пешбинӣ гардидааст, ки барои вайрон кардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ивази зарарҳои расонидашуда, миқдори мушаххаси маблағ бояд ҷубронпулӣ супорида шавад. Яъне ба соҳибҳуқуқ имконияти интихоб дода мешавад (ё ҷуброни зарар талаб мекунад ё миқдори ҷубронпулии дар қонун зикршударо талаб мекунад). Таҷрибаи эҷодкорони Россия нишон медиҳад, ки онҳо миқдори ҷубронпулии дар қонун зикршударо талаб мекунанд. Зеро, дар ин ҳолат далели вайроншавии ҳуқуқ басанда аст. Кори исботнамоии эҷодкор осон мешавад. Зарарро дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муайян кардан душвор аст. Барои ҳамин ҳам ҷуброни зарар душвор мегардад.

Ҳамзамон дар моддаи 1137 (1) КГ ҶТ зикр шудааст, ки дар ҳолатҳое, ки истеҳсол, паҳн кардан ё истифодаи дигар, инчунин ворид намудан, интиқол ё фиристодан, ё нигоҳ доштани ҳомили моддӣ, ки дар он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, боиси вайрон гардидани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мегарданд, чунин ҳомили моддӣ қалбакӣ дониста шуда, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда, бидуни ҷуброн нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки асосан барои вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноӣ истифода ё таъин шудаанд, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда, аз ҳисоби вайронкунанда нест карда мешаванд, агар дар қонунгузорӣ гирифтани онҳо ба фоидаи давлат пешбинӣ нашуда бошад. Бо мақсади таъмини далелҳо аз рӯи парвандаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳомили моддӣ, таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки тавассути онҳо эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пешниҳод шудааст, мумкин аст чораҳои таъминкунии

муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ, аз ҷумла ба ҳабс гирифтани ин объектҳо, татбиқ карда шаванд.

Чораҳои зикршуда аз як тараф агар барои ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ мусоидат намояд, аз тарафи дигар он хусусияти оммавию ҳуқуқӣ дорад. Мавод ва таҷҳизотҳое, ки тавассути онҳо моликияти зеҳнӣ вайрон шудааст на ба фоидаи соҳиби ҳуқуқҳое, ки вайрон шудааст, мусодира мешаванд, балки онҳо нобуд ва шояд ба фоидаи давлат мусодира шаванд. Дар ин ҷо хуб мешавад, ки пеш аз ҳама ба он аҳамият дода шавад, ки агар ин мавод ва таҷҳизотҳо арзиши воқеии пулию моддӣ дошта бошанд, пас бо қарори суд аз ҳисоби онҳо пеш аз ҳама талаботи даъвогар, яъне дорандаи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ қонеъ карда шавад.

Доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста меъёрҳои мушаххасрро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар бар мегирад. Чунончӣ дар моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», пешбинӣ гардидааст, ки вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста инҳо мебошанд: 1) таҷдид, паҳнкунӣ ва дигар намуди истифодабарии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ; 2) паҳнкунӣ, офаридан, воридот бо мақсадҳои паҳнкунии таҷҳизот ё пешниҳоди хизматҳо, ки имкони сарфи назар кардан ё ба сарфи назар кардани ҳама гуна воситаҳои техникии барои ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ ҳам) таъин шудаанд, мусоидат мекунанд; 3) бартарафкунӣ ё тағйир додани ҳаргуна иттилоот доир ба идоракунии ҳуқуқҳо бе иҷозати дорандаи ҳуқуқ. Ба назари мо дар баробари он ҳолатҳое, ки қонунгузор зикр намудааст, илова кардани ҳолати нави вайронкунии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он – биеиҷозат дар интернет гузоштани объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста айни муддао мебошад. Зеро видео, телевизион, радио, маводҳои чопӣ ва дигар воситаҳо айни замон аз рӯи истифодабариашон дар ҷойи дуюм меистанд. Дар ҷойи аввал интернет қарор дорад. Зиёда аз нисфи аҳолии кишвар бо интерент сару кор доранд. Эҳтимоли вайрон шудани ҳуқуқҳои зикршуда дар интернет хеле зиёд аст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» нусхаҳои қалбакии асарҳо ва фонограммаҳо, ки истеҳсолот ё паҳнкуниашон боиси вайронкунии ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ) мешавад, ғайриқонунӣ ҳисоб меёбанд. Қисми 3 моддаи мазкур муайян мекунад, ки «ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бе розигии дорандаи ҳуқуқ ворид намудани нусхаҳои асарҳо ва фонограммаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳамин Қонун ҳифз мешаванд, аз давлате, ки дар он ин асару фонограммаҳо

ҳифз намешаванд ё ҳифзи онҳо қатъ гардидааст, низ вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҳисобида мешавад»[255].

Дар моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», ки «Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» номгузорӣ шудааст, муқаррар менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он бо тарзе, ки КГ ҶТ муайян кардааст, ҳамчунин бо роҳҳои зерин ба амал бароварда мешавад: 1) ситонидани даромаде, ки вайронкунандаи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста ба даст овардааст, ба ҷои ҷуброни зарарҳо; 2) пардохт кардани ҷубронпулӣ дар ҳаҷме, ки аз тарафи суд ба ҷои ҷуброни зарар ва ё ситонидани даромад, муайян шудааст» [256].

Аз мазмуни ин меъёрҳо бар меояд, ки нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммаҳо ба дорандаи ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ ҳам) бо талаби вай дода мешаванд. Нусхаҳои қалбакии асарҳо ва фонограммаҳо, ки аз ҷониби дорандагони ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ ҳам) талаб карда нашудаанд, нобуд карда мешаванд. Дар мавриди маводҳо ва таҷҳизотҳои барои тайёркунӣ ва азнавтакроркунии нусхаҳои қалбакии асарҳо ё фонограммаҳо истифодашуда бошад, онҳо тибқи қонун нест карда мешаванд ё ба даромади давлат ворид мешаванд. Дорандагони ҳуқуқҳои вобаста (ҳамчунин муаллифӣ ҳам) метавонанд барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба мақомотҳои судӣ дар муқаррароти бо тартиби қонунгузорӣ муайяншуда, муроҷиат кунанд.

Аз гуфтаҳои боло чунин бар меояд, ки дар қонунгузории гражданӣ ду сатҳи танзимкунии ҳимояи ҳуқуқҳои граждании ҳуқуқҳои вобаста ҷудо шудааст. Сатҳи якум, дар муайянкунии тарзҳои ҳимоя хосияти универсалӣ доранд ва метавонанд барои ҳимояи ҳар гуна ҳуқуқи субъективии вобаста татбиқ шаванд. Тарзҳои мазкур дар моддаи 12 КГ ҶТ номбар карда шудаанд. Ба онҳо шомиланд: эътирофи ҳуқуқҳо, рӯёниши ҷаримаҳо, ҷуброни зарари маънавӣ ва ғайра. Сатҳи дуюм, тарзҳои бо қонун муқарраршударо фаро мегирад, ки барои ҳимояи танҳо намудҳои муайяни ҳуқуқҳои гражданӣ ё барои ҳимоя аз вайронкуниҳои муайян татбиқ мешаванд.

Таҳлили муқоисавии меъёрҳои нишондодашудаи қонунгузории гражданӣ ва амалияи судӣ дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки ин тарзҳо ниҳоӣ нестанд. Аллакай якчанд тарзҳои ғайримуқаррарии ҳифзи ҳуқуқҳо, аз ҷумла хориҷ кардан (удаление), садгузорӣ (блокировка) ва заррабинӣ (филтрнамоӣ) пайдо шудаанд, ки онҳоро нисбати моликияти зеҳнӣ ҳам истифода бурдан имкон дорад[257] .

---

[255] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №23-24, – Мод. 348; 2003, – №8, – Мод. 450; 2006, – № 3, – Мод. 153; 2009, – № 12, – Мод. 825; 2014, – № 12, – Мод. 826; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, – № 1488.

[256] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №23-24, – Мод. 348; 2003, – №8, – Мод. 450; 2006, – № 3, – Мод. 153; 2009, – № 12, – Мод. 825; 2014, – № 12, – Мод. 826; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, – №1488.

[257] Меликов У.А. Удаление блокировка и фильтрация как нетрадицонные способы защиты гражданских прав / Неимущественные права: Материалы междун. науч.-практ. конф. (в рамках ежегодных

Дар миёни тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста эътирофи ҳуқуқ, ҷуброни зарар, хусусан зарари маънавӣ, мусодираи воситаҳои моддӣ нақши калидӣ доранд.

Эътирофкунии ҳуқуқҳои вобаста. Зарурат дар тарзи мазкури ҳимоя ҳамон вақте ба вуҷуд меояд, ки дар мавҷудияти ҳуқуқҳои вобаста ягон шубҳае ба вуҷуд ояд, ё онҳо мавриди баҳс қарор дода мешавад. Аксар вақт, номуайянии мустақилияти ҳуқуқи вобаста боиси ғайриимконшавии истифодабарӣ мешавад ё ҳадди ақал чунин истифодабариро душвор месозад. Эътироф кардани ҳуқуқи вобаста айнан воситаи бартарафкунии номуайянӣ дар муносибатҳои субъектҳо, муҳайё намудани шароитҳо барои амалигардонии дигар ҳуқуқҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби шахсони сеюм мебошад.

Эътирофи ҳуқуқ ҳамчун тарзи ҳимоя, аз рӯи моҳияти худ танҳо бо тартиби ҳуқуқӣ (судӣ) амалӣ карда шуда метавонад, аммо на бо роҳи аз ҷониби даъвогар содиршавии ягон амалҳои мустақили яктарафа. Талаби даъвогар дар бораи эътирофи ҳуқуқ на ба ҷавобгар, балки ба суд равона шудааст, ки бояд мавҷудияти ҳуқуқи мазкурро ба таври расмӣ тасдиқ кунад. Дар бештари мавридҳо талабот доир ба эътирофи ҳуқуқи муаллифӣ шарти зарурии истифодаи тарзҳои ҳимояи тибқи қонун пешбинишуда мебошад. Масалан, Суди иқтисодӣ даъвои нашриётро дар бораи манъ кардани нашри китоби муаллиф ва ба муомилоти гражданӣ баровардани он, аз ҷониби дигар нашриётро рад кард, зеро даъвогар исбот накард, ки вай ба асар ҳуқуқи истисноии муаллифӣ дорад[258].

Ҷуброни зарарҳо. Зери мафҳуми зарар (зиён) мутобиқи қ. 2 м. 15 КГ ҶТ хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани амволи ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта). Агар шахси вайронкардаи ҳуқуқ дар натиҷаи ин даромад ба даст оварда бошад, шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон гардидааст, ҳақ дорад дар баробари зиёни дигар рӯёнидани фоидаи аздастрафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб намояд.

Дар ин ҳолат, хароҷот ва андозаи тахминии онҳоро асоснок кардан зарур аст. Ҳисоби оқилона ва сметаи (ҳисобкунӣ (калкулятсия))-и хароҷот, шартномае, ки андозаи ҷавобгариро барои вайронкунии уҳдадориҳо ва ғ. муайян кардааст, санадҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан зарур аст[259].

Соҳибҳуқуқон ба талаб кардани ҷуброни зарари маънавӣ дар ҳолатҳои вайроншавии ҳуқуқҳои онҳо ҳақ доранд. Махсусан, дар соҳаи муносибатҳои бо моликияти зеҳнӣ алоқаманд, чунин ҳолатҳо зиёд

---

цивилистических чтений), посвященной 25-летию Гражданского кодекса Республики Казахстан (Алматы, 19-20 сентября 2019 г.) / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы, 2020. – 336 с. – С. 137-143.

[258] Ниг.: Бойгонии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе. Ҳалнома аз 09.08.2012 сол.

[259] Ниг.:Обобщение судебной практики по гражданским делам за 2012 г. – Душанбе, 2013. – С. 3-4.

мебошанд. Дар ин ҷо низоми меъёрҳо дар бораи ҳуқуқҳои ғайримолумулкии муаллифон, иҷрогарон ва дигар созандагони маҳсулотҳои зеҳнӣ ва ҳимояи ҳамин гуна ҳуқуқҳо амал мекунанд, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарари маънавиро фарогир мебошанд.

Мусодира ва нобуд кардани воситаҳои моддӣ. Талабот доир ба мусодираи воситаҳои моддӣ ба истеҳсолкунанда, воридкунанда, нигоҳдоранда, интиқолдиҳанда, фурӯшанда, паҳнкунанда ва истифодабарандагони бевиҷдони он пешниҳод карда шуда метавонад.

Табиати ҳуқуқии талаботи мазкур пурра маълум нест. Ҳадафи қонунгузор муқаррар кардани тарзи махсуси иловагии ҳимояи ҳуқуқҳои граждании аст. Он хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ дорад ва ба мусодираи нусхаҳои қалбакӣ ва таҷҳизот, ки тавассуташон моликияти зеҳнӣ истеҳсол гардидаанд равона шудааст ва дар қонунҳои соҳавӣ мустаҳкам шудаанд.

Дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мешавад, ки "вайронкунанда бояд хароҷоти мақомоти салоҳиятдорро барои амалӣ намудани ин амалҳо аз ҳисоби худ пардохт кунад. Вале бо кадом усул чунин хароҷотҳо (ва аз тарафи кӣ) муайян карда мешаванд, пурра маълум нест" [260].

Ҳамчунин бояд гуфт, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста ҷабрдидагон нисбатан бештар на зарари аслӣ, балки даромади аз даст додаро, ки соҳибҳуқуқ дар шароити истифодаи муқаррарии амаликунии ҳуқуқҳои истисноии худ ба даст оварда метавонист, талаб мекунанд. Азбаски исбот кардани мавҷудияти зиён ва аз ҷиҳати ҳуҷҷатгузорӣ асоснок кардани андозаи онҳо на ҳамеша осон аст, махсусан дар бахши фоидаи аздастрафта, қонунгузор имконияти талабкунии ҷубронпулӣ аз ҳуқуқвайронкунанда муқаррар кардааст, аммо чӣ тавре дар боло зикр кардем, он дар қонунгузории ватанӣ то охир ҳалли худро наёфтааст.

Механизми муҳиме, ки бо маҳсулоти қалбакӣ имкони мубориза медиҳад – ин стандартизатсия мебошад. Стандартизатсия барои таъмин намудани истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯи талаботҳои ҳатмии дар регламентҳои техникӣ пешбинишуда, инчунин дастгирии раванди баланд бардоштани сифати маҳсулот тавассути таҳияи стандартҳое, ки бо ташаббуси корхонаҳое, ки нишондиҳандаҳои баландтарини сифат ноил шудаанд, дастгирӣ карда шудааст. Дар айни замон коҳиши таваҷҷуҳи корхонаҳо ба стандартизатсия ба назар мерасад. Вобаста ба ҳамин, дидани чанд чораҳо барои баланд бардоштани ҳавасмандии истеҳсолгарон дар стандартизатсия зурур мебошад. Ин як воситаи боқуввати ҳам баландбардории сифат ва ҳам мубориза бо маҳсулоти қалбакӣ ва ғайриқонунӣ мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки масъулиятро барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он сахттар кардан лозим аст. Аз ҷумла, муайян кардани ҳадди ақали ҷуброне, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (м.

---

[260] Белов В.В., Виталиев Г.В., Денисов Г.М. Интеллектуальная собственность. Законодательства и практика его применения. Учебное пособие. – М.: Юристь, 1997. – С. 98.

48) муқаррар карда шудааст, зарур аст то ки шахсоне, ки барои вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллиф ва вобаста ба он машғуланд, фикр кунанд, ки онҳо метавонанд бисёр чизро аз даст диҳанд. Ба ғайр аз ин баъзе «нуқтаҳои савдо»-и ғайриқонуниро барҳам додан лозим. Ба ташкилёбии ширкатҳои калон, ки бо муқаррароти муайяншуда ба қайд гирифта шудаанд, барои ташкили мағозаи махсус, мусоидат кардан муҳим мебошад. Ҳамзамон таъмин намудани назорати ҷиддӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти назоратӣ аз болои маҳсулоте, ки дар он ҷо ба фурӯш бароварда мешавад, бояд ба роҳ монда шавад.

**Адабиёт:**

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 23-24, – Мод. 348; 2003, – № 8, – Мод. 450; 2006, – № 3, – Мод. 153; 2009, – № 12, – Мод. 825; 2014, – № 12, – Мод. 826; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, – № 1488.
2. Гражданское право. Том 3 Учебник. Издание второе, переработанное и дополненное. Под ред. д.ю.н., профф. А.П.Сергеева, д.ю.н., профф. Ю.К.Толстого. – М., 2000. – 632 с.
3. Бачило И.Л., Лопатин В.Н., Федоров М.А.. Информационное право: учебник / Под ред. Академика РАН Б.Н. Топорнина. – СПб., 2001. – 789 с.
4. Гришаев С.П. Интеллектуальная собственность. Авторское право. – М.: Юристь, 2007. – 240 с.
5. Бойгонии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе. Ҳалнома аз 09.08.2012 сол.
6. Обобщение судебной практики по гражданским делам за 2012 г. Душанбе, 2013. – С. 3-4.
7. Белов В.В., Виталиев Г.В., Денисов Г.М. Интеллектуальная собственность. Законодательства и практика его применения. Учебное пособие. – М.: Юристь, 1997. – 288 с.
8. Меликов У.А. Удаление блокировка и фильтрация как нетрадицонные способы защиты гражданских прав / Неимущественные права: Материалы междун. науч.-практ. конф. (в рамках ежегодных цивилистических чтений), посвященной 25-летию Гражданского кодекса Республики Казахстан (Алматы, 19-20 сентября 2019 г.) / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы, 2020. – 336 с.

# МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ҲАМЧУН ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

**Муминзода Нозим Исмат,**
мудири шуъбаи ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 935989522
**E-mail:** nozimmuminzoda@gmail.com

**Муқарриз:** Сангинов Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба масъалаи муассисаи таъсилоти олии касбӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бахшида шудааст, ки мубрамияти онро масъалаҳои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони умумиҷаҳонии савдо, раванди Болония ва таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба низоми маориф ташкил мекунад,. Сараввал аҳаммияти мавзуъ ва пасон омили бавуҷудоии шакливазкунии мақоми донишгоҳ баррасӣ шуда, сониян ба қадри имкон мафҳуми шахси ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Низом ва сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси низомнома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, муаллиф ба хулосае меояд, ки шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба омилҳои дар боло овардашуда қисман омехта шудааст, ё таҷассуми ин тағйиротҳо то ҳол дар қонунгузорӣ таҷассуми худро наёфтааст. Дар мақола хусусиятҳои мақомоти роҳбарикунандаи донишгоҳ дар муқоиса бо мақомоти идоракунии шахсони ҳуқуқии дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин, дигар намудҳои муассисаҳо таҳлил карда шудаанд. Мақола дар асоси сарчашмаҳо ва таҳлилҳои олимони дохилию хориҷӣ омода шуда, дар муайян кардани донишкадаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ саҳми босазое хоҳад гузошт. Меъёрҳои қонунгузории соҳаи маориф заминаи ҳуқуқие мебошанд, ки дар асоси он донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ба роҳ мемонанд. Ин меъёрҳо бояд ба муносибатҳои ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олӣ ба шаҳрвандон барои қонеъ гардонидани талаботи шахсият ба гирифтани таҳсилоти олӣ кафолатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд оваранд. Қонунгузорӣ сиёсати давлатро дар соҳаи маориф ифода намуда, вазифаҳо ва принсипҳои асосии таҳсилоти олӣ, низоми он, низоми мақомоти идоракунии таҳсилоти олии касбӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни раванди таълимро муқаррар менамояд.

**Калидвожаҳо:** Муассиса, шахси ҳуқуқӣ, таҳсилоти олии касбӣ, раванди Болония, вазъи ҳуқуқӣ, оиннома, маориф, низоми маориф,

таҳсилоти рақамӣ, мушкилоти маориф, ҳуқуқ ба таҳсил.

## ВЫСШЕЕ УЧЕБНОЕ ЗАВЕДЕНИЕ КАК ЮРИДИЧЕСКОЕ ЛИЦО

**Муминзода Нозим Исмат,**
заведующий правового отдела Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательства и комерции юридического факултета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 935989522
**E-mail:** nozimmuminzoda@gmail.com

**Рецензент:** Сангинов Д. Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена вопросу учреждения высшего профессионального образования как юридического лица, важность которого определяется вопросами вступления Республики Таджикистан во Всемирную торговую организацию, процессом глобализации и влиянием процесса глобализации. на систему образования. Во-первых, обсуждалась важность темы, а затем и фактор существования изменения статуса вуза, а во-вторых, максимально определялось понятие юридического лица. Система и структура учреждения высшего профессионального образования на примере Национального университета Таджикистана рассматривается на основе нормативных правовых актов и законодательства Республики Таджикистан, и автор приходит к выводу, что организационно-правовая форма учреждений высшего профессионального образования является частично смешанным в силу вышеперечисленных факторов, либо воплощение этих изменений еще не получило законодательного закрепления. В статье анализируются особенности органов управления вуза в сравнении с органами управления юридических лиц иных организационно-правовых форм, а также других видов учреждений. Статья подготовлена на основе источников и анализов отечественных и зарубежных ученых и внесет значительный вклад в выявление институтов и учреждений высшего образования. Нормы законодательства в сфере образования являются той правовой основой, на которой университеты и другие образовательные учреждения осуществляют свою деятельность для достижения поставленных целей. Эти стандарты должны создать определенные правовые гарантии правоотношений вуза к гражданам в целях удовлетворения потребностей личности в получении высшего образования. Законодательство выражает государственную политику в сфере образования и устанавливает основные задачи и принципы высшего образования, его систему, систему органов управления высшим профессиональным образованием, права и обязанности участников

образовательного процесса.
**Ключевые слова:** Учреждение, юридическое лицо, высшее профессиональное образование, Болонский процесс, правовой статус, устав, образование. система образования, право на образование, цифровое образование, право на образования.

## HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTION AS A LEGAL ENTITY

**Muminzoda Nozim Ismat,**
head of the Law Department of TNU, candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Entrepreneurship and Commerce of the Law Faculty of TNU,
**Phone.:** +992 935989522
**E-mail:** nozimmuminzoda@gmail.com.

**Reviewer:** Sanginov D.Sh., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** In the article, one of the questions after the accession of the Republic of Tajikistan to the World Trade Organization, the process of inflating and the influence of the globalization process arose, is devoted to the institution of higher professional education as a legal entity. Firstly, the importance of the subject was discussed, and then the factor of changing the status of the university, and secondly, the concept of a legal entity was defined as much as possible. and the author came to the conclusion that the organizational and legal form of institutions of higher professional education is partially mixed, depending on the above factors, or the implementation of these changes in the legislation has not yet been implemented. The article analyzes the features of the governing bodies of the university in comparison with the governing bodies of legal entities of other organizational and legal forms, as well as other types of institutions. These features are considered on the example of the formation of the governing bodies of the university, their powers, the order of interaction between the authorities in the process of forming the will of the university as a legal entity. The article was prepared on the basis of sources and analyzes of domestic and foreign scientists and will make a significant contribution to the identification of institutions and institutions of higher education. The norms of legislation in the field of education are the legal basis on which universities and other educational institutions carry out their activities in order to achieve their goals. These standards should create certain legal guarantees for the legal relations of citizens of a higher educational institution to meet the requirements of an individual for higher education. Legislation expresses the state policy in the field of education and establishes the main tasks and principles of higher education, its system, the system of higher professional education management bodies, the rights and obligations of participants in the educational process.
**Key words:** Institution, legal entity, higher professional education, Bologna

process, legal status, charter, education. education system, right to education, digital education, education problems.

Барои пешравии давлати демократию ҳуқуқбунёд мавҷудияти қонун кофӣ набуда, балки истифодаи дуруст ва босамари меъёрҳои он зарур мебошад. Раванди ҷаҳонишавӣ дар назди омӯзгорони мактабҳои олӣ вазифаҳои нав ба навро гузоштааст. Зарурати мутобиқгардонии стандартҳои таълимии ватанӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ, аз як тараф такмили мазмуну муҳтаво, усул ва технологияҳои самараноки фаъоли таълим, аз тарафи дигар, талаботи навини низоми аврупоии таълим, ки макотиби олии мамлакат ба он ворид гаштааст, аз кормандон масъулияти баландро талаб менамояд. Муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки ҳуқуқ ба тарбия як соҳаи комплексии илми ҳуқуқшиносӣ ва маҷмуи донишҳо дар бораи гурӯҳи муносибатҳои ҳуқуқи маориф буда, дорои усули мушаххаси танзими ҳуқуқӣ, принсипҳо ва вазифаҳои махсус мебошад. Ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар асоси ин талабот сурат гирифта истодааст. Боло бурдани сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони маълумоти олии ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ талаботи давру замон аст.

Меъёрҳои қонунгузории соҳаи маориф заминаи ҳуқуқие мебошанд, ки дар асоси он донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ба роҳ мемонанд. Ин меъёрҳо бояд муносибатҳои ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олӣ ва шаҳрвандонро барои қонеъ гардонидани талаботи шахсият ба таҳсилоти олӣ ва кафолатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд оваранд. Қонунгузорӣ сиёсати давлатро дар соҳаи маориф ифода намуда, вазифаҳо ва принсипҳои асосии таҳсилоти олӣ, низоми он, низоми мақомоти идоракунии таҳсилоти олии касбӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни раванди таълимро муқаррар менамояд.

Рушди вазъи ҳуқуқи граждании муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо таъсири равандҳои зерин сурат мегирад:

- воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди Болония;
- ислоҳоти сектори давлатии мамлакат.

Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 2013  Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Болония шуд ва ин маънои онро дорад, ки бояд тамоми уҳдадориҳоеро, ки аз Эъломияи Болония бармеоянд, иҷро намояд.

Принсипи бунёдие, ки аз тамоми ҳуҷҷатҳои раванди Болония мегузарад, ин принсипи мустақилияти донишгоҳҳо мебошад. Ин нукта дар Магна-картаи донишгоҳҳо, ба таври равшан ифода ёфтааст: «Донишгоҳ як муассисаи мустақил буда, дар дохили ҷомеаҳое амал мекунад, ки бинобар тафовути шароити ҷуғрофӣ ва мероси таърихӣ ба тарзҳои гуногун ташкил карда шудаанд; тавассути пажуҳиш ва омӯзиш арзишҳои фарҳангӣ тавлиду таҳқиқ мекунад, баҳо медиҳад ва ба наслҳои оянда мерасонад. Донишгоҳ барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷамъият дар фаъолияти илмию таълимии худ

бояд аз ҷиҳати ахлоқӣ ва зеҳнӣ аз ҳар як қудрати сиёсӣ, инчунин аз ҳар як қувваи иқтисодӣ мустақил бошад»[261].

Дар ин ҷо ба маврид аст, ки ба шарҳи низоми таҳсилоти олӣ бо тавсифи умумии вазъи ҳуқуқии граждании муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ пардохт шавад.

Аввалан, донишгоҳи давлатӣ як ташкилоти ғайритиҷоратиест, ки ҳадафи он гирифтани фоида намебошад.

Маблағгузорӣ ин бо маблағҳои молиявӣ таъмин намудани ташкилоту корхонаҳо, лоиҳаҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Маблағгузорӣ метавонад ҳам аз ҳисоби маблағҳои худи ташкилоту корхонаҳо ва ҳам аз ҳисоби манбаъҳои давлатӣ, аз ҳисоби буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо, маблағҳои қарзӣ, ҳиссагузориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ амалӣ карда шавад. Агар маблағгузории корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳисоби давлат ба амал бароварда шавад, ин барои иҷрои фаъолияти ҷории онҳо дар шаклҳои гуногун бепул ва бебозгашт додани маблағро пешбинӣ мекунад.

Дуввум, дар асоси банди 1 моддаи 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса диниста мешавад». Ин мафҳум ҳамчунин масъалаи якуми дар боло зикршударо вобаста ба мақсади маблағгузории соҳаи маориф пурра мекунад.

Сеюм, қисми зиёди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд. Мутобиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», муассисае, ки фаъолияти он на кам аз 70 фоиз аз ҳисоби буҷети дахлдор ё буҷети фонди мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, муассисаи давлатӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, ки қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ сохтани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ва вазифаҳои дигари хусусияти ғайритиҷоратидошта таъсис дода шуда, фаъолияти он на кам аз 70 фоиз аз ҳисоби буҷети дахлдор ё буҷети фонди мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Ҳарчанд дар қонун воситаҳои гуногуни ҷалби маблағҳо оварда шуда бошад, ҳам тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба маблағҳои буҷетӣ такя мекунанд.

Муттаҳидсозии қонунгузории низоми мақомоти муассисаи буҷетӣ хусусиятҳои худро дорад. Муассисаи буҷетӣ шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки бо тақсимоти дохилӣ аз рӯи намуд тавсиф

---

[261] Вербицкая Л. Институциональная автономия и проблема управления в высшем образовании / Л. Вербицкая, В. Касевич // Юрист вуза. – 2006. – № 12. – С. 7-9.

мешавад, ки онро аз шахсони ҳуқуқии дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ба таври назаррас фарқ мекунонанд.

Аввалан, муассисаи буҷетӣ метавонад моликияти давлатӣ бошад.

Сонияи, вобаста ба доираи фаъолият чунин муассиса метавонад муассисаи таълимӣ, муассисаи тандурустӣ, муассисаи илмӣ ва ғайра бошад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои вазъи ҳуқуқии баъзе намудҳои муассисаҳои буҷетӣ бо бисёр санадҳои ҳуқуқие танзим карда мешаванд, ки аз ҷумла хусусиятҳои идоракунии муассисаҳои буҷетиро танзим мекунанд. Дар баробари ин, нисбат ба институти муассисаи буҷетӣ умуман дар танзими граждании ҳуқуқии сохтори ташкилии он ва алалхусус чунин унсури сохтор, монанди низоми мақомоти роҳбарикунанда ягонагӣ вуҷуд надорад.

Мафҳумҳои «мақоми роҳбарикунанда» ва «мақоми шахси ҳуқуқӣ»-ро фарқ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Мафҳуми «мақомоти роҳбарикунанда» нисбат ба мафҳуми «мақомоти шахси ҳуқуқӣ» васеътар аст. Дар таҳрири нави консепсияи мақоми шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст: «Мақоми шахси ҳуқуқӣ шахсе (гурӯҳи шахсоне) мебошад, ки фаъолияти онро роҳбарӣ мекунад ва аз номи шахси ҳуқуқӣ дар муомилоти амвол баромад мекунад. Амали мақомоти шахси ҳуқуқӣ амали худи шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Барои донишгоҳҳо ин таъриф бо тавзеҳи он ки шахс (гурӯҳи шахсон) кормандони шахси ҳуқуқӣ мебошанд, қобили қабул аст.

Дар натиҷа, имрӯз қонунгузор нисбат ба муассисаи буҷетӣ чунин унсури шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро ба мисли сохтори ташкилии он танзим намекунад, аз ҷумла масъалаҳои вазъи ҳуқуқии мақомоти муассисаи буҷетӣ, мақомоти буҷетӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти онҳо, инчунин, салоҳияти онҳо. Дар айни замон нисбат ба ҳама шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ё муқаррароти зикргардида аз ҷониби қонунгузор ба таври императивӣ муқаррар ё доираи танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо бо ёрии меъёрҳои диспозитивӣ муайян карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳудуди масъулияти муассисаҳои таълимиро нисбат ба меъёрҳои Кодекси граждании васеъ намуда, онро нисбат ба молу мулке, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти даромаднок ба даст оварда шудааст, васеъ намудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи масъулияти муассисаҳо мафҳуми ягона вуҷуд надорад. Таҷрибаи судӣ ҳанӯз инкишоф наёфтааст, вале тамоюл нисбат ба меъёрҳои Кодекси граждании васеъ кардани доираи масъулияти муассисаҳо мушоҳида карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили мушкилоти танзими ҳуқуқии таҳсилоти олӣ вазъи тамоми низоми қонунгузории миллӣ бояд дар назар дошта шавад[262]. Аз ин

---

[262] Муминзода М.Н. Кодификатсияи санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 206.

рӯ, пеш аз баррасии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ муайян намудани мафҳум ва нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ дар шакли кӯтоҳ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ амалан ягон коркарди ҳамаҷонибаи мафҳуми шахси ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, аксар вақт он аз ҷониби баъзе муҳаққиқон бо маъноҳои гуногун истифода мешавад. Баъзан ин мафҳум, ки то ҳол аз мазмуни мушаххас маҳрум аст, ҳамчун далели иловагӣ дар баҳси илмӣ истифода мешавад.

Агар ба мафҳуми шахси ҳуқуқӣ таърихан назар андозем, ба андешаи А. Давидов: «Аллакай, дар асрҳои миёна мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ» нисбат ба ҳар чизе, ки ба назари ҳуқуқшиносон корпоратсия (иттиҳодияи мустақили шахсони воқеӣ) менамуд, истифода мешуд, масалан на танҳо ба худи корпоратсия, балки ба фонди хайрия низ»[263].

Истилоҳи шахси ҳуқуқӣ аз Рими қадим сарчашма мегирад, аммо дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ ба ду маъно: ташкилоти шахсони воқеӣ ва ҷамъияти моликияти шахсони воқеӣ фаҳмида мешуд[264].

Дар қисми 1 моддаи 48 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шахси ҳуқуқӣ чунин муайян карда шудааст: «Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулк дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад». Муаллиф бо ин гуна таърифи қонунгузорӣ мувофиқ нест, зеро болозикр на мафҳуми мукаммал балки маҷмуи нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ мебошад[265].

Ба ақидаи Н.Ш. Қурбонализода, масъалаи арзёбии ҳуқуқии ин мафҳумҳо ҳамеша дар раванди амалияи татбиқи ҳуқуқи ҳар як давлати муосир мубрам ба ҳисоб меравад[266].

Дар баробари ин, мустақилияти донишгоҳ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои худро дорад, ки бо мақоми ҳуқуқии донишгоҳ алоқаманд аст.

Аммо ягонагии ташкилӣ на фақат хусусияти ҳатмии шахси ҳуқуқӣ балки дар маҷмуъ хусусияти умумии институти шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар навбати худ, категорияи сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фардии он ҳамчун ташкилот вобаста ба шакли муайяни ташкилию ҳуқуқӣ, намуд, шакли моликияти шахси ҳуқуқӣ ва

---

[263] Давыдов А. Ю. Раймонд Салейль: понятие «Юридического лица» (истоки теории) // Проблемы Науки. – 2014. – №12 (30). – С. 1.

[264] Хмелевская С.А. Понятие юридического лица: опыт социально-философского осмысления // Пробелы в российском законодательстве. – 2012. – № 2. – С. 43.

[265] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 15.01.2023).

[266] Курбонализода Н.Ш. Гражданско-правовое положение недееспособных и ограниченно дееспособных лиц по законодательству Республики Таджикистан // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 4. – С. 248.

дигар омилҳо муайян карда шавад.

Аз нуқтаи назари таркиби шахси ҳуқуқӣ сатҳҳои гуногуни онро ҷудо кардан мумкин аст:

– сатҳи «заминаи инсон»-и шахсони алоҳида;
– дараҷаи кормандони шахси ҳуқуқӣ: роҳбарият, мутахассисон ва коргарон;
– сатҳи мақомот ва воҳидҳои сохтории шахси ҳуқуқӣ.

Барои категорияи сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ ҷудо кардани чунин унсурҳои он, ки барои таъмини татбиқи субъекти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ, яъне ташаккули иродаи шахси ҳуқуқӣ зарур ва кофӣ мебошанд, бамаврид аст. Аён аст, ки унсурҳои ду сатҳи аввалро чунин ҳисоб кардан мумкин нест.

Мувофиқи банди 1 моддаи 54 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ тавассути мақомоти худ ҳуқуқҳои граждании пайдо мекунад ва уҳдадориҳои гражданиро ба зимма мегирад.

Дар баробари ин, хусусияти муҳимми муассиса ҳамчун унсури сохтори ташкилӣ салоҳияти он, маҷмуи ҳуқуқҳое мебошад, ки қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардааст ва ин ба мақомоти шахси ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба фаъолияти муайян амалҳои мушахасе анҷом диҳанд. Ташкили дохилии он ва берун аз он намояндагӣ кардан, дар баробари амалӣ намудани иродаи худи шахси ҳуқуқӣ ва ба ин васила аз номи ӯ ва барои ӯ ҳуқуқҳои гражданӣ ба даст оварда, аз номи ӯ уҳдадориҳои гражданӣ қабул мекунад[267].

Дар мавриди воҳидҳои шахси ҳуқуқӣ бошад, ба назар чунин мерасад, ки категорияи сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ бояд на ҳама воҳидҳоро дар бар гирад, балки танҳо воҳидҳоеро дар бар гирад, ки дар ташаккули ҳуқуқи граждании шахси ҳуқуқӣ иштирок мекунад. Инҳо метавонанд филиалҳо, намояндагиҳо, инчунин дигар воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ бошанд.

Мувофиқи моддаи 56 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ аз номи шахси ҳуқуқӣ баромад карда, онҳоро ҳимоя мекунад ва филиал бошад, тамоми вазифаҳои шахси ҳуқуқӣ ё як қисми онҳоро, аз ҷумла вазифаҳои намояндагиро иҷро мекунад. Иҷрои ин вазифаҳо бидуни он ки воҳидҳои мазкур фаъолиятро оид ба ташаккули иродаи шахси ҳуқуқӣ ва берун аз он ифода намудани он амалӣ намоянд, ғайриимкон аст[268].

Принсипҳои сохторбандии оқилона барои фаҳмидани категорияи сохтор аҳамияти махсус дорад. Дар байни онҳо принсипи мақсад гузоштан ба худ хос аст, ки тибқи он сохтор бояд ба самти мақсадноки ташкилот мувофиқат кунад. Ҳамин тариқ, муқаррар намудани ҳадафҳои ташкилот

---

[267] Могилевский С.Д. Органы управления хозяйственными обществами: Правовой аспект. – М.: Дело, 2001. – 115 с.

[268] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 15.01.2023)

асоси ташаккули сохтори он мебошад.

Фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бе таъсиси он ғайриимкон аст. Таъсиси шахси ҳуқуқӣ маънои пайдоиши оқибатҳои ҳуқуқии ин субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданиро дорад»[269]. Дуруст аст, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ оқибати ҳуқуқӣ ба амал намеояд.

Нисбат ба шахси ҳуқуқӣ ин принсип чунин маъно дорад: "Тақсимоти асосии шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ аз ҷониби қонунгузор маҳз аз рӯи меъёри фарқ кардани ҳадафҳои фаъолияти онҳо амалӣ карда мешавад (моддаи 50 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)[270]. Сохтори ташкилии шахси ҳуқуқиро муқаррар намуда, қонунгузор онро вобаста ба ҳадафҳои фаъолияти чунин шахси ҳуқуқӣ: ба даст овардани фоида ё ҳадафҳои дигар месозад. Ҳамин тариқ, ташкилотҳои тиҷоратӣ дорои сохтори ташкилӣ ба онҳо имкон медиҳад, то фаъолиятҳои марбут ба ноил шудан ба ҳадафи фоидаро ба таври муътадил анҷом диҳанд. Сохтори ташкилии корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ки идоракунӣ дар салоҳияти соҳиби амволи корхона ва мақомоти яккасардории иҷроия (директор, директори генералӣ) мебошад, ба хусусияти фаъолияти чунин корхона комилан мувофиқ аст.

Категорияи сохтори ташкилӣ бо шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ зич алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, низоми мақомоти шахси ҳуқуқӣ, салоҳияти онҳо, тартиби ташкил ё дар қонун нисбат ба ин ё он шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба таври ҳатмӣ муқаррар карда мешавад, ё ҳаҷми чунин танзимро меъёрҳои диспозитивӣ муайян мекунанд. Сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он муқаррар карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо метавонем таърифи зерини сохтори ташкилии шахси ҳуқуқиро ба даст орем. Сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ хусусияти ташкилии шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки дар қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, ки ба сифати унсурҳо мақомоти шахси ҳуқуқӣ ва воҳидҳои алоҳидаи он, инчунин, асоси устуворро дар бар мегирад, ки байни онҳо алоқаманд буда, тавассути ташаккул ва ифодаи иродаи берун аз шахси ҳуқуқӣ фаъолияти онро ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии граждании таъмин менамояд.

Вазъи ҳуқуқии граждании муассисаи таҳсилоти олии касбиро хусусиятҳои зерин тавсиф мекунанд. Аввалан, муассисаи таҳсилоти олӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, ҳадафи он гирифтани фоида намебошад. Сониян, муассисаи таҳсилоти олӣ аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқии худ ташкилот мебошад. Сеюм, аз рӯи намуд шахси ҳуқуқии баррасишаванда ба муассисаи давлатӣ, аз рӯи намуд ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ тааллуқ дорад.

Мавриди зикр аст, ки аз 1 феврали соли 2021 ба Қонуни Ҷумҳурии

---

[269] Зайнидинов Ф. А. Роҳҳо ва усулҳои таъсисдиҳии шахсони ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 3(19). – С. 115-123. – С. 117.

[270] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 15.01.2023).

Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, якчанд меъёри ин қонун ба соҳаи маориф таъсири худро бевосита гузошт. Чунончи таҳсили 2022-2023 шумораи довталабон дар зинаҳои бакалавр ва магистратура кам гардид. Дар ин масъала мутахассисон танҳо ҷиҳати молиявии масъаларо пайгирӣ намуда, касе ба мушкилотҳои соҳаи маориф диққат накард, аз ҷумла:

- ҷалб карда натавонистани довталабон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ;
- вобаста ба шароити замон сари вақт қабул накардани консепсияву стратегияҳо;
- норасоии кадрҳои соҳибихтисос.

Шояд чунин амал сабаб гардад, ки мо аз шумора ба сифат гузарем, зеро вобаста ба мушкилиҳои замони муосир ва тағйироти бозори меҳнат на танҳо Тоҷикистон, балки давлатҳои тараққикарда дар ин самт ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ шудаанд.

Дар ин ҷо бо андешаи Д.Ш. Сангинов ҳамфикрем, ки қайд мекунад: «Ҳамаи ин зиддиятҳо дар қонунгузорӣ асоси таҳлили фикру мулоҳизаҳои олимон ва такмили қонунгузории гражданӣ мебошад»[271]. Вақти он расидааст, ки нақши маориф, масъалаи хусусигардонии моликият баҳри самаранокӣ ва истифодаи дуруст аз нав дида баромада шавад. Зеро «имконияти иқтисодӣ барои ҳифзи истиқлолияти давлат ва мавқеи геополитикии он дар ҷаҳон, мустақилона муайян кардани сиёсати иқтисодӣ дар шароити дигаргуниҳо ва мутобиқ будан ба замони муосир мебошад»[272]. Ақидаи шабеҳро вобаста ба вазъи молиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таъсири он баояндаи ин муассиса олимони индонезиягӣ қайд кардаанд: «Дар гузашта донишгоҳҳои Аврупои Марказӣ бо бисёр мушкилоти шабеҳ рӯ ба рӯ буданд, аз қабили омилҳои молиявие, ки ба рушди донишгоҳҳо таъсир мерасонд. Омилҳои молиявӣ, бахусус даромад аз таҳсилоти олӣ, омили муҳимми ба даст овардани муваффақият дар баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии донишгоҳҳо мебошад»[273].

Равшан аст, ки принсипҳои бунёди сохтори ташкилии муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба шароити ноил шудан ба вазифаҳои дар назди муассиса гузошташуда мувофиқ бошанд[274].

Қонунгузор дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

---

[271] Сангинов Д.Ш. К вопросу о понятии услуги в теории гражданского права / Д. Ш. Сангинов // Вестник Таджикского национального университета. – 2013. – Т. 1. – № 3-7. – С. 63.

[272] Муминов Н.И. Экономическая безопасность Республики Таджикистан: внутренние и внешние угрозы // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-12. – С. 138.

[273] Pratiwi A.I., Sukmawati A., Widhianningrum P. Risk Management System Design Planning at the University Towards a State University Legal Entity // 4th International Conference on Innovation in Engineering and Vocational Education (ICIEVE 2021). – Atlantis Press, – 2022. – P. 303.

[274] Чепарина О.А. Факторы, влияющие на формирование организационной структуры бюджетного вуза как юридического лица // Ученые записки Казанского государственного университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2007. – Т. 149. – № 6. – С. 141.

таълимӣ» вазифаҳои асосии донишгоҳро чунин муайян кардааст: қонеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; рушди илму ҳунар ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот; омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисос; дар донишҷӯён инкишоф додани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ; ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар; таҳкими арзишҳои маънавии шаҳрвандон, боло бурдани савияи таҳсилот ва фарҳанги он; таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён[275].

Яъне, мақсади давлат аз маблағгузории соҳаи маориф на ба даст овардани фоида, балки иҷрои мақсад ва вазифаҳои давлат баҳри таъмин бо мутахассисони соҳибкасб мебошад.

Ҳамин тариқ, муассисаи таҳсилоти олӣ низоми давлатии идоракунии таҳсилоти олии касбӣ буда, дорои мақоми маъмурию ҳуқуқӣ мебошад.

Мувофиқи банди 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» худмухтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра, ки Оинномаи онҳо мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ифода менамояд.

Дар банди 95 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти донишгоҳро ҳамчун дараҷаи худидоракуние медонад, ки ба муассисаи таҳсилоти олӣ барои қабули қарорҳои муассир оид ба фаъолияти оинномавии худ ниёз дорад.

Яке аз зуҳуроти принсипи мустақилияти донишгоҳ ин низоми мақомоти идоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад (банди 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ»), ки мақомоти намояндагии донишгоҳ – конференсия, мақоми ректор, шурои олимон ва мақомоти иҷроияи онро дар бар мегирад. Дар оинномаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ метавонад таъсиси шурои парасторон пешбинӣ карда шавад. Аз нуқтаи назари принсипи мустақилияти донишгоҳ як меъёри хеле муҳим дар банди 34 «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» оварда

---

[275] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 15.01.2023).

шудааст, ки мувофиқи он низоми мақомоти марказии идоракунандаи донишгоҳ: ректор, шурои олимон ва раёсати донишгоҳ мебошад:

Таносуби салоҳияти Шурои олимон ва ректор аз ҷониби Шурои олимон ва ректор муайян карда мешавад.

Маҳз ҳамин гуна идоракунии донишгоҳ дар асоси принсипҳои якҷояи ягонагии фармондеҳӣ ва коллегиявӣ амалӣ карда мешавад, ки татбиқи принсипи мустақилияти донишгоҳҳоро таъмин карда метавонад.

Принсипи мустақилияти донишгоҳ, инчунин дар ҳуқуқи мустақилона таъсис додани сохтори худ, яъне маҷмуи воҳидҳои таълимӣ, тадқиқотӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ифода меёбад.

Сохтори ташкилии муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба гуногунии фаъолияти он ҷавобгӯ бошад. Дар банди 9 «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст, ки донишгоҳ барои инкишофи робитаҳои гуногуни байналмилалӣ (гуманитарӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) ҳуқуқ дорад, дар мувофиқа бо Муассис, филиалҳо ва намояндагиҳояшро дар давлатҳои хориҷӣ кушояд[276].

Вобаста ба ин, ба сохтори ташкилии муассисаи таҳсилоти олӣ муассисаи воҳиди алоҳидаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз филиал ва намояндагӣ фарқ дорад, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Зарурати ҷудо кардани он ҳамчун унсури сохтори ташкилии донишгоҳ бо сабабҳои зерин шарҳ дода мешавад:

- гуногунии фаъолияти донишгоҳ;
- мақоми махсуси филиали донишгоҳ, ки ба дигар воҳидҳои алоҳидаи донишгоҳ вазифаи таълимиро иҷро намекунанд, дода намешавад;
- вазъи мустақили буҷетию ҳуқуқии воҳиди алоҳидаи муассисаи таҳсилоти олӣ, мақоми гирандаи маблағҳои буҷетӣ.

Тавре дар боло қайд гардид, ин маҳдудиятҳо аз нуқтаи назари хусусияти муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун муассисаи буҷетӣ асоснок ба назар мерасанд. Он ҳамчун воситаи таъмини бехатарии амволест, ки ба донишгоҳи буҷетӣ дар асоси ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад ва истифодаи мақсаднок ва самараноки он, барои кам кардани хатарҳои масъулияти дуюмдараҷаи шахси ҳуқуқии ҷамъиятӣ барои қарзҳои донишгоҳ аз ҷониби он таъсисёфта равона шудааст.

Ба андешаи Ш.К. Ғаюров, «уҳдадории номатлуб ва иҷрои он фаъолияти квазифискалии муносибатҳои ҳуқуқии гражданиро ба вуҷуд меорад»[277]. Яъне донишгоҳ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ уҳдадориҳои худро бояд ба таври дахлдор иҷро намояд.

---

[276] Ниг.: Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, № 544. [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: https://tnu.tj/wp-content/uploads/2022/07/oinnomai-donishgo-.pdf (санаи муроҷиат 15.01.2023)

[277] Гаюров Ш.К. Ненадлежащее обязательство юридического лица / Ш.К. Гаюров, Ф.А. Касымов // Правовая жизнь. – 2018. – № 3 (23). – С. 157.

Хулоса, категорияи сохтори ташкилӣ бо аломати ягонагии ташкилии шахси ҳуқуқӣ зич алоқаманд буда, зуҳуроти ин аломат нисбат ба шахси ҳуқуқӣ мебошад.

Аҳамияти категорияи сохтори ташкилӣ барои таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки вай хусусиятҳои равандҳои ташаккули ирода ва ифодаи иродаро нисбат ба шахси ҳуқуқии алоҳида инъикос мекунад.

Унсурҳои сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ мақомот ва воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, инчунин, муносибатҳои муҳимми байни онҳо мебошад, ки хусусият ва равандҳои ташаккули ирода ва ифодаи иродаи шахси ҳуқуқиро инъикос менамоянд.

Дар мисоли донишгоҳ нишон дода шуд, ки сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ таҳти таъсири омилҳои зерин ташаккул меёбад: ҳадафҳо, вазифаҳо, хусусиятҳои маблағгузории он ва ҳуқуқҳои муассис нисбат ба шахси ҳуқуқӣ.

Ҳамин тариқ, сохтори ташкилӣ ба ҳамаи унсурҳои шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ алоқаманд буда, бевосита ба шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ вобаста аст.

Ба сохтори ташкилии шахси ҳуқуқӣ сиёсати иҷтимоию иқтисодии дар кишвар пешгирифта низ таъсир мерасонад.

Сохтори ташкилии муасссисаи таҳсилоти олӣ дар зери таъсири омилҳои ба ҳам мухолиф ташаккул меёбад:

- мақоми ҳуқуқии ҷамъиятии донишгоҳ, ки назорати қатъии идоракунии донишгоҳро аз ҷониби муассис дар назар дорад, аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешавад;
- принсипи мустақилияти донишгоҳ дар қонунгузорӣ дар бораи маориф ифода ёфтааст.

Бо мақсади ҳифзи шаҳрвандон аз саркашии беасос аз бастани шартномаҳо оид ба хизматрасонии таълимӣ пешниҳод карда мешавад, ки маблағи гузоштаи шаҳрванд ҳамчун саҳм барои пардохтҳои дахлдор ҳисобида, пасандоз ҳисоб карда шавад.

«Фаъолияти таълимии пулакӣ» бояд аз «фаъолияти соҳибкорӣ» ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ фарқ карда шавад.

Консепсияи фаъолияти соҳибкории ташкилоти ғайритиҷоратиро мукаммал карда, онро ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ҳисоб кардан лозим аст, зеро фаъолияти соҳибкории донишгоҳи давлатӣ ба табиати он ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ мухолиф аст. Ба ҳолати имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардохти маблағи таҳсил дар шакли ғайринақдӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дар асоси стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон рушди молиявии инклюзивӣ барои солҳои 2023-2026[278] пардохти маблағи таҳсил ва дигар пардохтҳо тавассути ҳамёнҳои мобилӣ ташкил карда шавад.

[278] Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.nbt.tj/tj/news/537284 (санаи муроҷиат: 15.01.2023).

**Адабиёт:**


1. Pratiwi A.I., Sukmawati A., Widhianningrum P. Risk Management System Design Planning at the University Towards a State University Legal Entity // 4th International Conference on Innovation in Engineering and Vocational Education (ICIEVE 2021). – Atlantis Press, 2022. – P. 303-308.
2. Алиева В.Г.. Теория организации. – М.: Луч, 1999. – 416 с.
3. Вербицкая Л., Касевич В. Институциональная автономия и проблема управления в высшем образовании / Л. Вербицкая, В. Касевич // Юрист вуза. – 2006. – № 12. – С. 16–20.
4. Гаюров Ш.К. Ненадлежащее обязательство юридического лица / Ш.К. Гаюров, Ф.А. Касымов // Правовая жизнь. – 2018. – № 3 (23). – С. 146-165.
5. Давыдов А.Ю. Раймонд Салейль: понятие «Юридического лица» (истоки теории) / А.Ю. Давыдов // Проблемы науки. – 2014. – №12 (30). – С. 98-100.
6. Зайнидинов Ф.А. Роҳҳо ва усулҳои таъсисдиҳии шахсони ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 3(19). – С. 115-123.
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 21.11.2023).
8. Курбонализода Н.Ш. Гражданско-правовое положение недееспособных и ограниченно дееспособных лиц по законодательству Республики Таджикистан / Н. Ш. Курбонализода // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 4. – С. 248-254.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adliya.tj (санаи муроҷиат 21.01.2023).
10. Могилевский С.Д. Органы управления хозяйственными обществами: Правовой аспект. – М.: Дело, 2001. – 360 с.
11. Муминзода М.Н. Кодификатсияи санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 206-212.
12. Муминов Н.И. Сущность и содержание гражданского правоотношения в сфере образовательных услуг / Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-5. – С. 100-103.
13. Муминов Н.И. Экономическая безопасность Республики Таджикистан: внутренние и внешние угрозы // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-12. – С. 136-139.
14. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №544. [захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: https://tnu.tj/wp-content/uploads/2022/07/oinnomai-donishgo-.pdf (санаи

мурочиат 21.01.2023)

15. Сангинов Д.Ш. К вопросу о понятии услуги в теории гражданского права / Д.Ш. Сангинов // Вестник Таджикского национального университета. – 2013. – Т. 1. – № 3-7. – С. 62-66.

16. Хмелевская С.А. Понятие юридического лица: опыт социально-философского осмысления / С.А. Хмелевская // Пробелы в российском законодательстве. 2012. №2. – С. 43-46.

17. Чепарина О.А. Факторы, влияющие на формирование организационной структуры бюджетного вуза как юридического лица / О.А. Чепарина // Ученые записки Казанского государственного университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2007. – Т. 149. – № 6. С. 136-144.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҚОНУНГУЗОРИИ ФАРОНСА ОИД БА МАФҲУМИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com
**Тел:** (+992) 939-04-13-63

**Роҳбари илмӣ:** Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Саидов Ҳ.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии падидаҳои ҳуқуқӣ усули муҳими таҳқиқот буда, усули мазкур равиши самараноки омӯзиши падидаҳои ҳуқуқии хориҷӣ, омӯзиши истифодаи намунаҳо (моделҳо)-и танзими ҳуқуқии ин ё он падидаву зуҳурот мебошад. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар пажӯҳиши масъалаҳои ба молу мулки ғайриманқул алоқаманд муҳим мебошад, чунки аз мафҳуми мукаммали молу мулки ғайриманқул муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул осон мегардад. Қонунгузории граждании Фаронса яке аз таҷрибаҳои пешқадам дар самти танзими ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул буда, дар он масъалаҳои алоҳидаи молу мулки ғайриманқул, ба монанди мафҳум, маҳакҳои мансубияти объект ба молу мулки ғайриманқул, реҷаи ҳуқуқии онҳо ба таври мушаххас муқаррар гардидааст. Дар мақолаи мазкур Кодекси граждании Фаронса дар қисмати мафҳуми молу мулки ғайриманқул мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, мафҳуми молу мулки ғайриманқул, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудаст, бо мафҳуми молу мулки ғайриманқули дар Кодекси граждании Ҷумуҳурии Тоҷикистон зикршуда, мавриди муқоисаи ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Аз натиҷаи муқоисаи ҳуқуқӣ маълум гардид, ки дар тафовут аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар Кодекси граждании Фаронса бо роҳи муайян кардани маҳакҳои мансубияти объект ба молу мулки ғайриманқул таҳия шудааст. Ҳамзамон Кодекси граждании Фаронса мафҳуми алоҳидаи молу мулки манқулро мустаҳкам намудааст, он дар масъалаи муайян намудани мафҳум ва объектҳои молу мулки ғайриманқул нақши ҳалкунанда дорад. Дар фарҷом, муаллиф хулосаҳои худро оид ба хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар Кодекси граждании Фаронса ва такмили қонунгузории миллӣ дар самти молу мулки ғайриманқул пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Объект, молу мулки ғайриманқул, молу мулки манқул, объекти ҳуқуқи гражданӣ, усули таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, бино, иншоот, қитъаи замин, консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул, низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул.

## СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ ФРАНЦИИ О ПОНЯТИИ НЕДВИЖИМОСТИ

**Шерзода Бурхонали Сабзали,**
ассистент кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел:** (+992) 939-04-13-63
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com

**Научный руководитель:** Сохибзода М.М., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Саидов Х.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Сравнительно-правовой анализ правовых институтов является важным методом исследования, и этот метод является эффективным подходом к изучению зарубежных правовых явлений, изучению использования примеров (моделей) правового регулирования того или иного института и явления. Сравнительно-правовой анализ понятия недвижимого имущества важен при исследовании вопросов, связанных с недвижимым имуществом, поскольку из полного понятия недвижимого имущества становится легко определить систему объектов недвижимого имущества. Французское гражданское законодательство является одной из ведущих практик в сфере правового регулирования недвижимого имущества, в котором конкретно устанавливаются такие конкретные вопросы недвижимого имущества, как определение, критерии принадлежности объекта к недвижимому имуществу, их правовой режим. В данной статье исследуются нормы Гражданского кодекса Франции в области понятия недвижимого имущества, а также сравнивается понятие недвижимого имущества, предусмотренное настоящим Кодексом, с понятием недвижимого имущества, предусмотренным Гражданский кодекс Республики Таджикистан. По результатам сравнительного анализа стало ясно, что, в отличие от Гражданского кодекса Республики Таджикистан, в Гражданской кодексе Франции понятие недвижимого имущества получило развитие путем определения критериев принадлежности объекта к недвижимому имуществу. В то же время Гражданским кодексом Франции установлено отдельное понятие движимого имущества, которое играет решающую роль при определении понятия и объектов недвижимого имущества. В завершение автор представил свои выводы об особенностях правового регулирования понятия недвижимого имущества в Гражданском

кодексе Франции и совершенствовании национального законодательства в сфере недвижимого имущества.

**Ключевые слова:** Объект, недвижимое имущество, движимое имущество, понятие недвижимого имущества, объект гражданского права, сравнительно-правовой метод, здание, строение, земельный участок, концепция разновидности объекта недвижимого имущества, система объектов недвижимого имущества.

# COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN WITH THE LEGISLATION OF FRANCE ON THE CONCEPT OF REAL ESTATE

**Sherzoda Burhonali Sabzali,**
assistant of the Department of Civil Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**E-mail:** sherzoda.b.1999@gmail.com
**Phone:** (+992) 939-04-13-63

**Research supervisor:** Sohibzoda M.M., Candidate of Legal Sciences, docent
**Reviewer:** Saidov H.M., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** Comparative legal analysis of legal institutions is an important research method, and this method is an effective approach to the study of foreign legal phenomena, the study of the use of examples (models) of legal regulation of a particular institution and phenomenon. A comparative legal analysis of the concept of real estate is important in the study of issues related to real estate, since it becomes easy to determine the system of real estate objects from the full concept of real estate. French civil law is one of the leading practices in the field of legal regulation of real estate, which specifically establishes such specific issues of real estate as definition, criteria for belonging to real estate, and their legal regime. This article examines the norms of the Civil Code of France in the field of the concept of real estate, and also compares the concept of real estate provided for by this Code with the concept of real estate provided for by the Civil Code of the Republic of Tajikistan. Based on the results of a comparative analysis, it became clear that, unlike the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the concept of real estate was developed in the Civil Code of France by defining the criteria for belonging to an object as real estate. At the same time, the French Civil Code establishes a separate concept of movable property, which plays a decisive role in determining the concept and objects of immovable property. In conclusion, the author presented his conclusions on the features of the legal regulation of the concept of real estate in the French Civil Code and the improvement of national legislation in the field of real estate.

**Keywords:** Object, real estate, movable property, the concept of real estate, an object of civil law, a comparative legal method, a building, a structure, a land

plot, the concept of a variety of a real estate object, a system of real estate objects.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди таҳқиқоти илмӣ яке аз усулҳои муҳим ва самараноки дарку пажӯҳиши падидаҳо ба ҳисоб рафта, дар омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, муайян намудани мазмуну моҳияти падидаҳои нави барои низоми ҳуқуқии миллӣ бегона, инчунин воситаи муҳими такмили қонунгузории миллӣ бо дарназардошти манфиатнокӣ ва мутобиқатии пурраи онҳо ба шароити кишвар, урфу одатҳои аҳолӣ, одату анъанаҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии муқаррароти қонунгузорӣ роҳи самараноку боэътимоди такмили қонунгузорӣ ва дарки мазмуну моҳияти танзими ҳуқуқии ин ё он падида аст.

Таҷрибаи танзими реҷаи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул дар мамлакатҳои хориҷӣ мумкин аст дар раванди такмили қонунгузории амалкунанда ба назар гирифта шавад. Ғайр аз ин, ҷанбаи дигари зарурати омӯзиши қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ аз он иборат аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта истодааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ вобаста ба молу мулки ғайриманқул муҳим арзёбӣ карда мешавад. Масалан, ба андешаи З.К. Мустафина барои таҳияи консепсияи тағйир додани қонунгузории ҷории гражданӣ, бояд ба қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ муроҷиат кард ва бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ оид ба татбиқи имконпазири меъёрҳои хориҷӣ баъзе хулосаҳо баровард. Чунин ба назар мерасад, ки таҷрибаи чунин мамлакатҳои хориҷӣ, ба монанди Фаронса ва Олмон, ки ба модели классикии Рим пайравӣ мекунанд, нисбат ба объектҳои молу мулки ғайриманқул муваффақ мебошанд[279].

Фаронса аввалин мамлакате мебошад, ки баъди ҳуқуқи румӣ тақсими ашёро ба манқул ва ғайриманқул расман эътироф намуд. Кодекси граждании Фаронса аз 21 марти соли 1804[280] яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи граждании Фаронса эътироф гашта, дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва таърихии бағоят калон мебошад. Он сарчашмаи ҳуқуқӣ ва таърихӣ пазируфта шудааст, ки таҷассумгари инкишофи падидаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ мебошад[281]. Кодекси граждании Фаронса санади қонунгузории романишуда дар қонунгузории муосири хориҷӣ мебошад, ки натиҷаи рушди чандинасраи ҳуқуқшиносии фаронсавӣ, мероси ҳуқуқи румӣ ва модернизатсияи қоидаҳои ҳуқуқи румӣ аст[282].

[279] Мустафина З.К. Недвижимость в российском и зарубежном гражданском законодательстве. Марийский юридический вестник. Выпуск 10. – С. 245.

[280] Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1–4: В. Захватаев / Отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006. – С. 227.

[281] Сулаймонов, Ф.С. Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ (маҷмааи таълимию методӣ). – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 25.

[282] Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости: дисс. канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 45.

Муносибатҳои молумулкӣ дар китоби дуюми ҳамин Кодекс – “Оид ба молу мулк ва намудҳои гуногуни моликият” танзим гардида, титули якуми ин китоб ба масъали намудҳои гуногуни молу мулк равона шудааст. Фасли якуми китоби дуюми Кодекси граждании Фаронса “Оид ба молу мулки ғайриманқул” ном дорад, ки дар боби мазкур низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул, маҳакҳои эътирофи молу мулк ба сифати ғайриманқул ва дигар масъалаҳо вобаста ба ин навъи молу мулк танзим шудааст.

Дар моддаи 516 Кодекси граждании Фаронса муқаррар гардидааст, ки “ҳамаи молу мулк манқул ва ғайриманқул мебошанд”. Моддаи мазкур кулли молу мулкро ба ду гуруҳ ҷудо менамояд, ки ин таснифоти ягонаи молу мулк дар ҳуқуқи граждании фаронсавӣ аст. Дар сатҳи Кодекси граждании Фаронса ягон намуди дигари таснифи ашё ба назар намерасад. Ин аз аҳамияти махсуси ҳуқуқӣ доштани таснифоти ашё ба манқул ва ғайриманқул шаҳодат медиҳад.

Дар таносуб ба Кодекси граждании Фаронса таснифоти гуногуни ашёро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Аз ҷумла, тибқи Кодекси мазкур ашё ба манқул ва ғайриманқул (м. 142), тақсимшаванда ва тақсимнашаванда (м. 145 ва 146), содда ва мураккаб (м. 147), асосӣ ва мансуб (м. 148), бо нишонаи хосса ва бо нишони навъ муайяншаванда (м. 151) тасниф карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузорӣ баъзе намудҳои дигари таснифи ашё, ба монанди ашёи тақсимшаванда ва тақсимнашаванда, истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ, асосӣ ва мансуб ҷой дорад, ки ин таснифот низ дар ҳуқуқи гражданӣ аҳамияти ҳуқуқӣ доранд, аммо то сатҳе, ки тақсими ашё ба манқул ва ғайриманқул доро ҳастанд, дигар таснифот то ин дарҷа махсусияту аҳамият надоранд.

Дар Кодекси граждании Фаронса бевосита маҳакҳои асосии мансубияти молу мулк ба ғайриманқул пешбинӣ гардидааст. Дар м. 517 ҳамин Кодекс муқаррар шудааст, ки “молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯи предмете, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд”. Дар меъёри мазкури Кодекс се маҳаки асосӣ барои эътирофи молу мулк ба сифати ғайриманқул муайян шудааст, ки инҳо мебшанд:

1) молу мулке, ки тибқи табиати худ ғайриманқул мебошанд. Дар ин ҳолат мулу мулке дар назар дошта мешавад, ки табиатан худи онҳо ғайриманқул мебошанд ва ин объектҳо асосӣ ба шумор меравапд, чунки минбаъд дигар молу мулке, ки ба онҳо вобастагӣ ва алоқамандии зич дорад, ғайриманқул эътироф карда мешавад. Тибқи санади мазкур ба ин гуруҳи молу мулки ғайриманқул қитъаи замин, иншоот, осиёбҳои бодӣ ва обӣ, маҳсулот ва меваҷот дохил мешаванд. Тибқи м. 518 Кодекси граждании Фаронса “қитъаи замин ва иншоот вобаста ба табиати худ ғайриманқул мебошанд”. Ду объектро, яъне қитъаи замин ва иншоотро Кодекси мазкур вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ғайриманқул эътироф намудааст. Дар ин маврид бояд таҳти мафҳуми “иншоот” бино низ дар

назар дошта шавад, чунки бино навъи алоҳидаи иншоот ба ҳисоб меравад. Дар асоси м. 519 Кодекси граждании Фаронса "осиёбҳои бодӣ ва обӣ, ки дар сутунҳо мустаҳкам шудаанд ва як қисми иншоотро ташкил медиҳанд, аз рӯи табиати худ ғайриманқул мебошанд". Дар баробари ин, м. 520 ин санад муқаррар намудааст, ки "маҳсулот дар решааш ва меваҳои ҳанӯз аз дарахтон гирифтанашуда низ молу мулки ғайриманқул мебошанд".

Дар Фаронса қитъаи замин ва бино маҷмӯи оддии молу мулк эътироф пазируфта шуда, ашёи мураккаб мебошанд. Ҳуқуқи моликият ба чунин ашёи мураккаб (иншоот ва қитъаи замин) бо тартиби муқарраршуда барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин ба даст оварда мешавад[283].

Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории мамлакатҳои ИДМ вобаста ба табиати худ қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминӣ молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудааст. Бино ва иншоот бошад, вобаста ба таъинот, яъне бо дарназардошти алоқамандии зич доштан ба замин ва имконнопазирии иваз кардани маҳалли ҷойгиршавии он бидуни расонидани зарари воқеӣ ба таъинот ғайриманқул муқаррар карда шудаанд. Аз ҳамин лиҳоз, эътирофи иншоот ба сифати ғайриманқул вобаста ба табиати худ баҳснок мебошад, чунки на вобаста ба табиати худ, балки вобаста ба таъиноти худ ғайриманқул мебошад. Танҳо молу мулке вобаста ба табиати худ ғайриманқул буда метавонад, ки агар он бидуни натиҷаи фаъолияти инсон, бидуни алоқамандӣ доштан ба замин ғайриманқул ҳисобида шаванд. Яъне онҳо набояд сунъӣ бошанд, балки аз лаҳзаи пайдоиши табиии худ бояд онҳо хусусияти ғайриманқулро дошта бошанд.

2) молу мулки ғайриманқул вобаста ба таъиноти худ. Дар ҳуқуқи граждании Фаронса қубурҳое, ки тавассути онҳо об ба манзил ё молу мулки дигар бурда шудааст, молу мулки ғайриманқул ба шумор мераванд ва як қисми замине мебошанд, ки дар он ҷойгиранд. Ашёе, ки соҳиби замин барои нигоҳдорӣ ва истифодаи он дар қитъаи худ ҷойгир кардааст, молу мулки ғайриманқул аз рӯи таъиноти худ мебошанд.

Ҳамин тавр, молу мулки зерин тибқи таъиноти худ ғайриманқул мебошанд, агар соҳибмулк дар қитъаи худ онҳоро барои истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ ҷойгир намояд: ҳайвоноте, ки барои коркарди замин хизмат менамоянд; асбобу анҷоми кишоварзӣ, тухмиҳое, ки ба деҳқонон ё дигар шахсон барои иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда дода шудааст. Ҳамчунин молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи предметҳое, ки ба молу мулки ғайриманқул ҳамроҳ буда, бе таъсиррасонӣ ё бад шудани ҳолати охирон ғайриимкон аст, шуморида мешаванд[284].

---

[283] Мустафина З.К. Недвижимость в российском и зарубежном гражданском законодательстве. Марийский юридический вестник. Выпуск 10. – С. 245.
[284] Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости: дисс. канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 46.

Дар баробари ин, молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи ашёи манқуле мебошанд, ки аз ҷониби соҳиби он ба таври доимӣ ба замин вобаста карда шудаанд.

Хусусияти хоси танзими ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи граждании Фаронса дар он ифода мегардад, ки дараҷаи мустаҳкамии молу мулки ғайриманқул ба замин, инчунин тавассути кадом воситаҳо васл кардани он ба замин бевосита дар қонунгузорӣ танзим гардидааст. Мутобиқи м. 525 Кодекси граждании Фаронса соҳибмулк ашёи манқулро ба қитъаи замини худ ба таври доимӣ вобаста кардашуда ҳисоб менамояд, агар ин предметҳо бо гаҷ, оҳак ё семент васл карда шуда бошанд ва ҷудо намудани ин ашё бидуни зарар ё вайрон шудани ашё ё бидуни шикастан ё хароб шудани он имконнопазир бошад. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки барои он ки молу мулки манқули ба замин васл кардашуда, дар сурати мавҷудияти талаботи зайл ғайриманқул эътироф карда мешаванд:

а) агар соҳибмулк ин молу мулкро ба таври доимӣ ба қитъаи замини худ вобаста намояд;

б) агар молу мулки манқул ба замин бо гаҷ, оҳак ё семент мустаҳкам шуда бошад;

в) ҷудо намудани ин ашё аз қитъаи замин бе расонидани зарар ё вайрон шудани таъиноти ашё (шикастан, хароб шудан, паст шудани сифати он, мавҷуд набудани имконияти тибқи таъиноти пештара истифода намудани он) ғайриимкон гардад.

Дар қонунгузории ҶТ шаклҳои ба замин алоқаманд намудани молу мулк ба манзил (ки асоси ғайриманқул эътироф шудани он мегардад) муайян нагардидааст. Танҳо дар баъзе санадҳои қонунгузорӣ доир ба муҳлати беҳаракат гузоштани объектҳои ба замин вобасташуда ва таъиноти истифодабарии онҳо муқаррарот дарҷ шудааст. Масалан, тибқи қ. 2 м. 345 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, № 1844[285] бо мақсади андозбандӣ ба объектҳои андозбандии андоз аз объектҳои ғайриманқул, инчунин контейнерҳо, систернаҳо, дӯконҳо, шипангҳо, вагонҳо дохил мешаванд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шуда, дар давоми на камтар аз 3 моҳ дар ҳар соли тақвимӣ дар маҳалли амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе ҳаракат ҷойгир карда шудаанд.

3) «ҳуқуқи ғайриманқул ва даъво». Ба ин гурӯҳ муносибатҳое дохил мешаванд, ки предмети онҳо молу мулки ғайриманқул мебошад. Дар моддаи 526 Кодекси граждании Фаронса пешбинӣ шудааст, ки «молу мулк вобаста ба мавзуе, ки ба он иртибот доранд, ғайриманқул мебошанд: узуфрукт ба молу мулки ғайриманқул, сервитутҳо ё уҳдадориҳои заминистиодабаранда, даъвое, ки предмети онҳо баргардонидани молу мулки ғайриманқул мебошанд».

Дар қонунгузории граждании ҶТ низ таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул мустаҳкам карда шудааст. Дар асоси м. 142 Кодекси

[285] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.08.2022).

граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999[286] «ба ашёи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ниҳолҳои бисё рсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст». Ҳамзамон ба молу мулки ғайриманқул киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Кодекси граждании ҶТ дар фарқият аз Кодекси граждании Фаронса на маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул, балки низоми объектҳои молу мулки ғайриманқулро муқаррар намудааст, ки ин чандон равиши устувори муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул намебошад. Дар қонунгузорӣ низоми тахминии объектҳои молу мулки ғайриманқулро муайян намудан на он қадар дуруст аст, чунки он мавҷудияти дигар молу мулкро ба сифати ғайриманқул мумкин аст истисно намояд ва хусусияти статикӣ дорад. Дар адабиёти илмӣ вобаста ба ин масъала баъзе муҳаққиқон низ андешаҳои монандро пешниҳод намудаанд. Масалан ба ақидаи З.К. Мустафина «ҳангоми муайян кардани молу мулки ғайриманқул аз номгӯи намудҳои тахминии молу мулки ғайриманқул даст кашидан лозим аст. Вусъат додани хусусиятҳое, ки суд дар парвандаи мушаххас метавонад ашёро ғайриманқул эътироф кунад ва баҳси байни тарафҳоро ҳал намояд, самарабахш мебошад»[287].

Аз ҳамин лиҳоз, мақсаднок аст, ки дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул муқаррар карда шавад, чунки ин маҳакҳо имконият медиҳанд, ки дилхоҳ молу мулке ба талаботи онҳо ҷавобгӯ аст, инчунин ин ё он объекте, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, бидуни ягон мушкилот яъне манқул ё ғайриманқул будани онҳо муайян карда шавад.

Дар таносуб аз Кодекси граждании ҶТ дар Кодекси граждании Фаронса (моддаи 531) пешбинӣ шудааст, ки киштиҳо, киштиҳои баҳрӣ, осёбҳои обӣ ва умуман тамоми навъи таҷҳизоте, ки ба сутунҳо васл нашуда, қисми биноро ташкил намедиҳанд, манқул мебошанд. Тибқи қисми дуюми моддаи 142 Кодекси граждании ҶТ киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон молу мулки ғайриманқул эътироф гардидаанд. Ин муқарраroти Кодекси граждании ҶТ фиксияи ҳуқуқӣ аст, яъне объектҳои мазкур табиатан манқул буда, дар

[286] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.
[287] Мустафина З.К. Недвижимость в российском и зарубежном гражданском законодательстве. Марийский юридический вестник. Выпуск 10. – С. 245.

қонунгузорӣ онҳо ҳамчун ғайриманқул қабул шудаанд.

Дар Кодекси граждании ҶТ молу мулке, тибқи табиати худ ғайриманқул эътироф мегарданд, муайян нашудааст, аз ҷумла қитъаи замин ва сарвати зеризаминӣ ба сифати объекти молу мулки ғайриманқул бевосита муқаррар нагардидааст. Аммо, қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008 № 375[288] муқаррар шудааст.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон «моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ду навъи ашёи ғайриманқулро муайян намудааст: ашёи табиатан ғайриманқул ва ашёе, ки мутобиқи таъинот ба ғайриманқул мансуб дониста шудаанд. Ба категорияи якум объектҳое дохил мешаванд, ки аз захираҳои табиӣ иборатанд. Дар ин ҳолат фаҳмо нест, ки чаро ба категорияи дуюм ҷангалзоре дохил карда шудааст, ки ба захираҳои табиӣ марбут будани онҳо бояд тааҷҷубовар набошад. Мебоист ҳамаи захираҳои табиӣ дар як гурӯҳ ҷойгир карда шуда, дар мавқеи якум қитъаи замин қарор гирад. Ба гурӯҳи дигари ашёе, ки табиатан ғайриманқул мебошанд, омили объектҳои ба таври мустаҳкам ба замин алоқаманд, ки ҷойивазкунии онҳо бидуни зарари воқеӣ ба моҳияти онҳо имконнопазир аст, нисбат ба обектҳои алоҳида (аз ҷумла бино, иншоот) умуман қобили қабул нест ё дар ҳолатҳои дахлдор метавонанд танҳо нисбат ба навъҳои алоҳидаи биною иншоот, ки дорои хусусияти бартаридоштаи нодир мебошанд, қобили истифода бошад»[289].

Тафовути дигари муқаррароти Кодекси граждании ҶТ аз Кодекси граждании Фаронса дар он зоҳир мегардад, ки иншоот на вобаста ба табиати худ, балки аз ҷиҳати таъинот ғайриманқул пазируфта шудааст.

Дар қонунгузории граждании масъалаи ба таври дахлдор муайян кардани мафҳуми молу мулки ғайриманқул чандон самаранок ба роҳ монда нашудааст, чунки мафҳуми дар қонун пешбинишуда (м. 142 Кодекси граждании ҶТ) тамоми хусусиятҳои молу мулки ғайриманқулро муайян накарда, балки танҳо номгӯи объектҳои ғайриманқулро муқаррар намудааст. Дар қонунгузории дигар мамлакатҳои хориҷӣ бошад, дар мафҳуми молу мулки ғайриманқул на номгӯи бевоситаи ин объектҳо, балки маҳакҳои алоҳида доир ба мансубияти молу мулки ба ҳайси объекти ғайриманқул пешбинӣ шудааст. Масалан, дар м. 517 Кодекси граждании Фаронса муқаррар шудааст, ки «молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯи предмете, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд». Аз ҳамин лиҳоз, мақсаднок аст, ки дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул муқаррар карда шавад.

Дар тафовут аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои дигар аъзои ИДМ дар Кодекси граждании Фаронса мафҳуми молу мулки манқул пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти м. 527 Кодекси граждании Фаронса

---

[288] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 3, мод. 194, ҚҶТ 22.07.2013 с. № 997.

[289] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С.385.

«молу мулки тибқи табиати худ ё муайяннамудаи қонун манқул мебошанд». Бо назардошти табиати худ, ашёҳое манқуланд, ки метавонанд маҳалли ҷойгиршавӣ, алахусус ҳангоми ҳаракат кардани худ, ба монанди ҳайвонот, ё вақте ки онҳо ҷои худро ба ғайр аз таъсири қувваи беруна иваз карда натавонанд, масалан, ашёи беҷон.

Дар асоси м. 529 Кодекси граждании Фаронса уҳдадориҳо ва даъвоҳо тибқи тартиби муайяннамудаи қонун, ки ба сифати предмети худ пардохти маблағҳо ё (ҳуқуқ ба) ашёи манқул, ҳисса ё саҳм дар ширкатҳои молиявӣ, тиҷоратӣ ё саноатӣ, ҳатто агар ширкатҳо молу мулки ғайриманқул дошта бошанд, ки бо ин корхонаҳо алоқаманд мебошанд, манқул эътироф карда мешаванд. Ин ҳисса ва саҳмияҳо нисбат ба ҳар як иштирокчӣ танҳо то он лаҳзае, ки ширкат фаъолият дорад, эътироф карда мешавад.

Мафҳуми молу мулки манқул дар қонунгузории миллӣ мавҷуд нест. Ин мафҳум ҳамчун истисно ё «боқимонда»-и объектҳои молу мулки манқул муқаррар карда шудааст. Мувофиқи қ. 3 м. 142 Кодекси граждании ҶТ «ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқул дониста мешавад». Ин муқаррарот мафҳуми молу мулки ғайриманқул нест, танҳо қоидаеро муайян менамояд, ки тибқи он «дилхоҳ молу мулке, ки ғайриманқул нест, пас он манқул аст».

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда хулосаҳои мазкурро метавон пешниҳод намуд:

– дар Кодекси граждании Фаронса таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул таснифи ягонаи ашё дар ҳуқуқи граждании ин мамлакат аст. Ин аз аҳаммияти махсуси ҳуқуқи граждани доштани таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул ва вазъи ҳуқуқии хоссаи молу мулки ғайриманқул шаҳодат медиҳад;

– Кодекси граждании Фаронса санади кодификатсионие мебошад, ки аввалин маротиба дар сатҳи қонунгузорӣ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро рӯи кор овард ва ин таҷриба дар қонунгузории дигар мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИДМ мавриди истифода қарор дода шуда истодааст;

– мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи фаронсавӣ тавассути муайян кардани маҳакҳои мансубияти молу мулк ба ғайриманқул муайян мешавад, ки инҳо маҳаки табиӣ, таъинот ва предмете, ки молу мулк аз он иборат аст, ба шумор мераванд. Дар қонунгузории миллӣ низ истифодаи чунин таҷрибаи муайян намудани мафҳуми молу мулки ғайриманқул қобили қабул аст;

– хусусияти хоси дигари молу мулки ғайриманқул дар Фаронса дар он ифода мегардад, ки дараҷаи мустаҳкамии объекти ба замин васлшуда, ки минбаъд он объекти молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешавад, бевосита дар Кодекси граждании Фаронса танзим шудааст. Дар Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, ки агар соҳибмулк молу мулки манқули худро ба таври доимӣ бо гаҷ, оҳак ё семент васл менамояд ва ҷудо намудани ин объектҳо аз қитъаи замин ғайриимкон аст, дар ин ҳолат ин объект молу мулки ғайриманқул пазируфта мешавад. Чунин тарзи танзими молу мулки ғайриманқул дар қонунгузории миллӣ ҷой надорад, танҳо муайян гардидааст, ки объектҳои ба замин

алоқамандбудае, ки ҷойивазкунии онҳо бидуни расонидани зарар ба таъиноти онҳо ғайриимкон аст, ғайриманқул мебошанд.

– бино ва иншоот дар Кодекси граждании Фаронса тибқи табиати худ ғайриманқул пазируфта шудаанд. Дар қонунгузории ҶТ ва қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИДМ бошад, бино ва иншоот тибқи таъиноти худ ғайриманқул мебошанд. Дарвоқеъ, бино ва иншоот на тибқи табиати худ, балки вобаста ба таъинот, яъне алоқаманд будан ба қитъаи замин объекти молу мулки ғайриманқуланд;

– мафҳуми молу мулки манқул дар Кодекси граждании Фаронса муайян шудааст, тибқи он молу мулк тибқи табиати худ ё бо тартиби муайяннамудаи қонун манқул мебошанд. Тибқи Кодекси граждании ҶТ «ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқула дониста мешавад».

**Адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.08.2022).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои вобаста ба он». // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 3, мод. 194, ҚҶТ 22.07.2013с. № 997.
4. Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1–4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006.
5. Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости: дисс. канд. юрид. наук. – Москва-2007. – 194 с.
6. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2010. – 1000 с.
7. Мустафина З.К. Недвижимость в российском и зарубежном гражданском законодательстве // Марийский юридический вестник. Выпуск 10. – 245 с.
8. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ (маҷмааи таълимию методӣ). – Душанбе: «Эр-граф». 2014. – 200 с.

# БАЪЗЕ МАСАЛАҲОИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ СОЗИШНОМАХОИ ҲАКАМӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**Шукуров Фарҳодҷон Манонович,** муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждани ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 927777496
**E-mail:** shukurov.farhod@list.ru

**Фишурда**: Дар мақолаи пешниҳодшуда масъалаи реҷаи гражданӣ-ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ дида баромада шудааст. Масъалаи дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ аз ҷониби тарафҳо пайдогардидани ҳуқуқ ва уҳдадории мутақобила ҷиҳати ҳалли баҳси ҳуқуқӣ-моддӣ дар суди ҳакамӣ таҳлил гардидааст. Муқаррар шудааст, ки таъиноти созишномаи ҳакамӣ на танҳо барои муқаррар намудани тобеияти судии алтернативии баҳс, балки бештар барои мувофиқа кунонидани иродаи тараф ҷиҳати истифода намудани усули ҳуқуқӣ-хусусии ба танзим даровардани мунокишаи бавуҷуд омада равона мегардад.

Созишномаи ҳакамӣ  асоси таъсис ва фаъолияти суди ҳакамӣ буда, чун усули алтернативии ҳалли баҳс дониста мешавад ва ин хосияти мурофиавии созишномаи ҳакамӣ арзёбӣ мегардад. Инчунин созишномаи ҳакамӣ шартномаи ҳуқуқи гражданӣ байни тарафҳо арзёбӣ гардида, бо ин роҳ манфиатҳои тарафҳо ҷиҳати ҳалли мунокишаи ҳуқуқӣ ба амал бароварда шуда, хусусияти моддӣ-ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ дониста мешавад. Аз нуқтаи назари амалӣ ҳангоми тартиб додани созишномаи ҳакамӣ ду намуди онро аз рӯи мундариҷа, субъектон ва тартиби иҷроиш тафриқанокро бояд дар назар дошт: созишномаи ҳакамӣ оид ба пешниҳоди баҳс барои баррасии суди ҳакамии доимоамалкунанда ва созишномаи ҳакамии барои пешниҳоди баҳс барои суди ҳакамии ad hoc.

**Калидвожаҳо**: Суди ҳакамӣ, мунокишаи ҳуқуқӣ, баҳс, тарафҳои баҳс, муносибатҳои молу мулкӣ, созишномаи ҳакамӣ, шартномаи гражданӣ, ҳакамият, уҳдадорӣ, қонунгузории гражданӣ, субъекти муносибат, мундариҷаи муносибат.

# НЕКОТОРЫЕ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ТРЕТЕЙСКОГО СОГЛАШЕНИЯ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

**Шукуров Фарходжон Манонович,** старший преподаватель кафедры гражданского и трудового права юридического факультета ТГУ ПБП
**Тел.:** (+992) 927777496
**E-mail:** shukurov.farhod@list.ru

**Аннотация:** В представленной статье рассматривается вопрос о гражданско-правовом режиме третейского соглашения. Был проанализирован вопрос о правах и взаимных обязанностях сторон по разрешению материально-правового спора в третейском суде. Установлено, что назначение третейского соглашения направлено не только на установление альтернативной подведомственности спора, но и на согласование воли сторон на использование частно-правового способа урегулирования возникшего конфликта.

Третейское соглашение является основой создания и деятельности третейского суда, рассматривается как альтернативный способ разрешения споров, тем самым выступает процессуальным признаком третейского соглашения. Также третейское соглашение рассматривается как гражданско-правовой договор между сторонами, обуславливается реализацией интересов сторон в части разрешения правового конфликта что в итоге выступает материально-правовым свойством третейского соглашения. С практической точки зрения при составлении третейского соглашения следует учитывать два вида третейского соглашения, различающихся по содержанию, предмету и порядку исполнения: третейское соглашение о передаче спора на рассмотрение постоянно действующему третейскому суду и третейское соглашение о передаче спора на рассмотрение третейского суда созданного по принципу ad hoc.

**Ключевые слова:** Третейский суд, правовой конфликт, спор, стороны спора, имущественные отношения, третейское соглашение, гражданско-правовой договор, арбитраж, обязательства, гражданское законодательство, субъект отношений, содержание отношений.

## SOME CIVIL LEGAL ISSUES OF THE ARBITRATION AGREEMENT: THEORY AND PRACTICE

**Shukurov Farhodjon Manonovich**
senior teacher of Civil and Labour Department of the law faculty of TSULBP
**Phone:** (+992) 927777496
**E-mail:** shukurov.farhod@list.ru

**Annotation:** This article discusses the issue of the civil law regime of an arbitration agreement. Within the framework of this article, the issue of the rights and mutual obligations of the parties to resolve a substantive dispute in an arbitration court was analyzed. It has been established that the appointment of an arbitration agreement is aimed not only at establishing an alternative jurisdiction of the dispute, but also at agreeing the will of the parties to use the private law method of resolving the conflict that has arisen. The arbitration agreement is the basis for the creation and operation of the arbitration court, is considered as an alternative way to resolve disputes, thereby acting as a procedural sign of the arbitration agreement. Also, the arbitration agreement is

considered as a civil law agreement between the parties, it is conditioned by the realization of the interests of the parties in terms of resolving the legal conflict, which ultimately acts as a substantive property of the arbitration agreement. From a practical point of view, when drawing up an arbitration agreement, two types of arbitration agreement should be taken into account, differing in content, subject and procedure for execution: an arbitration agreement to refer a dispute to a permanent arbitration court and an arbitration agreement to refer a dispute to an arbitration court established on the ad hoc principle.

**Keywords:** Arbitration court, legal conflict, dispute, parties to the dispute, property relations, arbitration agreement, civil law contract, arbitration, obligations, civil legislation, subject of relations, content of relations.

Бо баробари муайян сохтани аҳамияти баррасии ҳакамии баҳсҳо бояд ба масъалаи созишномаи ҳакамӣ чун асоси ҳуқуқӣ ва шарти муҳими муайянкунандаи ҳуқуқи суди ҳакамӣ ҷиҳати ҳал намудани баҳси ҳуқуқӣ-моддӣ байни шахсони мушаххас таваҷҷӯҳ карда шавад.

Созишномаи ҳакамӣ аз як тараф асоси таъсис ва фаъолияти суди ҳакамӣ баромад карда, ҳамчун усули алтернативии ҳалли баҳс дониста мешавад ва ин хосияти мурофиавии созишномаи ҳакамӣ мебошад, аз тарафи дигар, созишномаи ҳакамӣ шартномаи ҳуқуқи граждании байни тарафҳо, ки дар доираи он манфиати мутақобилаи онҳо ҷиҳаати ҳалли мунокишаи ҳуқуқӣ  бархӯрда баҳо дода шуда, хосияти моддӣ-ҳуқуқии санади номбурда мебошад[290].

Дар аксар маврид моҳияти созишномаи ҳакамӣ маҳз бо мавҷудияти таълимотҳои гуногун муайян мегардад. Таълимот аввал доир ба моҳияти созишномаи ҳакамӣ чун таълимоти шартномавӣ маълум буда, дар доираи он ҳалли баҳсҳо дар доираи суди ҳакамӣ чун ба иҷро расонидани шартномаи алоҳида арзёбӣ мегардад ва дар навбати худ ба шахсони сеюм расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли мунокишаи ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Таълимоти дуюм оид ба моҳияти созишномаи ҳакамӣ – таълимоти мурофиавӣ дониста шуда, истеҳсолоти судӣ-ҳакамиро бо мурофиаи гражданӣ вобаста ба хусусияти фаъолияти ҳакамҳои суди ҳакамӣ, мақсадҳои асосӣ, истилоҳҳои умумии истифодашаванда ва хосияти робитаи байниҳамдигарии тарафҳо дар мурофиа, ба ҳам монанд меҳисобад. Таълимоти сеюм – омехта, ки тартиби ҳалли баҳсро дар суди ҳакамӣ ба ду давра ҷудо менамояд: моддӣ-ҳуқуқӣ – бастани созишномаи ҳакамӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, яъне бевосита ҳаллӣ баҳс дар суди ҳакамӣ. Дар ду таълимот (назария)-и дар боло ишора гардида созишномаи ҳакамӣ ба сифати шартнома баҳо дода мешавад, ки бо ёрии он ба мувофиқа овардани иродаи тарафҳо барои ҳаллӣ баҳс дар суди ҳакамӣ пиндошта мешавад.

Истифодаи истилоҳи сивилистии “созишнома” инчунин дар маънои шартнома охиронро баҳо медиҳад. Ба ин нигоҳ накарда дар илми муосир нигоҳи ягона доир ба баҳодиҳии созишномаи ҳакамӣ на ба сифати шартнома ва на ба сифати санади мурофиавӣ ташаккул наёфтааст.

[290] Ниг.: Судҳои ҳакамӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ. Ализода З. – Душанбе: Арбитраж, 2011. – С. 31.

Тибқи нишондоди моддаи 2 Қонун ҶТ “Дар бораи судҳои ҳакамӣ” зери созишномаи ҳакамӣ созишномаи тарафҳо дар бораи супоридани баҳс ба баррасии суди ҳакамӣ, фаҳмида мешавад. Барои муайян намудани имконияти дида баромадани созишномаи ҳакамӣ ба сифати шартнома бояд таносуби онро бо истилоҳи “шартнома” мушоҳида намуд. Дар таълимоти ҳуқуқии муосир истилоҳи умумиҳуқуқии шартнома бе вобастакунии он ба ин ё он соҳаи ҳуқуқ дида намешавад. Бе чунучаро коркарди бештари институти мазкур дар ҳуқуқи гражданӣ ташаккул ёфта, дар моддаи 452 ГК Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ фаҳмида мешавад[291]. Барои муайян намудани созишномаи ҳакамӣ ба сифати шартнома, он дар сатҳи муайян ба ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳои онро ба имзо расонида бояд таъсир расонад. Дар ин маънӣ оид ба оқибатҳои бастани созишномаи ҳакамӣ ба миён оваранда бояд сухан гуфт. Ҳамин тавр А.Г. Кателников ҷабҳаҳои мусбӣ ва манфии оқибати бастани созишномаи ҳакамиро ҷудо менамояд: ба сифати оқибатҳои мусбӣ – тарафҳо дорои уҳдадории ҷиҳати ҳалли баҳс муроҷиат намудан ба суди ҳакамиро баён намудааст; ба сифати ҷабҳаи манфӣ – тарафҳо уҳдадории худдорӣ аз амалҳои вобаста ба муроҷиат барои ҳалли баҳс ба суди босалоҳияти давлатиро пайдо мекунанд[292].

Моҳиятан дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ ҷонибҳо ҳуқуқ ва уҳдадории мутақбиларо ҷиҳати ҳалли баҳси ҳуқуқӣ-моддиро дар суди ҳакамӣ пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар таъиноти созишномаи ҳакамӣ на танҳо барои муқаррар намудани тобеияти судии алтернативии баҳс, балки бештар барои мувофиқа кунонидани иродаи тараф ҷиҳати истифода намудани усули ҳуқуқӣ-хусусии ба танзимдаровардани мунокишаи бавуҷуд омада мебошад. Дар робита бо ин қайд кардан мумкин аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадории аз созишномаи ҳакамӣ бароянда бештар ба соҳаи ҳуқуқи моддӣ, нисбат ба соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ мутаалиқ мебошад.

Омили иловагии нишондиҳандаи моҳияти моддӣ-ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ озодӣ дар бастани он, яъне истифодаи яке аз асосҳои бунёдии ҳуқуқи гражданӣ – принсипи озодии шартнома, ба ҳисоб меравад. Новобаста ба ин оқибатҳои бо бастани созишномаи ҳакамӣ ба вуҷудоянда имконият медиҳад онро на танҳо ҳамчун шартнома, балки инчунин чун факти ҳуқуқии аҳамияти мурофиавӣ дошта баҳо диҳанд. Чунин моҳияти дуалистии созишномаи ҳакамӣ аз тарафи бисёри олимони соҳа қайд гардидааст.

---

[291] Ниг.: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334; аз 02.01.2019 с., № 1557.

[292] Ниг.: Катeльниоков А.Г. Негативные последствия заключения арбитражного соглашения // Арбитражный и гражданский процесс. 2000. №8. – С.39.

З. Ализода пешниҳод намудааст, ки созишномаи ҳакамӣ чун аҳди ҳуқуқии хосияти мурофиавӣ дошта баррасӣ карда шавад[293]. В.В. Ярков чанд маротиба ба хусусияти моддӣ-мурофиавии созишномаи ҳакамӣ ишора намуда буд[294].

Дигар нуқтаи назар "таълимоти шартномаи мурофиавӣ-оммавӣ" мебошад, ки дар доираи он созишномаи ҳакамӣ чун санади танзимкунандаи масъалаҳои ба истисно мурофиавӣ муайян карда мешавад. Таълимоти мазкур дар рисолаҳои В.А. Мусин, А.П. Вершнин ва дигарон асоснок карда шудааст.

Моҳияти таълимоти мазкур дар он аст, ки тарафҳо бо бастани созишномаи ҳакамӣ баҳси худро аз доираи салоҳияти суди давлатӣ истисно намуда, худро пеш аз ҳама дар ҳуқуқҳои мурофиавӣ маҳдуд месозанд ва аз ин рӯ мавзуи чунин созишномаҳо хусусияти мурофиавиро доро мебошанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки дар амалияи судӣ мавқеи ягона нисбати ин масъала коркард нашудааст. Ба сифати мисол чанд қарорҳои судҳои ҳакамиро овардан мумкин аст, ки судҳо ба тариқи тафриқанок моҳияти созишномаи ҳакамиро арзёбӣ менамоянд. Хусусан баҳс байни муассиса дар шахсяти идоракунандаи озмунии он (фурӯшанда) ва соҳибкор А. (харидор), ки санаи 06.01.2020 шартномаи хариду фурӯши бинои ғайриистиқоматӣ бо масоҳати 378 метри мураббаъ ба фурӯшанда бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ тааллуқ доштро бастааст. Бинои ғайристиқоматӣ ба харидор тибқи санад аз 06.01.2020 супорида шуда буд. Байни муассиса дар шахси идоракунандаи озмунӣ ва соҳибкор А. созишномаи ҳакамӣ аз 26.12.2020 оид ба пешниҳоди ҳамаи баҳсҳои аз рӯи шартномаи хариду фурӯш аз 06.01.2020 ба вуҷудоянда ҷиҳати баррасӣ ба судӣ ҳакамии суди ҳакамӣ баста шуда буд.

Соҳибкор А. ба суди ҳакамӣ бо даъво нисбати муассиса оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба объекти амволи ғайриманқул – қисми бино, дар масоҳати умумии 320,1 метри мураббаъ пешниҳод намуд. Дар ҳолати номбурда муассиса ва соҳибкор А. ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ аз 26.12.2020 бо ҳуқуқи худ ҷиҳати муроҷиат ба суд ихтиёрдорӣ намуданд, яъне созишномаи мазкур хусусияти мурофиавиро доро мебошад.

Созишномаи номбурда масъалаи муайян намудани тобеияти судии баҳсро ҳал намудааст. Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, ки дар чунин маврид суди ҳакамӣ моҳияти ҳуқуқии созишномаи ҳакамиро ҳамчун санади хосияти мурофиавӣ дошта муайян намудааст.

Дар баробари ин, тавре ки дар боло ишора шуд, созишномаи ҳакамӣ бештар хосияти маҳс аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқиро доро буда, бо ин асоснок карда мешавад:

---

293 Ниг.: Болтуев С.Ш. О соотношении роли международного коммерческого арбитража и третейского суда в защите прав предпринимателей / Актуальные проблемы экономики и права в условиях глобализации: Материалы Республиканской научно-практической конференции, посвященной 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан, 29 мая 2021 год / Отв. редактор к.ю.н., доцент Бобоев Д.К. – Душанбе: "Шохин-С", 2021. -504с. – С. 230 – 238.

294 Ярков В.В. Юридические факты в механизме реализации норм гражданского процессуального права. Дис… докт. юрид. наук: специальность 12.00.15 - гражданский процесс; арбитражный процесс / В.В. Ярков; Свердл. юрид. ин-т. – Екатеринбург, 1992. – 523 с.

- дар шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқии мавҷудаи бо қонунгузории амалкунанда муайян карда шаванда, аҳамияти созишномаи ҳакамӣ имтиёзи истисноии тарафҳои он ки иродаи худро барасос мегиранд, баромад менамояд;

- барои созишномаи ҳакамӣ қувваи ҳуқуқии дахлдорро пайдо намудан бояд созиш оид ба моҳияти шартҳои байни тарафҳоро дар бар гирад, ба монанди: моҳияти истифодаи усули алтернативии ҳал намудани мунокишаи ҳуқуқӣ, бо нишон додани суди ҳакамии мушаххас, ҳамин тавр, масъалаи зарурати риоя намудани шаклҳои мурофиавӣ ба миён намеояд;

- шарти эътиборнок будани созшномаи ҳакамӣ тибқи меъёрҳои КГ, ки эътибрнокии аҳдҳоро муайян менамоянд, муқаррар мегардад;

- ба сифати субъекти созишномаи ҳакамӣ шахсоне баромад менамоянд, ки бо муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд, ки оид ба он баҳс ба миён меояд, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дорои қобилияти соҳибҳуқуқӣ ҳастанд;

- имконияти истифодаи меъёрҳои муайянкунандаи иҷрои дахлдори созишномаи ҳакамӣ, даст кашидан аз иҷрои яктарафаи шартнома, бекор намудани созишномаи ҳакамӣ дар мавриди тағйир ёфтани ҳолатҳое ки дар мавриди он созишнома баста шуда буд;

- ба сифати натиҷаи созишномаи ҳакамии басташуда, тарафҳо дорои ҳуқуқ ва уҳдадории тарафайн, табиатан бо муносибатҳои моддӣ-ҳуқуқии барои батанзимдарории тамоми баҳс ва ё қисми он дар доираи мурофиавии ҳакамӣ пайдо шуда, алоқаманд мебошад. Яъне мавҷудияти созишномаи ҳакамии басташуда истеҳсолоти судии ҳакамиро оғоз намекунад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти дуҷонибагии муносибатҳои дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ ба вуҷудоянда, истифодаи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди муайян намудани табиати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ бештар дуруст арзёбӣ карда шуда, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошад ба тариқи фаръӣ (субсидиарӣ), бо мақсади инъикос намудани фаъолияти мақомоти дахлдор бояд истифода карда шавад.

Баробари чун аҳд дида баромадани созишномаи ҳакамӣ бояд ишора намуд, ки он шартнома буда, набояд чун санади яктарафа баҳо дода шавад, зеро ба мувофиқа овардани иродаи ақалан ду тарафи баҳси худро ба баррасии суди ҳакамӣ пешниҳод кардаистода зарур мебошад. Инчунин набояд қотеъона оид ба шумораи суъбектони шартномаи мазкур сухан гуфт, зеро доираи он метавонад ду тарафа ва ё бисёртарафа бошад. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки факти басташудани созишномаи ҳакамӣ муносибати гражданӣ-ҳуқуқии дахлдорро на танҳо байни тарафҳои ин созишнома, балки боз муносибат байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои баҳскунанда низ ба миён меояд. Муносибатҳои ҳуқуқии байни тарафҳои созишномаи ҳакамӣ ба вуҷуд омада дар сатҳи ҳуқуқӣ-хусусӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии байни суди ҳакамӣ ва тарафҳо оид ба ҳалли баҳси мушаххас бавуҷуд оянда, бе чунучаро зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қарор дошта, наметавонем асоси ҳуқуқӣ-хусусии ҳатто ин муносибатҳоро ба пуррагӣ инкор намоем.

Дар таърих кӯшишҳое мушоҳида шудаанд, ки муносибатҳои мазкурро соф хуқуқӣ-хусусӣ баҳо диҳад. Масалан, В.А. Шенинг қайди ҳакамиро ба сифати сохтори маҷмуавӣ ва дар худ инъикоскунандаи ду намудаи шартномаи граждантӣ-ҳукуқӣ дида баромадааст: як шартнома байни тарафҳои баҳскунанда ва дигар байни тарафҳо ва суди ҳакамӣ[295]. Мавқеи хусусияти гражданӣ-ҳуқуқӣ доштани муносибатҳои байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои созишномаи ҳакамиро А.Ф. Волков, В.Н. Ануров, И.З. Зикин ҷонибдорӣ намудаанд[296].

Номуайянии муносибатҳои ишорашуда бо хосияти суди ҳакамӣ ҷиҳати ҳал намудани ин ё он баҳс тақозо карда мешавад. Агар таносубро бо судҳои давлатӣ гузаронем, пас уҳдадории охирон бо вазифа ва мақсадҳои низоми судӣ, чун низоми мақомоти барои ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шуда маънидод карда мешавад. Моҳиятан, давлат бо воситаи низоми судӣ тартиботи дахлдорро таъмин намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро ҳимоя менамояд. Суди ҳакамӣ мақоми дорои салоҳияти ҳокимиятӣ ва ё мақоми амалҳои аҳаммияти оммавӣ доштаро баромад намекунад, балки он бо ташаббуси худ уҳдадории ҳал кардани баҳси мушаххасро бар душ гирифта, бо ин иродаи худро, ки мустақилона, бе дахолати беруна ташаккул ёфтааст, ишора менамояд. Муаммо дар он зоҳир меёбад, ки суди ҳакамии алоҳида дар баста шудани созишномаи ҳакамии ҷудогонаи шахсони ба онҳо муроҷиатнамударо дар алоҳидагӣ намебандад. Аз тарафи дигар, таъсис дода шудани суди ҳакамӣ худ нишонаи факте мебошад, ки суд ҳамагуна баҳси барои ҳаллӣ он муроҷиат шударо дида мебарояд. Суди ҳакамӣ метавонад ба восита, бо пешниҳод намудани шакли иқтибоси ҳакамӣ, барои басташудани созшномаи ҳакамӣ машғул шавад.

Ҳамин тариқ, асос ҷой дорад, то созишномаи ҳакамиро чун созишномаи сетарафа, ки дар он иштирчиёни бевоситаи баҳс дар давраи бастани шартнома иштирок доранд, суди ҳакамӣ бошад ноаниқ иштирок дорад, зеро чун шахси ҳуқуқӣ ва ё сохтори таркибии дигар шахси ҳуқуқӣ бо мақсади ҳаллӣ баҳсҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шуда буд. Камтар бо дигар тарз, масъалаи пешниҳоди баҳс ҷиҳати баррасии суди ҳакамии як дафъа ташкилшаванда (ad hoc) ҳал карда мешавад. Агар тарафҳо суди ҳакамиро барои ҳаллӣ баҳси мушаххас таъсис диҳанд, пас маҳз созишномаи ҳакамӣ асоси фаъолияти суди ҳакамии ad hoc баромад менамояд. Лекин, вобаста он ки дар давраи бастани созишнома суди ҳакамӣ алҳол вуҷуд надошт, пас ба сифати тарафи чунин созишнома вай баромад карда наметавонад. Аз ин рӯ, доир ба шумораи субъектони созишномаи ҳакамӣ сухан рондан зарур аст, дар ҳоле ки ба намуда суди ҳакамии баҳсро барои баррасии худ қабул намуда, ба назар гирифта

---

[295] Ниг.: Сквоцов О.Ю. Третейское разбирательство предпринимательских споров в России: проблемы, тенденции, перспективы / О.Ю. Скворцов. – М.: Волтер Клувер, 2005. – С.279.

[296] Ниг.: Волков А.Ф. Торговые третейские судӣ. Историко-догматическое исследование. – СПб.: 1913. Переиздание в жунале «Третейский суд» 1999. № 2-3, №4-6; 2000. №1,2,4; 2001 №1,2 №3-4, №5-6.; Ануров В.Н. Перемена лиц в третейском соглашении // Третейский суд. 2003. №3 (27); Зыкин И.С. Статус арбитра в международном коммерческом арбитраже // Третейский суд. 2003 №1 (25).

шавад. Дар мавриди агар баҳс барои баррасӣ ба суди ҳакамии доимоамалкунанда пешниҳод гардад, пас созишномаи ҳакамӣ дорои хосияти дудаврагӣ бо иштироки камаш се субъект буда, дар худ ду шартномаро муттаҳид менамояд: шартнома байни иштирокчиёни баҳс оид ба он, ки онҳо баҳсро дар суди ҳакамӣ ҳал менамоянд ва шартнома байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои баҳскунанда оид ба он, ки суд уҳдадории ҳаллӣ баҳси мазкурро бар дӯши худ қабул менамояд. Агар баҳс барои баррасӣ барои суди ad hoc пешниҳод шуда бошад, пас дар созишномаи ҳакамӣ ду тараф, яъне тарафҳои музокиракунанда иштирок менамояд.

Дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадории мутақбила ҷиҳати ҳалли баҳси ҳуқуқӣ-моддӣ дар суди ҳакамӣ пайдо мекунанд. Таъиноти созишнома ҳакамӣ на танҳо барои муқаррар намудани тобеияти судии алтернативии баҳс равона мешавад, балки бештар барои мувофиқа кунонидани иродаи тараф ҷиҳати истифода намудани усули ҳуқуқӣ-хусусии ба танзимдаровардани муноқишаи бавуҷуд омада нигаронида мешавад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари амалӣ ҳангоми тартиб додани созишномаи ҳакамӣ ду намуди созишномаи ҳакамии аз рӯи мундариҷа, субъектон ва тартиби иҷроиш тафриқанокро бояд дар назар дошт: созишномаи ҳакамӣ оид ба пешниҳоди баҳс барои баррасии суди ҳакамии доимоамалкунанда ва созишномаи ҳакамии барои пешниҳоди баҳс барои суди ҳакамии ad hoc.

**Адабиёт:**

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334; аз 02.01.2019 с., № 1557.

2. Болтуев С.Ш. О соотношении роли международного коммерческого арбитража и третейского суда в защите прав предпринимателей / Актуальные проблемы экономики и права в условиях глобализации: Материалы Республиканской научно-практической конференции, посвященной 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан, 29 мая 2021 год / Отв. редактор к.ю.н., доцент Бобоев Д.К. – Душанбе: “Шохин-С”, 2021. -504с. – С. 230 – 238.

3. Волков А.Ф. Торговые третейские суды. Историко-догматическое исследование. – СПб.: 1913. Переиздание в жунале «Третейский суд» 1999. № 2-3, №4-6; 2000. №1,2,4; 2001 №1,2 №3-4, №5-6.

4. Кательниоков А.Г. Негативные последствия заключения арбитражного соглашения // Арбитражный и гражданский процесс. 2000. №8. – С.39 -50.

5. Судҳои ҳакамӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ. Ализода З. – Душанбе: Арбитраж, 2011. – 180с.

6. Сквоцов О.Ю. Третейское разбирательство предпринимательских споров в России: проблемы, тенденции, перспективы / О.Ю. Скворцов. – М.: Волтер Клувер, 2005. – 704 с.

7. Ярков В.В. Юридические факты в механизме реализации норм гражданского процессуального права. Дис… д-ра. юрид. наук. 12.00.15. Екатеринбург, 1992. – 523 с.

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

**Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,**
унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:**(+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабзода М.Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Идизода Ф.Ф., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола, баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқие, ки муносибатҳои савдои хориҷиро танзим мекунанд, муайян ва ошкор карда шудаанд. Ба масъалаҳои ягонагии нормаҳои ҳуқуқӣ ва интихоби қонунҳои амалкунанда диққати махсус дода шудааст.

Ба андешаи М.Н. Раҷабзода, масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, ҳамзамон ба инкишофи муносибатҳои савдои беруна мусоидат мекунад.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи мазкур аз ҷониби олимони хориҷӣ Д.А. Бессолитсин, Ж.Ш. Агоссу, Т.С. Вискарева, Ли Нина ва дигарон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Т.С. Вискарева қайд менамояд, ки дар марҳалаи инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ ва зиёд шудани шумораи корхонаҳои тиҷоратие, ки ба савдои беруна машғуланд, масъалаи бастан, иҷро ва танзими ҳуқуқии шартнома дар соҳаи савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозанд.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар баробари рушди қонунгузорӣ, мусоидат ба раванди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамзамон имконияти хуб ҷиҳати амали гардонидани ҳадафҳои стартегии кишвар ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар мақолаи мазкур Конвенсияи Венаро ҳамчун як сарчашмаи асосӣ дар танзими муносиатҳои марбут ба ин шакли шартнома маънидод карда, андешаҳои олимони дохилӣ ва хориҷиро мавриди омӯзишу тадқиқ қарор додааст.

Тибқи талаботи моддаи 6-уми Конвенсияи Вена, тарафҳо метавонанд татбиқи ин Конвенсияро истисно кунанд ё аз ҳама гуна муқаррароти он маҳрум созанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд худашон муайян кунанд, ки кадом шартҳоро шартнома дар бар мегирад.

Агар яке аз тарафҳои шартнома иштирокчии Конвенсияи Вена бошад, он гоҳ меъёрҳои Конвенсия нисбат ба шартнома татбиқ карда мешаванд ва зарурати истинод ба он дар шартнома нест.

Танзими ҳуқуқии муомилоти савдои беруниро дар меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва урфу одатҳои соҳибкорӣ метавон мушоҳида кард. Бо рушд намудани технологияҳои нав, муносибатҳои тиҷоратӣ зарурати муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷиро ба миён меорад.

Аз омӯзишу тадқиқи мавзуи «Баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол» ба хулосае омадам, ки масъалаи музкур гарчанде дар қонунгузории аксарияти давлатҳои ИДМ ва давлатҳои Аврупо танзими ҳуқуқии худро ёфта бошад, дар қонунгузории миллӣ ниёз ба такмил дорад.

**Калидвожаҳо:** шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол, шартномаи байналмилалӣ, савдои хориҷӣ, конвенсияҳо, созишномаҳо, шартномаҳо, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, Конвенсияи Вена, муносибатҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ, макони бастани шартнома, забони бастани шартнома, мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ, харидор, фурӯшанда, уҳдадорӣ, ҳуқуқи хусусӣ, танзими шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол, шахс, мол, содирот, воридот, транзит, чораҳои маҳдудкунӣ, маҳдудиятҳои миқдорӣ, квота, арзиши муқаррарӣ, боҷи ҷубронӣ, мусоидати молиявӣ, саноати ватанӣ, молҳои шабеҳ, истеҳсоли ватанӣ, зарар, қоидаҳои ИНКОТЕРМС, рушди ҳамкорӣ байни кишварҳо, интиқоли мол, ҳалли баҳсҳои савдои байналмилалӣ, рушд намудани технологияҳои нав, танзими ҳуқуқии шартнома, муҳлати фиристодани мол, нархи мол, сифати мол.

## НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ДОГОВОРА КУПЛИ-ПРОДАЖИ ТОВАРОВ

**Давлатов Насимҷон Махмаджонович,**
соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:**(+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Научный руководитель**: Раджабзода М.Н., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Идизода Ф.Ф., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье рассматриваются некоторые правовые аспекты международных торговых соглашений. Выявлены и раскрыты основные нормативно-правовые акты, регулирующие внешнеторговые отношения.

Особое внимание было уделено вопросам единообразия правовых норм и отбора действующих законов.

По мнению М. Н. Раджабзода, вопрос правового регулирования международной купли-продажи товаров закладывает основу для развития законодательства Республики Таджикистан, и в то же время способствует развитию внешнеторговых отношений.

Вопрос правового регулирования данного договора анализировался и изучался зарубежными учеными Д.А. Бессолицыным, Ж.Ш. Агоссу, Т.С. Выскаревой, Ли Ниной и другими.

Т.С. Выскарева отмечает, что на этапе развития международных отношений и увеличения количества коммерческих предприятий, осуществляющих внешнеэкономическую деятельность, важную роль играет вопрос о заключении, исполнении и правовом регулировании договоров в сфере внешнеэкономической деятельности.

Договор международной купли-продажи товаров наряду с развитием законодательства, продвижением процесса предпринимательской деятельности считается хорошей возможностью для реализации стратегических целей страны.

В данной статье автор интерпретировал Венскую конвенцию как основной источник в регулировании отношений, связанных с данным видом договора, а также изучил и исследовал мнения отечественных и зарубежных ученых.

Согласно требованиям статьи 6 Венской конвенции стороны могут исключить применение настоящей Конвенции или лишить ее любого из ее положений. Это указывает на то, что стороны договора вправе определять, какие условия содержит договор.

Если одна из сторон договора является стороной Венской конвенции, то к договору применяются положения Конвенции и нет необходимости ссылаться на нее в договоре.

Правовое регулирование внешнеторговых операций можно проследить в нормах национального права, международно-правовых документах и обычаях делового оборота. С развитием новых технологий деловые отношения требуют унификации правовых норм, регулирующих внешнеэкономическую деятельность.

Из изучения и исследования темы «Некоторые правовые аспекты договора международной купли-продажи товаров» я пришел к выводу, что хотя данный вопрос нашел свое правовое регулирование в законодательстве большинства стран СНГ и Европы, его необходимо усовершенствовать в национальном законодательстве.

**Ключевые слова:** договор международной купли-продажи товаров, международный договор, внешняя торговля, конвенции, соглашения, договоры, субъекты внешней торговли, Венская Конвенция, международные отношения, законодательство, место заключения договора, язык заключения договора, понятие внешнеэкономической деятельности, покупатель, продавец, обязательство, частное право, регулирование договора международной купли-продажи товаров, лицо,

товар, экспорт, импорт, транзит, ограничительные меры, количественные ограничения, квота, нормальная стоимость, компенсационная пошлина, финансовая помощь, отечественная промышленность, аналогичные товары, отечественное производство, ущерб, правила ИНКОТЕРМС, развитие сотрудничества между странами, перевозка товаров, урегулирование внешнеторговых споров, развитие новых технологий, правовое регулирование договора, срок поставки, цена товара, качество товара.

## SOME LEGAL ASPECTS OF AN INTERNATIONAL CONTRACT FOR THE SALE OF GOODS

**Davlatov Nasimjon Mahmadjonovich,**
applicant of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone.:** (+992) 933888844
**E-mail:** nasimjon.19941994@mail.ru

**Research supervisor:** Rajabzoda M.N., candidate of law, associate Professor
**Reviewer:** Idizoda F.F., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** The article examines some legal aspects of international trade agreements. The main normative and legal acts regulating foreign trade relations have been identified and disclosed. Particular attention was paid to the issues of uniformity of legal norms and selection of existing laws.

According to M.N. Rajabzoda, the issue of legal regulation of the international sale of goods lays the foundation for the development of the legislation of the Republic of Tajikistan, and at the same time contributes to the development of foreign trade relations.

The issue of legal regulation of this agreement was analyzed and studied by foreign scientists D.A. Bessolitsyn, J.Sh. Agossu, T.S. Vyskaryova, Li Nina and others.

T.S. Vyskareva notes that at the stage of development of international relations and an increase in the number of commercial enterprises engaged in foreign economic activity, an important role is played by the issue of concluding, executing and legally regulating contracts in the field of foreign economic activity.

The contract for the international sale of goods, along with the development of legislation, the promotion of the business process, is considered a good opportunity for the implementation of the country's strategic goals.

In this article, the author interpreted the Vienna Convention as the main source in regulating relations related to this type of contract, and also studied and researched the opinions of domestic and foreign scientists.

Subject to the requirements of Article 6 of the Vienna Convention, the parties may exclude the application of this Convention or deprive it of any of its provisions. This indicates that the parties to the contract have the right to determine what terms the contract contains.

If one of the parties to the contract is a party to the Vienna Convention, then the provisions of the Convention apply to the contract and there is no need to refer to it in the contract.

The legal regulation of foreign trade operations can be traced in the norms of national law, international legal documents and business practices. With the development of new technologies, business relations require the unification of legal norms governing foreign economic activity.

From the study and research of the topic “Some legal aspects of the contract for the international sale of goods”, I came to the conclusion that although this issue has found its legal regulation in the legislation of most CIS countries and Europe, it needs to be improved in national legislation.

**Keywords:** Contract for the international sale of goods, international contract, foreign trade, conventions, agreements, treaties, subjects of foreign trade, Vienna Convention, international relations, legislation, place of conclusion of the contract, language of the conclusion of the contract, the concept of foreign economic activity, buyer, seller, obligation, private law, regulation of the contract for the international sale of goods, person, product, export, import, transit, restrictive measures, quantitative restrictions, quota, normal value, countervailing duty, financial assistance, domestic industry, similar goods, domestic production, damage, INCOTERMS rules, development of cooperation between countries, transportation of goods, settlement of foreign trade disputes, development of new technologies, legal regulation of the contract, delivery time, price of goods, quality of goods.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол як аз намудҳои алоҳидаи аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки барои қонеъ гардонидани манфиати тарафҳо баста мешавад, тағйир меёбад ва ё қатъ мегардад. Шартномаи мазкур дар байни соҳибкороне баста мешавад, ки марказҳои тиҷоратиашон дар кишварҳои гуногун қарор доранд. Ба сифати тарафҳои шартнома харидор ва фурӯшанда баромад мекунанд[297].

Ташаккул ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ имконияти хуб ҷиҳати бастани ҳамагуна шартномаҳо, аз ҷумла, шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гардид. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол оварда нашудааст. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ оварда шудааст, ки тибқи он ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии

[297] Ниг.:Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ. [Матн] / Н. М. Давлатов // Давлатшиной ва ҳуқуқи инсон, Маҷаллаи илмӣ–амалӣ №3 (23) 2021. – С.149.

Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ки ин мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молро ифода намекунад. Бо ин назардошт, пешниҳод мекунам, ки дар моддаи дуюми қонуни мазкур мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол баъд аз мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ дар шакли зайл оварда шавад. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гуфта, як намуди аҳдҳои иқтисоди хориҷиро employmentменоманд, ки бо созиши соҳибкороне, ки дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд асос ёфта, барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои байналмилалии шартномавӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (содирот ва воридот)-и мол нигаронида шудааст.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ба андешаи М.Н. Раҷабзода ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, ҳамзамон ба инкишофи муносибатҳои савдои беруна мусоидат мекунад.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаи мазкур дар рисолаҳои олимони хориҷӣ Д.А. Бессолитсин, Ж.Ш. Агоссу, Т.С. Вискарева, Ли Нина ва дигарон баррасӣ шудааст.

Т.С. Вискарева қайд менамояд, ки дар марҳалаи инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ ва зиёд шудани шумораи корхонаҳои тиҷоратие, ки ба савдои беруна машғуланд, масъалаи бастан, иҷро ва танзими ҳуқуқии шартнома дар соҳаи савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад[298].

Танзими ҳуқуқии муомилоти савдои беруниро дар меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва урфу одатҳои соҳибкорӣ метавон мушоҳида кард. Бо рушд намудани технологияҳои нав, муносибатҳои тиҷоратӣ зарурати муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷиро ба миён меорад.

Ба андешаи Н.И. Матузов ва А.В. Малко ташкилотҳои байналмилалӣ аз қабили Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (UNCITRAL), Институти байналмилалии муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ (UNIDROIT) ва Палатаи байналмилалии савдои ICC дар муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқ, ки дар доираи он як қатор конвенсияҳо, созишномаҳо, шартномаҳои байналхалқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо назардошти манфиатҳои иштироккунандагони фаъолияти савдои берунӣ қабул карда шудаанд[299].

Яке аз ҳуҷҷатҳои афзалиятноки байналмилалӣ, ки шартномаи хариду фурӯши байналмилалиро танзим мекунад, Конвенсияи Вена аз соли 1980 мебошад, ки таҳти сарпарастии Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи савдои

[298] Ниг.:Выскарева Т.С. Особенности правового регулирования договора международной купли–продажи / Т.С. Выскарева. – Текст: непосредственный // Молодой ученый. – 2020. – № 11 (301). – С. 90.
[299] Ниг.:Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник/ Н.И. Матузов, А.В. Малько – 4 – е изд., испр, и доп. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС. 2016. – С.528.

байналмилалӣ (UNCITRAL) таҳия шудааст, ки минбаъд Конвенсияи Вена номида мешавад. Ҳадафи асосии ин Конвенсия бартараф кардани монеаҳо дар тиҷорати байналмилалӣ, рушди ҳамкорӣ байни кишварҳо ва афзоиши савдои мол мебошад. Конвенсияи Вена як шартномаи бисёрҷониба буда, меъёрҳои ягонаи ҳуқуқиро дар бар мегирад[300].

Дар ҷараёни бастан, иҷро ва бекор намудани шартнома манфиатҳои тарафҳо, озодона бастани шартнома, бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳо, макони бастани шартнома, забони бастани шартнома, ҳуқуқи татбиқшаванда, принсипи баробарии тарафҳо ҳатман ба инобат гирифта мешавад[301].

Ба андешаи А.В. Асосков Конвенсияи Вена яке аз муваффақтарин конвенсияҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад (то моҳи майи соли 2018 – 89 кишвар иштирокчӣ буд)[302].

Тибқи талаботи моддаи 6-уми Конвенсияи Вена, тарафҳо метавонанд татбиқи ин Конвенсияро истисно кунанд ё аз ҳама гуна муқарраროти он маҳрум созанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд худашон муайян кунанд, ки кадом шартҳоро шартнома дар бар мегирад.

Агар яке аз тарафҳои шартнома иштирокчии Конвенсияи Вена бошад, он гоҳ меъёрҳои Конвенсия нисбат ба шартнома татбиқ карда мешаванд ва зарурати истинод ба он дар шартнома нест.

Таҷрибаи тиҷоратӣ принсипҳоеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби Институти Байналмилалии Юнидроит оид ба муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ (Принсипҳои шартномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ), Палатаи байналмилалии савдои ICC таҳия шудаанд (масалан, қоидаҳои тафсири истилоҳҳои тиҷорати байналмилалии INCOTERMS).

Принсипҳои UNIDROIT маҷмӯи умумии қоидаҳоро барои танзими шартномаҳои байналмилалӣ таъмин мекунанд. Ин принсипҳо барои тафсир ва пурра кардани санадҳои ҳуқуқии ягонаи байналмилалӣ истифода мешаванд ва ҳамчун намуна барои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ хидмат мекунанд.

Ин Принсипҳо ихтиёрӣ мебошанд ва метавонанд татбиқ шаванд, агар тарафҳои шартнома мувофиқа карда бошанд, ки шартномаи онҳо тибқи принсипҳо танзим карда мешавад ё ба мувофиқа расидаанд, ки шартномаи онҳо бо “принсипҳои умумии ҳуқуқ” танзим мешавад (lex). mercatoria), инчунин дар сурати имконнопазирии муқаррар намудани меъёри дахлдори қонуни татбиқшаванда.

---

300 Ниг.:Сборник ЮНСИТРАЛ по прецедентному праву, касающемуся Конвенции Организации Объединенных Наций о международной купле-продаже//Издание Организаций Объединенных Наций. – 2008. – № R.08.V.15. – С.424.

301 Ниг.:Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ. [Матн] / Н.М. Давлатов // Паёми ДОТ дар н.Рашт, Маҷаллаи илмӣ №1 (5) 2021. – С.81–84.

302 Ниг.:Конвенция ООН о договорах международной купли–продажи товаров (Вена, 1980 г.) // https: // www.uncitral.Org / pdf / russian / texts / sales / cisg / CISG–r.pdf.

Принсипҳои UNIDROIT дар таҷрибаи байналмилалии ҳалли баҳсҳои савдои байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд. Таҷрибаи татбиқи Принсипҳо аз ҷониби судҳои ҳакамӣ дар вебсайти Unilex.info муфассал оварда шудааст. Қоидаҳои INCOTERMS, ки бори аввал дар соли 1936 таҳти сарпарастии Палатаи Байналмилалии Савдо таҳия шуда буданд (ва баъдан мунтазам нав карда мешаванд), дар амал бештар талабот доранд ва ихтиёрӣ мебошанд. Қоидаҳо ҳамчун маҷмӯи байналмилалии қоидаҳо барои тафсири истилоҳоти тиҷоратӣ, ки бештар дар тиҷорати байналмилалӣ истифода мешаванд, баррасӣ карда мешаванд. Татбиқи ИНКОТЕРМС бо масъалаҳои марбут ба тақсими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯи шартномаҳои хариду фурӯш дар доираи таҳвили мол маҳдуд аст.

Мо ба ақидаи Л.Н. Галенская розием, ки ин қоидаҳоро ҳам барои тиҷорати байналмилалӣ ва ҳам барои тиҷорати дохилӣ истифода бурдан мумкин аст[303].

Қоидаҳои Инкотермс ҳатмӣ мебошанд, агар тарафҳо дар шартнома истинод ба ин қоидаҳоро нишон дода бошанд. Мақомоти гумрук, инчунин судҳои ҳакамӣ, ки баҳсҳоро аз рӯи шартномаҳои хариду фурӯш баррасӣ мекунанд, вазифадоранд муқаррароти ИНКОТЕРМС-ро, ки тарафҳои шартнома зикр кардаанд, баинобат гиранд.

Дар қонунгузории миллӣ савдои хориҷии бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 3 июли соли 2012 № 846 танзим карда мешавад. Қонуни мазкур фаъолияти савдои хориҷиро дар соҳаи содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳвил ё хариди мол танзим мекунад.

Илова бар ин, дар қонуни мазкур мафҳумҳое ба мисли фаъолияти савдои хориҷӣ, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, шахс, мол, содирот, воридот, транзит, иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ), иҷозатдиҳии автоматӣ, ҳузури тиҷоратӣ, чораҳои маҳдудкунӣ, маҳдудиятҳои миқдорӣ, квота, боҷи зиддидемпингӣ, демпинг, арзиши муқаррарӣ, боҷи ҷубронӣ, мусоидати молиявӣ (субсидии), саноати ватанӣ, молҳои шабеҳ, истеҳсоли ватанӣ ва зарари ҷиддӣ мавҷуданд[304].

Реҷаи ҳуқуқии танзими шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯш, ба ғайр аз санадҳои ҳуқуқи гражданӣ, инчунин бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гумрук, андоз ва назорати асъор муайян карда мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро танзим мекунанд, характери диспозитивӣ доранд, ки дар натиҷаи он тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд, ки шартҳои шартномаро худашон тартиб диҳанд.

---

[303] Ниг.:Галенская Л. Н. Комментарий к Международным правилам толкования торговых терминов «Инкотермс 2010» // https: //www.nb–bank.ru / photos / 3936.pdf.

[304] Ниг.:Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" аз 3 июли соли 2012, № 846 моддаи 2.

Дар баробари ин, тафсилоти муфассали шартҳо метавонад хатари иҷрои номатлуби шартномаро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Боиси зикр аст, ки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як шакли ҳамгироии тиҷоратию иқтисодии тарафҳо ба ҳисоб рафта, ҳудуди ягонаи гумрукиро пешбинӣ карда, дар доираи он боҷҳои гумрукӣ, танзими ғайритарифӣ, чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ, ҷубронӣ татбиқ карда намешаванд ва тарифи ягонаи гумрукӣ амал мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки муҳлати фиристодани мол хеле кӯтоҳ, нархи мол дастрас, сифати мол хуб ва харидорони зиёд дошта бошад. Дар баробари ин, ба инкишофи муносибатҳои савдои берунӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, баъди омӯзишу тадқиқи мавзуи «Баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол» хулоса намудан мумкин аст, ки масъалаи музкур гарчанде дар қонунгузории аксарияти давлатҳои ИДМ ва давлатҳои Аврупо танзими ҳуқуқии худро ёфта бошад, дар қонунгузории миллӣ ниёз ба такмил дорад.

**Адабиёт:**


1. Выскарева Т.С. Особенности правового регулирования договора международной купли-продажи / Т.С. Выскарева. – Текст: непосредственный // Молодой ученый. – 2020. – № 11 (301). – С. 90 –92. – URL: https: // moluch.ru / archive / 301 / 68111 / (дата обращения: 19.03.2022).
2. Галенская Л.Н. Комментарий к Международным правилам толкования торговых терминов «Инкотермс 2010» // https: //www.nb – bank.ru / photos / 3936.pdf
3. Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ. [Матн] / Н.М. Давлатов // Давлатшиноӣ ва ҳуқуқи инсон, Маҷаллаи илмӣ –амалӣ №3 (23) 2021. – С.147 –153.
4. Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ. [Матн] / Н.М. Давлатов // Паёми ДОТ дар н.Рашт, Маҷаллаи илмӣ №1 (5) 2021. – С.81-84.
5. Конвенция ООН о договорах международной купли-продажи товаров (Вена, 1980 г.) // https: // www.uncitral.Org / pdf / russian / texts / sales / cisg / CISG –r.pdf.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" аз 3 июли соли 2012, № 846 моддаи 2.
7. Матузов Н.И., Малько А. В. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько – 4-е изд., испр, и доп. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС. 2016. – 528 с.
8. Сборник ЮНСИТРАЛ по прецедентному праву, касающемуся Конвенции Организации Объединенных Наций о международной купле-продаже//Издание Организаций Объединенных Наций. – 2008. – № R.08.V.15. – 424 с.

## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ТАНАФФУС БАРОИ ҒИЗОДИҲИИ КӮДАК БАРОИ ЗАНОН ВА ШАХСОНИ ДОРОИ УҲДАДОРИИ ОИЛАВӢ

**Бобокалонова Саодат Ғоибовна,**
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Колеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 904525938
**E-mail:** ayubi@internet.ru

**Фишурда:** Заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳқиқотро боби 16 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ( минбаъд КМ ҶТ), ки хусусиятҳои танзими меҳнати занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидоштаро муқаррар менамоянд, аз ҷумлаи онҳо хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидошта, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак, кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд мебошанд ва боби 15 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( минбаъд КТ ҶТ), ки ба ҳимояи ғизои кӯдакон бахшида шудааст, ташкил медиҳанд.

Дар мақола сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1413, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023 – 2030, ва адабиётҳои олимони ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Мақолаи мазкур фарогири вазъи ҳуқуқи вижагиҳои хусусияти танзими меҳнати занон ва шахсони уҳдадориҳои оилавидошта буда, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба раванди танаффусҳо барои ғизодиҳии кӯдакро дар бар мегирад. Дар натиҷа хулосаҳои судманд дар ин самт пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, меҳнати занон, шахсони уҳдадориҳои оилавидошта, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, кафолатҳои иловагӣ барои занон, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак.

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПЕРЕРЫВА ДЛЯ КОРМЛЕНИЯ ДЕТЕЙ ДЛЯ ЖЕНЩИН И ЛИЦ С СЕМЕЙНЫМИ ОБЯЗАННОСТЯМИ

**Бобокалонова Саодат Гоибовна,**
заведующий кафедрой гуманитарных и естественно-математических наук Республиканского колледжа культуры им. П. Дж. Буйдоков, соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 904525938
**E-mail:** ayubi@internet.ru

**Аннотация:** Нормативно-правовой основой исследования является глава 16 ТК РТ (далее ТК РТ), устанавливающая особенности регулирования труда женщин и других лиц с семейных обязанностей, в том числе особенности труда и отдыха женщин и других лиц с семейными обязанностями, перерывы для кормления ребенка и глава 15 Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан (далее – КЗ РТ), который посвящен охране питания детей, являющихся гарантией для женщин и других лиц, имеющих семейные обязанности.

В статье приведены правовые источники, в том числе Конституция Республики Таджикистан, Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года №1329, Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан от 30 мая 2017 года №1413, Послания Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, Национальная стратегия активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы, Государственная программа воспитания, подбора и расстановки руководящих кадров из числа одарённых женщин и девушек на 2023-2030 годы, а также использованы литература отечественных и зарубежных ученых.

Данная статья освещает правовое положение особенностей регулирования труда женщин и лиц с семейными обязанностями, включает теоретические и практические вопросы, касающиеся процесса перерывов для кормления ребенка. В результате были представлены полезные выводы в этом направлении.

**Ключевые слова:** Лидер нации, женский труд, лица с семейными обязанностями, Трудовой кодекс Республики Таджикистан, Кодекс законов о труде Таджикской ССР, дополнительные гарантии женщинам, перерыв для кормления ребенка.

# SOME FEATURES OF LEGAL REGULATION OF BREAK FOR FEEDING CHILDREN FOR WOMEN AND PERSONS WITH FAMILY RESPONSIBILITIES

**Bobokalonova Saodat Goibovna,**
head of the Department of Humanities and Natural and Mathematical Sciences of the Republican College of Culture P.J. Buydokov, Competitor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone.:** (+992) 904525938
**E-mail:** ayubi@internet.ru

**Annotation:** The legal basis of the study is Chapter 16 of the Labor Code of the Republic of Tajikistan (hereinafter referred to as the Labor Code of the Republic of Tajikistan), which establishes the specifics of regulating the labor of women and other persons with family responsibilities, including the specifics of work and rest of women and other persons with family responsibilities, breaks for feeding a child and Chapter 15 of the Health Code of the Republic of Tajikistan (hereinafter - HC RT), which is dedicated to the protection of children's nutrition, which is a guarantee for women and other persons with family responsibilities.

The article provides legal sources, including the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Labor Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016 No. 1329, the Health Code of the Republic of Tajikistan dated May 30, 2017 No. 1413, the Message of the Founder of National Peace and Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan respected Emomali Rahmon, the National Strategy for Activating the Role of Women in the Republic of Tajikistan for 2021-2030, the State Program for the Education, Selection and Placement of Leadership Personnel from among Gifted Women and Girls for 2023-2030, as well as the literature of domestic and foreign scientists.

This article highlights the legal status of the specifics of regulating the labor of women and persons with family responsibilities, includes theoretical and practical issues related to the process of breaks for feeding a child. As a result, useful conclusions in this direction were presented.

**Key words:** Leader of the nation, women's labor, persons with family responsibilities, Labor Code of the Republic of Tajikistan, Labor Code of the Tajik SSR, additional guarantees for women, a break for feeding a child.

Масъалаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар Ватани азизамон ва дар ин замина фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини зиндагии арзанда барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва асосии сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар партави иҷрои сиёсати мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои хифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба хусус занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавиро аз афзалиятҳои барномавии давлатӣ маҳсуб дониста, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як мақомоти давлатӣ медонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар таъкид намуданд «Мо ҳамеша ба масъалаи беҳбудии вазъи занону бонувон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ташаббусҳои созандаашонро пайваста дастгирӣ менамоем ва барои амалӣ гардидани иқдомҳои неку наҷиби онҳо заминаву имкониятҳои мусоид фароҳам меоварем.

Аз ҷумла ба хотири ҳимояи ҳуқуқи занон ҳоло тамоми заминаву имкониятҳои муосири қонунӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 60 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки амалисозии онҳо боиси бамаротиб беҳтар шудани вазъи иҷтимоии занону духтарон гардид.

Илова бар ин, тибқи супоришҳои дар паёмҳои қаблии Роҳбари давлат гузоштаშуда танҳо дар ду соли охир ду ҳуҷҷати муҳим – Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030 ва Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023 – 2030 қабул карда шуд».[305]

Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт қабул гардида, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) маҳсуб меёбад, ки дар танзими муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Чи тавре Раҳмон Озода Эмомалӣ қайд менамояд, сиёсати иҷтимоие, ки дар Тоҷикистони муосир пеш бурда мешавад, ба принсипи давлати иҷтимоӣ асос ёфта, фаъолияти он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон нигаронида шудааст. Рушди инсонӣ ва равандҳои марбут ба он – ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои одамон, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти дастрас дар мактабу донишгоҳҳо, дастгирии иҷтимоии табақаҳои аҳолии осебпазир ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. [306]

Яке аз сиёсати иҷтимоие, ки дар Тоҷикистони муосир пеш бурда мешавад, ин муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар

---

[305] Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар. 07.03.2023 08:00, шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/30154 (санаи муроҷиат 18.03.2023).

[306] Рахмонова Озода Эмомалиевна. Развитие законодательства о правах и свободах женщин вТаджикистане (1917-2011 гг.) Автореф. дисс. ... к.ю.н. - Душанбе, 2012. – С. 18-19.

шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ бо дигар кормандон ҳуқуқҳои баробар доранд. Ҳамзамон, занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои имтиёзҳо ва кафолатҳои иловагӣ мебошанд, хусусан дар бахши рухсатиҳо.

Ба занон ва шахсони дорои дорои уҳдадориҳои оилавӣ дар мавриди додани рухсатӣ меъёрҳои умумии қонунгузорӣ оид ба меҳнат риоя карда мешаванд.

Моддаи 37 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар шаҳрванд ҳуқуқ ба истироҳатро пешбинӣ намудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин мегардад, ки бо қонун муайян шудаанд.[307]

Ҳуқуқ ба истироҳат яке аз принсипҳои ҳуқуқи меҳнатӣ буда, барои ҳар корманд вақти дамгирӣ ва намудҳои алоҳидаи онро ба таври расмӣ кафолат медиҳад. Корманд барои он меҳнат менамояд, ки пеш аз ҳама музди меҳнат ба даст оварад ва баъдан бофароғат истироҳат кунад. Меҳнат сарфи қувваи ҷисмонӣ ва руҳиро талаб намуда, имконияти барқароркунии он барои корманд танҳо дар вақти истироҳат ба даст меояд. Амалӣ намудани чунин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ (дамгирӣ, хӯрокхӯрӣ, дохилибастӣ ва махсус), танаффусҳо байни рӯзҳои (басти) корӣ, рӯзҳои истироҳат (истироҳати бефосилаи ҳарҳафтаина), рӯзҳои иди ғайрикорӣ, рухсатиҳо ва шароитҳои дигаре таъмин мегардад, ки дар қонунунгузорӣ оид ба меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар боби 16 КМ ҶТ меъёрҳое сабт шудаанд, ки хусусиятҳои танзими меҳнати занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидоштаро муқаррар менамоянд, аз ҷумлаи онҳо хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак, кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, рухсатии кормандоне, ки кӯдакони навзодро фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд.

Мутобиқи моддаи 218 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи танаффус барои ғизодиҳии кӯдак меравад, ба ғайр аз танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок, танаффусҳои байнибастӣ ва махсус, ба занон, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳа доранд, падар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳаро бе модар тарбия мекунанд, барои ғизо додани кӯдак баъди ҳар се соати кор бо давомнокии барои як кӯдак-ҳар як танаффус на кам аз сӣ дақиқа, барои ду ё зиёда кӯдак – ҳар як танаффус на кам аз як соат танаффус дода мешавад.

Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) дар асоси аризаи кормандони дар қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ нишон додашуда, ба

---

[307] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: "Нашриёти Ганҷ" 2016. – С.20.

танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки дар шакли ҷамъшуда дар аввал ё дар охири рӯзи (басти) корӣ бо ихтисори дахлдори вақти корӣ дода мешавад (қ. 2. м.218 КМ ҶТ).

Вобаста ба меъёри муқарраршуда ҳаминро қайд намудан мумкин аст, ки миқдори танаффус барои ғизодиҳии кӯдак аз давомнокии рӯзи корӣ вобаста буда, ду маротиба дода шудани он мумкин аст.

Танаффусҳо барои дамгирӣ ва тановул ба вақти корӣ дохил нашуда, барои онҳо музд дода намешавад. Танаффусҳо ҷиҳати ғизодиҳӣ ба кӯдак бошад, ба вақти корӣ дохил буда, барои онҳо музди миёнаи меҳнат дода мешавад (қ.3 м. 218 КМ ҶТ).

Дар замони Шуравӣ дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар масъалаи муҳлатҳои таъмини танаффус барои ғизодиҳии кӯдак меъёрҳо пешбинӣ шуда буданд.

Мутобиқи моддаи 134 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати соли 1940 барои модароне ки кӯдаки ширмаккони синагӣ доранд, бояд ки ба ғайр аз танффусҳои умумӣ (моддаи 100), барои ширмаккони кӯдак боз танаффуси иловагӣ муқаррар карда шавад, муддати аниқи танаффусҳо бо қоидаҳои тартиботи дохили муқаррар карда мешавад, дар айни ҳол танаффусҳои барои ширмаккони кӯдак муайян карда шуда дар ҳар як сеюним соат аз як маротиба кам набуда ва дарозии онҳо бояд ,ки аз ним соат кам набошанд.

Танаффусҳои нишон додашуда ба вақти корӣ ҳисоб карда мешаванд[308].

Тибқи моддаи 177 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати 16 июни соли 1972, ки сухан дар бораи танаффусҳо барои ба кӯдак хӯрокдиҳӣ меравад, ба заноне ки кӯдакони то якунимсола доранд, ба ғайр аз танаффуси умумии барои дамгирию хӯрокхӯрӣ, барои ба кӯдак хӯрокдиҳӣ низ танаффусҳои иловагӣ дода мешаванд. (Мувофиқи Указли Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1987).

Ин гуна танаффусҳо камаш баъди ҳар се соат дода мешавад, ки давомияти ҳар кадоми онҳо бояд аз 30 дақиқа кам набошад. Дар сурати ду ва зиёда будани кӯдакони то якунимсола давомияти танаффусҳо мувофиқан зиёд карда мешавад. (Мувофиқи Указли Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1987).

Танаффусҳои барои ба кӯдак хурокдиҳӣ ба ҳисоби вақти кор дохил мешаванд ва барои онҳо аз рӯи музди миёнаи кор музд дода мешавад.

Бо хоҳиши модар танаффусҳои барои ба кӯдак хӯрокдиҳӣ якҷоя карда, ба танаффуси хӯрокхӯрӣ ҳамроҳ карда ё худ ба аввали вақти кор ё ба охири вақти кор (сменаи кор) бо мувофиқан кӯтоҳ шудани он гузаронида шуданашон мумкин аст, ба шарте ки ин кор мувофиқи хулосаи духтур ба саломатии модар ва кӯдак зарарнок набошад[309].

Тибқи моддаи 167 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997, №418 бошад, ки сухан дар бораи танаффус барои маконидани кӯдак пешбинӣ менамуд, ба заноне, ки кӯдаки то якунимсола доранд, ба

[308] Бобокалонов Ғ.М. Маҷмӯаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – С. 52.
[309] Бобокалонов Ғ.М. Асари ишорашуда. – С. 218.

ғайр аз танаффус бари истироҳат ва хӯрокхӯрӣ барои маконидани кӯдакашон танаффуси иловагӣ дода мешавад.

Ин гуна танаффусҳо камаш баъди ҳар се соат ва ба муддати на камтар аз сӣ дақиқа барои ҳар як танаффус дода мешаванд. Ҳангоми ду ё зиёда аз ин будани кӯдаки то якунимсола муддати танаффус на камтар аз як соат муқаррар карда мешавад.

Танаффусҳо барои маконидани кӯдак ба вақти кори дохил карда, музди миёнаи меҳнат пардохта мешавад.

Бо хоҳиши зани кӯдакдор танаффусҳои ширмаконӣ ба танаффуси истироҳат ва хӯрокхурӣ ё дар шакли ҷамъбастшуда ба аввал ё ба охири рӯзи (басти) корӣ бо ихтисори дахлдори рӯзи (басти) корӣ илова карда мешаванд.[310]

Моддаи 5 Конвенсияи СБМ №103 оид ба муҳофизати модарӣ аз соли 1952 бошад, хусусияти ҳаволакунанда дошта, миқдори танаффус барои ғизодиҳии кӯдакро як ё якчанд маротиба дар давомнокии рӯзи корӣ муайян намуда, давомнокии онро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ пешбинӣ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлил ва қиёси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омада, метавон гуфт, меъёре, ки дар моддаи 218 КМ ҶТ муқаррар шудааст, дар муқоиса бо муқаррароти моддаи 5 Конвенсияи СБМ №103 ва қонунгузории қаблан амалкунанда, яъне давраи шӯравӣ, мавқеи шахсони ғизодеҳро дар робита ба он беҳтар менамояд.

Дар замони Шуравӣ дар илми ҳуқуқи меҳнат ва хусусан оид ба масъалаи муҳлатҳои таъмини танаффус барои ғизодиҳии кӯдак аз ҷониби олимон баъзе нуқтаи назар кардаанд.

А. Абрамова дар ин назар аст, ки азбаски танаффусҳои ғизодиҳии кӯдак ба таври қатъӣ ҳадафнок мебошад, онҳо бояд танҳо барои заноне иҷозат дода шавад, ки воқеан ба кӯдак шир медиҳанд, на ба заноне, ки тифл доранд, вале бо баъзе сабабҳо шир ндода наметавонанд[311].

Ӯ инчунин қайд менамояд, ки қонунгузор муҳлати муайянро муқаррар накардааст, ки дар давоми он ба занон барои ғизодиҳии кӯдак танаффус дода шавад. Аммо, А. Абрамова чунин мешуморад, ки ин имтиёз бояд дар тамоми давраи ғизодиҳии кӯдак, сарфи назар аз он, ки он чӣ қадар давом кунад, дода шавад. Ин давраи ғизодиҳӣ бо шаҳодатнома аз муассисаи тиббӣ/ машварат барои кӯдакон, машваратҳои занону кӯдакон, поликлиника, амбулатория ва ғайра тасдиқ карда мешавад.

В.Н. Толкунова нуқтаи назари дигар дорад: кӯдакони ширмаке, ки бо таври сунъӣ ғизо мегиранд, дар давраи ғизодиҳӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад ва модарони чунин кӯдакон низ барои ғизо додан ба танаффус ниёз доранд. Аз ин рӯ, ӯ қайд менамояд, ки қонун бояд барои модароне, ки фарзандонашон бо таври сунъӣ ғизо мегиранд, танаффус барои

[310] Бобокалонов Ғ.М. Асари ишорашуда. – С. 411.
[311] Абрамова А.А. Правовое регулирование труда женщин в СССР: дис. ... канд. юрид. наук. М., 1951. – С. 14. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://lawlibrary.ru/izdanie26433.html

ширмаккониро ба таври возеҳ пешбинӣ намуда, муқаррар кардааст, ки ҳамаи модарони кӯдакони то яксола бояд аз танаффус барои ширмакӣ истифода баранд[312].

Чи тавре дар боло зикр гардид, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) дар асоси аризаи кормандони дар қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ нишон додашуда, ба танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки дар шакли ҷамъшуда дар аввал ё дар охири рӯзи (басти) корӣ бо ихтисори дахлдори вақти корӣ дода мешавад (қ. 2. м.218 КМ ҶТ).

Аз танафусҳои барои ғизодиҳӣ ба кӯдак на танҳо занони кӯдаки то якунимсоладошта, инчунин падар ё дигар намояндаи қонуние, ки кӯдаки то якунимсоларо бе модар тарбия мекунанд, истифода бурда метавонанд.

Танаффусҳо барои дамгирӣ ва хурокхӯрӣ ба вақти корӣ дохил нашуда, барои онҳо музд дода намешавад, танаффусҳо ҷиҳати ғизодиҳӣ ба кӯдак бошад, ба вақти корӣ дохил буда, барои онҳо музди миёнаи меҳнат дода мешавад (қ. 3. м.218 КМ ҶТ).

Қонунгузор тартиби истифодаи танаффусҳо ҷиҳати ғизодиҳӣ ба кӯдакро, ба салоҳдиди зан вобаста намудааст. Корфармо метавонад танаффусҳои мазкурро бо хоҳиши ӯ (зан) ба танаффусҳои ба мақсади дамгирӣ ва хурокхӯрӣ таъйиншуда ҳамроҳ намояд ё онҳоро ба аввал ё охири рӯзи корӣ гузаронад.

Бояд тазаккур дод, ҳарчанд, ки корманд дар давоми танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон)  мувофиқи меъёри муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ озод мебошад ва аз ин вақти озод мувофиқи хоҳиши худ истифода мебарад. Аз ин рӯ, мо метавонем чунин вақтро, вақти истироҳат ном барем.

Зеро, агарчи корманд аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ озод буда, вале вақти озод аз иҷрои вазифаҳои меҳнатиро бо хоҳиши худ истифода бурда натавонад, чунин вақт, вақти дамгирӣ ҳисобида намешавад.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқии дорои талабот оид ба ғизодиҳии табиии кӯдакони ширмак (тифлон) ва кӯдакони хурдсол Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КТ ҶТ) махсуб меёбад.

Мафҳуми ғизодиҳии табиӣ (синамаконӣ) дар сархати сивудуюми моддаи 1 КТ ҶТ чунин пешбинӣ шудааст: “- ғизодиҳии табии (синамаконӣ) – ғизодиҳии табиии кӯдакони ширмак (тифлон) ва кӯдакони хурдсол»

Сархати  нуҳуми қисми 1 моддаи 75 КТ ҶТ, ки сухан дар бораи уҳдадориҳои мутахассисони тибби оилавӣ меравад – расонидани кумаки машваратӣ ба оилаҳо оид ба масъалаи ғизодиҳии кӯдакон мутахассисони тибби оилавӣ уҳдадор мебошанд.

Яке аз бобҳои маркази КТ ҶТ ин боби 15 ба ҳисоб меравад, ки ба ҳимояи ғизои кӯдакон бахшида шудааст. Аз ҷумла, муомилоти ғизои кӯдакон ва ғизои таъйинотӣ (м. 96), маҳдуд кардани фаъолияти истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи ғизои таъйинотӣ (м. 97), маҳдудиятҳое,

---

[312] Толкунова В.Н. Социально-правовые проблемы труда женщин в СССР: дис. ... д-ра юрид. наук. М., 1969. – С. 539-540. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://search.rsl.ru/ru/record/01007142441;https://rusneb.ru/catalog/000200_000018_rc_3342749/

ки ба тамғакоғазҳои ғизои таъйинотӣ дахл доранд (м. 98), маҳдудиятҳое, ки ба тамғакоғази шишачаҳои шир (ширдӯшӣ), маккаку пистонакҳо дахл доранд (м. 99), маводи иттилоотӣ ва маърифатӣ дар бораи ғизодиҳии табиӣ (синамаконӣ) (м. 100), маводи иттилоотӣ ва маърифатӣ доир ба ғизои омехтаи кӯдакон, ғизои омехта барои кӯдакони ширмаки аз яксола калон ва дар бораи шишачаҳои шир (ширдӯшӣ) (м. 101) ва маҳдудиятҳо дар фаъолияти кормандони тиб, ки ба ҳифзи солимии модару кӯдак машғуланд (м. 102).

Бояд тазаккур дод, ки аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои болозикр чунин хулоса баровардан мумкин аст. Чи тавре, ки аз номи боби 15 КТ ҶТ бармеояд, меъёрҳои дар он муқарраршуда нотамом ва номукаммал мебошанд. Масалан, ҷиҳати таъмини ҳимояи ғизои кӯдакон як силсила меъёрҳоеро муқаррар намудан зарур аст, аз ҷумла, кафолати давлатии ҳимояи ғизодиҳии кӯдакон, номгӯи ҳуқуқу ухдадориҳои субъектон ва ғайра.

Дар ин самт як нуқтаи назари дигарро бояд тазаккур дод. Тавре ки маълум аст, шири Модар шакли беҳтарини ғизо барои кӯдакон аст. Синамаконӣ як намуди ғизоест, ки табиат медиҳад ва ба рушди ҷисмонии кӯдак мувофиқ аст. Синамаконӣ хатари модарро ба саратони сина ва тухмдон коҳиш медиҳад. Вақти он фаро расидаст, ки доир ба ҳифзи шири Модар - ҳамчун хуроки табии кӯдак меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд. Бинобар ин зарур аст, ки дар КТ ҶТ масъалаи зикршуда ба инобат гирифт шавад.

Илова бар ин ғизои табии кӯдак ғайр аз шири синаи модараш инчунин шири синаи дигар зан шуда метавонад. Дар амалия роиҷ аст, ки дар баъзе мавридҳо (дар сурати фавти Модар, ё шир надоштани синаи Модар, ё дигар ҳолатҳо), кудакон шири синаи зани дигарро истеъмол мекунанд. Чунин равиши масъала ҳануз аз замонҳои қадим ҷой доштааст, ки гузаштагони мо барои маконидани чунин кудакон дояҳоро ҷалб менамуданд. Масъалаи мазкур дар КТ ҶТ бояд танзим шавад. Мисол, дар сурати истеъмоли шири дигар занҳо аз ҷониби кӯдакон он чи гуна бояд дуруст танзим шавад, аз ҷиҳати тиббӣ оё ташхиси пешакии шири синаи чунин модарон ва иҷозати он зарурат дорад. Ва истеъмоли он то кадом муддат ҷоиз аст ва чи гуна оқибатҳои ҳуқуқӣ ва тиббиро барои кудакони шири синаи дигар занҳоро истеъмолнамуда, ба вуҷуд меорад. Дар чунин сурат миёни чунин кӯдак ва кӯдакони зани ширдода чи гуна муносибатҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои хешутабори метавонанд ба вуҷуд оянд.

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба моддаи 218 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сухан дар бораи танаффус барои ғизодиҳии кӯдак меравад, хусусан ҷиҳати истифодаи калимаҳои «ба занон, падар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки хурдсолро бе модар тарбия мекунанд» тавсия менамоем.

**Адабиёт:**

1. Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар. 07.03.2023 08:00, шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/30154 (санаи муроҷиат 18.03.2023)

2. Рахмонова Озода Эмомалиевна. Развитие законодательства о правах и свободах женщин вТаджикистане (1917-2011 гг.) Автореф. дисс. ... к.ю.н. - Душанбе, 2012. – С. 18-19.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: "Нашриёти Ганҷ" 2016. – С.20.

4. Бобокалонов Ғ.М. Маҷмуаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – 658 с.

5. Абрамова А.А. Правовое регулирование труда женщин в СССР: дис. ... канд. юрид. наук. М., 1951. – С. 14. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://lawlibrary.ru/izdanie26433.html.

6. Толкунова В.Н. Социально-правовые проблемы труда женщин в СССР: дис. ... д-ра юрид. наук. М., 1969. – С. 539-540. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://search.rsl.ru/ru/record/01007142441; https://rusneb.ru/catalog/000200_000018_rc_3342749/.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

# ДОКТРИНАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ К УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ОХРАНЕ ОТНОШЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЭМБРИОНОВ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
заведущей кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор
**Тел:** (+992) 907-81-12-85.
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Огнерубов Николай Алексеевич,**
доцент кафедры уголовного права и процесса Института права и национальной безопасности ФГБОУ ВО «Тамбовского государственного университета имени Г.Р. Державина», кандидат юридических наук
**Тел:** +7 (910) 248-38-46
**E-mail:** ognerubov_n.a@mail.ru

**Аннотация:** В условия влияния существенных достижений в сфере биомедицинских технологий появляется необходимость определения правовых мер по охране эмбриона, в первую очередь, уголовно-правового характера. В работе предлагается несколько подходов к определению момента начала жизни человека и места эмбриона в структуре правоотношений. Рассмотрен подход двойственной природы статуса эмбриона.

Сравнивая гражданское и уголовное регулирование момента начала жизни человека, заметим, что в первом случае ребенок станет субъектом права только после окончания родов, хотя в исключительных случаях законодатель признает даже эмбриона лицом, участвующим в общественных отношениях, к примеру, при наследовании, а во втором случае человек охраняется уголовным законом с момента зачатия, за ним признается право на существование и дальнейшее развитие.

Преступное посягательство на жизнь плода нужно приравнивать к преступлению против человека. Нам близка последняя изложенная позиция, когда моментом начала жизни является момент зачатия. Ввиду

этого, делается вывод: эмбрион является специфическим объектом правоотношений и нуждается в особой защите.

**Ключевые слова:** Правовой статус, эмбрион in vivo, эмбрион in vitro, явление sui generis, уголовно-правовая защита, момент начала жизни, преступления против жизни, здоровья человека, медицинские преступления, искусственное оплодотворение, врачебное тайно, репродуктивные технологии, субъект права, юридическая ответственность, наказания.

## DOCTRINAL APPROACHES TO THE CRIMINAL LAW PROTECTION OF RELATIONS RELATED TO THE USE OF EMBRYOS

**Azizzoda Ubaidullo Abdullo,**
head of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of the Tajik National University, Doctor of Law, Professor
**Phone:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Ognerubov Nikolay Alekseevich,**
associate Professor of the Department of Criminal Law and Procedure of the Institute of Law and National Security of the Tambov State University named after G.R. Derzhavin, candidate of legal sciences
**Phone:** +7 (910) 248-38-46
**E-mail:** ognerubov_n.a@mail.ru

**Annotation:** Under the conditions of the influence of significant advances in biomedical technologies, there is a need to determine legal measures for the protection of the embryo, primarily of a criminal nature. The paper suggests several approaches to determining the moment of the beginning of human life and the place of the embryo in the structure of legal relations. The approach of the dual nature of the embryo status is considered.

Comparing the civil and criminal regulation of the moment of the beginning of a person's life, we note that in the first case the child will become a subject of law only after the end of childbirth, although in exceptional cases the legislator recognizes even the embryo as a person involved in public relations, for example, during inheritance, and in the second case the person is protected by criminal law from the moment of conception, for him the right to existence and further development is recognized.

Criminal encroachment on the life of the fetus should be equated with a crime against a person. The last stated position is close to us, when the moment of the beginning of life is the moment of conception. In view of this, it is

concluded that the embryo is a specific object of legal relations and needs special protection.

**Keywords:** Legal status, embryo in vivo, embryo in vitro, sui generis phenomenon, criminal law protection, the moment of the beginning of life, crimes against life, human health, medical crimes, artificial insemination, medical secrecy, reproductive technologies, subject of law, legal responsibility, penalties.

## РАВИШҲОИ ДОКТРИНАЛӢ БА ҲИФЗИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ МАРБУТ БА ИСТИФОДАИ ҶАНИН

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Огнерубов Николай Алексеевич,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи Институти ҳуқуқ ва амнияти миллии Донишгоҳи давлатии Тамбов ба номи Г. Державин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел:** +7 (910) 248-38-46
**E-mail:** ognerubov_n.a@mail.ru

**Фишурда:** Дар шароити таъсири дастовардҳои назаррас дар соҳаи технологияҳои биотиббӣ зарурати муайян кардани чораҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҷанин (эмбрион), пеш аз ҳама, андешидани чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятидошта ба миён меояд. Дар таҳқиқоти мазкур якчанд нуқтаҳои назари муҳаққиқон барои муайян кардани лаҳзаи оғози ҳаёти инсон ва ҷойгоҳи ҷанин (эмбрион) ва ҳолати ҳуқуқии он дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст, ки аслан аз духуррагии мақом ва мавқеи ҷанин (эмбрион)дарак медиҳанд.

Ҳангоми муқоисаи танзими ҳуқуқии граждании ва ҷиноятии лаҳзаи оғози ҳаёти инсон, бояд қайд кард, ки кӯдак танҳо пас аз таваллуд субъекти ҳуқуқ мегардад, гарчанде ки дар ҳолатҳои истисноӣ қонунгузор ҳатто ҷанинро ҳамчун шахсе эътироф мекунад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунад. Масалан, ҳангоми ба вуҷуд омадани муносибатҳои мерос ва м.и. Дар мавриди дигар ҳаёт ва саломатии ҷанин тибқи қонуни ҷиноятӣ аз лаҳзаи бордоршавӣ ҳифз карда мешавад, чун ӯ ҳуқуқ ба мавҷудият ва инкишофи муътадилро доро мегардад.

Дар ин асос таҷовуз ба ҳаёти ҷанин ба ҷинояти ба муқобили инсон содиркардашуда баробар карда мешавад. Мо мавқеи мазкурро ҷонибдорем, чун ба андешаи мо низ, ҳаёти инсон аз лаҳзаи пайдо гардидани он дар батни модар оғозшуда ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, хулоса баровардa мешавад: ҷанин объекти мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад ва ба ҳифзи махсус ниёз дорад.

**Калидвожаҳо**: Мақоми ҳуқуқӣ, ҷанин дар vivo, ҷанин дар vitro, падидаи sui generis, ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ, лаҳзаи оғози ҳаёт, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатии инсон, ҷиноятҳои тиббӣ, бордоркунии сунъӣ, сирри тиббӣ, технологияҳои репродуктивӣ, субъекти ҳуқуқ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷазо.

Стремительное развитие биотехнологий в современной медицине сопровождается увеличением злоупотреблений в сфере репродуктивных технологий, в первую очередь, это связано с проведением исследований на эмбрионах и искусственным оплодотворением. Вследствие этого в уголовно-правовой науке возникают вопросы, связанные с установлением границ использования эмбрионов в медицинских и исследовательских целях. Прежде всего, необходимо определить позицию – является ли эмбрион участником правоотношений или он выступает их предметом.

Отечественная и зарубежная доктрина на протяжении всего периода формирования не выработала единого подхода относительно разрешения проблемы. Именно поэтому, считаем значимым обозначить существующие позиции правового сообщества по данному вопросу, проанализировав каждую детально. Основные точки зрения определения эмбриона: как субъект правоотношений; как объект правоотношений; как особое правовое явление.

Прежде всего, необходимо рассмотреть момент начала жизни человека, от которого, в том числе, зависит отграничение искусственного прерывания беременности от убийства. Данная проблематика нашла свое отражение в научных трудах многих ученых. Так, А.Н. Красиков определяет начальным этапом момент, когда происходит извлечение плода из организма беременной женщины, при этом он имеет дыхание или сердцебиение, независимо от того перерезана ли пуповина[313]. О.В. Лукичев считает, что уголовно-правовая охрана человеческой жизни начинается с момента появления в процессе родов какой-либо части тела ребенка вне утробы матери. Важно отметить, что ученый определяет лишение жизни ребенка вне утробы матери как убийство, в то время как внутриутробное – аборт[314]. Похожим образом мыслил М.Д. Шаргородский, который утверждал: когда преступные деяния направлены против плода, то такой состав преступления нужно квалифицировать как аборт, т.к. началом

---

[313] См.: Красиков А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России. – Саратов, 1996. – С. 9.

[314]См.: Лукичев О.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика детоубийства: диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.08. – Санкт-Петербург, 1997. – С. 132.

жизни человека считается наступление дыхания[315]. Иной взгляд демонстрирует А.Н. Попов, он отмечает, что «жизнь человека начинается задолго до его рождения»[316]. Поэтому преступное посягательство на жизнь плода нужно приравнивать к преступлению против человека. Нам близка последняя изложенная позиция, когда моментом начала жизни является момент зачатия. Ввиду этого, делается вывод: эмбрион является специфическим объектом правоотношений и нуждается в особой защите.

Рассматривая положение эмбриона в международном праве, отмечается закрепление за ним статуса социальной ценности, которая подлежит уголовно-правовой охране от преступных действий, к примеру, от проведения исследований. Приведем высказывание И.Х. Бибаджанова: «использование эмбрионов в качестве материала для медицинских исследований демонстрирует грубое нарушение принципа уважения человеческого достоинства»[317]. Кроме того, автор отмечает, что закрепленные права человека на жизнь на международном уровне «можно толковать буквально, Конвенция расширяет понятие «ребёнка», а значит и «человека». В такой трактовке ребёнком может считаться не только рожденный ребёнок, как это презюмируется в законодательстве большинства государств (в том числе и в России), но и нерожденный - находящийся в утробе матери. При этом, признание нерожденного ребёнка человеческим существом не может быть оспорено ни с медицинской, ни с философской позиции»[318].

Предельно ясно обосновывается необходимость уголовно-правовой защиты жизни эмбриона в работе Н.Н. Крылова: «Любой живущий на Земле человек прошел через стадию эмбрионального развития прежде, чем родиться и получить правовой статус личности. Если уж Уголовный кодекс России становится на защиту животных, предусматривая ответственность за жестокое с ними обращение, повлекшее их гибель или увечье, то почему в этом отказано человеческому эмбриону»[319]. Действительно, права эмбриона нуждаются в закреплении на законодательном уровне, предполагающем их охрану и защиту. Представители юридического сообщества отделяют эмбрион от организма беременной женщины и считают его как самостоятельный субъект права, так, Н.И. Беседкина устанавливает, что «юридическое отношение к статусу эмбрионов в нашей стране должно строиться на основе признания того факта, что эмбрион не часть организма матери, а начало новой жизни. Это и должно определять подходы к созданию соответствующего правового ее регулирования, отношение к абортам»[320].

---

[315] См.: Шаргородский М.Д. Ответственность за преступления против личности. – Л., 1953. – С. 15

[316] Попов А.Н. Преступления против личности при смягчающих обстоятельствах. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 12.

317 Бабаджанов И.Х. Правовой статус человеческого эмбриона: несколько подходов к анализу // Юридическая наука: история и современность. – 2012. – № 9. – С. 23.

[318] Там же. – С.18.

[319] Крылова Н.Е. Ответственность за незаконное производство аборта и необходимость уголовно-правовой защиты «будущей» жизни // Вестник Моск. ун-та. Серия 11: Право. – 2002. – № 6. – С. 44-45.

[320] Беседкина Н.И. Конституционно-правовая защита прав неродившегося ребенка в Российской Федерации: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 12.

Другим подходом, превалирующем среди специалистов гражданского профиля, в определении эмбриона в правоотношениях является признание его объектом. К примеру, Ю.Ф. Дружинина вводит определение эмбриона как «индивидуально-определенной, движимой, неделимой, потребляемой вещи, право собственности на которую принадлежит лицам (или лицу), обратившимся за медицинской помощью»[321]. Данный подход весьма радикальный, однако такое мнение разделяют и другие ученые. В частности, М.Н. Малеина считает, что несмотря на возможность эмбриона в будущем стать субъектом правоотношений, все равно выходит невозможным утверждать о его правоспособности до рождения[322].

Противоположную точку зрения высказывает Д.А. Белова, обосновывая полную непригодностью режима вещных прав для эмбриона in vitro, обращая внимание на то, что «если ни одно из нормативных положений, составляющих режим совместной собственности, да и вещного права в целом, неприменимо для регулирования исследуемых отношений, распространение на них этого правового режима лишено смысла»[323].

Сравнивая гражданское и уголовное регулирование момента начала жизни человека, заметим, что в первом случае ребенок станет субъектом права только после окончания родов, хотя в исключительных случаях законодатель признает даже эмбриона лицом, участвующим в общественных отношениях, к примеру, при наследовании, а во втором случае человек охраняется уголовным законом с момента зачатия, за ним признается право на существование и дальнейшее развитие.

Имеет место быть подход, когда эмбрион относят к категории особого рода, т.е. явлением sui generis[324]. Е.В. Григорович в научных трудах рассматривает статус эмбриона после экстракорпорального оплодотворения до переноса в организм женщины, где делает вывод о необеспечении правовой охраны плода, существующего вне организма женщины. Также она отмечает, что плод in vitro не обладает и статусом вещи, следовательно, «на него не может распространяться ответственность за причинение вреда имуществу»[325]. То же мнение выражено Н.В. Аполинской, которая относит «биологические объекты человека» к категории гражданского права «иное имущество». Автор определяет их как «самостоятельные уникальные объекты материального мира, происходящие от организма человека, обладающие значительной нематериальной ценностью и экономической стоимостью»[326]. Однако,

---

[321] См.: Дружинина Ю.Ф. Правовой режим эмбриона in vitro / Журнал российского права. – 2017. – № 12. – С. 135.

[322] Малеина М.Н. О праве на жизнь // Советское государство и право. – М.: Наука, – 1992, – № 2. – С. 56.

[323] Белова Д.А. Правовая природа эмбриона in vitro // Журнал "Lex russica (Русский закон)". 2019. – № 6. – С. 125.

[324] См., например: Самойлова В.В. Российское и зарубежное семейное законодательство о применении вспомогательных репродуктивных технологий (ВРТ) // Семейное и жилищное право. 2010. – № 3. – С. 7 - 10.

[325] Голубов И.И., Григорович Е.В. Уголовная ответственность при использовании искусственных методов репродукции // Юрист. – 1999. – № 11. – С. 30.

[326] Аполинская Н.В. Биологические объекты человека в гражданском праве Российской Федерации : автореф. дис. … канд. юрид. наук : 12.00.03; Иркутский гос. университет. – Иркутск, 2009. – С. 7.

стоит отметить, что такой подход не определяет конкретного места эмбриона в структуре правоотношений, что не гарантирует его право на защиту и охрану законом.

Полагаем, в современных реалиях российского права, юридическая природа эмбриона должна решиться компромиссным путем. Такой подход предполагает рассматривать статус эмбриона через двойственную природу, т.е. в зависимости от того, развивается ли он in vivo и in vitro. Первый случай определяет реализацию прав эмбриона через права беременной женщины, в таком случае их юридическая судьба неотделима, при этом законодатель устанавливает сроки для возможного прерывания беременности. Во втором, эмбрион нуждается в самостоятельной правовой защите, в том числе с помощью уголовно-правовой защиты от незаконных действий, таких как: создание эмбрионов с целью последующего проведения исследований; нарушение установленного законом порядка проведения ЭКО; использование эмбриональных тканей в коммерческих целях.

Область мнений научного сообщества достаточно обширная, в уголовно-правовых и медицинских доктринах встречаются самые разнообразные версии правового положения эмбриона. Предполагается, что в силу дискуссионной природы данного определения оно не может найти свое отражение и в законодательстве. Наиболее целесообразным подходом, на наш взгляд, является закрепление двойственной природы положения эмбриона в правоотношениях.

**Литература:**

1. Аполинская Н.В. Биологические объекты человека в гражданском праве Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 22 с.

2. Бабаджанов И. Х. Правовой статус человеческого эмбриона: несколько подходов к анализу // Юридическая наука: история и современность. – 2012. – № 9. – С. 10-28.

**3.** Белова Д.А. Правовая природа эмбриона in vitro // Журнал "Lex russica (Русский закон)". 2019. – № 6. – С. 122–130.

4. Беседкина Н.И. Конституционно-правовая защита прав неродившегося ребенка в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – 23 с.

5. Голубов И.И., Григорович Е.В. Уголовная ответственность при использовании искусственных методов репродукции // Юрист. 1999. – № 11. – С. 27-30.

6. Дружинина Ю.Ф. Правовой режим эмбриона in vitro / Журнал российского права. 2017. – № 12. – С. 129-140.

7. Крылова Н.Е. Ответственность за незаконное производство аборта и необходимость уголовно-правовой защиты «будущей» жизни // Вестник Моск. ун-та. Серия 11: Право. – 2002. – № 6. – С. 38-53.

8. Лукичев О.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика детоубийства : дис. ... канд. юрид. наук. - Санкт-Петербург, 1997. – 179 с.

9. Малеина М.Н. О праве на жизнь // Советское государство и право. – М.: Наука, 1992, – № 2. – С. 50-59.

10. Попов А.Н. Преступления против личности при смягчающих обстоятельствах. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 463 с.

11. Самойлова В.В. Российское и зарубежное семейное законодательство о применении вспомогательных репродуктивных технологий (ВРТ) // Семейное и жилищное право. 2010. – № 3. – С. 7-10.

12. Ответственность за преступления против личности / Шаргородский М.Д.; Отв. ред.: Алексеев Н.С. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1953. – 108 с.

13. Красиков А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России. – Саратов: Полиграфист, 1996. – 211 с.

# АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

**Муқимов Сафарбек Давлатбекович,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992) 931-90-30-90
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Зокирзода З.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бахшида шудааст. Аломатҳои дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинишуда монанд ба он аломатҳое мебошанд, ки дар моддаҳои дигари боби “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ” ва ҳамчунин дигар бобҳои КҶ ҶТ омадаанд. Муаллиф таваҷҷуҳи худро фақат бар рӯи аломатҳои мубоҳисавӣ ва хусусияти хосси корбурду истифодаи онҳо дар чаҳорчӯби таркиби ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мутамарказ мегардонад.

Бояд тазаккур дод, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки КҶ ҶТ онро дар моддаи 111 муқаррар кардааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хавфнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Ҳамзамон ба ҷабрдида зарари маънавӣ низ расонида мешавад, ки метавонад ба зиндагии минбаъдаи инсон таъсири манфӣ дошта бошад.

Ба андешаи муаллиф ҳангоми арзёбии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна аз рӯи аломатҳои мазкур, набояд аз хотир баровард,ки хусусияти муносиботи наздик бояд қасди шахси гунаҳкорро низ дар бар бигирад.

Муаллиф бар он назар аст, ки шахси гунаҳкор бояд ба таври мушаххас дарк намояд,ки расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида метавонад ва ё имкон дорад ба амал ва фаъолиятҳои қонунии шахси иҷрокунандаи фаъолиятҳои хизматӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ (вазифаи ҷамъиятӣ) таъсир гузорад.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноят, кирдори ҷиноятӣ, зарар, қасдан расонидани зарар, ҳаёт, саломатӣ, ҳолати вазнинкунанда, ҳолати сабуккунанда.

# КВАЛИФИЦИРУЮЩИЕ ПРИЗНАКИ УМЫШЛЕННОГО ПРИЧИНЕНИЯ СРЕДНЕЙ ТЯЖЕСТИ ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ ЧЕЛОВЕКА

**Мукимов Сафарбек Давлатбекович,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействие с коррупцией юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел:** (+992) 931-90-30-90
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Закирзода З.Х., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Статья посвящено одному из важнейших вопросов юриспруденции – квалифицирующим признакам умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. В ч. 2 ст. 111 УК РТ аналогичным признакам, которые фигурируются в других статьях главы «Преступления против жизни и здоровья», а также других главах УК РТ. Автор акцентирует свое внимание лишь на спорных признаках и специфике их использования в рамках умышленного преступления причинения средней тяжести вреда здоровью.

Следует отметить, что умышленное причинение средней тяжести вреда здоровью относится к числу опасных преступлений против здоровья, что установлено статьей 111 УК РТ. Его опасность состоит, прежде всего, в том, что он имеет опасные для общества последствия и мешает долгосрочному здоровью человека. При этом потерпевшему наносится моральный вред, который может оказать негативное влияние на дальнейшую жизнь человека.

По мнению автора, при оценке преступления умышленного причинения среднего вреда по этим признакам не следует забывать, что характер близких отношений должен включать в себя и умысел виновного.

Автор придерживается мнения, что виновное лицо должно четко понимать, что причинение вреда здоровью потерпевшего может или имеет возможность повлиять на правомерные действия и деятельность лица, осуществляющего служебную деятельность и общественную деятельность (общественный долг).

**Ключевые слова:** Преступление, преступное деяние, ущерб, умышленное причинение вреда, жизнь, здоровье, отягчающее обстоятельство, смягчающее обстоятельство.

# QUALIFYING SIGNS OF DELIENTLY CAUSING MEDIUM HARM TO HUMAN HEALTH

**Mukimov Safarbek Davlatbekovich,**
competitor of the Department of Criminal Law and Combating Corruption, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 931-90-30-90
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru

**Research Supervisor:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Zokirzoda Z.Kh., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** The article is devoted to one of the most important issues of jurisprudence - qualifying signs of intentional infliction of moderate harm to health. In part 2 of art. 111 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan on similar grounds that appear in other articles of the chapter “Crimes against life and health”, as well as other chapters of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author focuses only on controversial signs and the specifics of their use in the framework of an intentional crime of causing moderate bodily harm.

It should be noted that the intentional infliction of moderate harm to health is one of the dangerous crimes against health, which is established by Article 111 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Its danger lies primarily in the fact that it has dangerous consequences for society and interferes with long-term human health. At the same time, moral harm is inflicted on the victim, which can have a negative impact on the future life of a person.

According to the author, when assessing the crime of intentional infliction of medium harm on these grounds, one should not forget that the nature of close relationships should also include the intent of the perpetrator.

The author is of the opinion that the perpetrator must clearly understand that causing harm to the health of the victim can or has the ability to influence the lawful actions and activities of a person engaged in official activities and public activities (public duty).

**Keywords:** Crime, criminal act, damages, intentional infliction of harm, life, health, aggravating circumstance, mitigating circumstance.

Қисми 2 моддаи 111 КҶ ҶТ феҳристи аломатҳои вазнинкунандаеро дар бар мегирад, ки ба таври умумӣ хавфи рафтори мазкурро афзоиш медиҳад ва он барои таъйин кардани ҷазои нисбатан сахт нисбат ба шахси ҷинояткор дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз ду то панҷ сол асос мегардад. Шакли мушаххаси қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ метавонад дар сурати содир гардидани кирдорҳои зерин ҷой дошта бошад:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386)*;

б) нисбати шахс ё наздикони ӯ вобаста бо фаъолияти хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро иҷро намудани ӯ *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35)*;

в) аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386)*;

г) бо бераҳмии махсус;

д) дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ;

е) бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35)*;

ж) такроран ё аз ҷониби шахси қаблан содирнамудаи ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё одамкушии пешбининамудаи моддаҳоии 104 ва 110 ҳамин Кодекс содир гардидааст.

Дар КҶ ҶТ номгӯи аломатҳои вазнинкунанда ба таври умумӣ васеъ гардонида шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ҳамчун аломатҳои арзёбии ҷиноят фақат ҷароҳатҳои ҷисмонӣ пешбинӣ шуда буданд, "агар онҳо дорои характери азобу шиканҷа мебуданд ва ё тавассути шахси ҷинояткори собиқадори хавфнок содир мешуданд". Аз нуқтаи назари мо, зиёд сохтани миқдори аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят амали асоснок ба ҳисоб меравад. Қабл аз гузаштан ба баррасиву омӯзиши аломатҳои арзёбии ҷиноят, бояд таъкид шавад, ки аломатҳои дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинишуда монанд ба он аломатҳое мебошанд, ки дар моддаҳои дигари боби "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ" ва ҳамчунин дигар бобҳои КҶ ҶТ омадаанд. Аз ин рӯ, мо таваҷҷуҳи худро фақат бар рӯи аломатҳои мубоҳисавӣ ва хусусияти хосси корбурду истифодаи онҳо дар чаҳорчӯби таркиби ҷиноятии мавриди назар мутамарказ мегардонем. Банди "б" қ. 2 м. 111 қасдан расонидани зарар ба саломатиро, ки нисбати шахс ё наздикони ӯ ба вай дар заминаи иҷрои фаъолияти хизматӣ ва қарзи ҷамъияти содир карда мешавад, пешбинӣ менамояд. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки бо мақсади эҷоди монеа дар роҳи иҷрои фаъолияти қонунии шахси зарардида барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҷамъиятии шахс содир мегардад, ё аз рӯи ангезаи қасосгирӣ барои чунин фаъолият анҷом мешавад, бояд мавриди арзёбӣ ва баҳогузорӣ қарор бигирад. Тавре, ки дар боло таъкид шуд, аломати мазкур, дар м. 112 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) пешбинӣ нашуда буд. Ва он ҳамчунин дар дигар моддаҳое, ки расонидани ҷароҳати мухталифи ҷисмонии вазнинро пешбинӣ менамуданд, вуҷуд надошт. Аломати ба ин монанд дар м. 104 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) пешбинӣ шуда буд, аммо, он ҷазои вазнинро фақат барои кушторҳои ғаразноке, ки дар заминаи иҷрои фаъолиятҳои хизматӣ ва вазифаи ҷамъиятӣ тавассути шахси зарардида содир мегардиданд, пешбинӣ намуда буд. Кодекси ҷиноятии амалкунандаи соли 1998 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафовут аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961), ба таври яксон ҳам шахси зарардидаи иҷрокунандаи фаъолияти хизматӣ ва ҷамъиятӣ ва ҳам шахсони ба ӯ наздикро муҳофизат менамояд. Барои дарку фаҳмиши пурраи аломати мазкур, бояд мафҳумҳои зерин ба таври мушаххас муайян гарданд: "фаъолияти хизматӣ, идорӣ", "вазифа, қарзи ҷамъиятӣ", "шахсони

наздик”. Мафҳумҳои зерин бо ангезаи ҷиноят вобаста буда, дорои характери баҳодиҳии расмӣ мебошанд ва ин хусусият дар аксари мавридҳо кори арзёбӣ ва муайянсозиро мушкил мегардонад[327].

Зери мафҳуми фаъолияти хизматӣ ё идорӣ аз нуқтаи назари амалияи судӣ, он амалҳои шахси зарардида дар назар аст,ки ба доираи вазифаҳои ӯ дар асоси шартномаи меҳнатии (қарордод) бо муассисаҳои давлатӣ, маҳаллӣ, хусусӣ ва дигар муассисаҳои аз рӯи тартиби муайяншуда ба қайд гирифташуда ба имзорасида дохил мегарданд. Ҳамин тавр, зери мафҳуми иҷрои фаъолияти хизматӣ бояд тамоми фаъолиятҳои шахси зарардида фаҳмида шавад, ки нишондиҳандаи иҷро шудани вазифаи корӣ тавассути шахси зарардида ба ҳисоб мераванд.

Зери мафҳуми иҷрои қарзи ҷамъиятӣ амалисозии он вазифа ва уҳдадориҳои махсусе фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби шаҳрванд ба нафъи ҷамъият ва манфиатҳои қонунии шахсони ҷудогона ва барои иҷрои корҳои дигари муфиди ҷамъиятӣ анҷом дода мешаванд. Чунин амалҳоро метавон амалҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муфид арзёбӣ намуд: пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ, иттилоъ додан ба мақомоти давлатӣ дар бораи ҷинояти содиршуда ва ё ҷиноятe, ки бояд содир шавад, ҳамчун шоҳид, одами холис, машваратчии халқӣ ва ғайра дар ҷараёни мурофиавӣ ширкат варзидан. Муайян намудани номгӯи пурраи мавридҳое, ки метавонанд барои мушаххас гардидани амалҳои хосси иҷрои қарзи ҷамъиятӣ асос гарданд, то ҷое имконнопазир мебошад ва гузашта аз он ҳеҷ мафҳуме надорад. Дар шароити рушду инкишофи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қаламрави ҶТ, мо метавонем на фақат дар хусуси густаришу васеъгардонии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, балки дар бораи афзоиши ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҷавобгарии онҳо дар баробари ҷомеа сухан гӯем.

Фаъолиятҳои шахси зарардида дар робита ба иҷрои фаъолиятҳои идориву хизматӣ ва амалисозии вазифаҳои ҷамъиятӣ, ки боиси сурат гирифтани таҷовуз мегарданд, метавонанд хусусияти якдафъаина дошта бошанд ва ё дар муддати замонии муайян анҷом шаванд. Бинобар ин, замон ва лаҳзаи расонидани зарар ба саломатии шахс имкон дорад, ки мухталиф бошад. Агар мақсади таҷовузи мавриди назар пешгирӣ аз анҷоми фаъолиятҳои шахси зарардида бошад, дар чунин ҳолат мумкин аст он то шуруи иҷрои чунин фаъолият аз сӯи шахси зарардида содир гардад. Ва ё он метавонад аснои иҷрои фаъолияти хизматӣ ва иҷрои вазифаи ҷамъиятӣ тавассути шахси зарардида анҷом дода шавад. Баръакси ин, агар мақсади таҷовуз аз қасдгирӣ барои фаъолияти хизматӣ ё вазифаи ҷамъиятии иҷрошуда иборат бошад, дар ин сурат содиршавии ҷиноят пас аз иҷрои чунин амалҳо шуморида мешавад. Зимни мувофиқ будан бо нуқтаи назари С.В. Бородина, ҳамзамон таъкид менамоем, ки сарфи назар аз замони анҷоми амалҳои қонунӣ тавассути шахс бо мақсади иҷрои фаъолияти хизматӣ ва ё вазифаи ҷамъиятӣ ва таҷовуз ба саломатии шахс

---

[327] *Ниг.: Джинджолия Р.С.* Унификация оценочных признаков при квалификации преступлений против личности: Монография / Под ред. А.А. Магомедова. – М.: ЮБИТИ-ДАНА; Закон и право, – 2004. – С. 77.

ва саломатии шахсони наздик, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин таҷовуз фаро мерасад[328].

Дар қонуни ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ таърифи мафҳуми "шахсони наздик" ва "хешовандон" дода нашудааст. Чунин таъриф дар м. 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ бояд мафҳумҳои "шахсони наздик", "хешовандони наздик", "хешовандон"-ро ба таври мушаххас инъикос созад. Танҳо дар м. 6 КМҶ ҶТ мафҳуми хешовандони наздик чунин инъикос ёфтааст: "Хешовандони наздик - падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва ҳоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар". Ҳамин тавр, ба шахсони наздики шахси зарардида илова ба хешовандони наздик ҳамчунин метавонанд шахсоне дохил гарданд, ки бо ӯ робитаи қавму хешовандӣ доранд (хешовандони ҳамсар), ҳамчунин шахсоне дохил мегарданд, ки саломативу некуаҳволии онҳо бинобар мулоҳизоту робитаҳои шахсӣ барои шахси зарардида муҳим мебошад. Тавре, ки зикр шуд, мафҳуми мавриди назар мафҳуми тақрибӣ маҳсуб мешавад ва дар зимн, меъёрҳои арзёбии шахсони наздик вуҷуд надоранд. Муносиботи байни афрод маъмулан хусусияти тағйирёбандагӣ доранд ва шахсе,ки имрӯз наздик аст, фардо метавонад бетафовут бошад ва ё гузашта аз ин душману мухолиф гардад. Исботи наздик будани шахсро, маъмулан, шаҳодатҳои додаи шахси зарардида ташкил медиҳад, ки фаъолиятҳои хизматӣ ва ҷамъиятии худро анҷом медиҳад. Ва ё он аз рӯи шаҳодатҳои додаи шахсоне, ки аз лиҳози муносибатҳои шахсӣ бо ҳам наздикӣ доранд, сурат мегирад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, байни мафҳумҳои КҶ ҶТ ва КМҶ ҶТ як нав номутобиқатӣ ба мушоҳида мерасад. Қонуни ҷиноятӣ истилоҳи "наздикон" ва КМ ҶТ истилоҳи "хешовандони наздик"-ро истифода мебарад, ки ба мақсад мувофиқ намебошад. Ба назари мо, дар ҳоли ҳозир зарурати ягонасозии ин мафҳумҳо ба миён омадааст.

Ҳангоми арзёбии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна аз рӯи аломатҳои мазкур, набояд аз хотир баровард, ки хусусияти муносиботи наздик бояд қасди шахси гунаҳкорро низ дар бар бигирад. Яъне, шахси гунаҳкор бояд ба таври мушаххас дарк намояд, ки расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида метавонад ва ё имкон дорад ба амал ва фаъолиятҳои қонунии шахси иҷрокунандаи фаъолиятҳои хизматӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ (вазифаи ҷамъиятӣ) таъсир гузорад. Чунин навъи таҷовуз фақат бо доштани қасди бевосита имконпазир аст. Бархе аз муаллифон таъкид менамоянд, ки шахси гунаҳкор метавонад бо қасди бавосита ҳам амал намояд[329]. Чунин нуқтаи назарро наметавон дидгоҳи дуруст номид, зеро дар ҳолати мазкур шахси гунаҳкор ҳадафмандона амал менамояд ва кӯшиш менамояд монеи фаъолияти қонунӣ гардад ва ё бо мақсади ба даст овардани натиҷа ҳисси қасос гирифтанро асоси амали худ

[328] Ниг.: Бородин С.В. Преступления против жизни: Практ. пособие. – М.: Юристъ, 1999. – С. 51.
[329]Ниг.: Кондрашова Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности. Екатеринбург, – 2000. – С. 61.

қарор медиҳад. Ҷанбаи ё лаҳзаи иродавии қасд дар вуҷуд доштани хоҳиши мушаххаси фаро расидани зарар ба саломатии шахси зарардида инъикос меёбад.

Бояд таъкид намуд, ки м. 328 КҶ ҶТ барои истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият ва шахсони ба вай наздик дар робита ба иҷро намудани уҳдадориҳои хизматӣ тавассути намояндаи мақомоти давлатӣ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст. Мутобиқи эзоҳи м. 328 КҶ ҶТ, таҳти мафҳуми намояндаи ҳокимият шахсе дар назар дошта шудааст, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат карда ва мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба шахсони таҳти тобеияти хизматиаш қарорнадошта ваколати амрдиҳиро дорад. Илова бар ин бояд ба таври махсус зикр намуд, ки ҳангоми расонидани зарар ба саломатии шахсони дар боло қайдшуда арзёбии иловагӣ аз рӯи банди “б” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ лозим нест, зеро зӯроварии дар қ. 2 м. 328 КҶ ҶТ ишорашуда маънои расонидани ҳар гуна зарар ба саломатӣ, аз ҷумла зарари миёнаро дар назар дорад.

Банди “в” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки бо бераҳмии махсус, таҳқир ва азият нисбат ба шахси зарардида содир мешавад ва ҳамчунин баробар нисбат ба шахсе, ки шахси гунаҳкор огоҳ аст, ки дар ҳолати нотавонӣ қарор дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Ба ин тартиб, дар банди “в” амалан ду аломати вазнинкунанда бо ҳам муттаҳид гардонида шудаанд ва яке аз ин аломатҳо аз ҷониби гурӯҳи шахсон ва гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ нишон медиҳад. Қаблан, дар қ. 2 м. 112 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) сухан дар бораи он ҷароҳатҳои ҷисмоние мерафт, ки дорои хусусияти озордиҳӣ ва ё азобу уқубатдиҳӣ буданд. Васеъ гардонидани муҳтавои аломати мазкурро бо роҳи дохил кардани аломати бераҳмии махсус бояд амали дурусту асоснок шуморид. Аммо дар ин миён набояд нуқси вуҷуд дошта дар конструксияи банди “г” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ нодида гирифт. Мафҳуми “бераҳмии махсус”нисбат ба мафҳумҳои “таҳқир”, “озору азият” иртиботи наздик дорад, зеро мафҳумҳои мавриди назар фақат навъҳои бераҳмии махсусро ташкил медиҳанд. Чунин тасаввур мешавад, ки маҳз ба ин хотир, банди “е” қисми 2 м. 104 КҶ ҶТ фақат одамкушӣ бо бераҳмии махсусро пешбинӣ намудааст. Чунин номувозинативу ноҳамоҳангии мавҷуд миёни моддаҳои ҷудогонаи боби 16 КҶ ҶТ “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ” ба дарку фаҳмиши яксону воҳиди аломатҳои муайянкунандаи ҷиноят таъсири мусбат намерасонад. Дар ҳоли ҳозир зарурати воқеии яксонсозии мафҳумҳои баҳодиҳӣ ва аломатҳои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ вуҷуд дорад, зеро ин метавонад моҳиятан ва ба таври назаррас сифати истифодаву корбурди қонунгузории ҷиноятиро боло бардорад. Мафҳумҳои “озор” ва “таҳқир” шарҳу маънидоди мухталиф доранд: “Таҳқир – тарзу равиши содиршавии ҷиноят мебошад, ки аз содир гардидани амалҳои хушунатомези густохона нисбат ба шахсони зарардида

ҳамроҳ бо таҳқиру тавҳини шаъну шараф”[330] иборат мебошад; “зери мафҳумҳои таҳқир ва озор он амалҳое фаҳмида мешаванд,ки боиси расонидани ранҷу азияти иловагӣ нисбат ба шахси ҷабрдида мегарданд. Ба муддати тӯлонӣ маҳрум намудан аз ғизо, об, гармӣ ва нигоҳ доштани шахси ҷабрдида дар шароитҳои барои саломатии ӯ хатарнок ва ҳамчунин дигар шароитҳои тоқатфарсо, аз ҷумлаи чунин ранҷу азиятҳои иловагӣ шуморида мешаванд”[331]; “таҳқир” – азият, азоб, шиканҷа ва ба ин монанд амалҳои хушунатомезеанд,ки дорои характери худхоҳӣ ва густохӣ мебошанд ва метавонанд давомдор бошанд”[332]; “зери мафҳуми озор ва таҳқир ҳамчун тарзи расонидани зарар ба саломатӣ амалҳое дар назар аст, ки бо роҳи маҳрум сохтан аз ғизо, об, гармӣ ва нигаҳдории шахси ҷабрдида дар шароитҳои барои ҳаёти ӯ хавфнок ва ё дигар шароитҳои ба ин монанд боиси расонидани ранҷу азият нисбат ба ӯ мегарданд”[333].

Мафҳуми таҳқир ва унсурҳои он аз тарафи олимони тоҷик ба монанди У.А. Азиззода[334], З.Х. Зокирзода[335], Ф.А. Бобохонов[336] мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Таҳлили таърифҳои мазкур нишон медиҳад,ки дар ҳоли ҳозир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёрҳои дақиқу мушаххаси таъйинкунандаи меъёрҳои мавриди назар вуҷуд надорад. Дар ин кор наметавон олимони ватаниро маломат намуд, зеро мафҳумҳои мавриди назар ба маънои том мафҳумҳои тахминӣ ба ҳисоб мераванд ва аз ин лиҳоз онҳо қобили стандартизатсиякунонӣ намебошанд. Чизе, ки барои як шахс ба таври даҳшатовар озордиҳанда мебошад, дар айни замон метавонад барои шахси

---

[330] *Ниг.: Джинджолия Р.С.* Асари зикршуда. – С. 232.

[331] *Ниг.:* Уголовное право России. Особенная часть: Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – С. 41.

[332] *Ниг.:* Уголовное право России. Часть Общая. Часть Особенная. Учебник / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – С. 335.

[333] *Ниг.:* Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – С. 170.

[334] *Ниг.:* Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 4. – С. 88–107.

[335] *Ниг.:* Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Матн] монография: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 185 с.; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клевети в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук – 2022. – №3. – С. 207–214; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36–42; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 220–228.

[336] *Ниг.:* Бобохонов Ф.А. К вопросу защиты человеческого достоинства от клеветы и оскорблений в Республике Таджикистан // Экономика и право. Современное состояние и перспективы развития: сборник статей Международной научно-практической конференции (5 мая 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 7–12; Бобохонов Ф.А. Ҳифзи шаъну шарафи инсон аз тӯҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 300–318.; Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз тухмат дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – № 2 (6). – С. 127–132.

дигар фақат як унсури зиндагии сахту мушкил бошад. Тавре, ки С.В. Расторопов қайд менамояд: “дар қонуни ҷиноятӣ набояд ба мафҳумҳо ва истилоҳоте такя намуд, ки қобили ташхиси мушаххас намебошанд[337], зеро тафсир ва истифодаи онҳо дар амалияи тафтишотӣ метавонад боиси халалдор шудани принсипи қонуният гардад, ки он дар моддаи 4 КҶ ҶТ” чунин пешбинӣ шудааст: “Мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад”. Ҳамин тавр, мо хориҷ намудани аломати вазнинкунандаи мазкурро аз боби 16 КҶ ҶТ зарур ва лозим медонем. Аммо дар сурати фароҳам омадани имкони мувофиқ, қонунгузор метавонад онро ба таври мушаххас дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва пешбинӣ намояд. Ҳар гуна амалҳои зӯроварие, ки дар шакли қасдан расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида зоҳир мегарданд, аз бераҳмии ҷинояткор гувоҳӣ медиҳанд, вале барои арзёбии кирдор аз рӯи б. “г” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пайдо кардани ҳолатҳои махсусе лозим аст, ки аломати расонидани зарар ҳамчун амали содиршуда бо бераҳмии истисноӣ бошанд. Аснои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии фавқуллода баланд барои расонидани зарар ба саломатии шахс бо бераҳмии махсус, манзури қонунгузор эҳсосоти маъмулии дарднок ва он ранҷу азияте набуд, ки амалан ҳар навъ таҷовуз ба саломатӣ боиси ба миён омадани онҳо мегардад. Он гуна, ки Н.И. Загородников қайд менамояд, “қонун дар ин маврид ҷароҳати ҷисмониро пешбинӣ намудааст, ки худи раванди амалисозии он боиси расонидани азиятҳои зиёди ҷисмонӣ мегардад ва шахси расонандаи чунин азиятҳо махсусан тавре амал мекунад, ки он боиси расонидани дарди махсус ва азобу азиятҳои вазнини ҷисмонӣ гардад”[338].

Чунин ҳолатҳо, аз як тараф, бояд бо тарзи сурат гирифтани таҷовуз вобаста бошанд ва тарафи дигар бояд қасди шахси гунаҳкорро дар бар бигиранд. Бераҳмии махсус метавонад ҳам дар тарзи амали шахси гунаҳкор ва ҳам дар дигар ҳолатҳои нишондиҳандаи бераҳмии махсус инъикос ёбанд. Аломати бераҳмии махсус дар он ҳолатҳои қасдан расонидани зарар ба саломатии шахс дида мешавад, ки дар ҷараёни таҷовуз нисбат ба шахси ҷабридида шиканҷа, азобдиҳӣ, озор ва дигар равишҳои ошкоро алоқаманд ба расонидани азиятҳои махсус ба ҷабрдида (расонидани ҷароҳатҳои зиёди ҷисмонӣ, истифодаи миқдори заҳри нокушанда, ки боиси дарди шадид мегардад, бо барқ ва оташ сӯзонидан, дуру дароз маҳрум сохтан аз ғизову обу хобу ғайра) истифода мегардад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нуктаҳои умумипазируфта шуморида мешавад, иборат аз он аст, ки расонидани зарар дар ҳузури наздикони шахси ҷабридида бояд расонидани зарар бо бераҳмии махсус шинохта шавад ва ин вақте имкон дорад, ки шахси гунаҳкор дарк намояд, ки бо амалҳои худ

---

[337] *Ниг.: Расторопов С.В.* Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств. – С. 341.

[338]*Ниг.:* Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 69.

ба ӯ ранҷу азиятҳои махсус мерасонад[339]. Ҳангоми муайянсозӣ ва арзёбии зарари расонидашуда саломатии шахс аз рӯи б. "г" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ гузаронидани экспертизаи судиву тиббӣ нақши муҳим мебозад. Аҳаммияти нақши он аз додани хулоса дар бораи миқдор ва маҳдудсозии (локализатсияи) ҷароҳатҳо, характер ва замони расонидани ин ҷароҳатҳо иборат мебошад. Вале бояд қайд намуд,ки мафҳуми бераҳмии махсус, на мафҳуми тиббӣ, балки мафҳуми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ин далел, хулосаи коршиносон асной арзёбӣ аҳаммияти таъйинкунанда надорад, он дар қатори дигар далелҳои марбут ба парванда бояд мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Хулосаи баровардаи суд дар бораи вуҷуд доштани аломатҳои бераҳмии махсус дар амали шахс, бояд дар асоси таҳлили системавии тамоми аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят сурат бигирад. Дар зимн, нуктаи асосӣ дар ин ҷо муқаррар намудани қасд барои содир намудани ҷинояти мавриди назар маҳз бо бераҳмии хос, таҳқир ва ё азобу шиканҷа барои шахси ҷабрдида мебошад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, мавзуи баҳсбарангез масъалаи марбут ба муносибати субъективии шахси гунаҳкор нисбат ба ҳолатҳои зоҳиршавии бераҳмии махсус, таҳқир ва шиканҷа ҳамчун тарзи расонидани зарар ба саломатӣ боқӣ мемонад.

Ба андешаи мо, дар муносибат бо шахсони хурдсол ё ҳолати оҷизӣ дар аломати дуюми арзёбии ҷиноят, ки дар б. "г" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидааст. Дар таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии ФР чунин ҳолат ҷой дорад. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар ҳолате мебошад, ки ба шахси гунаҳкор маълум аст, ки ӯ дар ҳолати оҷизӣ қарор дорад. Оҷизӣ боиси он мегардад,ки шахс объекти мавриди ҷиноят қарор бигирад. Маҳз ворид гардидани ҳолати оҷизӣ барои бартарафсозии мушкилоти амалӣ хеле зарур аст. Хубтар мешуд, ки мақомоти қонунгузори кишвар камбудии мазкурро бартараф менамуд. Қонунгузорро ба кушиши бештар барои ҳифз намудани манфиатҳои чунин шахсон тавассути ворид сохтани мафҳуми "ҳолати оҷизӣ" ба қонуни ҷиноятӣ ҳамчун аломати таркиби арзёбӣ ва ҳолати вазнинкунандаи ҷазо водор месозад. Ҳолати оҷизии ҷабрдида маънои онро дорад, ки ҷабрдида бинобар ҳолати ҷисмониву психологии худ қодир нест он чиро ки бо ӯ мегузарад, дарк намояд, хусусият ва аҳаммияти амалҳоеро,ки нисбат ба ӯ мегузаранд бифаҳмад ва ё ба шахси гунаҳкор муқовимат нишон диҳад. Ба ҳолатҳое, ки нишондиҳандаи вазъи нотавони шахси ҷабрдида мебошанд, дохил мегарданд: синну соли хурд, камбудиҳои ҷисмонӣ, халалдор гардидани ҳолати рӯҳии фаъолият, дигар ҳолати дардмандӣ ва беҳушӣ ва ғайра. Дар ҳолати оҷизӣ, бинобар халалдор гардидани вазъи рӯҳии шахс, мастшавии сахт, синни хурд доштан шахси ҷабридида аз имкони мухолифат нишон додан маҳрум аст, наметавонад дар муқобили таҷовуз худро муҳофизат намояд ва аз ҳуқуқи мудофиаи зарурӣ истифода кунад. Барои мавриди истифода қарор додани аломати баҳодиҳии ҷинояти мавриди назар,

[339] *Ниг.: Кадников Н.Г.* Квалификация преступлений и вопросы судебного толкования: теория и практика: Учеб, пособие. – М.: Норма, – 2003. – С. 66.

ҳатман бояд ба исбот расад, ки шахси гунаҳкор ҳолатҳои дар боло зикршударо қабл аз таҷовуз дарк намудааст ва ё онҳоро дар ҷараёни расонидани зарар дарк намудааст. Агар ҳолатҳои мазкур фақат баъд аз поён ёфтани татбиқи ҷанбаи объективии таҷовуз ба ӯ маълум гардида бошанд, дар ин сурат муайянсозии амалҳои вай аз рӯи банди “г” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ номумкин аст, зеро қонунгузор дар бораи он ҳолати оҷизии ҷабрдида сухан намегӯяд. Аз нуқтаи назари мо, бояд пас аз “бераҳмии махсус” “ҳолати оҷизӣ” дар банди “г” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ илова карда шавад.

Масъалаи ҳолати оҷизии рӯҳии шахси аз ҷиноят ҷабрдида масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Ба таври умумӣ, ҳолати оҷизии рӯҳӣ ду мафҳум, мафҳуми маҳдуд ва мафҳуми васеъ дорад. Зери мафҳуми маҳдуд, он шаклҳои ошкори ҳолати оҷизии рӯҳӣ дар назар аст, ки барои бемориҳои рӯҳӣ, ҳолати беҳушӣ ва ғайра хосанд, ки дар натиҷаи онҳо шахси ҷабрдида наметавонад он чиро, ки бо ӯ мегузарад бифаҳмад, хусусият ва аҳаммияти амалҳоеро, ки нисбат ба худ анҷом мешаванд дарк кунад ва ё муқобилият ба онҳо нишон диҳад. Таҳлилу баррасии таҷрибаи судӣ имкон медиҳад ба ин хулоса омад, ки дар аксари бештари мавридҳо мақомоти судӣ маҳз мафҳуми мавриди назарро асос қарор намедиҳанд. Аммо иддае аз муаллифон чунин мепиндоранд,ки ҳолати оҷизии ҷабрдида дар дарку фаҳмиши хусусият ва аҳаммияти амалҳои бо ӯ анҷомёбанда ва оҷизии вай дар муқобилият нишон додан бояд ба таври васеъ тафсир шаванд ва дар зимн на фақат ба ҳолати оҷизии рӯҳии дар натиҷаи ҳолати беҳушӣ ва нотавонии дарки хусусият ва аҳаммияти амалҳое, ки нисбат ба суратгиранда, балки ба оҷизии дар натиҷаи тарсу ҳарос,шоки эмотсионалӣ ва фиреб[340] ба миён омада ишора мекунанд. Муаллифони тарафдори нуқтаи назари мафҳуми васеъ зери мафҳуми баён намудани иродаи худ оҷизии огоҳона ва ба таври озод амал намудани шахси зарардидаро ба ҳангоми содир намудани таҷовуз мадди назар қарор медиҳанд. Дар ин маврид сухан дар бораи оҷизии эҳтимолии шахси ҷабрдида барои муқобилият нишон додан ва ё сарфи назар намудани ӯ аз расонидани зарар ба саломатии шахс бо роҳи фирор ё ҳар равиши дигар меравад.

Аз дидгоҳи Л. Конишева шахси ҷабрдидаро метавон ба шарти вуҷуд доштани ҳамзамони чаҳор ҳолат аз ҷумла: дарк накардани муҳтавои дохилии ҳолат тавассути ҷабрдида, муайян намудани вазъ ҳамчун вазъи илоҷнопазир, интихоби равиши номуассири нишон додани муқовимат, набуди имкони психологии назорат намудани ҳалқаҳои фаъолият шахси нотавон эътироф намуд. Мо чунин меҳисобем, ки чунин тафсиру таъбири васеи ҳолати оҷизии шахси ҷабрдида барои чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла таҷовуз ба номус (м. 138 КҶ ҶТ), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, (м. 139 КҶ ҶТ), маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани инсон барои пайвандсозӣ (қ. 2 моддаи 122 КҶ ҶТ) ва ғайра қобили истифода аст. Дар робита ба ин таъкид бояд кард, ки дар

[340] *Ниг.: Конышева Л.* Понятие психически беспомощного состояния жертвы преступления // Рос. юстиция. – 1999. – № 4. – С. 36–37.

қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми “ҳолати оҷизӣ” ва “нотавонӣ” пешбинӣ гардидааст, ки чандон ба мақсад мувофиқ нест. Дар акси ҳол дар қонунгузории ҶТ як навъ «парокандагӣ» ошкор карда мешавад, ки он ягон натиҷаи амалӣ надорад. Аслан, истилоҳи қонунгузорӣ бояд як хел истифода бурда шавад, вагарна боиси нофаҳмиҳои матнҳои қонунгузорӣ мегардад ва рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Мутобиқи қ. 3-и м. 40-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Дар робита ба расонидани зарари миёна ба саломатӣ, бояд гуфт, ки мафҳуми ҳолати оҷизӣ нодуруст аст. Оё метавон расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдидаро бидуни равшан сохтани вазъу ҳолат, арзёбӣ накардан ва ё нодида гирифтани хавфу хатари эҳтимолии он дар оҷиз будан барои нишон додани муқовимати муассир ҷинояти махсусан вазнин ҳисобид? Ба фикри мо, наметавон онро ҷинояти махсусан вазнин шуморид. Дар аксари ҳолатҳои қасди таҷовуз ба ҳаёт ва саломати инсон тавре ки ба мушоҳида мерасад, шахси ҷинояткор меъёрҳои вуҷуд доштани оҷизии шахси ҷабрдида, аз ҷумла меъёри ногаҳонӣ будан, меъёри бартарӣ доштан аз лиҳози қувва, меъёри истифодаи олату восита, меъёри чигунагии содиршавии ҷиноят ва ғайраҳоро ба ҳисоб мегирад. Ҳамин тавр, дар робита ба ҷиноятҳои м.м. 122, 138, 139 КҶ ҶТ, қонунгузор оҷизии ҷисмонии (шахси солхӯрда, маъюб, шахси хурдсол) ва ҳамчунин шаклҳои оҷизии психологӣ, ҳолати беҳушӣ, халалдор шудани фаъолияти равонӣ, ҳолати шуури таҳрифшуда ва ғайраро дар мадди назар қарор медиҳад.

Барои нахустин бор, ба сифати аломати вазнинкунанда қонунгузор дар банди “е” қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ расонидани зарари миёна ба саломатиро бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом пешбинӣ намудааст.

Барои муайян намудани ҷиноят аз рӯи аломати таҳқиқшаванда муқаррар намудани ҳолати вуҷуд доштани далелу бурҳон, ки муҳтавои онро кӯшиши шахси гунаҳкор барои нокомил нишон додани шахси ҷабрдида бинобар тааллуқоташ нисбат ба қавми муайян, миллат, гурӯҳи этникӣ, дин, идеология ё ягон гурӯҳ зарур аст. Мақсади ҷинояти мазкур барангехтани нафрату душмании сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Хавфи афзоишёфтаи иҷтимоии таҷовузи мазкур, на фақат дар саломат будани шахс, балки дарбаробар будани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар м. 17 Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудаанд, инъикос меёбад.

Бо расонидани зарар ба саломатии инсон, ҷинояткор талош мекунад барои таҳқири воқеӣ ва ғайривоқеии шаъну шарафи миллӣ ва нажодӣ қасос бигирад, мекӯшад, ки тааллуқоти сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ, нажодӣ, иҷтимоӣ ва иҷтимоии истисноии худро ба дигарон нишон бидиҳад. Барои баҳодиҳӣ ва муайянсозии дурусту бехатои ҷинояти содиршуда арзёбии

шахсияти ҷинояткор бо тамоми робитаҳои иҷтимоӣ фарҳангиаш бисёр муҳим аст. Набудани сабабу ангезаҳои анъанавии нишондиҳандаи амалҳои монанд ба ин ҳамроҳ бо шиорҳо, дар маҷмуъ ба нафъи баҳодиҳӣ аз рӯи банди "е", қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, бисёр муҳим аст, ки мақомоти тафтишотиву судӣ бояд ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд, ки низоъу даргирӣ дар миёни намояндагони миллатҳои мухталиф (ҳатто бо баёни изҳороти хасмона ба унвони якдигар ҳанӯз наметавонад далели кофӣ барои арзёбии кирдори содиршуда аз рӯи банди "е" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ эътироф гардад. Пеш аз расидан ба чунин хулоса, бояд шароит ва чигунагии содиршавии ҷиноят ва пеш аз ҳама, тамоми ҷанбаҳои шахсияти ҷинояткор ҳамчун ноқил ва дорандаи нафрату бадбинӣ нисбат ба намояндагони ҳизбҳои дигари сиёсӣ (гурӯҳҳо), идеология, миллият, нажод, гурӯҳи иҷтимоӣ ё дин мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор бигирад.

Агар мақсад аз расонидани зарар на фақат расонидани зарар ба саломатии шахси мушаххаси "беимон", "намояндаи нажоди табақаи пойин ва ғайра, балки воситаи барангехтани нафрати миллӣ, нажодӣ, мазҳабии дорои хусусияти оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошанд ба ҳисоб равад, дар ин сурат чунин ҳаракат бояд аз рӯи м. 189 КҶ ҶТ арзёбӣ гардад. Ба таври махсус бояд қайд намуд,ки расонидани зарар ба саломатӣ аз рӯи ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё бадбинии мазҳабӣ ва ё душманӣ бо сабабҳои нафрат ва душманӣ нисбат ба гуруҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ фақат бо қасди бевосита имконпазир аст.

Дар банди "в" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ барои расонидани зарари миёна ба саломатии шахс аз сӯи аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмуъ, ба кор бурда шудани аломати мазкур дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳеҷ гуна мушкил эҷод намекунад, вале бо вуҷуди ин ба баъзе нуқсу камбудиҳои банду басти "в" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ бояд таваҷҷуҳ сурат бигирад.

Пайдо шудани аломати мазкури баҳодиҳӣ дар м. 111 ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ бо тақвияти мубориза ба муқобили ҷинояткории муташаккил алоқаманд аст. Олимон ба таври барҳақ қонунгузорро барои дар доираи як банд муттаҳид кардани ду аломати дорои дараҷаи мухталифи хавфи ҷамъиятӣ мавриди танқид қарор медиҳанд[341]. Дар дигар моддаҳои КҶ ҶТ, ки дар онҳо содиршавии ҷинояти дар шарикӣ дар ҷиноят пешбинӣ шудааст, аломати мазкур ҳамчун аломати махсуси баҳодиҳӣ ҷудо карда шудааст, аммо аломатҳои аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба сифати аломатҳои вазнинкунанда муайян карда шудаанд. Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҷинояти мавриди таҳқиқ бештар ба таври танҳо содир карда мешавад. Далели он ба ин

---

[341] *Ниг.:* Расторопов С.В. Квалифицированные и особо квалифицированные виды составов преступлений против здоровья человека // Законодательство. – 2003. – № 10. – С. 77–82.

бармегардад, ки ба таври маъмул ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ худ ба худ, бе омодагии қаблӣ бо қасди ногаҳон ба миёномада содир мегардад. Мо чунин меҳисобем, ки қонунгузор дар банди "в" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пас аз "аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ" бояд аломати махсуси гурӯҳи муташаккилро ҳамчун аломати нисбатан хавфнок дар КҶ ҶТ ворид намояд.

Воқеан, аз лиҳози таҳқиқу омӯзиш, мо ба хулосае омадем, ки дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ аломати вазнинкунадаи ҳолати авбошӣ мавҷуд нест. Ворид намудани аломати вазнинкунандаи ҳолати авбошӣ дар банди "ғ" қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ, яъне расонидани зарари миёна аз рӯи ангезаҳои авбошӣ ҷолиб ба назар мерасад. Таҳлили маводҳои таҷрибаи судӣ нишон медиҳад,ки ҳангоми содир намудани ҷиноят аз рӯи м. 111 КҶ ҶТ аломати баҳодиҳии мазкур нисбатан зиёдтар ба чашм мерасад. Барои аввалин бор ҳиссиёти авбошӣ ҳамчун аломати арзёбии ҷиноят дар м. 104 КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) инъикос ёфта буданд. Ба мавзуи таҳқиқи ангезаҳои авбошӣ корҳои анҷомдодаи як қатор муаллифон, аз ҷумла Б.С. Волков, В.В. Лунеев, Н.Г. Иванов, Б.А. Викторов, С.В. Скляров ва дигарон[342] бахшида шудаанд.

Суди Олии ҶТ зимни шарҳу эзоҳи банди "к" қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ тавзеҳ медиҳад,ки бо номи одамкушӣ аз ҳиссиёти авбошӣ содиршуда бояд чунин навъи куштор арзёбӣ гардад, ки он дар асоси беэҳтиромии ошкоррро нисбат ба ҷомеа ва меъёрҳои умумипазируфташудаи ахлоқӣ сурат мегирад ва чунин ҳолат дар замоне рух медиҳад, ки рафтори шахси ҷинояткор таҳдиди ошкоро нисбат ба тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва он вобаста ба майли мухолифат нишон додан бо муҳити гирду атроф ва бетаваҷҷуҳӣ ба шахсони гирду атроф (мисол, қасдан боиси марг шудан бе ҳеҷ баҳонаи маълум ва ё бо асоси ночиз ҳамчун баҳона барои куштор). Ҳолати мазкур комилан бо он моддаҳои КҶ ҶТ қобили истифода аст, ки барои расонидани зарар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд.

Ҳангоми муқаррар намудани сабабу ангезаи ҷиноят, мақомоти тафтишотиву судӣ маъмулан кӯшиш менамоянд он сарчашмаеро муайян созанд, ки бо пайдо шудани ин ё он ангеза алоқаманд мебошад. Вижагиву махсусияти ҳиссиёти авбошӣ дар он инъикос меёбад, ки дар тафовут аз сабабу ангезаҳои дигари дорои асоси мушаххаси предметӣ, он дорои сабаби зоҳирии то андозае объективӣ мебошад, ки он метавонад сабаби пайдо шудани чунин ҳиссиётро баён созад[343]. Дар зимн, бояд ёдовар шуд, ки аломати вазнинкунандаи ҳиссиёти авбошӣ дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидааст ва ин наметавонад барои арзёбии ҷиноят аз рӯи қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ асос қарор дода шавад.

---

[342] *Ниг.:* Волков Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социальнопсихологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – 152 с.; Лунеев В.В. Мотивация преступного поведения. – М.: Наука, 1991; Иванов Н.Г. Мотив преступного деяния: Учеб, пособие. М., 1997; Викторов Б.А. Цель и мотив в тяжких преступлениях. – М., 1963.

[343] *Ниг.: Волков Б.С.* Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социально-психологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – С. 48.

Дар бисёр ҳолатҳо аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шунида мешавад,ки сабабу ангезаҳои авбошӣ ғайриратсионалӣ ва бесабаб буда, аз ҳар гуна мантиқ ва ғайра орӣ мебошанд. Дар воқеъ, ҳиссиёти вобаста ба авбошӣ, зери таъсири омилҳои берунӣ ба вуҷуд намеоянд, баръакс, онҳо натиҷаи хусусиятҳои ботинии иҷтимоӣ психологии шахсият ва талаботҳои зиддиҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд (эгоизм, худсобиткунӣ, хоҳиши худро дар муқобили дигарон қарор додан). Рушду инкишофи ғайриқаноатбахши раванди ташаккули шахсият дар ин ҷо бетаъсир нест. Зимни шарҳ додани хусусиятҳои ҳиссиёти авбошӣ, бояд ба ногаҳонӣ, зудгузар, айён, баргаштнопазир, ҷазонопазир, заъфнопазир будани онҳо ишора намуд. Дар онҳо ҳисси бартарӣ доштан нисбат ба дигарон ва дар ниҳоят ғайриратсионалӣ будан вуҷуд дорад, ки дар нигоҳи аввал нисбат ба мукаллаф будани шахси ҷинояткор шубҳаву гумон эҷод менамояд. Дар аксари мавридҳо таҷовузи дар зоҳир бесабаб, ки расонидани зарар ба саломатӣ натиҷаи он баромад мекунад, чизе ғайр аз хурӯҷи мухолифатҳои ботинии (психологии) шахс бо мақсади холӣ кардани ғазаби худ бар сари дигарон нест. Агар шахс дар шароитҳои ғайримуқаррарие тарбия гирифта бошад, дар чунин фазо ҳеҷ гуна эҳтиром ба шахсият, шарафи вай вуҷуд надошта бошад, дурӯягӣ, зӯроварӣ, бераҳмӣ дар муносиботи шахсӣ ҳоким бошад, амалисозии (холӣ кардани) хашму ғазаби ҷамъшуда (ноқаноатмандӣ) ба эҳтимоли зиёд ба ғайр аз як навъ зӯровариву хушунат чизи дигаре набошад. Дар айни замон, хурӯҷи дар зоҳир бесабаби зӯровариву таҷовуз дар амал решаҳои амиқ дорад. Ҳарчанд дар ҳолати мазкур расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида як навъ воситаи тахлияи эмотсионалӣ ё ҳалли низоъи дохилӣ маҳсуб мешавад. Аммо, ин далели худсафедкунӣ барои шахси ҷинояткор шуда наметавонад, баръакс, он барои таъйин гардидани ҷазои нисбатан вазнинтар нисбат ба вай асос шуда метавонад, зеро бо ҳал намудани мушкилоти худ, шахси ҷинояткор ба муқобили яке аз пуразиштарин неъматҳои инсон – ҳаёту саломатии ӯ таҷовуз мекунад. Шахсе, ки дар фазову муҳиту шароити муносиб таълиму тарбият мегирад, ҳатман роҳи дигари (қонунӣ) ҳалли ихтилофҳои шахсиро пайдо мекунад.

Дар адабиёти соҳавии бахшидашуда ба мавзуи сабабу ангезаҳои авбошӣ, таъкид мегардад, ки яке аз сабабҳои содиршавии рафтори мавриди назар майзадагӣ мебошад. Дар ҳақиқат, аксари бештари ҷиноятҳо, аз ҷумла, ҷиноятҳои содиршудаи расонидани зарари миёна ба саломатӣ амалҳои зиддиқонунии шахсоне алоқаманд мебошанд,ки дар ҳолати мастӣ қарор доштаанд. Дар айни замон, наметавон бо назари Б.С. Волков розӣ нашуд,ки омили майзадагӣ ба таври пурра сабабҳои рафторҳои авбошонаро тасдиқ намекунад. Ҳолати мастӣ метавонад фақат баҳонаи матлуб барои содиршавии рафторҳои авбошона бошад. Чунин назарро ин нукта низ тасдиқ менамояд, ки на ҳар шахси дар ҳолати мастӣ қарордошта майли содир намудани амалҳои авбошонаро дорад. Б.С. Волков сабаби зоҳиршавии ангезаҳои авбоширо хеле хуб муайян

намудааст: “Қасди ваҳшиёна дар натиҷаи арзишҳои маънавиву ахлоқии ваҳшиёна ба вуҷуд меоянд”[344].

Агар ба ғайр аз қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз рӯи ҳиссиёти авбошона шахси айбдоршаванда амалҳои дигари қасдонаи халалдоркунандаи тартиботи ҷамъиятии бо нишон додани беэҳтиромии ошкор нисбат ба ҷамъият ва истифодаи яроқ ё предметҳои ба сифати яроқ истифодашаванда содир намуда бошад, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд аз рӯи банди “а” қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ арзёбӣ шавад. Бо сабаби мавҷуд набудани аломати вазнинкунадаи аз рӯи ҳиссиёти авбошӣ дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ чунин кирдор наметавонад аз рӯи маҷмуи ҷиноят бандубаст карда шавад. Ҳарчанд таҷовуз ба шахсият тавассути шахси авбош бештар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад, аммо ин имкони содиршавии чунин таҷовузро дар ҷойҳои камодам низ истисно намекунад. Содир шудани ҷиноят дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳамчун меъёр аснои баҳодиҳии амал аз рӯи ҷиноятҳои содиршуда баромад мекунад.

Дар интиҳои таҳқиқу омӯзиши аломати баҳодиҳии мазкур, наметавон ба мушкилоте ишора накард,ки бо онҳо ҳуқуқтатбиққунанда дар робита ба ҷудосозии расонидани зарар ба саломатӣ бинобар ангезаҳои авбошона ва расонидани зарар ба саломатӣ дар натиҷаи даргирӣ ва низоъ рӯ ба рӯ мегардад.

Ҳамин тавр, 23 октябри соли 2016, шаҳрванд Косимов С.М аз сӯи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар содир намудани ҷиноят аз рӯи қисми 1 моддаи 237 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуд. 10 майи соли 2016 Косимов С.М дар меҳмонии дӯсти худ Шоинов И.И ҳамроҳ бо Лиёсов қарор дошт ва ҳудуди соати 3 дар назди манзили Шоинов И.И. автомашина пайдо шуд. Аз дохили автомобил Маҳмадов М. ва Восиев Р. баромада, ба назди Каримов Р., ки дар назди хона қарор дошт, омаданд. Миёни онҳо низоъ даргирифт, ки он ба даргирӣ мубаддал шуд, баъди ин онҳо ба ҳар тараф пароканда шуданд. Дар ин лаҳза ба назди онҳо Қосимов С.М. омада, баъд аз салом аз Маҳмадов М. фаҳмидан хост, ки чӣ ҳодиса рух додааст. Маҳмадов М. ба пурсиш ҷавобе надода, як мушт ба рӯи Қосимов С.М. мезанад, ки аз зарбати мушт ӯ ба замин меафтад. Баъд аз он ки Қосимов С.М. аз замин бармехезад, ба ҳавлӣ даромада дар даст бели тезро гирифта бо он аз пушт бо қисмати сари Маҳмадов М. зарба мезанад,ки дар натиҷа ӯ ба замин меафтад. Баъди ба замин афтодан, Қосимов С.М. бо бел ба дасти Маҳмадов М. мезанад. Баъди ин, ба назди автомобили дар канори хона қарордоштаи опел, ки ба Самиев Д. тааллуқ дошт, омада ба садову талаби мардум барои қатъ кардани рафтори авбошона гӯш надода, бо дастаи бел шуруъ ба зарба задан ба баданаи автомобил намуд. Дар чунин ҳолат автомобил ба ҳаракат даромада аз назар дур шуд. Дар натиҷаи амалҳои зиддиқонунии Қосимов С.М. нисбат ба Маҳмадов М. ҷароҳатҳои ҷисмонии зерин расонида шуд: лат хӯрдани

[344] *Ниг.: Волков Б.С.* Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социальнопсихологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – С. 50.

мағзи сар, ҷароҳати қисмати рости ақиби сар, ҷароҳати ангушти якуми панҷаи даст, доғи кабуд дар қисмати чашми чап. Аз рӯи муддати давом ёфтани давраи зарар дидани саломатӣ экспертҳои судию тиббӣ ҷароҳатҳои ба Маҳмадов М. расонидашударо ба категорияи зарари миёна ба саломатии шахс дохил намуданд. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи амалҳои содирнамудаи Қосимов С.М. ба автомобили тааллуқдошта ба Самиев Д. зиёни фаннӣ ва механикӣ расонида шуд, ки он зиёни моддӣ дид. Ба амалҳои содирнамудаи Қосимов С.М. аз ҷониби кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ аз рӯи қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ арзёбӣ шуданд.

Дар ҳақиқат, аз маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ба таври ошкоро бармеояд,ки ҳангоми расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ Қосимов С.М. на аз рӯи ангезаҳои авбошона, балки бинобар хусуматҳои шахсии доштаи худ нисбат Маҳмадов амал намудааст. Зеро Маҳмадов М. аввалин шуда, ба Қосимов С.М. зарба мезанад,ки баъди ин, Қосимов С.М. вориди ҳавлӣ шуда аз он ҷо бо бели тез бармегардад ва бо он ба Маҳмадов М. ҷароҳатҳои ҷисмонӣ мерасонад. Ҷиноят дар ин маврид аз рӯи ангезаҳои шахсӣ содир мешавад,зеро амалҳои анҷомдодаи Қосимов С.М. на бо мақсади вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки омили муайнкунанда аснои ҳалли масъалаи вуҷуд доштани аломатҳои авбошӣ дар амали содиршуда мебошад, балки нисбат ба шахси мушаххас – Маҳмадов М. равона карда шуда буданд. Ба ғайр аз ин, суд ба таври асоснок ба хулоса омад,ки амалҳои содирнамудаи Қосимов С.М. қобили арзёбӣ ва баррасӣ аз рӯи қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ мебошанд ва судро инро бо он марбут медонад,ки ҳангоми расонидани зиён ба автомобили Самиев Д., Қосимов С.М. дар амал ҳеҷ гуна кӯшиши зарба задан бо бели дар даст дошта ба дигар шахсони дар дохили автомобил қарордошта накард ва ҳеҷ гуна таҳдиде ҳам нисбат ба онҳо нишон надод[345].

Барои дуруст муайян намудани сабабу ангеза дар ҳолати мазкур, пеш аз ҳама бояд мушаххас намуд,ки кӣ мушаххасан ташаббускори ба миён омадани низоъ ва даргирӣ буд. Оё мунокиша қасдан тавассути шахси гунаҳкор бо баҳонаи расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида барангехта нашудааст. Мутобиқи Қарори Суди Олии ҶТ агар ташаббускори даргирии низоъ ва мунокиша шахси зарардида баромад кунад, ё рафтори ғайриқонунии ӯ боиси ба миён омадани мунокиша шуда бошад, дар ин сурат шахси гунаҳкор наметавонад ҷавобгарӣ барои одамкуширо аз рӯи ҳиссиёти авбошӣ ба ухда бигирад (дар мисоли мавриди назар – қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ). Дар ҳар сурат, барои муайян намудани сабабу ангезаҳои авбошӣ, бояд тамоми амалҳои шахси гунаҳкор, ки дар лаҳзаи содиршавии ҷиноят, қабл ва баъд аз он содир шудаанд, таҳлилу баррасӣ гарданд.

[345] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-596/16 аз санаи 23 октябри соли 2016// Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

**Адабиёт:**


1. Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов, // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №4. – С. 88–107.
2. Бобохонов, Ф.А. К вопросу защиты человеческого достоинства от клеветы и оскорблений в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.А. Бобохонов, А.К. Бобохонов // Экономика и право. Современное состояние и перспективы развития: сборник статей Международной научно-практической конференции (5 мая 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 7–12.
3. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи шаъну шарафи инсон аз тӯҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 300–318.
4. Бородин, С.В. Преступления против жизни: Практ. пособие [Текст] / С.В.Бородин. – М., Юрист, 1999. – 356 с.
5. Викторов, Б.А. Цель и мотив в тяжких преступлениях [Текст] / Б.А. Викторов. – М., 1963.
6. Волков, Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социально-психологическое исследование) [Текст] / Б.С. Волков. – Казань., Изд-во Казан, ун-та, 1982. – 152 с.
7. *Джинджолия, Р.С.* Унификация оценочных признаков при квалификации преступлений против личности: Монография [Текст] / *Р.С. Джинджолия.* – М.: ЮБИТИ-ДАНА; Закон и право, 2004. – 271 с.
8. Загородников, Н.И. Преступления против здоровья [Текст] / Н.И. Загородников. – М., 1969. – 166 с.
9. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клевети в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук – 2022. – №3. – С. 207–214.
10. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Матн] монография: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 185 с.
11. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 220–228.
12. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-

практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36–42.

13.Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Матн] монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.

14. Иванов Н.Г. Мотив преступного деяния: Учеб, пособие. М., 1997.

15.Кадников, Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебноготолкования: теория и практика: Учеб. Пособие [Текст] / Н.Г. Кадников. – М., Норма, 2003. – 144 с.

16.*Кондрашова, Т.В.* Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности [Текст] / *Т.В. Кондрашова.* – Е., 2000. – 61 с.

17.*Коньшева, Л.* Понятие психически беспомощного состояния жертвы преступления [Текст] / *Л. Коньшева* // Рос. юстиция. – 1999. – № 4. – С. 36–37.

18.Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб. для вузов [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М., ИКД "Зерцало-М", 2002. – 624 с.

19. Лунеев, В.В. Мотивация преступного поведения. – М.: Наука, 1991.

20.Парвандаи ҷиноятии №1-596/16 аз санаи 23 октябри соли 2016 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

21.Расторопов, С.В. Квалифицированные и особо квалифицированные виды составов преступлений против здоровья человека [Текст] / С.В. Расторопов // Законодательство. – 2003. – № 10. – С. 77–82.

22.*Расторопов, С.В.* Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: Монография [Текст] / С.В. Расторопов. – М.: Моек, ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – 463 с.

23.Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Учебник [Текст] / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Юрист, 2003. – 511 с.

# ПРЕДМЕТИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

**Муқимов Сафарбек Давлатбекович,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru
**Тел:** (+992) 931-90-30-90

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И.
**Муқарриз:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Зокирзода З.Х.

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бахшида шудааст. Набудани таҳқиқоту пажӯҳишҳои ҷиддӣ боиси ба миён омадани тасавvуроти зидду нақиз дар робита ба предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мегардад. То имрӯз масъалаҳои вобаста ба предмети ҷиноят дар таълимоти умумии марбут ба таркиби ҷиноят масъалаҳое ба ҳисоб меравандки ба қадри лозим мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

Таҳти мафҳуми предмети ҷиноят чизе фаҳмида мешавад,ки ба муқобили он таҷовузи ҷиноятӣ равона шуда бошад. Дар айни замон, дар мавриди он ки зери мафҳуми предмети ҷиноят мушаххасан чи чиз бояд дар назар дошта шавад (арзишҳои моддӣ ва ҳам арзишҳои маънавӣ), нуқтаи назари воҳиду ягона вуҷуд надорад. Тарафдорони нуқтаи назари аввал чунин меҳисобанд,ки ҷиноятҳое вуҷуд доранд,ки дорои предмет намебошанд. Ба қатори ин ҷиноятҳо, асосан таҷовузҳои ҷиноятие дохил мегарданд,ки дар натиҷаи беҳаракатӣ содир мегарданд. Тарафдорони нуқтаи назари дигар ба ин бовар ҳастанд,ки ҷиноятҳои бидуни предмет вуҷуд надоранд ва дар робита ба ҳолати беамалӣ фаъолияти худи шахси гунаҳкор предмети ҷиноятро ташкил медиҳад.

Дар мақола, муаллиф пешниҳод менамояд, ки предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро, саломатии шахс ташкил медиҳад. Саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ҳолати узвҳо ва системаи организми инсон қабл аз содир шудани ҷиноят аст, ки ба ӯ имкони зиндагӣ намудан ҳамчун мавҷуди биологиро медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноят, ҷазо, қонуни ҷиноятӣ, предмет, объект, зарар, саломатӣ, ҳаёт, инсон, тиб.

# ПРЕДМЕТ УМЫШЛЕННОЕ ПРИЧИНЕНИЕ СРЕДНЕЙ ТЯЖЕСТИ ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ

**Мукымов Сафарбек Давлатбекович,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействие с коррупцией юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru
**Тел:** (+992) 931-90-30-90

**Научный руководитель:** доктор юридических наук, профессор Сафарзода А.И.
**Рецензент:** кандидат юридических наук, доцент Закирзода З.Х.

**Аннотация:** В статье рассматривается один из важнейших вопросов юриспруденции – предмет умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. Отсутствие серьезных исследований и исследований приводит к возникновению противоречивых представлений в связи с предметом умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. На сегодняшний день вопросы, относящиеся к предмету преступления, в общем учении о составе преступления считаются вопросами, изученными недостаточно.

Под объектом преступления понимается то, против чего направлена преступная агрессия. В настоящее время не существует единой точки зрения относительно того, что конкретно следует подразумевать под понятием субъекта преступления (как материальные ценности, так и нравственные ценности). Сторонники первой точки зрения считают, что существуют преступления, не имеющие объекта. К таким преступлениям в основном относятся преступные агрессии, совершенные в результате обездвиживания. Сторонники другой точки зрения считают, что не бывает преступлений без объекта, а по отношению к состоянию бездействия объектом преступления является деятельность виновного.

В статье автор предполагает, что предметом умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью является здоровье человека. Здоровье (как предмет преступления) - это состояние органов и систем организма человека до совершения преступления, дающее ему возможность жить как биологическому существу.

**Ключевые слова:** Преступление, наказание, уголовное право, субъект, объект, вред, здоровье, жизнь, человек, медицина.

# SUBJECT OF INTENTIONAL CAUSE OF MEDIUM DAMAGE TO HEALTH

**Mukimov Safarbek Davlatbekovich,**
Competitor of the Department of Criminal Law and Combating Corruption, Faculty of Law, Tajik National University
**E-mail:** safarbek.mukimov.91@mail.ru
**Phone:** (+992) 931-90-30-90

**Research Supervisor:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Zokirzoda Z.Kh., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** The article deals with one of the most important issues of jurisprudence - the subject of intentional infliction of moderate harm to health. The lack of serious studies and studies leads to the emergence of conflicting ideas in connection with the subject of intentional infliction of moderate harm to health. To date, issues related to the subject of the crime, in the general doctrine of the corpus delicti, are considered issues that have not been studied enough.

The object of a crime is understood as that against which the criminal aggression is directed. Currently, there is no single point of view as to what exactly should be meant by the concept of the subject of a crime (both material values and moral values). Supporters of the first point of view believe that there are crimes that do not have an object. Such crimes mainly include criminal aggressions committed as a result of immobilization. Proponents of another point of view believe that there are no crimes without an object, and in relation to the state of inaction, the object of the crime is the activity of the perpetrator.

In the article, the author assumes that the subject of intentional infliction of moderate harm to health is human health. Health (as the subject of a crime) is the state of the organs and systems of the human body before the commission of a crime, which gives him the opportunity to live as a biological being.

**Key words:** Crime, punishment, criminal law, subject, object, harm, health, life, person, medicine.

Масъалаи объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба таври зич ба ҳалли масъалаи марбут ба предмети он алоқаманд мебошад. Бештари корҳои илмии анҷомшуда, ки ба предмети ҷиноят бахшида шудаанд, бо сарфи назар намудан аз арзёбии хусусиятҳои он нисбат ба таркиби мушаххаси ҷиноят, предмети ҷиноятро ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Имрӯз зарурати он пеш омадааст, ки предмети таркиби ҳар як ҷинояти ҷудогона бояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор бигирад, зеро маҳз тағйир ёфтани предмети ҷиноят (ҳолати маконӣ, хусусиятҳои химиявӣ, физикӣ ва ғайра) инъикос ва ифодаи моддии таҷовузи ҷиноятӣ мебошад.

Аз сабаби он ки аксари меъёрҳои қисми махсуси КҶ ҶТ, аз ҷумла меъёрҳои бахшидашуда ба мавзуи таҷовуз ба саломатӣ ишораи бевосита ба

объект надоранд, омӯзишу таҳқиқ ва баррасии пурраи предмети ҷиноят ба ҳалли дурусти масъалаҳои вобаста ба ошкор намудани моҳияти объекти бевоситаи ҷиноят мусоидат менамояд. Муайян намудани предмети ҷиноят аввалин қадам дар роҳи мушаххас намудани объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад[346]. Набудани таҳқиқоту пажӯҳишҳои ҷиддӣ боиси ба миён омадани тасаввуроти зидду нақиз дар робита ба ин мафҳум мегардад. То имрӯз масъалаҳои вобаста ба предмети ҷиноят дар таълимоти умумии марбут ба таркиби ҷиноят масъалаҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба қадри лозим мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Дар ин замина Г.В. Новоселов аз ҷумла қайд менамояд: “то кунун дар адабиёти мо ҳолат ва муқаррароте вуҷуд дорад,ки ҷанбаи баҳсбарангез надошта бошад”[347]. Маъмулан таҳти мафҳуми предмети ҷиноят чизе фаҳмида мешавад, ки ба муқобили он таҷовузи ҷиноятӣ равона шуда бошад[348]. Дар айни замон, дар мавриди он ки зери мафҳуми предмети ҷиноят мушаххасан чи чиз бояд дар назар дошта шавад (арзишҳои моддӣ ва ҳам арзишҳои маънавӣ), нуқтаи назари воҳиду ягона вуҷуд надорад. Тарафдорони нуқтаи назари аввал чунин меҳисобанд,ки ҷиноятҳое вуҷуд доранд, ки дорои предмет намебошанд. Ба қатори ин ҷиноятҳо, асосан таҷовузҳои ҷиноятие дохил мегарданд, ки дар натиҷаи беҳаракатӣ содир мегарданд. Тарафдорони нуқтаи назари дигар ба ин бовар ҳастанд,ки ҷиноятҳои бидуни предмет вуҷуд надоранд ва дар робита ба ҳолати беамалӣ фаъолияти худи шахси гунаҳкор предмети ҷиноятро ташкил медиҳад.

Дар чунин ҳолат, дар робита ба муайян намудани предмети ҷиноят ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ душвориҳои махсусе ба миён меоянд. Донишмандони зиёде намехоҳанд ин масъала роҳи ҳал пайдо намояд. Чунин назаре вуҷуд дорад, ки мувофиқи он ҷиноятҳо ба муқобили шахсият умуман предмети худро надоранд[349]. Предмети ҷиноят на дар ҳар як ҷиноят мавҷуд аст, балки он дар ҷиноятҳое ҷой дорад, ки таҷовуси ҷиноятkорона ба объекти ҷиноят тавассути бевосита расонидани таъсир ба предметҳои моддии олами беруна ба амал бароварда мешавад. Масалан, таҷовус ба номуз (м. 138 КҶ ҶТ)[350].

Ҳамчун мавҷуди биологӣ, моҳияти инсон тавассути ҳолати физикӣ ва дар маҷмуъ тавассути фаъолияту кори тамоми узвҳои бадани вай муайян мегардад. Тавре, ки дар боло қайд шуд, арзёбӣ намудани саломатии инсон ба сифати объекти таҷовузи ҷиноятӣ ғайриқобили қабул аст. Зеро он ҳамчун мавҷуди биологӣ ва ҳастии материалӣ хусусияти ҷудонопазири

[346] Ниг.: Коржанский Н.И. Предмет преступления (понятие, виды изначение для квалификации). – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1976. – С. 25

[347] Уголовное право. Общая часть: Учеб. для вузов / Отв. ред.И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М: НОРМА-ИНФРА-М, 2000. – С. 129.

[348] Ниг.: Большой юридический словарь / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2002. – С. 471.

[349] Ниг.: Гельфер М.А. Указ. соч. С. 15; Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.В. Лунева, А.В. Наумова. – М.: Юристъ, 2003. – С. 122

[350] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 80.

инсон шуморида мешавад. Дар ин робита ин суол матраҳ мегардад: оё метавон саломатиро ҳамчун предмети ҷиноят арзёбӣ кард ва зери он мушаххасан чи дар назар дошта мешавад? Мафҳуми “саломатӣ” дар фанҳои таълимии гуногун ва соҳаи илмҳои гуманитарӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд,ки ба вуҷуд овардани мафҳуми универсалии ягона ғайриимкон ба назар мерасад. Мафҳуми мазкур тақозо менамояд, ки он дар истифода ба ҳар як соҳае,ки дар он ба кор бурда мешавад мавриди арзёбӣ қарор гирад. Дар муқаддимаи асосномаи Созмони Байналмилалии Тандурустӣ мафҳуми саломатӣ на фақат ба маънои “надоштани беморӣ ва нуқс, балки ҳамчун ҳолати доштани хушиву беҳбудии комили ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ муайян шудааст”. Таърифи овардашуда яке аз таърифҳои нисбатан умумие мебошад, ки дар худ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва тиббии мафҳуми “саломатӣ”-ро муттаҳид намудааст.

Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар тафовут аз илми тиб таъмин намудани вазъи рифоҳу беҳбудии ҷисмониву маънавиву иҷтимоии инсон бо роҳи мубориза бо бемориҳо нест. Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин пайгирии ҷиноятии шахсе мебошад, ки бо расонидани зарар ба саломатии шахс монеи расидани инсон ба ҳолати рифоҳу беҳбудӣ ва хушии ҷисмонӣ ва маънавию иҷтимоӣ мегарданд.

Дар асоси он чи матраҳ гардид, арзёбии категория саломатиро ҳамчун предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ имконпазир медонем. Вале бояд зикр шавад, ки ба сифати предмети ҷиноят категорияи саломатӣ бояд аз лиҳози тиббӣ мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Таҳлилу баррасии муқаррароти КҶ ҶТ нишон медиҳад,ки мафҳуми истифодашудаи саломатӣ хусусияти мураккаби тиббиву ҳуқуқӣ дорад. Ҳамин тавр, анҷом додани таҳлилу омӯзиш дар робита ба мафҳумҳои мавҷуди саломатӣ бо мақсади пайдо намудани мафҳуми ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таълимот дар бораи таркиби ҷиноят кори зарурӣ ба назар мерасад. Сарфи назар аз он ки илми тиб ва ҳуқуқи ҷиноятӣ предмет ва соҳаҳои гуногуни истифодаи амалӣ доранд, вале онҳо дорои нуқтаҳои муштарак низ мебошанд, ки омӯзишу баррасии онҳо имкон медиҳад бархе аз падидаҳои алоқаманд ба фаъолияти инсон ба таври комилтар дарк гарданд[351].

Илми тиб зимни муайян намудани мафҳуми саломатӣ, маъмулан онро мафҳуми мухолиф бо мафҳуми беморӣ тавсиф менамояд. Дар ин хусус И.Х. Бобоҷонзода таҳқиқоти бештар анҷом додааст[352]. Аз нигоҳи Энсиклопедияи бузурги тиббӣ, ки он соли 1950 ба нашр расидааст, саломатӣ ҳолате аз организми инсон муаррифӣ шудааст, ки дар чунин

[351] Ниг.: Смитиенко В.Н. Обьект преступлений против здоровьянаселения. – Омск.: Ом. высш. шк. милиции, 1973. – С. 21; Расторопов С.В. Понятие здоровья в уголовно-правовой и медицинской науках // Черные дыры в российском законодательстве. – 2005.– № 1. – С. 149–152.

[352] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.

ҳолат кори тамоми узвҳои бадан баробар ва мутаодил бо муҳити атроф буда, дар он ҳеҷ гуна тағйироти дарднок эҳсос намешавад[353].

Дар ибтидои солҳои 70 асри XX С.Я. Якин навишта буд "саломатӣ ин ҳаёт аст, ки он имкони иҷрои функсияҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама қобилияти кории оптималӣ, эҳсоси хушӣ аз муҳиту зиндагӣ ва ғайраро" ба инсон медиҳад[354].

Н.М. Амосов дар ин робита нуқтаи назари комилан мутафовит дорад. Ӯ ба ин бовар аст, ки муайян намудани саломатӣ ҳамчун маҷмуи нишондодҳои муқаррарӣ кофӣ нест ва ба ин хотир пешниҳод менамоянд аз равишу бархурди миқдорӣ нисбат ба саломатӣ истифода шавад[355]. Аз нуқтаи назари ин муаллиф "миқдор ё нишондоди саломатӣ" ҷамъи зарфиятҳои захиравии системаҳои асосии функсионалӣ мебошад. Дар навбати худ зарфиятҳои захиравӣ тавассути "коэффитсиенти захира" ҳамчун миқдори максималии функсиятҳои мутаносиб бо дараҷаи муқаррарӣ ифода меёбанд. Зимни пазируфтани нуқтаи назари Н.М. Амосов ва мафҳуми муайян гардида дар асосномаи Созмони Байналмилалии Тандурустӣ, Р.М. Баевский қайд менамояд, ки "маҳаки саломатӣ ҳамчун шарти ҳатмии имкони ба таври пурра, фаъолона ва ба таври номаҳдуд машғул шудан ба кор ва фаъолияти иҷтимоии муфидро дарбар мегирад"[356]. Аз нигоҳи илми тиб саломатӣ ҳамчун бузургии мутлақ арзёбӣ мегардад. Аз нуқтаи назари илми тиб ҳолате, ки он ба шахс имкон медиҳад худро хубу бардам ҳис намояд ва дар ҷомеа тарзи ҳаёти фаъолона дошта бошад, саломатӣ номида мешавад. Шахсе солим шуморида мешавад, ки дучори ҳеҷ навъ касолату беморӣ нест, аз ҳеҷ гуна беморӣ ранҷ намебарад, қодир аст саривақт ва босифати лозим вазифаҳои дар наздаш гузоштаи ҷомеа ва давлатро иҷро намояд. Дар адабиёти тиббӣ, амалан мафҳуми "саломатӣ" бо мафҳуми "шахси солим" айният дорад. Чунин тафсири дар илми тиб пазируфташудаи мафҳуми саломатӣ, аз нигоҳи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавонад мавриди пазириш қарор бигирад. Сарфи назар аз зарурати ба таври мушаххас муайян намудани мафҳуми саломатӣ, мутаассифона, олимон таваҷҷуҳи ҷиддӣ нисбат ба ин мафҳуми муҳим нишон надодаанд. Ба таври умум метавон гуфт аз назари аксари мутахассисон, саломатӣ ҳолату вазъи маъмулие мебошад, ки он ба таҳқиқу омӯзиши муфассал эҳтиёҷ надорад. Дар ин миён, теъдоди начандон зиёди муҳаққиқон кӯшидаанд муҳтавои онро таҳқиқу баррасӣ намоянд. Яке аз аввалинҳо шуда, ба ин мавзуъ Л.В. Гуревич таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ба назари ӯ, саломатии инсон аз кори мураттабу муқаррарии тамоми узвҳои бадан иборат мебошад[357]. А.А. Пионктовский саломатиро

---

[353] Ниг.: Большая медицинская энциклопедия. Т. 1. – М., 1959. – С. 387.

[354] Ниг.: Чикин С.Я. Здоровье человека и социальная среда. – М.: Знание, 1971. – С. 24.

[355] Ниг.: Амосов Н.М. Раздумья о здоровье. 3-е изд., доп. и перераб. – М.: Физкультура и спорт, 1987. – С. 62-63.

[356] Ниг.: Баевский Р.М. Проблема здоровья и нормы: точка зрения физиолога // Клиническая медицина. 2000. – № 4. – С. 60.

[357] Ниг.: Гуревич Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву: автореф. ... канд. юрид. наук. – М., 1950. – С. 7–8.

ба маънои яклухту бутуни ҷисмӣ ва фаъолияти муқаррарии тамоми аъзои бадан муайян намуда буд. А.С. Никифоров низ зимни муайян намудани ҳолати муқаррарии тамоми организми инсон аз чунин мавқеъ пуштибонӣ менамояд[358]. Таърифе, ки профессор Н.И.Загородников пешниҳод намудааст, нисбатан муваффақ ва қобили дастгирӣ мебошад. Аз нуқтаи назари ин муаллиф, "саломатӣ чунин ҳолати организми инсон мебошад,ки дар он тамоми система ва узвҳои бадани инсон ба таври маъмул ва муназзам фаъолият менамоянд"[359].

Дар тибби судӣ низ таърифи умумии саломатӣ вуҷуд надорад. Табибони соҳаи судӣ низ ба монади криминалистон ба зарурати коркарди мафҳуми соҳавии саломатӣ, дорои муҳтавои мураккаби ҳуқуқӣ-тиббӣ мебошад, таъкид менамоянд. В.В. Алшевский чунин мепиндорад, ки саломатӣ, яъне таркиби аслии ташкилдиҳандаи рифоҳу беҳбудии иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки он қабл аз таҳқиқи амал вуҷуд дошта, ба таври объективӣ тавассути ҳолати муайяни ҷисмониву рӯҳӣ ифодаи худро меёбад[360]. Таҳлили таърифи ироанамудаи В.В. Алшевский имкон медиҳад ин гуна хулосабарорӣ намуд, ки муаллиф мафҳуми саломатиро аз се ҷанба, яъне ҷанбаи соматикӣ (ҷисмонӣ), рӯҳӣ, иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бидуни ба баҳсу баррасӣ дар мавриди аҳаммияти мафҳуми мавриди назар барои илми тиб, мо чунин меҳисобем, ки дар чаҳорчӯби ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми саломатӣ бояд аз ду ҷанба мавриди арзёбӣ қарор бигирад: соматикӣ (ҷисмонӣ) ва рӯҳӣ. Арзиши иҷтимоии саломатӣ бидуни баҳс аст, вале барассии он дар доираи объекти ҷиноят ҷавобгӯи табиату мазмуни ҳуқуқии ин мафҳум нест. Дар бораи кадом хушбахтиву беҳбудии иҷтимоӣ метавон сухан гуфт вақте шахс гирифтори бемории рӯҳӣ бошад. Зеро ин беморӣ имкон намедиҳад,ки шахси гирифтори бемории рӯҳӣ худро аз ҷиҳати иҷтимоӣ хушбахт ҳис намояд. Дар робита ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, арзиши иҷтимоии саломатӣ дар амалкарди қонунгузор оид ба муқаррар намудани мавриди манъ барои таҷовуз ба муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ, яъне объекти ҷиноят инъикос меёбад.

Тавре аз таърифҳои дар боло овардашуда дида мешавад, дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ихтилоф дар мавриди аҳаммияти мафҳуми "саломатӣ" амалан вуҷуд надошт. Ҷолиб аст, ки дар он замон мафҳуми саломатӣ ба мисли таърифҳои тиббӣ аз мавқеи меъёрҳо арзёбӣ мешуд. Вале оё ин дуруст аст? Луғати тафсирии С.И. Ожегов меъёрро "ҳамчун андозаи муқарраргардида ва бузургии миёна муайян намудааст"[361]. Ҳамин тавр, зери мафҳуми "фаъолияти муқаррарӣ" чунин ҳолати узвҳои бадан фаҳмида мешавад, ки он ба стандарти умумӣ мутобиқ бошад. Аз нуқтаи назари мо,

---

[358] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 12.

[359] Ниг.: Загородников НИ. Преступления против здоровья.– М., 1969. – С. 16.

[360] Ниг.: Альшевский В.В. Судебно-медицинская экспертиза вредаздоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальныеаспекты,методические принципы и формально-логические алгоритмы). – М.:Юрлитинформ, 2004. – С. 72.

[361]Ниг.: Ожегов СИ., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: ФЗЪ, 1993. – С. 431.

ба ин тарз дарк намудани мафҳуми саломатӣ моҳияти ҳуқуқи ҷиноятии онро инъикос наменамояд. Агар мафҳумҳои дар боло овардашударо асос қарор диҳем, саломатии инсон дар сурати ҷавобгӯ набудан ба меъёрҳои муайян дорои ҳимояти ҳуқуқи ҷиноятӣ нест, ки чунин амал мантиқан нодурусту ғайримантиқӣ ба назар мерасад. Баъзе аз олимон метавонанд бо ин назар мувофиқ набошанд ва ин далелро асос қарор диҳанд, ки дар ин ҷо сухан дар бораи меъёри субъективӣ, меъёр дар бораи шахси мушаххас меравад. Вале чунин номувофиқ будан ҳеҷ гуна асоси воқеӣ надорад, зеро саломатии инсон дар ҳолате мавриди ҳимоя қарор мегирад,ки новобаста аз будан ва ё набудани меъёри шахсии саломатӣ ва ё ҳар гуна инҳироф аз меъёр (ҳар навъ беморӣ), аз сӯи ҷинояткор таҳдид гардад.

Саломатии инсон новобаста ба тандуруст ва бемор будани ӯ тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳимоя мешавад. Яъне, инсон аз замони таваллуд то лаҳзаи марг дар ҳимояи қонун қарор мегирад. Ф. Лист чунин меҳисобид, ки "дар робита ба ҳаёти тифли навзод ҳам куштор ва ё ҷазои ҷисмонӣ ҳамон гуна, ки нисбат ба як пирамарди дар ҳоли фавт" имконпазир аст, татбиқпазир мебошад[362]. Саломатӣ[363] ҳамсафари ҳаёт аст. Тасаввури он ки онҳо аз ҳам ҷудоанд, имконнопазир мебошад. Дар асоси он чи баён шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки саломатии шахс аз рӯзи таваллуд то рӯзи марг новобаста аз меъёрҳои пазируфташудаи саломатӣ, имкони доштани образи зиндагии фаъол ва зиндагии маънавиву ҷисмонии муваффақ вуҷуд дорад.

Аз нуқтаи назари мо мафҳуми "саломатӣ" бояд дар пайванд бо мафҳуми "зарар ба саломатӣ" баррасӣ гардад. Ин ба он алоқаманд аст, ки саломатӣ дар умум дар маркази таваҷҷуҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор намегирад. Саломатӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо дар алоқамандӣ бо содиршавии ҷиноят, ки саломатиро объекти худ қарор медиҳад, дарбар мегирад. Ва дар натиҷа зарурати ҳимояти саломатӣ бо шарти мутобиқ будани он бо манфиатҳои ҷомеа ба миён меояд. Зимни муайян намудани зарар ба саломатӣ, мо талош мекунем муайян намоем, ки дар ҳолати ҷисмиву рӯҳии инсон мушаххасан кадом тағйирот ба амал омадааст.

Ҳамин тариқ, метавон ба ин натиҷа расид, ки "саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ин вазъ ва ҳолати узвҳои организм то қабл аз содиршавии ҷиноят мебошад, ки ба туфайли он инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ" вуҷуд дошта метавонад. Аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ, саломатие аҳамият дорад, ки то лаҳзаи фаро расидани таҷовузи ҷиноятӣ вуҷуд дорад.

Саломатии инсон то замоне, ки ба шахс имкони вуҷуд доштан ҳамчун мавҷуди биологиро медиҳад, аз ҷиҳати қонун ҳимоя мешавад. Маҳз ба ин

---

[362] Ниг.: Учебник уголовного права: Особенная часть: Разрешенный автороmперевод с 12 и 13 переработанного издания / Фон-Лист Ф., проф. Берлин, унта; Пер. Ф. Ельяшевич. – М.: Т-во Тип. А.И. Мамонтова, 1905. – С. 7.

[363] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.

хотир предмети ҷиноятро ба муқобили саломатӣ, на саломатии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, балки саломатии инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ ташкил медиҳад. Ҳангоми омӯзиши мафҳуми саломатӣ мо бо масъалаи таносуби мавҷуд миёни истилоҳоти “ҳаёт” ва “саломатӣ” дучор меоем. Чи гуна таносуб дар миёни ин мафҳум вуҷуд дорад?

Аз нигоҳи мо, ин ин ду истилоҳ ҳамоҳангии диалектикиро ташкил медиҳанд, зеро тасаввур кардани шахси фавтидае, ки дорои саломатии хуб бошад ва ё баръакси он мушкил мебошад. Вале як нигоҳи мухтасар ба моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ имкон медиҳад таъкид намоем, ки истилоҳоти мазкур тавассути қонунгузор комилан мафҳумҳои аз ҳамдигар ҷудо арзёбӣ мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба махсусияти ҳуқуқӣ ҷиноятии муайянсозии ин ду истилоҳ, чунин ҷудосозӣ комилан асоснок ба назар мерасад, зеро он ба осонсозии квалификатсияи ҷиноят мусоидат менамояд. Ҳар гуна таҷовузи ҷиноятӣ ба муқобили саломатӣ бо ин ё он тарз рӯи давомнокии умри инсон таъсир мегузорад. Ҳар чи қадар таҷовузи ҷиноятӣ сахтар бошад, ба ҳамон андоза эҳтимол давомнокии умр дар муқоиса бо имконоти потенсиалии организм камтар мегардад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки таҷовуз ба муқобили ҳаёти инсон, тавассути зарар расонидан ба саломатӣ сурат мегирад. Тасаввуроти муосир ҳам дар бораи марг инро исбот менамояд,ки мувофиқи он марг падидаи яклаҳзаина нест ва он равандест, ки дар замон ва марҳалаҳои мушаххас амалӣ мегардад. Ин ҳолат ба таври ҷиддӣ аҳаммияти гузаронидани таҳқиқоти пурраи ҳуқуқи ҷиноятии мафҳуми “саломатӣ”-ро бештар мекунад.

Масъала дар бораи лаҳзаи оғози ҳаёт то кунун ҳалношуда боқӣ мемонад. Он на танҳо барои ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонишуда, балки барои ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт равоншуда низ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба ин суоли зоҳиран одӣ то кунун посухи ягона вуҷуд надорад. Бештари олимон дар асарҳои худ ба он таваҷҷуҳи лозим нишон намедиҳанд. Вале аз бисёр ҷиҳат фаъолияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷиҳати дуруст мушаххас намудани кирдори ҷиноятии содиршуда ба ҳалли ин масъала вобастагӣ дорад. Ба аҳаммияти махсуси ҳалли дурусти масъалаи мазкур Н.С. Тагансев ишора намуда, дар зимн ёдовар мешавад, ки таҷовуз ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ вуҷуд дошта наметавонад агар он ба муқобили шахсе равонашуда бошад, ки аз як тараф ӯ фавтида бошад ва аз ҷониби дигар ҳанӯз ба ҳаёти худ оғоз накарда бошад[364]. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ин робита чанд нуқтаи назари мутафовит вуҷуд лошт. Барои мисол, Н.С.Тагансев ва Н.А. Неклюдов пешниҳод намуда буданд, ки ҳамчун лаҳзаи ибтидои ҳаёт ибтидои нафаскашии мустақилонаи тифл ва ё ҷудо намудани нофи тифли навзод аз модар ҳисобида шавад.

---

[364]Ниг.: Таганцев Н.С. О преступлениях против жизни по русскому праву. Т. 1. СПб.: Тип. Н.А. Неклюдова, 1870. – С. 17.

Дар ин замина мавқеъи В.Д. Набоков лозим ба таъкид аст, ки мувофиқи он лаҳзаи аз батни модар берун омадани яке аз қисмҳои бадани навзод бояд ҳамчун лаҳзаи оғози ҳаёт ба қайд гирифта шавад[365]. Аз нигоҳи умумӣ ин ҳолат аз назари мо саҳеҳу дуруст аст, аммо муаллиф дар ин ҷо имкони аз батни модар беҷон таваллуд ёфтани навзодро ба назар намегирад. Бо вуҷуди доштани камбудӣ, чунин бархурди ҳалли масъалаи мазкур, аз бисёр ҷиҳат асоснок аст, зеро он ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, бо пешрафту дастовардҳои тибби муосир мувофиқ ва мутобиқ аст. Маҳз аз лаҳзаи берун омадани узвҳои тани навзод (сар, пой ва қисмати қафои тифл) аз батни модар ба шарти вуҷуд доштани нишонаҳои ҳаёт, саломатӣ метавонад объекти ҷиноят қарор бигирад.

Дар марҳалаи аввали рушди ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, нуқтаи назаре васеъ паҳн гардида буд, ки мутобиқи он ҳаёти инсон аз лаҳзае шурӯъ меёбад,ки дар ҷараёни таваллуд, тифл ба таври пурра аз батни модар берун меояд ва баъд аз ин, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, тифли навзод метавонад объекти таҷовуз қарор бигирад[366].

М.Д. Шаргородский пешниҳод намуда буд,ки марҳалаи ҷудо намудани тифл аз батни модар ва шурӯъ ба нафаскашӣ намудани навзод оғози ҳаёт шуморида шавад[367]. Тавре, ки баъдан мушаххас шуд, чунин нуқтаи назар саҳеҳ нест, зеро ин аломат зимни аломати хос будан аломати ягонаи фаъолияти ҳаётии тифли навзод маҳсуб намешавад. Ғайри аз ин, дар баъзе ҳолат, ҳангоми таваллуд нафасгирӣ ва гиряи тифли навзод бинобар таъхир дар нафасгирии он эҳсос намешавад ва дар чунин ҳолат тифл метавонад зиндаву саломат бошад[368].

Бар асоси нуқтаи назаре, ки тибқи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ андешаи умумипазируфта маҳсуб мешуд, суиқасд ба ҳаёт ва саломатии инсон на фақат баъд таваллуд ёфтани тифл аз батни модар, балки баъд аз тасдиқ шудани ҳолати таваллуди физиологии навзод низ имконпазир аст[369]. Оғози таваллуди физиологӣ ба андешаи тарафдорони нуқтаи назари мазкур ба ин маъност, ки тифл ба қадри лозим нашъунамо ёфта, тамоми хусусиятҳоеро, ки ҳаёти берун аз батни модар тақозо менамояд, доро мебошад. Чунин нуқтаи назар ҷонибдории васеъ дар миёни криминалистони муосир касб намуд. Гузашта аз ин, имрӯз ин нуқтаи назар асосан дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеъи бартар ишғол менамояд. Оё далели кофӣ барои ин вуҷуд дорад?

---

[365]Ниг.: Набоков В.Д. Элементарный учебник Особенной части русского уголовного права. СПб., 1903. – С. 5.

[366] Ниг.: Мокринский С, Натансон В. Преступления против личности. – Харьков: Юриздат НКЮ УССР, 1928. – С. 6; Пионтковский АЛ. Советское уголовное право. Т. 2. Часть Особенная. – М.; Л.: Госиздат, 1928. – С. 78.

[367] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М., 1947. – С. 59.

[368] Ниг.: Бородин СВ. Ответственность за убийство: квалификация инаказание по российскому праву. – М: Юрист, 1994. – С. 8.

[369] Ниг.: Загородников Н.И., Игнатов А.И. Преступления противличности. – М., 1962. – С. 6; Рашковская Ш.С. Преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности: Лекции для студентов ВЮЗИ /Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1956. – С. 9.

Таваллуд раванди мураккаби физиологӣ ба ҳисоб меравад, ки аз се марҳала иборат мебошад: марҳалаи аввал хориҷ шудани моеъи гирду атрофи ҷанин ва танг шудани мавзуни мушакҳои раҳмдон; марҳалаи дуюм хориҷ шудани ҷанин ба берун аз роҳи маҷрои таваллуди модар. Аз лаҳзаи намоён шудани ҳар қисми бадани тифл ва ошкор шудани аломатҳои ҳаёт дар он метавон дар бораи таваллуд ёфтани навзод сухан гуфт (вуҷуди ҳаёт ва саломатӣ); марҳалаи сеюм ҷудо шудани пласентҳо аз девораҳои раҳмдон ва хориҷ шудани онҳо. Ҳамин тариқ, шурӯъи таваллуди физиологӣ наметавонад барои эътироф намудани ҳолати таваллуди тифл асосу далел гардад, зеро раванди таваллуд хеле қабл аз ба дунё омадани навзод шурӯъ мегардад.

Бар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваллуди зинда ҳолати ба таври пурра аз батни модар берун омадаи ҷанини тифли навзод новобаста аз давомнокии давраи ҳомиладории модар ба ҳисоб меравад. Дар зимн, баъди ба ин сурат ҷудо гардидани ҷанин аз батни модар навзод нафас гирифта, нишонаҳои дигари ҳаёт аз ҷумла, задани дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табиии мушакҳоро новобаста аз буридани ноф дар худ зоҳир месозад. Дар диспозитсияи моддаи 105 КҶ ҶТ ишора шудааст, ки суиқасд ба ҳаёти кӯдак ҳангоми ва ё баъди таваллуд куштор эътироф ва шинохта мешавад. Барои мисол, пизишке, ки таваллуди навзодро қабул менамояд, метавонад қабл аз ҷудо шудани тифл аз батни модар барқасдона ва ё аз рӯи беэҳтиётӣ сари ӯро маъюб созад. Ҳамин тавр, мо бо ҳолате сару кор хоҳем дошт, ки ҳаёти инсон қабл аз саломатии он дар ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор мегирад, ки ин ғайримантиқӣ ба назар мерасад.

Нуқтаи назар ва мавқеъи мо бар он устувор аст, ки аз лаҳзаи дида шудани ҳар қисми бадани навзоди зинда саломатии он метавонад мавриди предмети ҷиноят қарор бигирад ва тавассути таъсиргузорӣ ба он ҷинояткор ба муқобили муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи бехатарии саломатии шахси мушаххас суиқасд анҷом медиҳад.

Дар асоси он чи матраҳ шуд, метавон чунин натиҷагирӣ намуд,ки аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ шахсро метавон таваллудёфта ҳисобид аз лаҳзаи ҷудо шудани ҳар қисми бадани он аз батни модар ба шарти доштани ҳаддиақалл яке аз нишонаҳои зерини ҳаёт: нафасгирӣ, таппиши дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табиии мушакҳо.

Дар тафовут аз лаҳзаи ба қайд гирифта шудани оғози ҳаёт, лаҳзаи поёнёбии ҳаёт, яъне марг ба таври муфассал дар қонунгузорӣ аз лиҳози қонунӣ муайян гардидааст. Бо қабули Кодекси тандурусти ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 ва баъд аз таҳия шудани санадҳои зерқонунии дахлдор масъалаи вобаста ба фаро расидани лаҳзаи марг роҳи ҳалли ниҳоии худро пайдо намуд.

Фавти инсон дар натиҷаи фаро расидани марги бадани инсон рух медиҳад. Раванди аз байн рафтани инсон марҳалаҳои зеринро дарбар мегирад: назъи ҷон, марги клиникӣ, марги майнаи сар ва марги биологӣ. Бо муқаррар гардидани марги майнаи сар ва талошҳои реаниматсионӣ

бештар аз 30 дақиқа метавон ба хулоса омад, ки талошҳои мазкур барои эҳёгарӣ дигар бенатиҷа хоҳанд буд. Марги инсон дар асоси марги майнаи сар ва ё марги биологӣ тасдиқи худро меёбад. Марги биологӣ дар тағйиротҳои баъдимаргии ба амаломада дар тамоми узвҳо ва системаи бадан,ки баргаштнопазир мебошанд, зоҳир меёбад.

Нуктаи муҳим дар тасдиқи ҳолати марги инсон вуҷуди таносуби факти қатъ гардидани кори тамоми дастгоҳи майнаи сар бо исботи баргаштнопазирии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, инсон аз лаҳзаи муайян гардидани ташхиси марги майнаи сар ё факти марги биологӣ шахси фавтида эътироф мегардад. Дар асоси он чи зикр шуд, метавон ба ин хулоса расид:

1) Объекти бевоситаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ муносибатҳои иҷтимоие ба ҳисоб меравand,ки онҳо бехатарии саломатии шахси дигарро аз расонидани зарари воқеии миёна таъмин менамоянд.

2) Нуқтаи назаре дар илм вуҷуд дорад,ки бар асоси он ҷиноятҳои ба муқобили саломати равонашуда аз қоидаи умумии маъмул истистно мебошанд ва саломатӣ ба сифати категорияи биологӣ объекти бевоситаи ҷиноят ташкил медиҳад. Зимни мувофиқ будан бо тарафдорони назарияи мазкур дар робита ба баррасии ҷанбаи “саломатӣ”, мо дар айни замон андешаи онҳо оид ба табиати “нодир”-и ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро ғайриқобили қабул медонем. Чунин дарку фаҳмиши объекти ҷиноят дорои нуқсу камбудӣ буда, боиси эҷоди духӯрагӣ дар робита ба он мегардад, зеро тавре, ки маълум аст қазовати аз нигоҳи умумӣ дуруст аз лиҳози хусусӣ низ саҳеҳ ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, эътирофи худсаронаи объекти ҷиноят дар қатори муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳамчун категорияи иҷтимоӣ), падидаҳои дорои табиати моддӣ нодуруст аст, зеро он ҳам бо воқеъиятҳои ҳуқуқии мавҷуд ва ҳам бо воқеъиятҳои умумиилмии пазируфташуда мухолиф аст.

3) Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро, саломатии шахс ташкил медиҳад. Саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ҳолати узвҳо ва системаи организми инсон қабл аз содир шудани ҷиноят аст, ки ба ӯ имкони зиндагӣ намудан ҳамчун мавҷуди биологиро медод.

4) Дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) бояд аз ду ҷиҳат баррасӣ гардад: ҳолати соматӣ (ҷисмонӣ) ва ҳолати рӯҳӣ. Арзишу аҳамияти иҷтимоии саломатӣ дар мавҷуд будани муносибатҳои иҷтимоии таъминкунандаи бехатарии саломатии шахси дигар аз имкони воқеии расонидани зарари миёна (объекти ҷиноят) зоҳир мегардад.

5) Саломатӣ аз лаҳзаи ба дунё омадан ва то охири умри шахс ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ меёбад. Анҷоми қасд ва таҷовуз ба муқобили саломатии инсон дар ҳар лаҳзаи зиндагии шахс аз таваллуд гирифта, то то лаҳзаи марг имконпазир аст. Аз лиҳози ҳуқуқи ҷиноятӣ лаҳзаи таваллуди (лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳаёт ва саломатии) шахс ҳамон лаҳзае шуморида мешавад, ки яке аз қисмҳои бадани навзод аз батни модар ҳаддиақалл бо яке аз нишонаҳои ҳаёт ҷудо мегардад: нафасгирӣ, тапидани дил, набзи ноф,

ҳаракатҳои табии мушакҳо. Шахс аз лаҳзаи тасдиқ шудани ташхиси марги майнаи сар ва ё факти марги биологӣ мавҷуди фавтида ҳисобида мешавад (аз ҳаёт ва саломатӣ маҳрум мегардад).

**Адабиёт:**


1. Альшевский, В.В. Судебно-медицинская экспертиза вредаздоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальные аспекты,методические принципы и формально-логические алгоритмы) [Текст] / В.В.Альшевский. – М., Юрлитинформ. – 2004. – 176 с.
2. Амосов, Н.М. Раздумья о здоровье. 3-е изд., доп. и перераб. [Текст] / Н.М. Амосов. – М., Физкультура и спорт. – 1987. – 64 с.
3. Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. …канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.
4. Баевский Р.М. Проблема здоровья и нормы: точка зрения физиолога [Текст] / Р.М. Баевский // Клиническая медицина. – 2000. – №4. – С. 59–64.
5. Большая медицинская энциклопедия. Т. 1. [Текст] – М., 1959. – 25 с.
6. Большой юридический словарь [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. 2-е изд., перераб. и доп. – М., ИНФРА-М, 2002. – 704 с.
7. Бородин, С.В. Ответственность за убийство: квалификация и наказание по российскому праву [Текст] / С.В.Бородин. – М., Юрист, 1994. – 216 с.
